**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 334 716+339.137 (575. 3)

**ҚАЮМӢ ШАҲЗОДА ТАҒО**

# ТАКМИЛДИҲИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИР ДАР ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика

**Мушовири илмӣ:** д.и.и., профессор,
профессори кафедраи маркетинги
соҳавӣ ва байналмилалии ДТТ
**Абдуғаффор Рауфӣ**

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИЧА

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ........................................................................ 4**

**МУҚАДДИМА................................................................................................ 5**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАКМИЛДИҲИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИР ДАР ТОҶИКИСТОН**

1.1. Асосҳои илмӣ-назариявии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон.............. 22

1.2. Моҳият ва методологияи такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир...................................... 41

1.3. Таҷрибаи хориҷии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир.................................................. 67

**БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИРИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИР ДАР ТОҶИКИСТОН**

2.1.Таҳлили ҳолати дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир.................................................................. 87

2.2. Омилҳои таъсиркунанда ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир.................................................. 105

2.3.Баҳои шаклҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир........................................................................... 125

**БОБИ 3. ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИРИ ТОҶИКИСТОН**

3.1. Такмилдиҳии дастгирии давлатии амнияти сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир........................................ 142

3.2. Дастгирии давлатии таъмини ҷараёни сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир .................................... 154

3.3. Дастгирии давлатии таваккалкунии сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории инноватсионии рақобатпазир......................................... 180

**БОБИ 4. ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИР ДАР ТОҶИКИСТОН**
4.1.Рушди механизимҳои инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир.................................................. 197
4.2.Дастгирии давлатии механизми индустриалӣ–инноватсионии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир...................................... 213
4.3.Такмилдиҳии дастгирии давлатии самтҳои перспективии инноватсионии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир............... 228
**БОБИ 5. ТАКМИЛДИҲИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИРИ БОСУРЪАТ ДАР ТОҶИКИСТОН**
5.1.Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда.................................... 246
5.2.Дастгирии давлатии рушди соҳибкории франчайзенгӣ дар саноати рақобатпазир.......................................................................... 261
5.3.Дастгирии давлатии такмилдиҳии механизмҳои рушди инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазири босуръат......................................................................................... 279
**ХУЛОСА.........................................................................................** 302
**ТАВСИЯҲО....................................................................................** 305
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА...................................** 309
**РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ...........................................................................** 340

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

1. IFA – Ассотсиатсияи Байналмилалии Франчайзинг
2. АФР – Ассотсиатсияи франчайзинги Россия
3. БРМ – Барномаҳои рушди миёнамуҳлат
4. ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
5. ГСХ – Гардиши савдои хориҷӣ
6. ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
7. ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
8. КМ – Корхонаи муштарак
9. КХМ – Корхонаҳои хурду миёна
10. МБА – Магистри идоракунии соҳибкорӣ (от анг. mast. of business administration)
11. ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
12. МММ – Маҷмуи маҳсулоти миллӣ
13. МОИ – Минтақаи озоди иқтисодӣ
14. МОИД – Минтақаи озоди иқтисодии Данғара
15. МОИК – Минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб
16. МОИП – Минтақаи озоди иқтисодии Панҷ
17. НОБ – Нерӯгоҳи обии барқӣ
18. НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ
19. СММ – Созмони Милали Муттаҳид
20. СМР – Стратегияи миллии рушд
21. СМХ – Сармоягузории мустақими хориҷа
22. СУС – Созмони Умумиҷаҳонии Савдо
23. СХМ – Соҳибкории хурду миёна
24. ТИК – Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ
25. ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд
26. ҶСШК – Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода
27. ШДБХ – Шарикии давлат ва бахши хусусӣ

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити таҳаввулоти босуръату бемайлони иқтисоди ҷаҳонӣ рақобатҳои шадид ҷиҳати дастрасӣ ба захираҳои ашёи хом, воридот, васлу насби технологияҳои инноватсионӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва баробарарзиш ба брендҳои ҷаҳонӣ аз мушкилоти асосии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба шумор рафта, татбиқи ҳадафи чорум дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати иқтисодиву иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқоти олимони иқтисоддонҳои дохил ва хориҷи кишвар қарор дорад. Бе дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир рушди босуръати истеҳсолоти саноатиро дар иқтисодиёти миллии кишвар дар марҳилаи муосир таъмин намудан ғайриимкон аст. Маҳз рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар яке аз бахшҳои таъсиррасон ба инноватсия ва гуногункунонии (диверсификатсияи) саноат дар иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳим дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ мебошад. Маҳз яке аз нишондиҳандаҳои асосие, ки рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллиро дар маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) кишвар таъмин намуда, ҳиссаи асосӣ ва нақши калидиро мебозад, рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир дар баробари се ҳадафи стратегии мамлакат - саноатикунонии босуръати кишвар эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ, ташаккул додани саноати рушдёфтаю рақобатпазир дар таъмини зиндагии арзандаю шоистаи мардум заминаҳои мусоидро фароҳам меорад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст: «Бо дарназардошти аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, мо солҳои 2022–

2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намудем. Ҷиҳати амалисозии ин иқдом тайи ду соли охир дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст. Соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1992-юм 4,6 баробар афзоиш ёфта, ба зиёда аз 46 миллиард сомонӣ расонида шуд. Танҳо дар ҳафт соли охир ин нишондиҳанда 2,4 баробар зиёд гардидааст. Бо вуҷуди ин, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, норасоии ашёи хом, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос вуҷуд доранд... Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки афзоиши назарраси ҳаҷми коркард ва маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногунсамтии истеҳсолот, ҷойгиркунонии самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ ва таъсиси маҷмааҳои саноатиро таъмин намоянд»[1].

Қайд намудан ба маврид аст, ки имрӯзҳо маҳз тавассути сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитҳои зарурӣ барои рушди шаклҳои гуногуни соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон фароҳам оварда шудааст. Вазифаҳои стратегии инкишофи иқтисодиёти кишвар ва рушди рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшудаи саноатӣ пайванди наздик дорад, аммо минтақаҳои кишвар аз рӯйи шароити табиӣ–иқлимӣ, мавҷудияти ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, дастрасии воситаҳои нақлиёт, сатҳи тахассусӣ ва тамаркузи иқтидорҳои саноатӣ аз якдигар ба куллӣ фарқ доранд. Чунин вазъ ба миқёс ва самаранокии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар таъсири назаррас мерасонад. Дар ин иртибот, масоили асоснокkунии самтҳои асосӣ ва

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. – Душанбе, 28.12.2023. - http://prezident.tj/node/32191.

афзалиятҳои рушди намудҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир ва дастгирии давлатии онҳо дар кишвар бо назардошти тавонмандии табиӣ–иқтисодӣ ва таъминнокии онҳо бо захираҳои меҳнатӣ ва дигар захираҳо аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

Маҳз рушд ва дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир ба иқтисоди миллӣ ҷанбаи чандирӣ медиҳад, фазои мусоидро барои густариш ва ривоҷи он фароҳам меорад, ҳамзамон, раванди бекориро коҳиш ва асоси андозбандии буҷети мамлакатро тавсеа мебахшад, инчунин, бозори дохилиро бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ таъмин мекунад. Дар чунин шароит масоили афзалиятнокии рушд ва тарҳрезии сиёсати муассири махсусгардонии кишвар ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи тавонмандии истеҳсолӣ - иқтисодии онҳо, ҷустуҷӯйи роҳҳои ояндадори ҳавасмандкунии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир аҳамияти махсусро пайдо мекунад. Фароҳам овардани шароит барои тақвияти дастгирии молиявӣ - қарзии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар, тавсеаи зерсохтори онҳо ва ташаккули асоси муассири ниҳодӣ (институтсионалӣ), таъмини амнияти фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҳамчун механизмҳои асосии дастгирии давлатии муҳим арзёбӣ мегарданд. Афзоиши рақобатпазирии бахши соҳибкории саноатӣ яке аз шартҳои зарурии рушди устувори иқтисоди миллӣ аз муҳимтарин омили гузариш ба намунаи саноатӣ - аграрии рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мебошад.

Омӯзиши нокифояи асосҳои назариявию методологӣ ва амалии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб ва аҳамияти кори диссертатсиониро муайян менамояд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯи тадқиқот.** Тадқиқоти илмии муосир дар ин самт бо мақсади ошкорсозӣ ва асосноккунӣ ҷиҳати мувофиқ будани дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар

шароити афзалияти инкишоф ва рушди соҳаҳои иқтисоди миллии кишвар анҷом меёбад.

Масоили рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ҳанӯз таваҷҷуҳи классикони назарияи иқтисодӣ: А.Смит, К.Маркс, Р.Кантилон, И.Кирсер, К.Макконел, А.Маршалл, В.Репке, П.Э.Самуэлсон ва дигар олимонро ҷалб карда буд. Дар таҳқиқи масоили шаклгирӣ ва рушди соҳибкории саноатӣ; аз ҷумла, олимони Федератсияи Россия: Л.Абалкин, С.Агапсов, А.Агеев, А.Андриянов, А.Апишев, Н.Ахметов, А.Бусигин, А.Блинов ва дигарон саҳми шоиста гузоштаанд.

Аз рӯи таҳлили натиҷаҳои асосии тадқиқоти анҷомёфта маълум мешавад, ки олимони ватанӣ Асроров И., Аҳророва А.Д., Бердиев Р.Б., Бобоев О.Б., Исайнов Х.Р., Қодиров Д.Б., Қаюмов Н.К., Комилов С.Ҷ., Каримова М.Т., Қурбонзода М.Р., Қудратов Р.Р., Қурбонов М. Р., Низомова Т.Д., Одинаев Х.А., Раҷабов Р.К., Рауфӣ А., Раҳимов Р.К., Ризоқулов Т.Р., Уроқов Д.У., Файзуллоев М.К., Ҳабибов С.Х., Ғаниев Т.Б., Ҷурабоев Г.Д., Ҷӯраева А. ва дигарон низ муҳимияти такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро мавриди омӯзишу тадқиқ қарор додаанд.

Дар осори муаллифони зикршуда масъалаҳои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ва нақши он дар ташаккули иқтисодиёти бозорӣ баррасӣ шудааст. Аммо рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо дарк ва низомсозӣ дар шароити хосси Тоҷикистон бо дарназардошти мушкилоту муаммоҳои татбиқнашуда дар ҷомеа ҳанӯз ба таҳқиқу пажуҳиш ниёз дорад. Дар ин робита, ташаккули механизми рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар, бо назардошти тавонмандии табиӣ-захиравии онҳо, аниқ кардани самтҳои ояндадори сармоягузорӣ дар фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир, ҳамчунин, тадбирҳои имконпазири дастгирии давлатӣ аҳамияти махсус касб мекунад. Нуқтаҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии тадқиқоти

мазкурро дар дастёбӣ ба нишондиҳандаҳои рушди устувори соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон муайян мекунанд.

**Алоқамандии тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзӯъҳои илмӣ**. Мавзӯи кори диссертатсионӣ бо татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР–2030), «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (БМР)», «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (БСБ)», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (БМР)», «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», қарорҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои соҳавии рушди соҳибкории саноатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут аст.

## ТАВСИФОТИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи тадқиқоти** диссертатсионӣ асосноккунии шароит, механизмҳои шаклгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он вобаста ба такмилдиҳии механизми дастгирии давлатии он мебошад.

Дастёбӣ ба ҳадафи гузошташуда **вазифаҳои** зеринро фаро мегирад:

- муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи соҳибкории саноатии рақобатпазир дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар ва минтақаҳои он;

- ҷудо намудани усулҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он;

- омӯхтани хусусиятҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир бо дарназардошти шароити иҷтимоӣ– иқтисодии рушди онҳо;

- таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити нави рушди иқтисодӣ миллӣ;

- ошкор намудани самтҳои афзалиятнок ва арзёбии тадбирҳои муассири дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Точикистон, хусусиятҳо ва вазифаҳои хоси онҳо;

- таҳқиқи самтҳои таъмини дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити СУС;

- моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар;

- омӯзиши усулҳои такмили механизми рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда;

- муайян намудани роҳҳои такмили механизмҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон.

**Объекти тадқиқоти диссертатсионӣ** корхонаҳои соҳибкории саноатии рӯ ба рақобатпазирӣ овардаи Тоҷикистон мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмилдиҳии он вобаста ба дастгирии давлатӣ дар ин самт татбиқ мегарданд.

**Предмети (мавзӯи) тадқиқот** муносибатҳои иқтисодии дар раванди такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон бавуҷудомада мебошад.

**Гипотеза (фарзия)-и тадқиқотии** диссертатсияи мазкур аз фарзияи илмие иборат аст, ки такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон хусусияти хеле мураккаб дошта, зери таъсири маҷмӯи омилҳои зиёд қарор дорад. Ин ҷараён ба корхонаҳои саноатии рақобатпазире дахл дорад, ки маҳсулоти тайёри саноатии рақобатпазири ватаниро истеҳсол мекунанд, соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти миллӣ ва аҳолиро бо молҳои тайёри саноатии рақобатпазири ватанӣ қонеъ карда, дар асоси таҳияи асосҳои назариявию методологии бозсозии сохтории саноати мамлакат бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ ва дастовардҳои илмию техникии муосир, дастовардҳои илмии олимони

хориҷию ватанӣ ва таҷрибаи амалии андӯхташудаи дигаргунсозии бозори саноат ва дар маҷмӯъ Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд.

**Асосҳои назариявии тадқиқот** муқаррарот ва хулосаҳое мебошанд, ки дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, муқаррароти бунёдии назарияи дастгирии давлатӣ, назарияи ташкили бозорҳои соҳавӣ, назарияи рушди соҳибкории саноатӣ, назарияи рақобатпазирӣ, назарияи идоракунии такмилдиҳӣ ва рушди дастгирии соҳибкории саноатӣ мавҷуданд.

**Асоси методологии** тадқиқоти диссертатсияро муқаррароти илмии назарияи иқтисодӣ, осори олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи иқтисоди минтақаю ҷаҳон ва дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, мақолаҳои интишорёфта дар маҷаллаҳои илмӣ ва маҷмуаҳои корҳои илмии бахшида ба ҷанбаҳои мухталифи проблемаи ташаккул ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишварҳои дуру наздик ва берун аз кишвар, маводи маҷаллаҳои тахассусӣ, асноди қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, маводҳои вазорату идораҳои дахлдори кишвар ташкил медиҳанд.

Тадқиқоти амалӣ оид ба ин масъала мавриди истифода қарор гирифта, тавсияву эродҳои муқарризон, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсияи номзадӣ ба муаллиф баён шуда буданд, ба инобат гирифта шуданд.

Ба сифати **методҳои асосии** тадқиқот усулҳо ва равишҳои умумиилмӣ, методи таҳлил ва синтез, таҳлилҳои иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ ва дигар методҳои тадқиқот мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Дастуру супоришҳо, амру фармонҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҳлилии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва

технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаву консепсияҳои давлатӣ дар самти танзим ва идоракунии рушди бахшҳои саноат, маводҳои конфронсҳои илмӣ, семинарҳо, таҷрибаи байналмилалӣ, тавсияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, захираҳои интернетӣ ва мушоҳидаҳои шахсии муҳаққиқ ташкил медиҳанд.

**Базаи тадқиқотӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар ҳисоботҳои илмӣ - тадқиқотии Марказ, таҳияи барномаҳои соҳавии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ** аз асосноккунии назариявӣ-методологии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир ва тарҳрезии тадбирҳои амалӣ доир ба истифодаи самараноки фишангҳои дастгирии давлатӣ ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар мебошад.

Ба навгониҳои илмии тадқиқот, ки натиҷаҳои бештар ва аҳамияти махсус доранд, инҳо дохил мешаванд:

- мушаххас кардани равишҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, ки нақш ва аҳамияти тақвияти дастгирии давлатии соҳибкории инноватсионӣ, таъсиси марказҳо ва минтақаҳои рушди саноат дар сохторҳои ҳудуди иқтисоди миллиро бо мақсади густариши махсусгардонии фаъолияти истеҳсолии воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда муайян менамояд. Дар ин замина, соҳибкории саноатии рақобатпазир чун маҷмуае аз тавонмандиҳои сохторҳои соҳибкории саноатӣ таъриф мешавад, ки бо таваҷҷӯҳ ба рушди қобилиятҳои инноватсионӣ, идоракунӣ, фаъолияти пешсафонаи (первентивии) маркетингӣ, мутобиқшавӣ ба шароитҳои

гуногуни иқтисодӣ ва фаъолияти бурунмарзӣ инчунин инкишофи сармояи инсонии дар сатҳи сифатан хуб ҳосил мешавад;

- асоснок намудани механизми иқтисодӣ ва ташкилии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир бо таваҷҷӯҳ ва гурӯҳбандии усулҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар асоси мушаххас намудани вазифаҳои асосии мақомоти марказӣ, ки имконияти рушди босубот ва устувори сохторҳои соҳибкориро дар заминаи кафолати таъмини фазои озоди рақобатӣ, сармоягузорӣ, ҷалби кадрҳои воқеан мутахассис, ворид намудани фановариҳои нав, ҷазб ва идғом (слияние и поглащение), ҳамгироӣ, кластерикунонӣ, мудирияти корпоративӣ ва инчунин, истифодаи самарабахши имкониятҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъмин менамояд;

- низомбандии усулҳои баҳогузории рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо назардошти таҳлили сатҳи таъминоти захиравӣ, зерсохторӣ ва иттилоотӣ-машваратии онҳо, ки имкон медиҳад самаранокии дастгирии давлатӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии сохторҳои соҳибкории саноатӣ бо таваҷҷӯҳ ба муттаҳид намудани усулҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ва минтақаҳои он, ки афзалияти равиши барномавӣ-ҳадафмандиро бо мақсади муайян намудани роҳҳои шаклгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо дарназардошти натиҷаи сабтшуда, муқаррарсозии ҳаҷми таъминоти захиравӣ ва ҷустуҷӯйи манбаъҳои молиявӣ инъикос менамояд, ошкор карда шавад;

- асосноккунии нақшаи рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазири кишвар дар асоси намунаи тавозуни байнисоҳавӣ бо назардошти дастоварди ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ бар пояи баҳисобгирии пешбинишудаи қонеъ намудани талаботи ниҳоии соҳаҳои саноати истихроҷ ва коркард, ки такмили минбаъдаи махсусгардонӣ, консентратсия, кооператсия ва ҳамгироии сохторҳои

соҳибкориро дар заминаи принсипҳои асосии равиши кластерӣ ва мудирияти корпоративӣ тақозо менамояд;

- мушаххас намудани самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ва минтақаҳои он бо дарназардошти аниқ кардани самтҳои ояндадори рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир мутобиқи ҳадафҳои стратегии рушди минтақаҳо, такмили механизми дастгирии давлатии шаклҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир дар асоси истифодаи равиши барномавӣ–ҳадафмандӣ ва тавсеаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо такя ба тақвияти дастгирии захиравӣ, инфрасохторӣ ва иттилоотии рушди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир;

- коркарди механизмҳои инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон, ки ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ва такмили механизми идоракунии ҳамгироии байналмилалии корхонаҳои хурду миёна дар заминаи истифодаи самараноки захираҳои дохилии корхона, тавоноии сармояи инсонӣ ва иқтидори инноватсиониву содиротии он ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ ва устувориашон нигаронида шудааст;

- моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, ки вазни қиёсии омилҳои таъсиргузори инкишофи онҳоро (тағйирёбандаҳои мустақил), аз қабили фаъолияти самаранокии инноватсионӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, баробарии субъектҳои соҳибкорӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобати одилона бо таваҷҷӯҳ ба радабандии тағйирёбандаҳои вобаста аз дастгириҳои кредитиву молиявӣ, дастгириҳои инфрасохторӣ, дастгириҳои омӯзишӣ ва техникӣ, дастгирӣ дар самти

таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавӣ ва дастгириҳои машваратию маркетингӣ мушаххас менамояд;

- пешниҳоди самтҳои асосии такмили механизми рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда бо таваҷҷӯҳ ба коркарди механизми амалии таъмини самаранокии фаъолияти воридотивазкунанда дар асоси принсипи: «шарикии стратегӣ чун самти асосии пешбурди фаъолияти бурунмарзии корхона: гузариш аз мубориза и рақобатӣ ба ҳамкории рақобатӣ дар ҳама самтҳо», ки баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ ва андоз, такмил додани механизмҳои субсидия, танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ бо дарназардошти талаботи татбиқи барномаҳои миллӣ ва минтақавии воридотивазкунӣ ва танзими тарифии гумрукӣ ва фискалӣ, пурзӯр намудани вазифаҳои тақсимотӣ ва ҷубронии андозбандиро тақозо менамояд;

- муайян намудани имкониятҳои рушди соҳибкории франчайзингӣ дар Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба пешниҳоди роҳу усулҳои татбиқи он дар бахшҳои гуногуни саноати кишвар, ки ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ дар асоси истифодаи самараноки фановариҳои нав, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, брендҳои машҳур, менеҷменти пешрафта, бенчмаркетинг, тамғаи молӣ ва имиҷи ширкатҳои пешрафта нигаронида шудааст;

- коркарди дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир бо таваҷҷуҳ ба дастгирии воридоти технологияи пешрафта, иттиҳоди ширкатҳои нав, озмоишгоҳҳо, сохторҳои молиявӣ дар марказҳои глобалии таҳқиқи технологияи нав ва паркҳои технологӣ, таъсиси ниҳодҳои молиявӣ–ҳамоҳангсозии рушди инноватсионӣ (иттиҳодияҳои бузург, ҳолдингҳо, кластерҳо, брокерҳои технологӣ ва ғайра) дар доираи амалисозии самтҳои афзалиятноки фаъолияти илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад:**

1. Равишҳои назариявӣ-методологии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, таъсиси марказҳои рушди саноат дар сохтори иқтисодиёти миллӣ бо мақсади густариши махсусгардонии фаъолияти истеҳсолии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда муайян карда шудаанд.

2. Механизми иқтисодӣ ва ташкилии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир бо таваҷҷӯҳ ва гурӯҳбандии усулҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар асоси мушаххас намудани вазифаҳои асосии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ин раванд асоснок карда шудаанд.

3. Низомбандии усулҳои баҳогузории рушди соҳибкории саноатии ракобатпазир бо назардошти таҳлили сатҳи таъминоти захиравӣ, зерсохторӣ ва иттилоотӣ-машваратии онҳо ошкор карда шудааст.

4. Нақшаи рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазири кишвар дар асоси намунаи тавозуни байнисоҳавӣ бо назардошти дастоварди ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ асоснок гардидааст.

5. Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар бо назардошти аниқ кардани самтҳоиояндадори рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир мутобиқи такмилдиҳии механизми дастгирии давлатии шаклҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир мушаххас карда шудаанд.

6. Механизмҳои инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон, ки ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) кор карда шудаанд.

7. Моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон, аз қабили фаъолияти

самаранокии инноватсионӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, баробарии субъектҳои соҳибкорӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобати одилона вобаста аз дастгириҳои қарзию молиявӣ, дастгириҳои инфрасохторӣ, дастгириҳои омӯзишӣ ва техникӣ, дастгирӣ дар самти тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибавӣ ва дастгириҳои машваратию маркетингӣ мушаххас шудаанд.

8. Самтҳои асосии такмилдиҳии механизми рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда дар асоси принсипи: «шарикии стратегӣ чун самти асосии пешбурди фаъолияти бурунмарзии корхона: гузариш аз муборизаи рақобатӣ ба ҳамкории рақобатӣ дар ҳама самтҳо» пешниҳод карда шудаанд.

9. Имкониятҳои рушди соҳибкории франчайзингӣ дар Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба пешниҳоди роҳу усулҳои татбиқи он дар бахшҳои мухталифи саноати кишвар, ки ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии ватанӣ нигаронида шудааст, муайян гардидаанд.

10. Дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмилдиҳии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир бо таваҷҷуҳ ба дастгирии воридоти технологияи пешрафта, иттиҳоди ширкатҳои нав, озмоишгоҳҳо, сохторҳои молиявӣ дар марказҳои глобалии тадқиқи технологияи нав ва паркҳои технологӣ, таъсиси институтҳои молиявӣ-ҳамоҳангсозии рушди инноватсионӣ дар доираи амалисозии самтҳои афзалиятноки фаъолияти илмӣ–техникӣ дар Тоҷикистон, коркард шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии натиҷаҳои тадқиқот** дар таҳияи муқаррароти илмӣ, назариявӣ-методологӣ ва воситаҳои методии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир мебошад, ки аз тавсияҳо ва пешниҳодоти мушаххас барои такмил додани дастгирии давлатии ташаккул ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо назардошти вазъи ҳозира, хусусиятҳои мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳудудӣ ва эҳтиёҷоти объективии

иқтисодиёти трансформатсионии бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Татбиқи васеи натиҷаҳои кор имкон медиҳад, ки соҳибкории саноатии рақобатпазири ватанӣ рушд ёфта, имконияти ҷалби васеи аҳолӣ ба шуғл, фаровон гардидани бозори истеъмолӣ ва бозори фурӯши маҳсулотҳои тайёри саноатии истеҳсоли корхонаҳои саноатии рақобатпазир таъмин карда шаванд, ҷараёни татбиқи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ суръат бахшида шуда, шаклу усулҳои инноватсионии ташкили истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои соҳибкорони саноатии рақобатпазири ватанӣ амалӣ карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот** бо равишҳои комплексӣ, системавӣ, кластерӣ ва институтсионалӣ ба масъалаи тадқиқшаванда, истинод ба асарҳои назариявию методии мавҷуда бахшида ба омӯзиши такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир; усулҳои мувофиқи ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоте, ки натиҷаҳои фаъолияти такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро тавсиф мекунанд; дуруст истифода бурдани усулҳои умумиилмӣ, методи таҳлил ва синтез, таҳлилҳои иқтисодӣ - оморӣ, муқоисавӣ ва дигар методҳои тадқиқот таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** бо бандҳои зерини Шиносномаи тахассусҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи **ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01–Иқтисодиёти саноат ва энергетика)** мутобиқ аст: 1.Таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нав, мутобиқсозии мавҷуди онҳо дар амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 11.Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 12.Ҷойгиркунӣ ва асосҳои ташкил доир ба баланд бардоштани

самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетика; 13.Бизнес-ҷараёнҳо дар корхонаҳои саноатӣ ва энергетика. Назария ва методологияи коркард, банақшагирӣ ва оиндабинии бизнес–ҷараёнҳо дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 17.Механизмҳои тағйирёбии шаклҳои моликияти (хусусигардонӣ, милликунонӣ, ҳамгирой, ғайриинҳисорсозӣ ва ғайра) иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ ва арзёбии арзиши бозории онҳо. 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 35.Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 36.Дастгирии инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика. 37. Минтақаҳои саноатӣ ва шаҳракҳои саноатӣ. Нуқтаҳои рушди саноатӣ ва истифодаи самараноки иқтидори саноатӣ ва энергетикӣ.

**Саҳми шахсии довталаб** тадқиқоти комплексии илмиест, ки муаллиф мустақилона, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои диссертатсия бо назардошти дастовардҳои илми ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ин масъала иҷро кардааст. Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ, таҳияи нақша ва барномаи гузаронидани тадқиқот, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ ва баррасии адабиёти илмӣ ва нашрияҳои даврӣ оид ба бахшҳои тадқиқот, асосноккунӣ ва интихоби усулҳои коркарди иттилоот, тадқиқоти мустақим, таҳияи моделҳои математикии идоракунии равандҳои рушди объекти омӯзиш ва тафсири натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф мебошад. Ҳамзамон миқдори зарурии мақолаҳо аз ҷониби муаллиф нашр гардида, дар апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ бевосита иштирок кардааст.

**Апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот** Нуқтаҳои асосии назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, дар семинарҳои илмӣ ва конфронсҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва донишгоҳҳои кишвар тайи солҳои 2018-2023 муҳокима гардидааст.

**Интишорот.** Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар 33 кори илмии муаллиф дар ҳаҷми умумии 26,3 ҷузъи чопӣ ба нашр расиданд, ки аз ҷумлаи онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии дохилшуда дар номгӯйи маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшуда ва тавсиядодаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, як монография чоп шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори кори тадқиқотӣ.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, натиҷаҳо ва пешниҳодҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда шомили 312 номгӯй ва руйхати мақолаҳои чопшуда 33 номгӯй иборат аст. Кори тадқиқотӣ дар 345 саҳифаи матни асосӣ, шомили 30 ҷадвал ва 22 расм баён шудааст.

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзӯи тадқиқот асоснок ва сатҳи омӯзиши мавзӯъ баён шудааст, ҳадаф, объект ва предмети тадқиқот муайян гардидааст, навигарии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада шаклбандӣ гардидааст.

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявию методологии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон»** - асосҳои илмии рушд, моҳият ва таҷрибаи дастгирии давлатии соҳибкории саноати рақобатпазир дар ҷумҳурӣ, тавсияву таҳлилҳои пешниҳодшудаи олимон, иқтисоддонҳо мавриди истифода ва баррасӣ қарор дода шудааст.

**Дар боби дуюм – «Ҳолати муосири дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон»**–вазъи ин соҳа таҳлил шуда, самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ ҷудо карда шудааст, ҳамчунин, самаранокии дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақаҳо арзёбӣ гардидааст.

**Дар боби сеюм – «Дастгирии давлатии сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири Тоҷикистон»** - усулҳои асосии дастгирии давлатии сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири Тоҷикистон, раванди татбиқи механизмҳои он баррасӣ шудааст, методҳои хатари амнияти сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо ҳангоми ҷорисозии технологияи инноватсионӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавии кишвар дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ асоснок карда шудааст.

**Дар боби чорум – «Такмилдиҳии механизмҳои инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон»** – таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ дар шароити СУС таҳқиқу арзёбӣ шуда, механизми идоракунии ҳамгироии байналмилалии корхонаҳои хурду миёна баррасӣ гардидааст ва моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли инноватсионӣ анҷом ёфтааст.

**Дар боби панҷум – «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири босуръат дар Тоҷикистон»**–такмили механизми рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда омӯхта шуда, рушди соҳибкории франчайзингӣ дар Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба мушкилот ва дурнамои таҳқиқ арзёбӣ гардида, роҳҳои инноватсионии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир баррасӣ шудаанд.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳои асосии бадастоварда аз тадқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардидаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАКМИЛДИҲИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИР ДАР ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Асосҳои илмӣ-назариявии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон

Рақобатпазирӣ омили муҳимтарини рушди иқтисодиёт ва таъмини тамоюли афзояндаи таҳкими иқтидори содиротии кишвар ба ҳисоб меравад. «Дар шароити муосири иқтисодиёти бозорӣ ташаккул ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир кафолати муҳимтарин барои таъмини пешрафти иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мебошанд»[2]. Бинобар ин, ҳадафи асосии сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба дастгирии давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мебошад. Рушди устувори иқтисоди миллӣ ва дастрасӣ ба нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ бо ташаккул ва инкишофи бахши соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории саноатӣ, робитаи зич дорад. Шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ қисми таркибии иқтисоди бозории муосир буда, ба амалисозии ҳадафҳои стратегии рушди иҷтимоӣ–иқтисодии кишвар мусоидат мекунанд. Бинобар ин, ташаккул, фаъолият ва дастгирии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ва минтақаҳои он дар шароити муосир бо вазифаҳои дастрасӣ ба рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва афзоиши сатҳи некуаҳволии мардум пайвандии наздик доранд. Дар ин замина, мушкилоти густариши фаъолияти соҳибкорӣ дар умум ва аз ҷумла, соҳибкории саноатии рақобатпазир, чун таъминкунандаи шуғли босамар, тавсеаи тавонмандии

[2] Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. –№ 3. – С. 49.

содиротии мамлакат ва сатҳи амнияти иқтисодӣ ҳарчи бештар дар маркази омӯзиши рушди он қарор мегирад.

Бахши соҳибкорӣ соҳаи махсуси мустақили иҷтимоӣ–иқтисодӣ мебошад, ки онро муассисаҳои андозаашон гуногуни дорои шаклҳою механизмҳои хосси фаъолияти хоҷагидорӣ ба вуҷуд меоваранд.

Ба таъкиди олими ватанӣ С.А. Ашурзод: «Рушди инноватсионии саноати миллӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар наметавонад бидуни таъмини инфрасохтори инноватсионӣ амалӣ карда шавад. Бояд қайд намуд, ки дастгирии давлатии рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар якҷоягӣ бо ҷузъҳои сохторӣ дар татбиқ ва рушди инноватсионии саноати миллӣ мақоми хосса дошта, дар ин замина раванди миллии инноватсионӣ бо назария ва амалияи бунёдӣ ташаккул меёбад. Татбиқи сиёсати инноватсионӣ пеш аз ҳама ба бунёди инфрасохтори инноватсионӣ равона гардида, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид дар рушд ва фаъолияти инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир таъмин мегардад. Аз ин рӯ, таъмини инноватсионии рушди саноати миллӣ ба мавҷудияти инфрасохтор, дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандсозии он шарти асосӣ ва омили калиди рушди соҳибкории саноатӣ мебошад»[3].

Дар шароити шаклгирии иқтисоди бозорӣ аҳаммият ва миқёси рушди намудҳои гуногуни соҳибкорӣ чандин маротиба меафзояд. Соҳибкорӣ чун муҳимтарин унсури иқтисоди бозорӣ амалан ба тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ–иқтисодии ҳаёти ҷомеа дахл мекунад. Соҳибкорӣ ҳамчун категорияи ҷамъиятӣ шароити мушаххаси таърихӣ–иқтисодии ҳаёти давлат ва шаҳрвандонро инъикос менамояд. «Соҳибкорӣ фаъолияти ташаббускорона ва мустақилона мебошад, ки соҳибкор масъулият ва ҷавобгариро ба уҳдаи худ гирифта, таваккал мекунад»[4]. Вобаста ба ин,

---

[3] Ашурзода С.Х. Инфраструктурное обеспечение инновационной деятельности /С.Х.Ашурзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-2 (98). – С. 299-304.

[4] Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – № 3. – С. 49.

зарурати ташаккули вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ, инкишофи фазои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати рушди шаклҳои фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва фазои меъёрии ҳуқуқӣ барои густариши омилҳои муҳимтарини фаъолияти муваффақонаи бахши хусусӣ дар иқтисоди миллӣ мебошад.

Аҳамияти рӯзафзун ва фаъолияти соҳибкории саноатӣ аз давраҳои қадим таваҷҷуҳи олимон–иқтисоддононро ҷалб намуда, онҳо соҳибкориро ба тарзи гуногун таъриф мекарданд ва тасаввурот дар бораи моҳияти онро тағйир медоданд.

Муҳимтарин хусусияти фаъолияти соҳибкории саноатӣ шаклҳои созмондиҳӣ – ҳуқуқии он дар самти корхонаҳои хурду миёна мебошад. Корхонаҳои хурду миёна дар аксар маврид ширкатҳоеанд, ки бо теъдоди маҳдуди кормандон фаъолият менамоянд. Агар коргоҳҳои хурд ба гурӯҳи ашхос тааллуқ дошта бошанд, он гоҳ шакли нисбатан маъмули созмондиҳии он шарикӣ–муштарак мебошад. Ва агар корхонаи начандон калон чун ҷамъияти саҳомӣ таъсис ёбад, саҳмияи он маъмулан дар байни доираи хеле хурди одамон, ки ҳамдигарро хуб мешиносанд, тақсим мешавад.

Таҳлили таълимоти классикони афкори иқтисодӣ шаҳодат медиҳад, ки дар ин таълимот нуктаҳои бунёдӣ доир ба соҳибкорон ва фаъолияти соҳибкорӣ баён шудааст, ки имрӯз низ дорои аҳаммиятанд. Дар осори классикони илми иқтисод таърифи илмию амалии моҳият ва нақши соҳибкорон дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа дода шудааст.

Бояд хотиррасон намуд, ки фаъолияти соҳибкорӣ ҳанӯз дар давраи асрҳои миёна ба як падидаи назаррас табдил ёфта буд. Чунин фаъолият маъмулан бо зарурати бунёди қасрҳо, биноҳои ҷамъиятӣ, калисоҳои ҷомеъ, дайрҳо алоқаманд буд. Хусусияти хосси фаъолияти соҳибкорӣ дар асрҳои миёна мавҷуд набудани хатари молиявӣ буд.

Дар афкори иқтисодии Ғарб мафҳуми «соҳибкор» дар асри XVIII ривоҷ ёфта, мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт. Дар айни замон,

мазмуни вазифавии фаъолияти соҳибкорӣ хеле васеъ шуд. Моҳият ва аҳаммияти фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳибкор чун падидаҳои муҳим дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа дар осори бисёр классикони илми иқтисод таҳлилу таҳқиқ шудааст (Р. Кантилон, Ф.Кене, А.Смит, Ж. Б. Сэй, А.Тюрго ва ғайра).

Асосгузори аввалин консепсияи соҳибкорӣ иқтисоддон ва коршиноси масоили молиявии ирландӣ Р. Кантилон шуморида мешавад, ки дар Фаронса кору фаъолият менамуд. Вай соҳибкориро ҳамчун фаъолият дар шароити таваккалкунӣ (риск) ва номуайянӣ баррасӣ намуда, вазифаи соҳибкорро аз вазифаи сармоядор ва мудир ҷудо кардааст. Р. Кантилон, ки таҳқиқоти вай ба оғози асри XVIII рост меояд, нахустин шуда мафҳуми «соҳибкор»-ро ба илми иқтисод ворид карда, таҳти ин мафҳум шахси (субъекти) махсусро мефаҳмид, ки қобилияти пешбинӣ кардан, таваккал кардан ва ба уҳдаи худ гирифтани тамоми масъулиятро барои қабули қарор дорад. Аз рӯйи таърифи Р. Кантилон, соҳибкор шахсест, ки дар шароити таваккал (риск) амал мекунад. Вай қайд менамояд, ки: «…соҳибкор шахси дорои даромади ғайридоимӣ мебошад: деҳқон, ҳунарманд, тоҷир,.. ва ғайра. Яъне амволи бегонаро бо нархи маълум дарёфт карда, умед дорад, ки моли худро бо нархи баландтар, аммо ҳанӯз номаълум ба фурӯш мебарорад. Таваккал хусусияти асосии фарқкунандаи чунин соҳибкор мебошад. Вазифаи асосии иқисодии вай иборат аз пешниҳоди амволи гуногуни бозорӣ мутобиқи талабот мебошад»[5].

Бад-ин тартиб, бояд қайд намуд, ки нуқтаи назари илмии Р. Кантилон дар бораи соҳибкор ба амалисозии вазифаи мувозинат дар бозор равона шудааст. Бояд қайд кард, ки Р. Кантилон асосгузори ақидаи илмӣ дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад ва ин ақида имрӯз низ вуҷуд дошта, моҳияташро гум накардааст.

---

[5]Агеев А.И. Предпринимательство: проблемы собственности и культуры. – М: 1991. – С.5.

Дар таҳқиқоти минбаъда тафсири гуногуни соҳибкорӣ ба соҳибкории саноатӣ ва баъдан соҳибкории саноатии рақобатпазир шакл гирифт. Ба ақидаи Ф. Кенэ ва А.Смит, соҳибкор молики сармоя мебошад. Аз нуқтаи назари Ж.Трюго ва таърихнигорони олмонӣ В. Рошер ва Б. Гилдебранд, соҳибкор натанҳо сармояи худро идора мекунад, балки вазифаҳои мулкпарастиро бо меҳнати шахсии самаранок пайванд медиҳад. Ж.Б.Сэй ва Ҷ.С. Милл соҳибкорро чун созмондиҳандаи фаъолияти истеҳсолӣ баррасӣ кардаанд ва ба ақидаи онҳо ҳатмӣ нест, ки соҳибкор дорои ҳуқуқи моликият бошад. Олимон А. Маршалл, Л. Валрас, К. Менгер ва Ф. Визер соҳибкорро чун менеҷер шинохтаанд.

Дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии соҳибкорӣ олим А. Смит саҳми шоиста гузоштааст. Ба ақидаи вай, барои он ки соҳибкорӣ сифатҳои фоиданоки худро барои ҷомеа зоҳир намояд, бояд бо ду шарт пайравӣ намояд:

1. «Соҳибкор бояд аз фаъолияти соҳибкорӣ фоида ба даст оварад;

2. «Дасти нонамоён»-и бозор бояд шароитро таъмин намояд»[6].

Бояд гуфт, ки А.Смит яке аз нахустин муҳаққиқоне мебошад, ки ҷанбаҳои алоҳидаи соҳибкориро бо дарназардошти сатҳи рушди ҳаёти иқтисодии аҳолӣ ҳамаҷониба омӯхтааст. Пешниҳодҳои олими мазкур дар бораи низом ва усулҳои андозбандӣ то ҳоло аҳаммият ва арзиши илмии худро гум накардаанд.

Муҳаққиқ Ҷ.Б. Сей низ мисли А. Смит аз идеяи озодии фаъолияти соҳибкорӣ пайравӣ мекард. Ӯ таъкид кардааст, ки барои соҳибкорӣ равандҳои инноватсионӣ хоссанд. Ин қабл аз ҳама, натанҳо бо ҷустуҷӯ, балки бо зарурати ташаккули навтарин омилҳои асосии истеҳсолот алоқаманд аст. Аксар олимони асри XX аз ақидаҳои Ҷ. Сей тарафдорӣ мекарданд, зеро нуқтаи назари вай барои олимон-иқтисоддонҳо, ки ба таҳқиқи назарияи муосири соҳибкорӣ машғул мебошанд, бештар ҷолиб ва

[6] Смит А. Исследование о природе и причинах богатство народа / А. Смит. – М., 1962. – С. 332.

наздик аст. Онҳо таъкид менамоянд, ки барои рушди бомуваффақонаи фаъолияти соҳибкорӣ якчанд омилҳо муҳиманд, бахусус:

- пойдорӣ, устуворӣ - дар сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар;
- имтиёз - дар андозбандӣ ва дигар пардохтҳо;
- заминаи мустаҳкам - барои рушди соҳибкории саноатӣ;
- интелектуалӣ - барои ҳимояи маҳсулоти зеҳнӣ;
- механизм - барои муайян намудани бозори фурӯши маҳсулот.

Густариши минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ дар ин давра боиси пайдо шудани истилоҳи нав дар илми иқтисод, масалан, *соҳиб шудан ба сармоя, дарёфти фоида, хатари (риски) молиявӣ, ташаббускорӣ* ва ғайра гардид, ки бешак, ба тавсеаи тасаввуроти мавҷуда дар бораи соҳибкорӣ мусоидат кард. Батадриҷ, такяи асосӣ ба имкониятҳои ба даст овардани фоида аз фаъолияти соҳибкорӣ мешуд. Дар ин иртибот, Ж.Б. Сэй дар асари худ «Рисолаи иқтисоди сиёсӣ» таъкид мекунад: «Барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бояд на сармоя барои истеҳсолот, балки фақат даромаде истифода бурда шавад, ки ҳар як шахс метавонад бо салоҳдиди худ бе зарар барои некуаҳволиаш сарф кунад». Дар айни замон, Ҷ.Б. Сей фоидаро ба ду қисм ҷудо мекунад: «фоида аз истеҳсолот ва фоида аз сармоя ҳамроҳ бо чунин сифатҳо ба монанди бовиҷдонӣ, ақл, ташаббус, дороии моддӣ ва ғайра»[7]. Вай таъкид намудааст, ки соҳибкори ҳақиқӣ қобилияти моҳирона пайванд додани омилҳои истеҳсолотро ба мақсади дарёфти даромад (фоида) дорад. Зимнан, Ҷ.Б.Сэй бар хилофи тафсири баёнкардаи намояндагони мактаби классикии иқтисодӣ, чунин мешуморид, ки вазифаи асосии соҳибкор на дарёфти арзиши иловагӣ (фоида), балки доштани қобилияти созмондиҳӣ ва идоракунии раванди истеҳсолот мебошад. Амалисозии ин вазифа дар соҳибкор мавҷудияти ташаббус, навоварӣ, хислати пешрафтаи ақлонӣ, қобилияти дастрасии бомуваффақият дар муборизаи шадиди рақобатро талаб менамояд.

[7] Ниг.: Сей Ж.-Б. Трактат политической экономии. – М: 1986. –С. 10-20; 55-60

Дар тақвияти назарияи соҳибкории саноатии рақобатпазир Й.Шумпетер саҳми назаррас гузоштааст, ки ақидаҳои вай дар аввали асри XX ривоҷ ёфта буданд. Й.Шумпетер (1883-1950) ҳанӯз дар соли 1911 навишта буд: «Вазифаи соҳибкорон анҷом додани ислоҳот дар истеҳсолот бо роҳи ҷорӣ намудани ихтирооту навгонӣ мебошад. Яъне ба маънои васеътар, ислоҳот ба воситаи истифодаи имкониятҳои нави технологӣ барои истеҳсоли маҳсулоти нав ё бозсозии соҳаи пешина, маҳсулоти куҳна бо роҳу усулҳои нав ба туфайли пайдо кардани манбаи нави ашёи хом ё бозори нави маҳсулоти тайёр ва таъсиси соҳаи нави саноат»[8]. Ӯ хислати асосии соҳибкорро қобилияти ҷорӣ намудани инноватсия, яъне пайдо кардани роҳи нави истифодаи омилҳои истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулоти нав, ҷорӣ кардани технологияи навтарин ва сегментҳои нави бозори фурӯш шуморидааст. Ба ақидаи вай, соҳибкорон касби махсус ва синфи алоҳидаро ба вуҷуд намеоваранд. Вазифаи асосии соҳибкор дар иқтисод иҷро кардани вазифаи махсуси инноватсионӣ мебошад. Баъд аз чунин мулоҳизаҳои Й.Шумпетер, минбаъд қобилияти соҳибкорӣ чун намуди хосси фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифт.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар асарҳои Й.Шумпетер, қабл аз ҳама, аз мавқеи ворид кардани тағйироти сифатӣ дар раванди истеҳсолот баррасӣ карда мешавад *(яъне ҷорӣ кардани ихтироот, тағйироти технологӣ, истифодаи методҳои нав ва ғайра)*. Дар айни замон, муаллиф таваҷҷуҳи асосиро ба навоварӣ, чун хусусияти хосси фаъолияти соҳибкории саноатӣ ҷалб менамояд. Фаъолияти соҳибкории саноатӣ бо истеҳсоли маҳсулоти нав, ҷорӣ кардани технологияҳои пешқадам дар созмондиҳӣ ва идоракунӣ, рақобатпазирӣ ва худтакмилдиҳӣ яъне он чи ки дар раванди истеҳсолот навигарии усулиро ворид месозад, маҳдуд мебошад.

---

[8]Шумпетер Й. Теория экономического развития (исследования предпринимательской прибыли, капитала, процента и цикла конъюнктуры). – М.: Прогресс, 1985. – С.159.

Ба ақидаи Шумпетер: «Фаъолияти соҳибкории асосёфта ба истифодаи васеи технологияи нав шароитро барои гузариш ба иқтисод аз як вазъи «мутавозун» ба вазъи дигар фароҳам меоварад. Маҳз бо ҳамин мураккабии саъю талоши соҳибкории саноатӣ вобаста ба дуруст муайян намудани самтҳои (раҳнамудҳои) рушд ва тавсеаи фаъолият алоқаманд аст»[9]. Дар айни замон, муаллиф таваҷҷуҳи асосиро ба мавҷудияти чунин қобилият, монанди назари махсус ба чизҳо, доштани маҳорати таъсиррасонӣ ба одамон ва соҳиб будан ба нуфузу эътибор ҷалб мекунад.

Тақвияти минбаъдаи тасаввуроти назариявӣ дар бораи соҳибкорӣ, ки дар доираи тавсеаи самтҳои нави илми иқтисод, монанди кейсианстӣ, монетаризм, назарияи неоклассикӣ, (ки таваҷҷуҳро ба проблемаҳои макроиқтисод ҷалб менамоянд), бо баррасии нақш ва рушди соҳибкорӣ ва сохтори ниҳодии (институтсионалии) бозори муҳити соҳибкорӣ ва корхонаҳои вай алоқаманд аст. Дар доираи ин назария соҳибкорӣ чун фаъолияти нимафунксионалӣ дар алоқамандии маҳдуд бо макромуҳит баррасӣ карда мешавад.

Илова бар ин, бояд таъкид намуд, ки дар тақвияти назарияи соҳибкорӣ олимони австриягӣ Людвиг фон Мизес ва Фридрих Хайек саҳми назаррас гузоштаанд.

Олимон Р.Коуз, Д.Уильямсон ҷанбаҳои нави соҳибкориро дар алоқамандӣ бо тақвияти назарияи иқтисоди институтсионалӣ таҳқиқ кардаанд. Дар назарияи ниҳодӣ (институтсионалӣ) соҳибкор ҳамчун субъекте баррасӣ карда мешавад, ки байни муносибатҳои қарордодии бозор ва ширкатҳо интихобро ба фоидаи ширкатҳо анҷом медиҳад.

Бояд таъкид намуд, ки таҳқиқоти дақиқи табиати соҳибкорӣ, табиати мутлақо мураккаби онро муайян намуд, ки ин барои равиши байнифаннӣ зарур аст ва ин саъю талоши ҷиддии иқтисоддонҳо, ҷомеашиносҳо,

---

[9]Шумпетер Й. Теория экономического развития (исследования предпринимательской прибыли, капитала, процента и цикла конъюнктуры). – М.: Прогресс, 1985. – С.180-190.

равоншиносон, ҷуғрофиядонон, мутахассисон доир ба идоракунӣ, молияро дар назар дорад. Бояд ёдовар шуд, ки ҳамаи ин фанҳо фақат як қисми чунин падидаи муҳим, монанди соҳибкориро тасвир менамоянд, дар ҳоле ки нуқтаи муҳиме дар фаҳмиши ин падида аз назари пажуҳишгарон дур мемонад.

Ҷамъбандии ақидаҳои илмӣ дар бораи мафҳуми «соҳибкор» имкон медиҳад, ки он чунин таъриф карда шавад: соҳибкор шахсест, ки кордонӣ, қобилият ва омодагӣ ба таваккал (риск)-ро дорад, ҳамчунин, дар асоси ташаббускорӣ ва инноватсия захираҳои мавҷуда барои дарёфти даромадро самаранок ва оқилона истифода мебарад. Бинобар ин, қайд кардан мумкин аст, ки дар шароити истеҳсолоти молӣ: «соҳибкор ба фаъолияти истеҳсоли маҳсулот, корҳои тиҷоратӣ, навоварӣ, коркардҳои илмию техникӣ, хариду фурӯш, маслиҳатдиҳӣ, пешниҳод кардани идея ва ё фикре, амалиёт бо қоғазҳои қиматнок, миёнаравӣ ва ғайра машғул мешавад. Ба соҳибкорӣ ҳамаи шаҳрвандони мамлакат ва мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин, гурӯҳи шаҳрвандон метавонанд машғул шаванд, ба шарте қонунан манъ нашуда бошад»[10].

Рушди шакл ва тавсеаи миқёси бахши соҳибкории иқтисоди миллӣ бо вазифаҳои созмондиҳӣ, рақобатнокӣ, эҷодкорӣ, манбаъӣ ва иҷтимоии он алоқаи наздик дорад. Бояд таъкид намуд, вазифае, ки соҳибкор иҷро мекунад, табиати хосси соҳибкориро чун падидаи махсуси дорои ҷанбаи иқтисодӣ беҳтар кушода медиҳад. Пас, соҳибкориро метавон чун шакли махсуси фаъолияти инноватсионӣ муайян кард, ки асоси онро ҷустуҷӯйи мунтазами имкониятҳои навтарин, самтгирӣ ба тарҳҳои инноватсионӣ, қобилияти ҷалб намудан ва самаранок истифода бурдани тавонмандии табиатӣ–захиравии иқтисод ба мақсади дарёфти даромад ва таъмини рушди бизнеси худ ташкил медиҳад.

---

[10] Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – № 3. – С. 49.

Тасаввуроти муосир дар бораи соҳибкорӣ аз тафсироти намояндагони мактаби классикии иқтисод то андозае фарқ мекунад. Имрӯз бисёр олимон соҳибкориро чун падидаи комплексии иҷтимоӣ– иқтисодӣ бо фарогирии васеи шаклҳои гуногуни манфиатҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо ҷомеа ё бо мақомоти намояндагӣ муайян мекунанд. Дар шароити шаклгирии иқтисоди бозорӣ рушди соҳибкорӣ чун муҳимтарин иқтидори инкишофи иқтисодии равонашуда ба таъмини талаботи гуногуни аъзои ҷомеа хизмат мекунад. Масалан, муҳаққиқон Кэмпбелл Р., Макконнелл Л., Стэнли Л. Брю таҳти мафҳуми «соҳибкорӣ» захираи махсуси инсониро мефаҳманд. Ба ақидаи онҳо, соҳибкор шахси ташаббускор мебошад, ки омилҳои асосии истеҳсолотро барои тавлиди маҳсулот ва хизматрасонӣ пайванд медиҳад. Илова бар ин, соҳибкор дар ҷараёни пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ қарори асосиро қабул мекунад.

Имрӯз соҳибкории саноатии рақобатпазир дар пасманзари назарияи иқтисодӣ ҳамчун омили стратегии рушди иқтисоди миллӣ таҳқиқ карда мешавад. Таҳқиқоти илмӣ доир ба ин самт нишон медиҳад, ки сиёсати иқтисодии кишварҳои пешрафтаи саноатӣ дар марҳалаи муосири асри XX ҳамчун иттиҳодияҳои бузург муҳимтарин манбаи таъмини рушди иқтисодӣ гардида, имкониятҳоро барои рушди соҳибкории саноатӣ бо мақсади рақобатпазирӣ фароҳам овардаанд. Пас вазифаи асосии давлат аз он иборат аст, ки шароити мусоидро барои фаъолияти муассири хоҷагидории соҳибкории саноатии рақобатпазир таъмин намояд.

Ба ин мақсад Ҳукумат кишвар саъю талоши худро ба ташаккули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳавасмандгардонӣ дар низоми андозбандӣ, барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳо ва танзими протексионизм равона менамояд, ки ин ба коҳиши хароҷот ё сатҳи рақобатпазирӣ дар ширкатҳои пешбари миллӣ мусоидат мекунад. Идея дар бораи он ки сарчашмаи асосии рушди иқтисодӣ захираҳои меҳнатӣ, сармоя ва пешрафти техникӣ мебошанд, имрӯз мавриди танқиди шадид қарор

мегирад. Ин бо он вобаста аст, ки идеяи мазкур нақши соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар таъмини рушди иқтисодӣ ба эътибор нагирифтааст.

Таҳқиқоти амиқ, ки дар солҳои 70-90-и асри XX анҷом ёфт, заминаи фаҳмиши нави соҳибкориро чун муҳимтарин омили рушди иқтисодӣ гузошт. Ин тадқиқот пеш аз ҳама, нақши мутлақо муҳими ширкатҳои нав ва ҷавонро дар таъсиси ҷойҳои корӣ нишон дод. Махсусан, таҳқиқоти анҷомдодаи иқтисоддони амрикоӣ Д.Бёрч дар миёнаи солҳои 70-уми асри гузашта бозтоби васеъ ёфт. Таҳқиқоти анҷомдодаи вай дар давраи солҳои 1969–1976 нишон дод, ки 82% ҷойҳои нави корӣ дар корхонаҳои хурд таъсис ёфтааст, амалан, ширкатҳои нави ҷавон «локомотив»-и рушди иқтисоди ИМА мебошанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти минбаъда муқаррар гардид, ки аксарият ҷойҳои корӣ дар коргоҳ ва корхонаҳои хурди зуд рушдёбанда таъсис меёбанд. Ин гурӯҳи коргоҳҳои зудинкишофёбанда, ки на бештар аз 3% тиҷорати умумии ИМА-ро ташкил медиҳад, номи «газел»-ро гирифт. Тайи солҳои 1990–1994 газелҳо 5 млн. ҷойҳои кориро таъсис доданд.

Таҳлили маълумоти аз дигар кишварҳо ҷамъоваришуда низ аз саҳми баланди корхонаҳои соҳибкории саноатии рақобатпазири хурд дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тақвияти фаъолнокии инноватсионӣ, баланд шудани ҳосилнокӣ ва рушди иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Масалан, дар Австралия тайи солҳои 1997-1998 45% аз шумораи умумии ҷойҳои нави корӣ тавассути корхонаҳои хурд таъсис ёфтааст. Дар Ҳолланд тайи солҳои 1994-1998 бештар аз 80% ҷойи нави корӣ аз тарафи ширкатҳои навтаъсис ва зудрушдёбанда таъмин шудааст. Ин таҳқиқот ба инкишофи самти нави сиёсати дастгирии иқтисоди миллии кишвар дар самти фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир ҷиҳати ҳавасмандгардонии соҳибкорон ва рушду такомули онҳо дар раванди рақобатпазирӣ мусоидат намуда, ба ташкил ва таъсиси истеҳсолоти корхонаҳои наву замонавӣ ва

шароити соҳибкорон заминаҳои мусоид фароҳам оварда, воруди онҳоро ба бозори дохил ва хориҷи кишвар осон мегардонад.

Ба ақидаи аксар олимон: «Соҳибкорӣ чун фаъолияте баррасӣ карда мешавад, ки аз тарафи шахсони алоҳида, корхонаҳои истеҳсолӣ дар бобати ба даст овардани ашёи хоми табиӣ, захираҳои истеҳсолӣ, дарёфт ё фурӯши маҳсулот, ҳамчунин, хизматрасонӣ дар самти дигар амвол ба фоидаи шахс ё ташкилотҳои дахлдор амалӣ карда мешавад»[11].

Бояд гуфт, ки мавқеи олимони рус нисбат ба дарки моҳият ва вазифаҳои фаъолияти соҳибкорӣ яксон нест. Ба ақидаи А.В. Бусыгин.: «соҳибкориро чун намуди махсуси фаъолнокии иқтисодӣ… ба мақсади дарёфти фоида»[12] таъриф мекунанд. Муаллифони дигар, В.М. Яковлев ва Иванов Ю.И. соҳибкориро чун «…раванди ба вуҷуд овардани як чизи нав, ки арзиш дорад ва соҳибкорро чун шахсе, ки ба ин вақт ва неруи заруриро сарф мекунад, тамоми таваккали (риски) молиявӣ, равонӣ ва иҷтимоиро ба ухдаи худ ва барои ин пул мегирад ва аз комёбӣ қаноатманд мешавад»[13] баррасӣ кардаанд ва сеюмиҳо онро чун «бахши махсуси иқтисод»[14] номидаанд.

Дар ин иртибот, мавқеи муҳаққиқ В.М. Яковлев ҷолиб ба назар мерасад. Ӯ зимни таҳлили тамоми ҷанбаҳои ин мавзӯъ, соҳибкории муосирро «чун падидаи комплексии ҳамаҷонибаи иқтисодӣ» ва чун «вазифаи асосии истеҳсолии моликият ва механизми амалисозии манфиатҳои объективии иқтисодӣ» арзёбӣ мекунад. Дар идома ин пажуҳишгар соҳибкориро чун омили низомофарини иқтисоди бозорӣ тавсиф менамояд, ки тавонмандии ботинии худамалисозӣ, худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳӣ дорад. Ба ақидаи вай, «соҳибкорӣ ба

---

[11]Ниг.: Жан-Луи Серван-Шрейбер. Ремесло предпринимателя.-М.: Международные отношения, 1994.

[12] Бусыгин А.В. Предпринимательство: начальный курс. – М., 1992. – С.7.

[13] Яковлев В.М. Конструктивное предпринимательство. – М.: ИПА ТРИЛ.1994.– С. 232.

[14]Иванов Ю.И., Русинов Ф.М. Рынок, предпринимательство, кадры. – М.: РАУ, 1992.– С. 5.

моликият муносибати мустақим дошта, дар шароити бозори озод ба афзуншавии сармоя, тавсеаи истеҳсолот ва дарёфти фоида самтгирӣ шудааст»[15].

Муҳим аст, таъкид намуд, ки табиати навъҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар доираи «назарияи ширкат» баррасӣ мегардад ва қисми ҷудонопазиру муҳимми назарияи иқтисодӣ мебошад. Дар натиҷа, аксар олимон батадриҷ ба чунин дастовардҳо расидаанд, ки соҳибкории хурд ва бузург на аз рӯйи андоза, балки аз рӯйи моҳият фарқ мекунанд. Дар айни замон, онҳо усулан шаклҳои гуногуни организми хоҷагидориро ифода менамоянд. Соҳаи соҳибкории саноатии рақобатпазири спектри нисбатан васеъ бо роҳҳои худии пешбурди бизнес, дорои технологияи навтарин, бозори худии фурӯш, манбаи худии сармоя мебошад.

Пажуҳишгари рус А.В.Бусигин қайд менамояд, ки «...дар байни муҳаққиқони Ғарб иқтисоддони швейтсариягӣ В.Репка яке аз аввалинҳо шуда, таваҷҷуҳро ба зарурати омӯзиши табиати соҳибкорӣ, қабл аз ҳама, ба омӯзиши соҳибкории хурд чун объекти махсуси назарияи иқтисодӣ ҷалб кард. Вай зимни ошкор намудани моҳияти проблемаи оптиуми муассиса, диққатро ба хатари тамаркузи беш аз ҳадди истеҳсолот дар замони худ, яъне дар хотимаи давраи саноатӣ ҷалб намуда, рушд ва аҳаммияти навъҳои гуногуни бизнесро пешгӯӣ кард»[16].

Муҳаққиқони ватанӣ С.Ҷ. Комилов ва Н.Х. Забиров зимни баррасии масоили рушд ва танзими давлатии соҳибкорӣ, онро чун «шакли махсуси инноватсионии истеҳсолот тавсиф менамояд, ки дар шароити дахлдори таърихӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ бартарӣ пайдо мекунад ва барои тамоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ динамикаи заруририро таъмин менамояд»[17].

---

15 Яковлев В.М. Конструктивное предпринимательство. – М.: ИПА ТРИЛ, 1994. – С.19-20.

16 Ниг.: Бусыгин А.В. Предпринимательство. Основной курс//Учебник – М.: Инфра, 2000.–608 с.

17 Комилов С.Д., Забиров Н.Х. Предпринимательство: вопросы развития и государственного регулирования. – Душанбе, 2004. – С.15.

Бад-ин тартиб, ба ақидаи мо, соҳибкории саноатӣ фаъолияти мустақилона мебошад, ки ба дарёфти даромад аз фурӯши молу маҳсулот, истеҳсолот, фурӯши амвол ва хизматрасонӣ барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ равона шудааст.

Шаклгирӣ ва рушди навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамалоқамандии он бо дигар намудҳои хоҷагидорӣ муҳимтарин рукни ҳаёти иқтисодии ҷомеа мебошад. Онҳо бо якдигар алоқаи наздик дошта, аз ҳамдигар вобаста ва таърихи тулонии шаклгирӣ доранд, ки дар ҷараёни он анъанаҳо ва усулҳои муайян муқаррар гардидаанд ва амалан ба тамоми ҷанбаҳои низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дахл мекунанд. Зимнан, диалектика аз он иборат аст, ки аз ибтидои ташаккули соҳибкории саноатӣ, бигзор ҳатто дар намуди сода ҳам бошад, давлат ҳамчун шарики даромади соҳибкорон дар навбати худ ба сатҳи самаранокии истеҳсолот ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Бояд таъкид кард, ки зарурати таъсири механизми давлат ба иқтисоди миллӣ ба он алоқаманд аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ тамоми муаммоҳо ва мушкилоти ҷомеаро бозор ҳаллу фасл карда наметавонад. Маҳдудияти механизмҳои бозорӣ дар он зоҳир мешавад, ки тавоноии таъмини истифодаи оқилонаи манбаъҳои табиӣ (маъданҳо) ва ҳифзи муҳити зист, сатҳи зарурии таълим, фарҳанг, тандурустӣ ва ғайра, таҳқиқоти бунёдии илмӣ, амнияти давлат, риояи қонун ва ҳимояи ҳуқуқ, субботи рушд ва раҳоӣ аз буҳрон, анҷоми тадбирҳо доир ба пешгирии чунин ҳолатҳо, монанди таназзули истеҳсолот, таваррум, бекорӣ, коҳиши сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳузури муносиби соҳибкории хусусӣ дар иқтисодро надоранд.

Аз ӯҳдаи ҳаллу фасли чунин муаммоҳо фақат давлат бо роҳандозии дастгириҳои давлатӣ баромада метавонаду халос. Бинобар ин, ҳуқуқи махсуси давлат иҷрои вазифаҳои классикӣ, пеш аз ҳама, иҷрои вазифаҳои иқтисодии фарогири танзими таносуби макроиқтисодӣ, ҳифзи тартиботи

ҷамъиятӣ, ҳимояи мавқеи иқтисоди хориҷӣ ва сиёсати хориҷии кишвар, дастгирии соҳибкорӣ ва ғайра мебошад.

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ фақат бо барномаҳои давлатӣ ва амали мақомоти давлатӣ маҳдуд намешавад, балки иштироки давлат дар ташаккули шароити зарурӣ барои рушди соҳибкорӣ низ зарур аст. Ба ибораи дигар, мақомоти давлатӣ дар масоили ташаккули зерсохтори соҳибкорӣ фаъолона иштирок мекунанд. Давлат бояд асоси қонунгузории фаъолияти тамоми субъектҳои соҳибкориро таъмин намояд ва онҳо дар навбати худ бояд ба мақомоти давлатӣ дар гузаронидани тадбирҳои гуногун ва барномаҳои дастгирӣ кумак расонанд.

Зарурати танзим ва дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо нотавонии иқтисоди бозорӣ ба таври автоматӣ танзим кардани тамоми равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар, ба манфиати аҳолӣ ва ҳар як шаҳрванд дар алоҳидагӣ алоқамандии онро муайян менамояд. Масалан, механизми иқтисоди бозорӣ тавони таъмини тақсими одилонаи даромадҳо, кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат, ҳимояи табақаи осебпазири аҳолӣ, машғул шудан ба ҳифзи муҳити зист, дастгирии андозию гумрукӣ ва дигарро надорад.

Зиёда аз ин, агар бетаваҷҷуҳи бизнеси хусусӣ барои сармоягузорӣ дар соҳаҳо ва тарҳҳои камтар фоиданок, вале ҳаётан муҳим барои ҷомеа ва давлат дар назар гирифта шавад, он гоҳ, нақши давлат дар танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити иқтисоди бозорӣ хеле меафзояд. Дар айни замон, давлат зимни иҷрои вазифаҳои хоси худ дар бобати ба вуҷуд овардани фазои умумии иқтисодӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимоя ва ҳалли проблемаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро иҷро карда, бад-ин тартиб, заминаи устуворро барои инкишофи муваффақонаи бахши соҳибкории саноатии рақобатпазир дар рушди иқтисоди миллӣ мегузорад.

Бояд таъкид кард, ки бисёр масоили назариявӣ ва амалии танзим ва дастгирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар асарҳои илмии иқтисоддонҳои ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтааст. Ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаро доир ба масъалаҳои танзими фаъолияти соҳибкорӣ талаб менамояд, ки ин бо тафовут аз нуқтаи назар нисбат ба худтанзимкунӣ ва танзими иқтисоди бозорӣ, ҳамчунин, нокифоя будани тадбирҳои зарурии мусоидатрасон ба баланд бардоштани муассирияти иқтисодии истеҳсолот дар саноат алоқаманд аст. Бо дарназардошти ин, бояд моҳият ва сохтори низоми дастгирӣ ва танзими иқтисоди миллӣ дар мадди назар гирифтани воқеияти хоҷагидорӣ аниқ карда шавад. Бинобар ин, зарурати ҷиддии тарҳрезии низоми илман асосноки танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, муайян намудани механизми самараноки вогузории имдоди молиявӣ, ошкор намудани манбаъҳои гуногуни дастгирии соҳибкорӣ ба вуҷуд омадааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар шароити ҷалби сармоя ба самти соҳибкории саноатӣ рушди сармоягузорӣ ба сатҳи баланди инкишофи худ расидааст. Равшан аст, ки то ин сохт шакл ва намудҳои муайяни фаъолияти соҳибкорӣ бахусус соҳибкории саноатӣ ҷой доранд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ зарур аст, ки ба соҳибкорӣ барои фаъолияти муассири соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он дастгирии давлатӣ доир ба мустақилияти бештар ва озодии амал дода шавад. «Айни ҳол, муҳим аст, ки бо таваҷҷуҳ ба «дасти ноаёни бозор» шароити зарурӣ бобати тақсими самаранокии захираҳо дар бозор фароҳам оварда шавад, инчунин, талаботи истифодабарандагон саривақт ва бо камтарин хароҷот қонеъ гардонида, оқибатҳои манфии омилҳои таъсиррасони берунӣ, аз ҷумла, дахолати давлат дар соҳаи соҳибкорӣ коҳиш дода шавад»[18].

---

[18] Ниг.: Смит А. Исследование о природе и причинах богатство народа. – М. – 1962. –С.332.; Самуэльсон П.Э., Нордхаус В.Д. Экономика; Пер. с англ.: 16-е изд. – М.: Издательский дом «Вильямс», 2001. – С.49.; Самуэльсон П.Э. Экономика. Т.1. – М.:

Муҳим аст, дар назар гирифта шавад, ки тавсеаи дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ва минтақаҳои он дар шароити бозор ҳаргиз маънои онро надорад, ки давлат амали механизмҳои бозориро дар ин соҳаи фаъолият комилан истисно мекунад. «Маъмулан, давлат ҳаллу фасли баъзе вазифаҳои заруриро, ки бе онҳо фаъолияти самаранок ва рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳо бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ва сатҳи махсусгардонии минтақаҳои гуногуни кишвар номумкин аст, ба ӯҳдаи худ мегирад»[19].

Маврид ба зикр аст, ки такмил ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро ҳамчун ҳадафҳою афзалиятҳои соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа ва кишвар метавон дар амал татбиқ намуд. Дар ин замина, ҷиҳати рушд ва густариши субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир зарурати муносибати комплексӣ нисбат ба ҷойгиркунӣ, танзим ва дастгирии онро дар назар дошта шуда, айни замон, муҳиммияти ин раванд на бо усулҳои қаблан роҳандозӣ гардида, балки бо тадбирҳои маъмурӣ ва таъсиррасонии иқтисодии дорои ҷанбаи ҳавасмандкунӣ, ки заминаи онро қонунҳо ва механизмҳои иқтисоди бозорӣ муайян ва танзим менамояд.

Дар айни замон, равшан аст, ки тавсеаи миқёси соҳибкории саноатӣ дар кишвар дар он ҷойҳое босуръати баланд рушд мекунад, агар унсурҳои иқтисоди марказонидашуда қавӣ бошанд ва дар ҷойҳое, ки шаклҳои гуногуни соҳибкории саноатӣ суст инкишоф ёфта бошад, пас тафаккури саноатӣ низ дар он рушд намеёбад.

---

НПО «Алгон» «Машино-строение», 1997. – С. 34.; Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика: Пер. с англ. со 2-го изд. – М.: Дело, 1999.– С. 62.; Гутник В. Государства и экономика; гармония возможно, но почти недостаточно. // МЭ и МО. – 1999. – № 12. – С. 104.

[19] Рауфӣ А. Конкурентная экономика/Под общ.ред. д.э.н., профессора О.Б. Бобоева. Душанбе: –Дониш, –2014. – С. 244.; Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика: Пер. с англ. со 2-го изд. – М.: Дело, 1999.– С. 12-18.

Дар раванди рушд ва густариши соҳибкории саноатӣ вазифаҳо ва афзалиятҳои сиёсати минтақавӣ бо кумаки тарҳҳои сармоягузории давлатӣ ва давлатӣ–хусусии равонашуда ба ин ё он соҳаи иқтисоди миллӣ, робитаи зич дорад. «Зимнан, миқёс ва амиқии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо ҷанбаи маҳдуд ва бештар ҷанбаи бавосита доранд»[20].

Дар натиҷаи таҳқиқоти шаклҳои созмондиҳию иқтисодии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар муайян карда шуд, ки ҳамкории мутақобилаи давлат ва соҳибкорон ба таври зерин сурат мегирад (ҷадвали 1.1.1).

**Ҷадвали 1.1.1. Намудҳо ва шаклҳои ҳамкории мутақобилаи давлат ва соҳибкории саноатӣ***

| **Намудҳои ҳамкории мутақобила** | **Шаклҳои ҳамкории мутақобила** |
|---|---|
| Ҳамкории мутақобилаи иқтисодӣ | - корхонаҳои воҳиди давлатӣ;<br>- иттиҳодияҳои давлатӣ;<br>- иттиҳодияҳо бо иштироки давлат;<br>- шарикии давлат ва бахши хусусӣ;<br>- муносибати мутақобилаи бозорӣ (харид, тендер, қарордодҳои сармоягузорӣ). |
| Ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ | -танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ;<br>- танзими давлатии рақобат;<br>-танзими давлатии ҳамкории мутақобилаи сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорӣ; |
| Ҳамкории мутақобилаи созмондиҳӣ | - иштироки муштараки намояндагони тарафҳо дар фаъолияти ҷониби дигар;<br>- фармоиши давлатӣ; |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Аз ҷадвали 1.1.1. дида мешавад, ки байни давлат ва соҳибкорони саноатӣ ҳамкориҳои гуногун ҷой доранд.

Таҳти мафҳуми «ҳамкории мутақобилаи иқтисодӣ» пешбурди соҳибкории муштараки мақомоти давлатӣ ва сохторҳои хусусӣ дар

---

[20] Рауфи А. Конкурентная экономика/Под общ.ред. д.э.н., профессора О.Б.Бобоева. – Душанбе: Дониш. – 2014. – С. 249-250.; Курс экономики: Учебник/Под ред. Б. А. Райзберга. М.: ИНФРА-М, 1997. – С.660.; Японская экономика в преддверии XXI века. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1991. – С.31-52.

мамлакат дар назар гирифта шудааст. Он ба дарёфти даромади андози буҷет бо роҳи истифодаи захираҳои бахши соҳибкорӣ равона шудааст.

Таҳти мафҳуми «ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ» созмондиҳии муштараки раванди танзими соҳибкории саноатӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ фаҳмида мешавад. Субъектҳои бахши соҳибкорӣ метавонанд дар гурӯҳҳои корӣ доир ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок намоянд, ширкатҳои худтанзимкуниро бо ҷалби мутахассисон аз хадамоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ таъсис диҳанд, метод ва усулҳои дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазирро ба кор баранд.

Таҳти мафҳуми «ҳамкории мутақобилаи созмондиҳӣ» шаклҳои гуногуни иштироки намояндагони тарафҳо дар сохтори тарафи дигари ҳамкорӣ дар назар аст. Масалан, ин метавонад аз як тараф, иштироки намояндагони давлат дар мақомоти идоракунии корпоративии бахши соҳибкории саноатӣ ва аз ҷониби дигар, иштироки субъектҳои соҳибкории саноатӣ дар мақомоти таъсиррасон ба қабули қарорҳои давлатӣ бошад.

Масалан, аз рӯйи сатҳу нуфузи ҳамкории мутақобилаи давлат ва субъектҳои соҳибкории саноатӣ дар иқтисоди мамлакат метавонанд намудҳои зерин бошанд:

1. Мушоҳида;
2. Назорати мутақобила;
3. Иштирок дар қабули қарор;
4. Тобеият.

Бинобар ин, тавре ки муҳаққиқон Ф.Анюров ва С.Иванов дар асарҳои худ таъкид менамоянд: «Дар ҳама маврид нақши ҳалкунанда ва калидиро дар рушди соҳибкории саноатӣ равандҳои хоси андоз ва андозбандӣ мебозад. Маъмулан, намудҳои тасвиршудаи ҳамкории мутақобила бояд бо дарназардошти хусусияти соҳа ва таркиби сохтории

гурӯҳи мушаххаси соҳибкории саноатӣ бо вазъияти мушаххас мутобиқ карда шаванд»[21].

Ҳамин тавр, фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир муҳимтарин омили рушди иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Назарияи рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар бо минтақаҳои он аз бисёр ҷиҳат бо ҳам пайванданд. Мақомоти давлатӣ вобаста аз ҷанбаи равандҳои дастгирии давлатӣ дар самти иҷтимоию иқтисодӣ, бояд раванди фаъолияти соҳибкориро дар ҷумҳурӣ муайян намояд. Ба ин маънӣ, соҳибкории саноатии рақобатпазир дар рушди иқтисодиёти кишвар бо дарназардошти ҷойгиркунонии муносиби субъектҳои хоҷагидорӣ ва дастгирии давлатии онҳо хизмат мекунанд. Дар ин робита ба таҳқиқоти мо, тадбирҳо ва воситаҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир аҳамияти зиёд пайдо мекунанд.

## 1.2. Моҳият ва методологияи такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Вобаста ба амалӣ намудани вазифаю мақсадҳои тақвияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар иқтисодиёти миллии кишвар, рушди тавонмандии онро бо назардошти муҳимияти инъикоси васеи методологӣ ва назарияви метавон муҳим арзёбӣ намуд. Муносибатҳои методологии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар марҳалаи муосири иқтисодиёти бозорӣ бояд ҳаллу фасл гардид.

*Аввалан*, рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бештар ба истифодаи самараноки захираҳо (моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ ва ғайра) такя мекунад;

---

[21]Анюров Ф.Ф., Иванов С.В. Региональные системы взаимодействия государственных органов и предпринимательских структур. // Транспортное дело России. – 2012. – № 6. – С.45.

*Сониян,* субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир истеҳсол ва тақсимоти даромади маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро таъмин менамоянд;

*Севвум,* рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба қонеъсозии талаботи пардохтпазирии аҳолӣ ба маҳсулот ва хизматрасонӣ равона шудааст;

*Чорум,* рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир истифодаи комёбиҳои навини инноватсиониро таъмин менамояд ва ба он такя мекунад;

*Панҷум*, субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир дар раванди ҷалби сармоягузорӣ ба татбиқи технологияҳои илмӣ ва пешрафти илмӣ иштироки фаъол менамоянд;

*Шашум,* соҳибкории саноатии рақобатпазир роҳҳои шарикии иҷтимоиро ба назар гирифта, проблемаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаро ҳал мекунад;

*Ҳафтум*, соҳибкории саноатии рақобатпазир ҳамчун самти муҳим васеъ ва ҳамаҷониба паҳн гашта, ба рушди индустриалии иқтисодиёти кишвар таъсири мусбат мерасонад.

Таҳқиқи вазифаҳои методологии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир нишон медиҳанд, ки иҷрои самараноки ин вазифаҳо дар марҳилаи муайяни пешрафти иқтисодиёти бозорӣ бе дастгирии давлатӣ натиҷаҳои дилхоҳ дода наметавонанд. Таъмини такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир талаб мекунад, ки муносибатҳои методологии зерин ба эътибор гирифта шаванд.

Якум, дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба монанди идоракуниии давлатӣ ва танзимкунии давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ иҷро карда мешавад, Буҷети давлатӣ бошад, танҳо барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Бинобар ин, дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ бо дарназардошти дастгирии вазъи иҷтимоии аҳолии мамлакат амалӣ карда мешавад. Дар натиҷаи дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ, корхонаҳои

соҳаҳои гуногуни саноатӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар онҳо садҳо шаҳрвандони мамлакат соҳиби ҷойи кор мешаванд, маоши пурмаҳсул ва баланд мегиранд. Ин ҳама вазъи иҷтимоӣ метавонад сатҳу сифати баланди зиндагии одамонро дар ҷомеа таъмин намояд.

Чунин вазъият метавонад ба рушди соҳибкорӣ, ки дар ҳифзи самтгирии иҷтимоии ислоҳоти бозорӣ ва суботи иҷтимоӣ дар кишвар нақши муҳим дорад, таъсир расонад. Ин, пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаи шуғли аҳолӣ дахл дорад, чунки рушд ва тавсеаи соҳибкории саноатии рақобатпазир дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ба коҳиши бекорӣ ва сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар мусоидат мекунад.

Дуюм, барои ҷомеае, ки ба раванди саноатикунонӣ ошно набуда, корхонаҳои саноатӣ таъсис надодаанд, дар заминаи корхонаҳои коркарди ашёи хоми сохтаи даврони Шуравӣ мушкилоти зиёд, бахусус нарасидани мутахассисон ҷой дошт ва тақрибан 90% аҳолии маҳаллии Тоҷикистон дар соҳаҳои кишоварзӣ машғули кор буданд, таъсис ва бунёди корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти надоштани ақидаи саноатикунонӣ дар тафаккури аҳолии кишвар хеле кори мушкил буд. «Аз тарафи дигар, воситаҳои истеҳсолии корхонаҳо ба ҷойи 7-8 сол ба ҳисоби миёна 32-40 соли умри хизматӣ доштанд. Онҳо алакай дар аввали солҳои 90-уми асри XX дар истеҳсоли молҳои рақобатпазири бозории муосир ақибмонда буданд»[22]. Дар солҳои аввали гузариш ба системаи нави муносибатҳои бозорӣ, яъне солҳои 90-уми асри бисти милодӣ, дар иқтисодиёти мамлакат деиндустриализатсия, яъне ғайрииндустриаликунонӣ ва боздории рушди индустриалӣ ба вуҷуд омад. Бинобар ин, дар чунин марҳалаи рушд додани соҳибкории саноатии рақобатпазир дастгирии давлатӣ «барои бартараф кардани оқибатҳои деиндустриализатсия ва аз нав гузарондани индустриализатсияи иқтисодиёти кишвар пули гузариш лозим аст, ки

[22] Рауфӣ А. Моҳияти иқтисодиёти индустриалӣ–аграрии Тоҷикистон. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. – № 4. – С. 25.

чунин пул реиндустриализатсияи иқтисодиёт мебошад»[23], ногузир шуда метавонад.

Дар шароити модели аграрии рушд яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ метавонад рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир шавад, ки ҷоришавии пешрафти илмию техникӣ ва истифодаи муассири тавонмандии зеҳниро ҷиҳати тавлиди маҳсулоти нав ё маҳсулоти беҳтар ба рақобатовар таъмин менамояд. Барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ бояд тамоми омилҳо ва захираҳои рушди иқтисодӣ, аз ҷумла тавонмандии соҳибкорӣ самаранок истифода бурда шавад. Ҳоло иқтисоди кишвар асосан ба фурӯши ашёи хом ва коркарди миқдори хеле ками он самтгирӣ шудааст, ки ин ба рушди технологияи асосёфта ба илм таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ин миён, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ ва таҳаввулот дар бисёр соҳаҳо ва бахшҳои иқтисоди миллӣ ба шароити тағйирёфтаи иқтисоди бозорӣ омода набуданд. Таъмини суботи молиявии субъектҳои фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир, такмили низоми муносибати мутақобила байни соҳаҳо ва бахшҳо, дастгирии низоми нархи озод, рушди сохтори бозорӣ ва соҳибкории рақобатпазир мавҷудияти захираҳои молиявии озодро барои рафъи вазъи буҳронӣ ва суботи фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ талаб мекард.

Аммо захираҳои молиявии озод дар бисёр соҳаҳо ба сабаби фоидаовар набудани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва набудани манбаи сармоя нокифоя буд. Ба сабаби номукаммал будани зерсохтори бозорӣ, мушкилоти фурӯши амвол ва хизматрасонӣ, мушкилоти пардохт, ҳассосияти рақобати нарх, ҳамчунин, арзиши аслии баланди маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонии молистеҳсолкунандагон аксар вақт наметавонанд мустақилона қарор қабул намоянд.

Сеюм, дар баъзе пажуҳишҳо таъкид мешавад, ки «давлат ҳама вақт ба фаъолияти иқтисодӣ машғул мешуд, вале дар таҳқиқоти зиёди дигар

---

[23] Ҳамон ҷо. – С. 27.

таъкид мешавад, ки то тарзи истеҳсолоти капиталистӣ ва ҳатто то капитализми монополистӣ соҳибкорони саноатӣ ба дастгирии давлатӣ ва умуман, дахолати давлатӣ ба фаъолияти онҳо эҳтиёҷ надоштанд ва ҳатто ба дахолат кардани давлат муқобил мебаромаданд»[24]. «Вале дар ҳолати аз сохтори иқтисодии тобозорӣ ба сохтори иқтисодии бозорӣ гузаштани мамлакат, ки шароитҳо ва заминаҳои зарурии бозорӣ ҳанӯз ба вуҷуд оварда нашудаанд, одамон бо тафаккури деҳқонии худ дар корхонаҳои саноатӣ барои корхонадорӣ кардан ба душвориҳо дучор мешаванд ва дар натиҷа, дар соҳаи рушди соҳибкории саноатӣ бозор наметавонад ҳамаи масъалаҳои ҷой доштаро самаранок ҳал намояд. Бинобар ин, дар чунин ҳолати иқтисодиёти мамлакат давлат бо ёрии дастгирии худ вазифаҳои гуногун–аз муътадилгардонии макроиқтисодӣ то сохтани муҳити нави ниҳодӣ (институтсионалӣ) ва бозсозии сохтори иқтисодии соҳаи иқтисодиро таъмин мекунад, системаи бозориро ташкил дода, натиҷаҳои манфии ба таври стихиявӣ дар бозор ба вуҷудомадаро бартараф мекунад, муътадилии иҷтимоиро таъмин ва ба ин монанд масъалаҳоро ҳал менамояд»[25].

Дар шароити иқтисодиёти чунин мамлакатҳо ҳанӯз муборизаи шиддатнок байни системаи муносибатҳои куҳна ва нав, байни методҳои хоҷагидории рафтаистодаи амрдиҳӣ ва методҳои хоҷагидории бозории то ҳол қувват нагирифта ҷой дорад. Барои ин, дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ ногузир аст, то ки муносибатҳои бозорӣ ташаккул ёбанд ва рушд кунанд. Бо пешрафти муносибатҳои бозорӣ дар мамлакат эҳтиёҷот ба дастгирии давлатӣ кам мешавад ва оқибат зарурат намемонад.

Дар ин замина, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки рушду такомули фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир, пеш аз ҳама, аз устувории он ба сатҳи механизмҳои такмилдиҳии дастгирии давлатӣ вобастагӣ дорад, ҳарчанд дар баъзе кишварҳо нақши муҳимми давлат дар сатҳи дастгирии соҳаҳо, бахусус соҳибкории саноатӣ, коҳиш

[24] Рауфи А. Конкурентная экономика. / Под общ. ред. доктора экономических наук, профессора О.Б. Бобоева. – Душанбе: Дониш», 2014. – С. 242.

[25] Ҳамон ҷо. – С. 250.

ёфта, дар ин замина санадҳои қабулгардидаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки соҳаҳои алоҳида, аз ҷумла, бахши хусусиро ба танзим медароранд, на дар амал ва на дар дигар ҳолатҳо иҷро мешавад. Ин ҷо махсусан, масъалаҳои ташаккули низоми муассири такмили дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории саноатӣ, ҳимояи манфиатҳои соҳибкорони ватанӣ, рақобатпазирии онҳо ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ; таъсис ва фаъолияти бозори маҳсулот ва хизматрасонӣ; маблағгузорӣ ва қарздиҳии истеҳсолот, рушди иҷтимоии аҳолӣ ва ғайра аҳаммияти зиёд пайдо мекунанд.

Ҳамзамон бо ин, тартиби мавҷуда дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир барои коҳиши ҳаҷми истеҳсолот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ монеаро ба вуҷуд намеоварад, балки самаранокии истеҳсолот ва зарурати дастгирии давлатии ҳадафманди истеҳсолкунандагони мушаххаси маҳсулот ва хизматрасониро кам ба назар мегирад.

Чорум, дар шароити иқтисодиёти бозории муосир муборизаи шиддатноки рақобати бозорӣ дар байни соҳибкорони саноатӣ, ҳам дар бозорӣ дохилӣ ва ҳам дар бозори беруна, ҷой дорад. Ҳалли бисёр масъалаҳои рақобати бозорӣ барои корхонаҳои соҳибкорони саноатӣ бе дастгирии давлатӣ номумкин аст. Дар шароити муборизаи рақобатноки иқтисодиёти бозорӣ, рақобат–локомотиви пешбарандаи корхонаҳои соҳибкории саноатӣ мебошад. Вобаста ба ин, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санаи 15 апрели соли 2009) ба соҳибкорон ва саноатчиён муроҷиат намуда, таъкид доштанд: *«...Талаб карда мешавад, ки онҳо бо ҳисси баланди масъулиятнокӣ дар назди давлат ва ҷомеа, иҷрои ӯҳдадориҳои худро оиди истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир таъмин намоянд»*[26]. Бо дарназардошти ин масъала, дар фаъолияти соҳибкорони саноатии мамлакат ҷорӣ кардани муносибатҳои бозории пешқадам ва таъмини

[26] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Рахмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 апрели соли 2009. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 58.

рушди иқтисодиёти рақобатпазир барои дар мубориза‌и рақобатноки бозорӣ ишғол намудани мавқеи даркорӣ дастгирии давлатӣ зарур аст.

Албатта, ҳангоми таъмини рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир соҳибкорони уҳдабарои соҳа ҳамаи кушишҳоро барои ба даст овардани муваффақиятҳои муайян равона мекунанд. Онҳо мехоҳанд, ки дар натиҷаи амалӣ кардани дастгирии давлат бояд баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳибкорони саноатии ватанӣ таъмин карда шавад. Вале ба ин ҳадафи муҳим дар муборизаи рақобатноки бозорӣ бе технологияи пешқадами ҳозиразамон муваффақиятро соҳиб шудани соҳибкорони саноатӣ хеле душвор аст. Бинобар ин, ҳамаи чораҳоро дидан зарур аст, ки дар Тоҷикистони имрӯза бо мақсади ҳамаҷониба рушд додани саноати коркард дастгирии давлатӣ равона гардад, рушди истеҳсолоти илмталаб дар соҳаҳои саноат таъмин карда шавад, «...то ки соҳибкорони ватанӣ дар коркарди ашё ва гирифтани маҳсулоти ниҳоии тайёри саноатии рақобатпазири ватанӣ ба воридкунии техника ва технологияи хориҷӣ рӯй наоранд, балки шароит фароҳам оварда шавад, ки соҳибкорони ватанӣ техника ва технологияи пешрафтаи муосири худии ба рақобати баланди бозорӣ тобоварандаро пешниҳод карда тавонанд. Маҳз базаи индустриалӣ асоси фундаменталии моддии рушди ҷараёнҳои технологияи баланди муосир, масалан, инноватсияҳои пешоҳангӣ (пионерӣ), ба монанди системаҳои ахбории навтарин, биотехнология, нанотехнология мебошад»[27].

Дар сурати нокифоя будани сармоя, зарурати пайдо кардани манбаъҳои иловагии сармоягузорӣ ба вуҷуд меояд, ки дар фаъолияти амалии соҳибкорони саноатии ватанӣ асосан аз ҳисоби низоми қарздиҳӣ таъмин карда мешавад. Нобаста ба дигар равандҳо, дар раванди рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир манбаъҳои қарздиҳии мизони (ставкаи) баланди қарз муайян гардида, онҳо дар шароити муосир барои пешбурд ва рушди фаъолияти иқтисодӣ фоидаовар нигаронида шудаанд. Бо

[27] Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – № 3. – С. 55.

дарназардошти ин, масъалаҳои ташаккули низоми устувортари дастгирӣ ва танзими соҳибкории саноатӣ ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ матраҳ мешаванд, ки дар навбати худ, ба такмили минбаъда, низомбандӣ ва мушаххасозии сарчашмаҳо ва раҳнамудҳои нави воридшавии манбаъҳои молиявӣ зарурат доранд.

Панҷум, асосноккунии методологии дигари зарурати дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба вазъияти имрӯзаи иқтисодиёти бозории муосири мамлакатҳои баъдисотсиалистии, аз ҷумла Тоҷикистони рӯй ба иқтисодиёти бозорӣ оварда алоқаманд мебошад. Ҳамчун мамлакати соҳибистиқлол ва соҳибихтиёрии имрӯза ба иқтисодиёт ва бозори муосири ҷаҳонӣ ворид шудааст, ки дар он мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодии ҷаҳон нақши калон доранд ва онҳо мувофиқи талаботҳои иқтисодиёти бозории баъдииндустриалӣ фаъолият мекунанд. Дар чунин шароит ба ҷойи бозори фурӯшандагон бозори истеъмолкунандагон ҳукмрон мебошад, ки дар вай истеъмолкунанда шахси аз ҳама муътабар аст, фикри вай ва хоҳиши вай қонун мебошад. *«Акнун истеъмолкунандагон натанҳо моли хуб, балки моли аз ҳама беҳтарини сифати баланд ва нархи паст доштаро хоҳиш доранд, чунки бо истифодаи воситаҳои ахбор ва дигар дастовардҳои илмию техникии муосир сатҳи фарҳангии истеъмолкунандагон хеле баланд гаштааст ва мувофиқан хоҳиши истеъмолии онҳо сатҳу сифати баландро доранд»*[28]. Вобаста ба чунин талаботи истеъмолкунандагони бозори истеъмолӣ, талабот дар бозори корхонаҳо ба воситаҳои истеҳсолот низ мувофиқан тағйир меёбад. Акнун барои корхонаҳои соҳибкорони саноатӣ воситаҳои истеҳсолоти сатҳу сифати баланддошта заруранд, то ки онҳо молҳои тайёри саноатии сатҳу сифати баланддоштаро мувофиқи талаботи истеъмолкунандагон истеҳсол карда тавонанд. Қонеъгардонии чунин талаботи корхонаҳои соҳибкорони саноатии рақобатпазирро танҳо дар асоси дастгирии давлатии рушди корхонаҳои соҳибкорони саноатӣ иҷро кардан мумкин аст.

---

[28] Рауфӣ А. Рушди перспективии комплекси нақлиёти Тоҷикистон. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – № 3. – С. 119.

Барои корхонаҳои соҳибкорони саноатии рақобатпазир дар чунин шароити иқтисодиёти бозории муосир иштирок ва фаъолият карда тавонистан, ногузир мегардад, ки ҳар яке *«бисёр муносибатҳои истеҳсолии то индустриалӣ ва индустриалиро дар як сӯй (дар қафо) мононда, аз онҳо гузашт карда тавониста, бо муносибатҳои истеҳсолии иқтисодиёти баъдииндустриалӣ фаъолият карда тавонад»*[29]. Фаъолият карда тавонистани корхонаҳои соҳибкорони саноатии рақобатпазири мамлакат дар чунин вазъ ҳамаи онҳоро «*...вазифадор мекунад, ки мувофиқан ба талаботҳои иқтисодиёт ва бозори ҷаҳонии муосир ҷаҳиш карда тавонанд, то ки онҳо натанҳо истифода кардани муносибатҳои истеҳсолии иқтисодиёти индустриалию аграрӣ ва индустриалиро дар як сӯй мононда, гузашт кунанд, балки ҷавобан ба талаботи иқтисодиёти муосири баъдииндустриалӣ муносибатҳои истеҳсолии иқтисодиёти индустриалии инноватсиониро дар фаъолият»-и*[30] истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои тайёри рақобатпазири саноатии худ самаранок амалӣ карда тавонанд.

Муҳим аст, таъкид намуд, ки ҳангоми дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо ҳам алоқаманд ва аз ҳамдигар вобастагии зич доранд. Дар ин маврид бояд инҳисори (монополияи) давлатӣ ба пешбурди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир вуҷуд надошта бошад, аммо аз сӯйи дигар, фаъолияти соҳибкории оқилона дар давраи муайян бе дастгирии давлатӣ буда наметавонад.

Ба ақидаи мо, месазад пеш аз ҳама, худи категорияи «дастгирии давлатӣ» аниқ карда шавад, зеро таҳти ин мафҳум бояд ташаккули огоҳонаи воситаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ, ба вуҷуд овардани механизмҳо барои рушди фазои рақобат дар бахши соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар он, фаҳмида шавад. Ба сифати манбаи «дастгирӣ» метавон фақат он манбаъҳоеро баррасӣ кард, ки ба соҳаи

[29] Ҳамон ҷо.
[30] Рауфӣ А. Рушди перспективии комплекси нақлиёти Тоҷикистон. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – № 3. – С. 119.

соҳибкории саноатии рақобатпазир ба муқоисаи манбаъҳои бозорӣ ё қарздиҳӣ ё ройгон, ё боимтиёз ҷалб карда мешаванд.

Вобаста ба ин, аз натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, ки шаклҳо, методҳо ва механизмҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро инъикос менамоянд, метавон натиҷагирӣ кард. Бисёре аз муҳаққиқон, ки ба таҳлили проблемаҳои рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ машғул мебошанд, дар як нуқта ҳамақидаанд: дар шароити хосси дигаргунии иқтисод, ки амалан тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ қарор доранд, инкишофи шаклҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир бе дастгирии ҳадафманди давлатӣ имконнопазир аст.

Масалан, муҳаққиқи рус В.Соколинский чунин мешуморад, ки *«дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар сиёсати иқтисодии давлат амалӣ мешавад»*[31]. Пажуҳишгари дигари рус В.Камаев дар ин бобат қайд менамояд: «Дар низоми тадбирҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ ҷанбаҳои амалӣ ва илмиро ҷанбаи амалӣ аз маҷмуи тадбирҳои мушаххас доир ба амалисозии танзими давлатӣ ҷудо мекунад.

Вазифаи равиши илмӣ таҳқиқоти муназзам ва воқеъбинонаи сабабҳо, амалҳо ва тадбирҳои равонашуда ба ташаккули рушди самараноктари иқтисоди миллӣ мебошад»[32].

Татбиқи сиёсати иқтисодӣ фақат дар сурати истифодаи маҷмуи тадбирҳо амалӣ шуда метавонад, ки механизми танзим ва такмили дастгирии давлатиро дар самти иқтисодро ташкил медиҳад. Барои ба коргирии онҳо донистани аломатҳои сохтории тадбирҳои мазкур зарур аст. Бо дарназардошти нишондиҳандаҳои интихобшуда, якчанд аломати таснифбандӣ вуҷуд доранд. Пажуҳишгарон А.В. Пикулкин ва Т.Г.Морозова барои баррасии самтҳои зерини дастгирӣ пешниҳод

---

[31] Ниг.: Российское обозрение малых и средних предприятий, 2001. – М., 2002. – С.10

[32] Ниг.: Камаев В.Д. Экономическая теория. – М., 1998. – С. 315 – 320.

мекунанд, ки «...ташаккули бозори маҳсулот, хизматрасонӣ; андозбандӣ; бима (суғурта); рушди соҳаи иҷтимоӣ; қарздиҳӣ»[33].

Тавре пажуҳишгарон Ф.Ф. Анюров ва С.В. Иванов барҳақ қайд менамоянд, ки «...танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ маҷмуи воситаҳои молиявию иқтисодӣ, созмондиҳию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ба мақсади фаъолияти устувор ва рушди соҳибкорӣ мебошад»[34].

Бобати амалисозии сиёсати давлатӣ дар фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир усулҳои калидӣ заруранд, бахусус:

– усули барномавию ҳадафмандӣ;

– усули протексионизм (ҳимояи соҳибкорони ватанӣ);

– усули низомнокӣ (аз нуқтаи назари ягонагӣ дар муносибат ба ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ);

– усули мушаххасот ва ҳадафмандии танзим;

– усули маблағгузорӣ–расонидани ёрии молиявӣ;

– усули интихобӣ.

Таҳти *усули барномавӣ–ҳадафмандӣ* муайян кардани ҳадафҳо ва ошкор намудани роҳҳои дастрасӣ ба ҳар кадом аз ин ҳадафҳо бо дарназардошти натиҷаи ниҳоӣ, ҳадафмандӣ, муайян кардани таъминнокӣ бо манбаъҳо ва ҷустуҷӯйи сарчашмаҳои сармоягузорӣ дар назар аст. Ҳамаи ин бояд дар барномаҳои рушди соҳибкории рақобатпазир (сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ) инъикос ёбанд.

*Сиёсати протексионизм* бо роҳи ҳимояи соҳибкорони маҳаллӣ аз шарикони хориҷӣ ва дигар шарикон бо кумаки тадбирҳои гумрукӣ–тарифӣ амалӣ мешавад.

*Усули низомнокӣ* дар заминаи ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати давлатии дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир ташаккул ва

---

[33] Государственное регулирование экономики и социальный комплекс / Под ред. Т.Г. Морозовой и А.В. Пикулькина, 1998. – М.: Финстатинформ,1997.

[34]Анимица Е.Г. Новая парадигма развития предпринимательства в России. – Екатеринбург: Уральский гос. экон. ун–т, 1996. – С. 53.

рушди низоми муносибати ягона, методҳо, шаклҳо ва механизмҳои дастгирии молиявию қарздиҳӣ ва дастгирии инфрасохтори рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва самтҳои калидиро, ки дар барномаҳои дахлдори дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир асоснок шудаанд, дар назар дорад.

Таҳти *усули ёрии молиявӣ расонидан,* такя ба неруи худӣ, яъне тақсими салоҳият байни соҳибкорон ва низоми идоракунӣ фаҳмида мешавад, ки дар он тақсими манбаъҳо ва салоҳият на аз боло ба поён, балки аз поён ба боло сурат мегирад.

*Усули дастгирии интихобӣ* ба таври дучониба тафсир ва шарҳ дода мешавад: дастгирии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳо ё минтақаҳо; дастгирии гурӯҳҳои муайяни субъектҳои соҳибкории хурд (коргоҳу корхонаҳои нави хурд, бизнеси занон, ҷавонон, бизнеси хурди инноватсионӣ ва ғайра).

Бад-ин тартиб, танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ самти мустақили сиёсати давлатии иқтисодӣ мебошад. Амалисозии танзими давлатӣ ташаккули низоми ниҳодии (институтсионалии) зарурииро талаб менамояд, ки мақомоти идоракунии давлатиро бо вазифаҳо ва салоҳияти муайян дар соҳаи идоракунии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир фаро мегирад.

Таҳлилу омӯзиши самтҳои асосии дастгирии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар шаклҳои зерин ҷудо кард:

- *дастгирӣ дар соҳаи молия*–амалисозии тарҳҳои давлатии ҳадафноки қарзӣ, кафолати қарз (кредит), вогузории имдоди молиявии имтиёзнок ва ройгон, пеш аз ҳама, барои истеҳсолот, иштироки фаъол дар ташаккули захираҳои ташкилотҳои гуногун, таъмини пардохтпазирии қарзи корхонаҳо:

- *дастгирӣ дар соҳаи идоракунӣ* – машваратдиҳӣ, омӯзиш, таъмини иттилоот, маблағгузорӣ ва иштирок дар кори ташкилотҳо, ки бевосита субъектҳои фаъолияти соҳибкории саноатиро дастгирӣ мекунанд ва дар ин

замина шароити мусоидро фароҳам оварда, ёрии заруриро дар таҳия ва интиқоли технология мерасонанд;

- *сиёсат дар соҳаи андозбандӣ*–вогузории имтиёз дар соҳаи андозбандӣ, ҷорӣ намудани низоми босуръати фарсоиши (амортизатсияи) фондҳои асосӣ ва истисно кардани ҳисоби фарсудашавӣ (фарсоишӣ) аз объектҳои андозбандӣ;

- амалисозии сиёсати давлатии зиддиинҳисорӣ ҷиҳати таъмини шароити мусоиди муносибатҳои пудратӣ ва муомилот доир ба фармоишҳои давлатӣ.

Ба ақидаи мо, ба механизмҳои асосии дастгирии давлатии молиявӣ ва молу мулки соҳибкории саноатӣ инҳо дохил мешаванд:

1) бунёди корхонаҳои саноатӣ бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ бо шартҳои имтиёзнок ё ройгон;

2) мавҷудияти имтиёзҳои андоз–озодкунӣ аз тамоми навъҳои андоз тайи давраи тулонӣ;

3) имтиёзҳои қарзӣ – бефоиз ё қарздиҳии имтиёзнок ба соҳибкорони саноатӣ;

4) ба муассисони корхонаҳои нави саноатӣ ба таври ройгон додани замин, бино, таъсисот барои мақсадҳои истеҳсолӣ;

5) ташаккули фондҳои дастгирии соҳибкории саноатӣ;

6) таъмини супоришҳо ва фармоишҳои буҷетӣ барои самаранокии истеҳсолот .

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки ислоҳот дар шароити иқтисоди гузариш аз тадбирҳо доир ба ташкили шабакаҳои тиҷоратии хурд, аксар вақт бо нархҳои гуногун барои таъсиси шаклҳои нави фаъолияти хоҷагидорӣ–корхонаҳои хусусӣ оғоз гардид. Давлат асоси устувори меъёрии ҳуқуқиро ташаккул надод, ки ин то андозае ба тағйири табиати фаъолияти соҳибкорӣ, қабл аз ҳама, соҳибкории хурд мусоидат кард.

Бояд таъкид кард, ки дар низоми дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ дар кишварҳои алоҳида метавон якчанд сатҳи дастгирӣ бо дарназардошти сохтори шаклгирифтаи идоракунӣ ва раванди буҷетсозӣ: ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро фарқ кард. Ҳар як аз ин сатҳ низоми устуворро ташаккул дода, онҳоро дар чанд баста (блок) нишон додан мумкин аст (расми 1.2.1.).




**Расми 1.2.1. Шаклҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз расми 1.2.1. дида мешавад, ки байни вазифаҳои системаи дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир робитаҳои наздик вуҷуд дорад. Бахусус ин робита дар байни сатҳҳои дастгирии соҳибкории хурд хеле хуб ба мушоҳида мерасад. Мақомоти маҳал дар шаҳру ноҳияҳо

метавонанд тарҳи мушаххас доир ба идоракунии омилҳои беруна ва дар сатҳи минтақа (вилоят, ноҳия)-ро тавассути омода кардани санадҳои меъёрӣ ва методӣ дар созмондиҳии объектҳои зерсохтор амалӣ намоянд.




**Расми 1.2.2. Механизми ҳамкории мутақобилаи мақомоти марказӣ, минтақавӣ дар рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, натиҷаи зарурати тақсими салоҳияти байни мақомоти давлатии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва сатҳи минтақавӣ (маҳаллӣ) ҷиҳати дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба ақидаи мо метавонанд ба тартиби зерин сурат гиранд (расми 1.2.2).

Аз расми 1.2.2. дида мешавад, ки дастгирии давлатӣ дар марказ ва маҳалҳо аз рӯи тартиботи қабулшудаи давлатӣ мегузарад. Вазифаҳои асосии мақомоти маҳаллӣ ҷиҳати дастгирии соҳибкории саноатии рақобат бояд чунин бошад: таҳияи усулҳои ягонаи созмондиҳии шаклҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир; муайян намудани афзалиятҳои кумаки давлатӣ ба корхонаҳои хурд ва миёна; ташаккули фонди манбаъҳои молиявӣ аз ҳисоби маблағи буҷет ва тарҳрезии усулҳои тақсими ин маблағ байни вилоятҳо (ва ноҳияҳо); ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои давлатии алоқаманд ба дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ.

Маҳз равандҳои муайяни дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар сатҳи маҳаллӣ, аз қабили имдоди молиявӣ (субсидия), қарзҳои имтиёзнок ва кафолати онҳо, амалӣ намудани имтиёзҳо доир ба андозбандӣ, таъмини фармоишҳои давлатӣ ба корхона ва коргоҳҳои хурду миёна аз ҳисоби муассисаҳои давлатӣ, дигар имтиёзҳо бо дарназардошти имконот таъмини неруи барқ дар ҳама фасл, таъмини об ва дигар хизматрасонӣ, мусоидат ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, таъмини ҳуқуқ ва имтиёз барои соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонад рушди соҳибкории саноатиро таъмин намояд.

Созмондиҳии низоми самаранокии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба сабаби зарурати инкишофи миқдорӣ ва сифатӣ ва рушди тавонмандии содиротии бахши соҳибкории иқтисоди миллӣ муҳим аст.

Ба ақидаи мо, ҷузъҳои калидии рушди низоми такмили дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазирро бояд нуқтаҳои асосии зерин ташкил диҳанд:

1. Таҳияи санадҳои махсуси қонунгузорӣ барои муайян намудани ҳадафи сиёсати давлатӣ, ҳамчунин, маҷмуи масъалаҳои дастгирии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир, аз ҷумла муайян намудани вазифаҳои мақомоти давлатии идоракунӣ ва механизмҳои амалисозии онҳо;

2.Ташаккул ва амалисозии системаи барномаҳои давлатии мусоидати молиявӣ, технологӣ, иттилоотӣ, машваратӣ, иқтисодӣ, хориҷӣ, кадрӣ ба субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир;

3. Таносуби тадбирҳои бевосита ва бавоситаи дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир, яъне барнома ва тарҳҳои бевосита самтгиришуда ба ҷуброни ин ё он нуқсонҳои хосси соҳибкории хурд ва тадбирҳои дорои ҷанбаи қонунгузорӣ, иқтисодӣ ва созмондиҳии равонашуда ба фароҳамоварии шароити мусоид барои рушди фаъолнокии соҳибкории саноатии рақобатпазир;

4. Муайян намудани маблағ барои татбиқи барномаҳои дастгирии шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир аз буҷети сатҳҳои алоҳида, бакоргирии механизмҳои ҳавасмандкунандаи андоз, истифодаи шакл ва усулҳои гуногуни маблағгузорӣ, тавсеаи қарзи хусусӣ ва сармоягузорӣ барои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо роҳи кафолати давлатӣ, бима (суғурта) ва ҷуброни саҳми шарикӣ;

5. Тақсими самараноки вазифаҳо байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва вогузории салоҳият дар сатҳи минтақаҳо, зимни ҳифзи вазифаҳои умумии ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ (ҷумҳуриявӣ), ки ягонагии фазои иқтисодӣ ва танзими хоҷагидорӣ дар кишварро таъмин менамояд;

6. Созмондиҳии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки манфиатҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар доираи ба назаргирии мавқеи онҳо ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ифода менамояд;

7. Такмилдиҳии сиёсати давлатӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир, кӯмаки мутақобила ва кооператсияи дохили бахши соҳибкорӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ, рушди устувор ва тараққии самараноки он мусоидат мекунад;

8.Ташаккули системаи рушдёфтаи ниҳодҳои тахассусӣ, ки амалисозии сиёсати давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазирро таъмин менамоянд. Ба онҳо дохил мешаванд: мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияи соҳибкорон, объектҳои махсуси зерсохтори дастгирии соҳибкорӣ *(фондҳо, ташкилотҳои қарзӣ, бимавӣ (суғуртавӣ), кафолатӣ, технопаркҳо, ҳавзаҳои саноатӣ ва полигонҳо, сохторҳои таълимӣ, машваратӣ, иттилоотӣ, лизингӣ, хизматрасонӣ ва ғайра)*.

Шаклҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро аз рӯйи ҷанбаи таъсиррасонӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, метавон ба бевосита ва бавосита ҷудо кард.

Шаклҳои бевоситаи дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир чунин намудҳои дастгирии субъектҳои фаъолияти соҳибкорианд, ки мақомоти давлатӣ мустақиман ба кор мебаранд, яъне бе дастгирии дигар объектҳои фаъолияти хоҷагидориро дар бар мегирад. Масалан, муайян намудани андози имтиёзнок, ҷудо кардани маблағи буҷетӣ барои маблағгузории имтиёзноки тарҳҳои ояндадор, вогузории имтиёзи давлатӣ барои иҷора ба раванди соҳибкории саноати, мизони (ставкаи) имтиёзнок ва ғайра.

Ба шаклҳои бавоситаи дастгирии соҳибкории саноати рақобатпазир чунин навъҳои дастгирӣ, ба монанди вогузории субвенсия ва дотатсия ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба сифати ҳавасмандкунӣ барои сатҳи баланди рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дохил мешаванд. Ин шакл маъмулан, бавосита бо роҳи ҳавасмандкунии корхонаҳои бузург ва миёнаи саноатӣ, муассисаҳои бонкӣ

ва ширкатҳои бима (суғурта), ҳамчунин, унсурҳои зерсохтори соҳибкории таъминкунандаи шароити муассири рушди ин субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ (ширкатҳои лизингӣ, марказҳои таълимӣ, шаклҳои консалтингӣ ва аудиторӣ ва ғайра) амалӣ мешавад.

Бартарии методҳои бавоситаи дастгирии рушди соҳибкории саноатии рақобат дар кишварамон ва минтақаҳои он аз ҳадафнокӣ, мушаххас будани кумаки давлатӣ, аз намуд ва аҳаммияти субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ иборат мебошад.

Ба ин тартиб, тавре ки профессор Д.Б. Қодиров таъкид менамояд: «Бо роҳи бакоргирии методҳои бавосита дастгирии давлатии молиявии ҳар як субъекти хоҷагидорӣ, ки ба ин ҳақ доранд ва ба фаъолияти босубот ва самаранок манфиатдоранд, амалӣ мешавад»[35]. Чунин таснифбандӣ ҳангоми интихоби воситаҳо барои ҳаллу фасли вазифаҳои ҳам умумидавлатӣ ва ҳам минтақавии дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, дар шароити норасоии манбаъҳои буҷетӣ бояд шаклҳои бавоситаи дастгирӣ ба таври муносибтар истифода бурда шаванд, чунки аксари онҳо манбаъҳои молиявии зиёдро талаб намекунанд ва бо ҳавасмандкунии фаъолияти сохторҳои гуногуни мусоидатрасон ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир алоқамананд.

Аз нигоҳи вазифавӣ тамоми низоми тадбирҳо доир ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар сатҳи кишвар ва минтақаҳои онро метавон аз рӯйи се меъёри асосӣ таснифбандӣ кард: методҳои созмондиҳию зерсохторӣ, молиявию андозӣ ва молу мулкӣ.

Методҳои созмондиҳию зерсохтории дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ ва баъзе минтақаҳо, ҳамчунин, бо ташаккули сохторҳои махсуси хизматрасон ба субъектҳои соҳибкорӣ алоқаманд аст. Ба чунин шакли дастгирии соҳибкории саноати

[35] Кодыров Д. Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния. – Воронеж: ВГУ, 2004.– С. 177.

метавон бақайдгирии содашудаи субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо, системаи ба тартиб даровардашудаи назорат ва тафтиши корхонаҳо дар ҷумҳурӣ ва баъзе минтақаҳо; вогузории иттилооти маркетингӣ, гузаронидани консалтинг, аудит ва ғайраро дохил кард.

Ҷузъи асосии механизми созмондиҳию зерсохтории дастгирии давлатӣ таъсиси зерсохтори рушдёфта мебошад, ки ба амалисозии механизми ҳуқуқии дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар иқтисодиёти миллии кишвар ва минтақаҳои он мусоидат мекунад.

Дастгирии давлатӣ бояд на ба дастгирии маъмурию фармонфармоии соҳибкории хурд ва миёна, балки ба ташаккули зерсохтори зарурии бозорӣ дар кишвар, системаи дастгирии давлатӣ ва ҷамъиятии рушди он равона шуда бошад.

Ниҳоди дигар Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар марҳалаи муҳим ҷиҳати ҳимоя ва дастгирии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он фаъолият менамояд. Вазифаи асосии хадамоти мазкур иборат аз таҳияи пешниҳодҳо ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушд ва ҳимояю дастгирии молистеҳсолкунандагони соҳибкории саноатӣ мебошад, яъне ҳимояи манфиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ, ташаккул ва фаъолияти зерсохтори соҳибкории саноатӣ дар ҷумҳурӣ, баланд бардоштани муассирияти асоси қонунгузории соҳибкории саноатии рақобатпазир мебошад.

Фаъолияти босамари ин сохтори давлатӣ имкон медиҳад, ки самаранокии объектҳои зерсохтор, ҷузъҳои зерсохторӣ, системаи фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор гирад. Ин имконият медиҳад, дар раванди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ мушкилот ҳамаҷониба ҳаллу фасл гардида, робитаҳои мутақобилаи мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ,

корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ густариш ва қарорҳои идоравии самаранок қабул шавад. Инчунин, дар раванди механизмҳо такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир амалӣ карда шавад. Аммо дар шароити имрӯза шаклҳои созмондиҳию зерсохторӣ ҷузъи нисбатан заифи механизми дастгирии давлатӣ мебошанд, ки ин самаранокии амали дигар шаклҳои таъсири давлатӣ ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишварро коҳиш мебахшад.

«Яке аз хусусиятҳои хосси рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир маҳдудияти дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба манбаъҳои моддию техникӣ, молиявӣ, иттилоотӣ мебошад, ки боис ба манбаи заифӣ гардида, аҳаммияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои онро дар рушди иқтисоди миллӣ коҳиш мебахшад. Бо дарназардошти ин, дар байни олимон ақида дар бораи зарурати дастгирии молиявию андозӣ доир ба рушди соҳибкории саноатии хурду миёна ривоҷ ёфтааст»[36].

Методҳои молиявию андозии дастгирии давлатӣ шаклҳои гуногуни маблағгузории бевосита ва бавосита дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ва бакоргирии имтиёзҳои андозию гумрукиро ҷиҳати таъмини бонизоми онҳо фаро мегиранд. Ин методҳо имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, ҳавасмандкунии минтақаҳоро барои нишондиҳандаҳои баланди соҳибкории саноатии рақобатпазир, ҳавасмандкунии муассисаҳои бонкӣ ва ширкатҳои бимаро барои қарздиҳӣ ё бима (суғурта) кардани субъектҳои соҳибкорӣ ва дигар шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҷумҳуриро дарбар мегиранд.

Дар айни замон, бояд таъкид кард, ки шаклҳои алоҳидаи дастгирӣ ҳанӯз дар амалияи муосири фаъолияти хоҷагидории субъектҳои соҳибкории саноатӣ кам истифода бурда мешаванд. Илова бар ин, имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, ҷойгиркунонии фармоишҳои давлатӣ ва

[36]Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике РТ: тенденции и проблемы // Материалы республиканской научно-практический конференции. – Душанбе, 2014. – С.16.

дигар шаклҳои дастгирӣ ҳанӯз ба таври кофӣ таҳия ва истифода бурда намешаванд.

Дар рафти таҳлил ва таҳқиқот муайян гардид, ки омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар раванди фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар иқтисодиёти мамлакат бе дастгирии молиявӣ оқибати манфӣ дошта, истифодаи ғайриоқилонаи онҳо ва надоштани манбаъҳои сармоягузорӣ ба тороҷкунӣ, тақсими молу мулк, ғайривоқеъбинонаи онҳо, инчунин, дигар паёмадҳоро ба миён меорад. Муҳим аст, таъкид намуд, ки маблағҳои барои рушди ин бахш ҷудо гардида, то муассисаҳои фаъол дар баъзе минтақаҳо намерасад.

Ҳамин тавр, ғайримақсаднок истифода гардидани маблағҳо барои объектҳои истеҳсолии саноатӣ аз тариқи хусусигардонӣ ва хариди объектҳои бузурги давлатӣ бо нархҳои ночиз рӯй медиҳанд. «Аз ин ҷост, ки дар шароити ҷиноятқорӣ дар иқтисод ва сармоядории (капитализми) қавмию корпоративӣ хосси гузариши давраи иқтисодӣ набудани маркази ягонаи маълумоти умумӣ дар бораи корхонаҳо, муассисаҳо, сатҳи пасти назорати давлатӣ дар самти истифодаи маблағ, расмиятпарастии (бюрократизми) дастгоҳи давлатӣ–мансабдорӣ, дастгирии мустақими соҳибкорӣ дар минтақаҳо воситаи бойшавии муассисаҳои соҳибкории «худӣ» дар минтақаҳо ва дастгирии иқтисоди соягӣ мегардад»[37].

Таҳти методҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир истифодаи фаъоли моликияти давлатии ҳам моддӣ ва ҳам зеҳнӣ дар раванди мазкур дар назар гирифта мешавад. Масалан, истифодаи технологияи навтарин дар корхонаҳои соҳибкории саноатии мамлакат, амалиёти лизингӣ, механизмҳои кафолат бо истифодаи моликияти давлатӣ дар иқтисодиёт ба кор бурда шуда истодааст.

Шаклҳои муҳими дастгирии давлатӣ, ки махсусан барои иқтисодиёти давраи гузариш дар марҳалаи ташаккули механизмҳои бозорӣ хоссанд,

---

[37] Кодыров Д. Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния. – Воронеж: ВГУ, 2004. – С.177.

барои истифода ба мақсади рушди соҳибкории саноатӣ дар миқёси кишвар ва минтақаҳои вай аҳаммияти зиёд доранд.

Маҷмуи имдоди молиявӣ (субсидия), имтиёзҳои қарзӣ, андоз ва тадбирҳои дигар ба ақидаи мо, ба бозори корхонаҳои соҳибкории саноатӣ равона шудааст, аммо бо дарназардошти таварруми (инфлятсияи) баланд ва таъсири начандон зиёди он ба динамикаи истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ дар шароити имрӯза, ба назари мо, беҳтар хоҳад буд, агар ҷойгоҳи соҳибкории саноатӣ дар сохтори иқтисодиёти гузариш ва истеҳсолоти самтгиришуда ба стандартҳои нисбатан баланд ва талаботи истеъмолӣ муқаррар карда шавад.

Мушкилот метавонад ба системаи дастгирии соҳибкории саноатии рақобат дар кишвар зимни аниқ муайян кардани вазифаҳои ҳар як сатҳи идоракунӣ ва афзалиятҳои фаъолияти он ҳаллу фасл шаванд. Дар айни замон, бояд ҳудудгузории аниқ байни сиёсати мусоидати умумӣ ба фаъолнокии соҳибкорӣ дар кишвар ва тадбирҳои махсуси дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ санҷида шавад.

«Дастгирии иловагии давлатии соҳибкории саноатӣ дар мамлакат аз рӯйи чанд самт имконпазир аст»[38].

*Аввалан,* ба воситаи ҳамгироии корхонаҳои соҳибкории саноатии кишвар ба шабакаҳои истеҳсолии сохторҳои пуриқтидортари иқтисодӣ. Чунин сохторҳо, аз ҷумла, метавонанд гурӯҳҳои молиявию саноатӣ шаванд. Шаклҳои созмондиҳии чунин ҳамгироӣ метавонанд хеле гуногун бошанд: *франчайзинг, лизинг, шартномаҳои дарозмӯҳлат барои таҳвили воситаҳои такмилдиҳанда таҳти кафолати муайяни молиявии давлатӣ* ва ғайра.

«Яке аз муҳиммияти таъсиси соҳибкории саноатии рақобатпазир ин бозорҳои кафолатноки фурӯши маҳсулоти саноатӣ бо мақсади пайдо

---

[38] Абдуллаева Н. Предпринимательство: тенденции и перспективы развития в условиях углубления интеграционных процессов. – Душанбе: Мир полиграфии, 2005.– С.82-83.

намудани нуфузу эҳтиром дар гурӯҳҳои молиявӣ ва дарёфти бозорҳои содиротӣ мебошад»[39]. *Сониян,* фарогирии мустақили сегментҳои бозорӣ аз тарафи корхонаҳои соҳибкорони саноатӣ дар кишвар, ки роҳҳои дастгирии давлатиро дар самти андозбандӣ рушд мебахшанд.

Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории саноатӣ бояд ба он корхонаҳое равона гардад, ки тавонмандии зиёди инноватсионӣ ва имкониятҳои воқеии афзоиши ҳаҷми содирот, қабл аз ҳама, содироти ғайрианъанавиро дошта бошанд. «Чунин воситаҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ метавонанд инҳо бошанд:

–таъсиси фондҳои махсуси давлатӣ доир ба бимаи хатари (риски) сармоягузории соҳибкорӣ дар иқтисодиёти кишвар. Ин вазифаро метавонанд бо роҳандозии муносибатҳои агентӣ тавассути ширкатҳои нисбатан боэътимоди хусусӣ доир ба бима, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ хизматрасонии бимаи коргоҳҳои хурдро ба уҳдаи худ гирифтаанд, иҷро намояд;

– таъсиси бахши давлатии илм ва дигар марказҳои илмии ба соҳаи соҳибкории саноатӣ равонагардида;

– татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар корхонаҳои саноатии алоҳидаи кишвар, ки ҳамчун шаҳру ноҳияҳои саноатӣ эътироф гардидаанд;

– ҳавасмандкунии соҳибкорони саноатӣ бо таъсиси паркҳо, марказҳои техникию технологӣ, корхонаҳои хурду миёнаи инноватсионӣ ва муҳандисӣ, бизнес–инкубаторҳо дар марказҳои саноатии кишвар;

– роҳандозии механизмҳои сертификатсиякунонии маҳсулоти саноатӣ;

–интишори иттилоот бобати стандартҳои ҷаҳонӣ, ё дигар амволу хизматрасонӣ;

– омӯзиши хусусиятҳои миллӣ, минтақавӣ ва таърихӣ;

---

[39] Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике РТ: тенденции и проблемы // Материалы республиканской научно-практический конференции. – Душанбе, 2014. – С.19.

–истифодаи молу мулки корхонаҳои ғайрисамарабахш ва ғайриқобили пардохт ба сифати манбаи қавии таъмини корхонаҳои соҳибкории саноатӣ ва таъсиси объектҳои зерсохторӣ ва ғайра»[40].

Дар байни тадбирҳои консепсияи рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар зерсохтори бозор бояд ҷойгоҳи муҳимро ишғол намояд. Дар ин иртибот, ҷойи махсус ба ташаккули молистеҳсолкунанда ва вогузории озодии фаъолият ҷудо карда мешавад. Сохторҳои давлатӣ бояд аз фишори маъмурӣ ба соҳибкорон даст кашанд, чунки бозор на бо истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии истеҳсолкунандагон, балки аз тарафи молистеҳсолкунандагон ташкил мешавад, ки онҳо байни худ рақобат мекунанд.

Дигар омили дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар сиёсати давлатии иқтисодӣ–маҷмуи шаклҳои меъёрии ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодӣ ва молу мулкӣ мебошад, ки барои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир шароитҳои заруриро таъмин менамоянд. Таъмини шароити мусоид дар самти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ бобати ташаккули механизмҳои хоҷагидорӣ ба раванди истеҳсолоти соҳибкорӣ ва устувории тамоми системаи иқтисодӣ мусоидаткунанда мебошад.

Дар шароити муосир, ки соҳибкории саноатии рақобатпазир рӯ ба инкишоф аст, проблемаҳои вобаста ба номукаммалии механизмҳои татбиқ ва амалисозии қонунҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи рушди соҳибкории саноатӣ дар мамлакат ҷой доранд. «Чунин вазъ ба андозаи зиёд истифодаи мустақими моделҳои рушд ва дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар мамлакатро, ки дар як қатор кишварҳои пешрафта бомуваффақият татбиқ мешавад, мушкил ва ҳатто ғайриимкон месозад»[41].

---

[40]Ниг.: Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике РТ: тенденции и пробле-мы // Материалы республиканской научно–практический конференции. – Душанбе, 2014.–С.20.

[41] Шамина Л.К. К вопросу о состоянии современной инновационной инфраструктуры // Глобальный экономический кризис: реалии и пути преодоления:

Дар таъмини фаъолияти ҳама гуна системаи иқтисодӣ нақши муҳимро давлат иҷро мекунад. Давлат дар тамоми муддати мавҷудияти таърихии худ дар баробари вазифаҳои ҳифзи тартибот, қонун, созмондиҳии мудофиаи миллӣ, ҳамчунин, вазифаҳои муайянро дар соҳаи таъмини иқтисоди пешрафтаи миллӣ дастгирӣ менамояд. Дар шароити имрӯза ҳар як давлати мутамаддин дастгирии рушди соҳибкории саноатии миллиро бо сатҳи гуногуни даркорӣ амалӣ месозад.

Ташаккули рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар мамлакат яке аз вазифаҳои нисбатан мураккаб ва дар айни замон, муҳими давлат дар шароити иқтисодиёти бозории муосир мебошад. Зоҳиран, нодуруст мебуд, агар гуфта шавад, ки ҳоло чунин система вуҷуд надорад. Дар айни замон, бояд эътироф кард, ки омили мазкур, сарфи назар аз идомаиислоҳоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, дар марҳалаи ташаккул ва рушд қарор дорад.

Ташаккули консепсияи мукаммали рушди соҳибкории саноатӣ дар кишвар ва таъмини дастгирии он бе таҳқиқи тамоюлоти объективӣ, зиддиятҳои иқтисодӣ, манбаъҳои дохилии рушди иқтисодии соҳибкории саноатии рақобатпазир, шакл ва методҳои дастгирии он бо дарназардошти хусусиятҳои рушди иқтисод, амалӣ шуда наметавонад.

Ҳамин тариқ, дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ раванди мураккаб ва тулонӣ мебошад. Дар айни замон, бояд ба назар гирифт, ки вазифаи асосии пешбурди сиёсати давлатии ташаккули муносибатҳои бозорӣ мусоидат ба рушди зерсохтори соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати иқтисодии давлат нисбат ба соҳибкории саноатии рақобатпазири инноватсионӣ дар кишвар самаранок буда наметавонад, агар зерсохтори комплексии илман асоснокшудаи машваратӣ, омӯзишӣ дар сатҳи давлатӣ вуҷуд надошта бошад.

---

СПб.науч. ст. Вып. 7/Под общ. ред. В.В. Тумалева. – СПб: НОУ ВПО. Институт бизнеса и права, 2009.–С.128-131.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Саноатикунонии босуръати кишвар дар рушди иқтисоди миллӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои гуногунии истифодаи самараноки консепсияҳои муосир ва навсозии бахшҳои саноат, такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ дар истеҳсолот комёбиҳои амалии ватаниро бо таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар пайванди мантиқӣ фаро мегирад. Соҳибкории саноатӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон соҳаи афзалиятнок ба шумор рафта, рушду пешрафти он маҳз аз ташаккул ва татбиқи босамари зарфиятҳои истеҳсолӣ, муаррифии брендҳои нави ҷаҳонӣ, коҳиш додани сатҳи таваррум ва гардиши молу маҳсулот, бахусус, зиёд намудани сатҳи содироти молу маҳсулоти саноатӣ дар байни дигар кишварҳо мебошад.

Арзёбии накши иқтисодии миллӣ ва вазифаҳои он дар такмилдиҳии рушди давлатии соҳибкории саноатӣ дар консепсияи иқтисодӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Таҳлили таҳқиқоти муаллифони хориҷӣ дар ин самт аз мавҷудияти якчанд мактаби бештар ғайрилибералӣ шаҳодат медиҳад.Таваҷҷуҳи бештар ба таҳқиқоти муаммоҳо вобаста ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвархои пешрафта аз ҷониби намояндагони мактабҳои гуногуни таълимоти иқтисодӣ зоҳир кардаанд.

Бояд таъкид кард, ки иқтисоди муосири бозорӣ бе дахолати давлат тавони фаъолияти устуворро надорад. Ба бозор тамоюл ва амали зиддииҷтимоӣ хос аст, ки натанҳо боиси халалдор шудани таносуби микро, балки вайрон шудани таносуби макро низ мегардад, яъне ба вазъият ва равандҳои буҳронии молиявӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ ва дигар ҳолатҳои буҳронӣ оварда мерасонад. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки фақат дахолати давлат дар ҳаёти ҷомеа фаъолияти босамари онҳоро танзим менамояд. Илова бар ин, таҳқиқот муайян намуд, ки омӯзиши аксар давлатҳои мутараққӣ дар рушди соҳаҳои алоҳида, аз ҷумла саноати сабук,

бо татбиқи равандҳои истеҳсолӣ, инноватсионӣ, захираҳои табиӣ, институтсионалӣ ва ҳамгироӣ амалӣ мегарданд.

Омӯзиш ва таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар мавриди истифода бурдани зарфиятҳои истеҳсолии корхонахои саноатӣ ва роҳ ёфтан ба бозори ҷаҳонӣ мисоли барҷастаи ин раванд ба ҳисоб меравад. Хусусияти фарққунандаи истеҳсолоти Чин, бахусус дар саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, мошинсозию, саноати куҳӣ ва хӯрокворию масолеҳи сохтмонӣ, арзиши пасти маҳсулоти истеҳсолшуда, ки муваффақияти саноатчиён ҳисобида мешавад, мебошад. Истифодаи босамари занҷираи технологии истеҳсоли маҳсулот дар аксар ширкатҳои Чин танҳо аз ҳисоби сарфаи захираҳои моддӣ пас аз коркард истеҳсол мешаванд. Дар ин замина баъзан молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи ин ширкатҳо сифатан паст ва аз бисёр маҳсулоти дигар ширкатҳо қафомонда мебошад. Новобаста ба ин, бо дарназардошти арзиш ва паст будани нархи маҳсулот дар ин ширкатҳо, беш аз 26% бозори фурӯши ҷаҳонӣ ишғол ва мавқеи худро дар он мустаҳкамтар намудааст.

Маҳз дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ба самт ва шаклҳои истифодаи иқтидорҳои истеҳсолии соҳибкории саноатии рақобатпазир, ки дар истеҳсол ва таъмини маҳсулоти саноатӣ ҷойгоҳи махсус доранд, таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Ин раванд асосан дар татбиқи кластерҳои саноатии аксар минтақаҳои Чин ба қайд гирифта шудааст: «Дастоварди соҳаи саноати Чин тавассути ташкили кластерҳои саноатӣ дар минтақаҳои саноатӣ бо дарназардошти ашёи хом, ки ба сегментҳои мушаххаси бозор мутамарказ шудаанд, ба роҳ монда шудааст. Синергия аз фаъолияти ин кластерҳо имкон фароҳам сохт, ки онҳо дар иқтисодиёт рақобатпазир гардида, бо самаранокии баланд ва хароҷоти кам фармоишҳои шумораи афзояндаи ширкатҳои ватанӣ ва хориҷиро иҷро кунанд. Ба шарофати рушди

соҳибкории саноатӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ Ҷумҳурии Мардумии Чин тули солҳои зиёд дар бозори ҷаҳонӣ бартарӣ дорад»[42].

Самти дигари истифодаи самарабахши ҷиҳатҳои ташкилии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар Чин баланд бардоштани дараҷаи махсусгардони ва концентрацияи истеҳсолот бо дарназардошти мавҷудияти: *«тақсимоти аниқ дар байни шаҳру вилоятҳо доир ба навъҳои алоҳидаи маҳсулот мебошад (матоъ, ҷӯроб, трикотаж ва ғайра)»*. Ин сиёсат ба ширкатҳои чинӣ имкон дод, ки такрори нақшҳоро дар бозори дохилӣ бо афзоиши минбаъдаи иқтидори содиротии корхонаҳои саноатӣ ба таври назаррас бартараф кунанд.

Зимнан, муҳимтарин дарси таҷрибаи Чинро метавон дар амалкарди мақомоти вилоятии ин кишвар дар эҷоди зербино барои рушди корхонаҳои саноатӣ бо таъкид ба пешравии инноватсионии ин соҳа мушоҳида кард. Ба ин муносибат муҳаққиқ П.А. Карасев қайд кардааст: «Бо мақсади дастгирӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот, фароҳам овардани заминаи инноватсионии рушди соҳа мақомоти вилоятҳо ба ташаккули инфрасохтори соҳибкорӣ дар ҳудуди худ–паркҳои технологӣ, аз ҷумла марказҳои назорати сифат, хизматрасонӣ, омӯзишӣ, иттилоотӣ, марказҳои логистикӣ ва лоиҳакашии автоматии моделҳо, пажуҳишгоҳҳои таҳқиқотию илмӣ доир ба омӯхтани хусусиятҳои матоъҳо мусоидат мекунанд»[43]. Ба шарофати ин, ширкатҳои чинӣ ба шароити муҳити беруна бештар мутобиқ мешаванд.

Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешрафтаи Ҷопон, ки ба рушд ва такомули соҳибкории саноатии рақобатпазир такон медиҳад, истифодаи иқтидорҳои саноатӣ ва самаранокии истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ тавассути пешниҳоди маҳсулоти хушсифат ба бозори ҷаҳонӣ мебошад.

---

[42]Жапарова Р. Е. и др. Особенности развития легкой промышленности в зарубежных странах//Вестник университета «Туран». – Алматы, 2021. – № 2(90). – С.56.

[43] Карасев П.А. Зарубежный опыт инновационного развития легкой промышленности – секреты успеха в глобальной конкуренции//Транспортное дело России. – М., 2011. – № 11. –С.144.

Маҳз истеҳсоли маҳсулоти инноватсионии истеҳсолшуда чун анъана як макони бозори фурӯш барои ширкатҳои Ҷопон мебошанд. Илова бар ин, ба уфуқҳои иқтисоди инноватсионии баландтехнологӣ, ки маҳз дар асоси истифодаи оптималии сиёсати минтақавӣ доир ба кластеризатсияи сектори саноатӣ ва барқарор намудани робитаҳои мустаҳкам байни истеҳсолкунандагони ҳудудӣ тибқи принсипҳои бозории махсусгардонӣ дар се минтақаи калони саноатӣ: Токио – ноҳияҳои саноатии Йокогама, Нагоя, Осака-Кобе мавҷуд буда, ҳамкории мутақобилаи ширкатҳои хурду бузург, инчунин, интегратсияи илм, истеҳсолот ва тиҷоратро афзун менамояд.

Пажуҳишгарон П.А. Муҳсинова ва Д.А Ҳодиев қайд мекунанд: «Сиёсати кластерии Ҷопон ба он нигаронида шудааст, ки дар бозори маҳсулоти инноватсионӣ, баландтехнологӣ ва илмталаб мавқеи ширкатҳо идома ёфта, дар миқёси ҷаҳон ҳамчун «маркази коркарди ҷаҳон» эътироф пайдо намуда, бо баланд гардидани захираҳои бемаҳдуди «дониш» ва ашёи хоми воридотӣ ба бозори ҷаҳонӣ маҳсулоти дорои арзиши иловашударо таҳвил намоянд. Ба ибораи дигар, сиёсати кластерии Ҷопон ба рушди самтҳои афзалиятноки пешрафти илмию техникӣ, ТИК *(технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ),* аз ҷумла, таҳия ва истеҳсоли схемаҳои интегралӣ; истеҳсоли наномаводҳо ва нанотехнологияҳо; робототехника ва ғайра нигаронида шудааст»[44]. Бартарии назарраси ширкатҳои ҷопонӣ, тамаркузи онҳо ба омӯхтан ва пешгӯии талаботи истеъмолкунандагон тавассути таҳқиқоти маркетингӣ дар бозорҳои кишварҳое мебошад, ки аз рӯйи қобилияти пардохтпазирии аҳолии он ҷо фарқ мекунанд.

Таҳлили таҷрибаи ислоҳоти иқтисодии ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва Россия тайи бист сол аз он гувоҳӣ медиҳад, ки маъмулан, воситаи асосии ислоҳот тағйир ва такмили сохторӣ будааст, аммо дарси бухрони ҷаҳонии

---

[44] Муҳсинова П.А., Ҳодиев Д.А. Ташаккули кластерҳо дар саноати сабуки минтақа: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ. – Хуҷанд, 2022.–С. 54.–166 с.

иқтисодӣ самаранокии нокифояи ин воситаро нишон дод. Дар ин иртибот, бояд нақши давлат ва методҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории соҳаи саноат дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар аниқ карда шавад, ҳамчунин, бояд муносибати нав ба ислоҳоти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо бо иштироки давлат тарҳрезӣ гардад. Маҳз таҷрибаи Россия дар самти фароҳам овардани имкониятҳо бобати ҷалби сармоя ва сармоягузорон ба соҳибкории саноатии рақобатпазир боиси пешрафти иқтисодиёти ин кишвар, бахусус дар самти соҳибкории саноатӣ, гардидааст.

Аз рӯйи таҳлили адабиёти илмии ватанӣ маълум мешавад, ки вазифаҳои гузошташуда дар робита ба рушди саноатии иқтисоди кишвар ва рушди минбаъдаи босуръати он ба асоси технологияи пасосаноатӣ раҳнамудҳои ҳадафманди стратегии сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат ва илму техникаро муайян менамояд. Бо роҳи тарҳрезӣ ва амалисозии сиёсати саноатӣ таъсиррасонии давлат ба фаъолияти соҳибкории саноати дар минтақаҳои кишвар амалӣ мешавад. Шаклҳои татбиқи чунин сиёсат ва натиҷаҳои он аз сатҳи дастгирии давлатӣ (қавӣ ё суст), нақши он (фаъол ё ғайрифаъол), ҳамчунин, аз тадбирҳои давлатӣ (кӯтоҳмуҳлат ё дарозмуҳлат) вобастааст. Агар ба ин нишондиҳандаҳо омилҳои хосси вобаста ба махсусияти табиӣ, таърихӣ, фарҳангии системаи хоҷагидории сатҳи гуногун илова карда шавад, он гоҳ гуногуннавъии шаклҳо ва методҳои фаъолияти давлат барои амалисозии таҳаввулоти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи саноат дар минтақаҳои кишвар равшан намоён мешавад.

Ҳамин тавр, ислоҳоти соҳибкории саноатии рақобатпазири минтақавӣ бо он алоқаманд аст, ки ҷанбаҳои назариявии системаи созмондиҳӣ ва вазифаҳои идоракунии соҳаи мазкур муайян карда шаванд. Онҳо дар навбати худ, нақш ва ҷойгоҳи соҳибкории саноатии рақобатпазир дар иқтисоди минтақавиро дар доираи системаи ҳудудии созмондиҳӣ ошкор менамоянд.

Ислоҳоти фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо бо ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди минтақа алоқаманд аст. Маъмулан, ин ислоҳот дар стратегияи рушди минтақа, ки мақомоти ҳокимият қабул мекунанд, ҳамчунон, дар нақшаи ҳудудӣ ва сиёсати инноватсионӣ ва илмию техникӣ мушаххас гардида, дар барномаҳои рушди минтақавии комплексӣ, ҳадафнок ва соҳавӣ амалӣ мешавад.

Ташкили системаи идоракунии рушди соҳибкории саноатӣ дар кишвар мисли ҳар гуна системаи дастгирии давлатӣ бояд ба зерсистемаҳои мониторинг, диагностика, меъёрҳои самаранокӣ, муносибатҳои муайяни таъминкунандаи ҳамоҳангӣ ва сиёсати давлатии иқтисодӣ асос ёбад. Аз нуқтаи назари идоракунӣ, системаи ташкилии идоракунии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо аз қисмҳои (блокҳои) зерин иборат аст:

– тарҳрезии ҳадафҳо ва стратегия;

– таъмини манбаъии стратегияи тарҳрезишуда;

– амалисозии вазифаҳои назоратӣ;

–таъмини ниҳодӣ (институтсионалӣ) ва қонунмандӣ (таъсиси сохторҳои институтсионалӣ, таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ ва ғайра).

Дар айни замон, ҳадафҳо ва афзалиятҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҳудуди шаҳраки саноатӣ бояд бо ҳадафҳо ва афзалиятҳои умуман минтақа ва бо дарназардошти тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии он алоқаманд карда шавад. Азбаски афзалиятҳои фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир бояд аз нуқтаи назари рушди устувор баррасӣ карда шавад, пас назорат дар системаи идоракунии иқтисоди миллӣ тавозуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва институтсионалии рушди минтақаҳоро ба назар мегирад.

Асоси ташаккул ва татбиқи қонунгузории рушди фаъолияти соҳибкории саноатии кишварро бояд ҷузъи таркибии системаи минтақавии идоракунӣ бошад.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулият барои инкишофи минтақаҳо ба зиммаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ вогузор гардидааст. Дар ин иртибот, бояд зарурат ва аҳаммияти мавзеъгирии маркази идоракунии рушди бахши саноатии иқтисоди шаҳраки саноатӣ ва ислоҳоти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар доираи мақомоти ҳокимияти минтақавӣ таъкид карда шавад.

Дар стратегияи рушди устувори минтақаҳо ҷиҳати ба нақшагирии ҳудудӣ ва барномаи комплекси рушди минтақаю маҳал соҳаҳои нисбатан аҳамиятнок фаъолият ва нишондиҳандаҳои мутобиқ ба талаботро муайян карда метавонанд. Барои минтақаҳои саноатии таърихан шаклгирифта (ё самтгиришуда ба рушди саноатӣ) маркази идоракунӣ ва рушди бахши соҳибкории саноатии рақобатпазир бояд ба қисми (блоки) ё бахши иқтисодии мақомоти маҳал ворид карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки маркази идоракунӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар баъзе минтақаҳои кишвар ба самтҳои асосии зерин ҷудо карда мешаванд:

1)ташаккули ҳадафҳо ва стратегияҳо, таъмини ниҳодӣ ва қонунӣ;

2)таъмини манбаии стратегияи интихобшуда, амалисозии вазифаҳои назоратӣ.

Дар айни замон, қисми дуюми самт аз нигоҳи вазифавӣ тобеи қисми якум мебошад. Дар сатҳи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ фаъолияти ҳамоҳангшуда амалӣ гардида, рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ (системаи молиявӣ), экологӣ ва ниҳодии минтақа дар системаи нишондиҳандаҳои низоми иттилоотию таҳлилӣ, инъикоси васеи иттилоот тавассути низоми электронӣ («ҳукумати электронӣ») ҷиҳати рушди устувори он таъмин карда мешавад.

Надоштани таҷрибаи корӣ дар шароити бозорӣ барои баъзе соҳибкорон мушкилоти ташаккули индустриаликунонии мамлакатро ба миён меоварад ва зерсохтори рушднаёфтаи дастгирии иттилоотӣ ин

мушкилотро мураккабтар месозад. Таҳлили таҷрибаи хориҷии дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир имкон медиҳад, ки як қатор шаклҳо ва механизмҳои имконпазири амалишаванда дар доираи системаи иҷтимоию иқтисодии баъзе маҳалҳои ҷумҳурӣ ҷудо карда шаванд. Ба онҳо дохил мешаванд: таъсиси бизнес–инкубаторҳо, технопаркҳо, таъмини фармоишҳои давлатӣ, таъсиси маркази иттилоот барои дастрасии сармоягузорон, таъсиси маҳзани маълумот доир ба мавҷудияти ашёи хом.

Аз нигоҳи омӯзиш, барои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир таъсиси хадамоти махсуси машваратӣ ояндадор мебошад, ки вазифаи он иборат аз омода ва ҳамроҳӣ намудани тарҳҳои бизнес барои соҳибкории саноатии рақобатпазири бахши иқтисоди ҷумҳурӣ мебошад.

Вобаста ба ин густариш додани фаъолияти бюрои конструктории назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ аст. Ин ниҳод барои коркарди маълумоти пешниҳодшуда ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсолоти нав дар корхонаҳо ва воридоти таҷҳизоту технологияҳои наву замонавӣ фаъолият менамояд. Бюро ниҳоди комилан нави бозор буда, барои татбиқи истеҳсолоти нав аз тарафи бонкҳои кишвар бахусус (Саноат содирот бонк) ва ҷалби ширкатҳои дохилию хориҷӣ маблағгузорӣ мегардад. Вазифаи бюрои конструкторӣ мусоидат ба муколамаи байни илм ва истеҳсолот, қарздиҳанда ва қарзгиранда, корхонаҳои татбиққунандаи он мебошад. Бо дарназардошти натиҷаи фаъолияти нокифояи бюрои конструкторӣ, технологияҳои истеҳсолоти саноатии бо роҳҳои пардохти кредит, зерсохтори молиявӣ тавассути мубодилаи иттилоот оид ба кредит, ҳам дар кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ, тақвият ёфт, ки ин ба соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо таъсири мусбат расонид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шомили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) аст, қонунҳо ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, санадҳои амалкунандаи Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва

дигар кишварҳоро меомӯзад. Барои маълумоти мухтасар, дар расми 1.3.1. маълумотҳои омории вобаста ба ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ММД-ии давлатҳои ИДМ нишон дода шудааст.




**Расми 1.3.1 Ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ММД оид ба давлатҳои ИДМ дар соли 2022***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз маълумотҳои омории сомонаи UNECE https://w3.unece.org/PXWeb/ru/Table?IndicatorCode=11 .

Дар робита бо расми 1.3.1. ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 17,8%, Узбекистон 18,9%, Туркманистон 22,,0, Қирғизистон 19,9%-ро ташкил дода, омузиши таҷрибаи Қазоқистон 45,0%, барои ташаккули дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурии мо ва минтақаҳои алоҳидаи он хеле муҳим аст. Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ муайян менамояд, ки моделҳои гуногун тавассути татбиқи барномаҳо доир ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар аксар кишварҳо ҳамчун намуна бо равандҳои инноватсионӣ (механизми «натуралӣ» ва «махсуси» ҷорикунии

инноватсия, «ҳудуди пешқадам», «пешоҳанг», «расидан ба замонасозӣ (модернизатсия)» ва ғайра) амалӣ мешаванд. Бо дарназардошти заифии рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва равандҳои инноватсионӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон, метавон дар бораи қобили қабул будани модели замонасозии пояи техникии иқтисодӣ аз рӯйи намунаи азхудкунии технология, тарҳҳои илмию техникӣ ва маҳсулоти аллакай тавлидшуда дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ, ҳамчунин, бо такя ба тавонмандии худии илмию техникӣ, натиҷагирӣ намуд.

Тавре ки муҳаққиқ У.М. Ҷумаев қайд менамояд, дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ рушди босуръати техника ва технология яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи рушди устувори иқтисодӣ ба шумор меравад. Аксар кишварҳои инкишофёфта дар баланд бардоштани тавонмандии илмӣ, илмию техникии истеҳсолоти ватанӣ дар соҳаҳои алоқаманд бо технологияи пешқадам маблағгузории калон мегарданд ва ин соҳаҳо амалан тамоми соҳаҳои илмро фаро мегиранд. Олимӣ дар ин кишварҳо яке аз бонуфузтарин касб ба шумор рафта, сердаромад мебошад. Ба туфайли дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ, дар бисёр соҳаҳои илм ва саноат баландтарин натиҷаҳои эътирофшуда дар тамоми ҷаҳон ба даст меоянд. Маҳз барои ҳамин, омӯзиш ва мутобиққунонии таҷрибаи хориҷӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири минтақаҳои кишвар муҳим аст.

Ба ақидаи У. Ҷумаев: «Таҳлил ва мувофиққунонии таҷрибаи хориҷӣ бояд бо дарназардошти ҳам хусусиятҳои иқтисоди давраи гузариш ва ҳам хусусиятҳои мушаххаси инкишофи ин ё он кишвар (сохтори шаклгирифтаи истеҳсолот, менталитет, анъанаҳои фарҳангию таърихӣ) анҷом гирад. Дар кишварҳои дорои гузариш ба иқтисоди бозорӣ соҳибкории саноатии рақобатпазирро маъмулан, сабабҳои зерин халалдор мекунанд:

– буҳрони амиқи дигаргуншавӣ;

– бесуботии иқтисодӣ;

–дигаршавии сиёсати давлатӣ ба сабаби зарурати идоракунии ислоҳоти иқтисодӣ;

–коҳиши ҳиссаи хароҷоти буҷетӣ барои таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ ба сабаби камбуди (дефисити) буҷет;

–набудани ниҳодҳои бозории мусоидатрасон ба рушди инноватсионии соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо ва ғайра»[45].

Маҷмуи сабабҳои мазкур боиси он мегардад, ки дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ кишварҳои дорои иқтисоди гузариш аз истифодаи дастовардҳои воқеии илмию техникӣ дар муқоиса бо имкониятҳои эҳтимолӣ хеле ва хеле кам гардид.

Омӯзиши таҷриба нишон медиҳад, ки бо таваҷҷуҳ аз равандҳои ислоҳот, муаммоҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ) дар ин раванд ҳассостар мегардад. Мисоли равшани ин Федератсияи Россия мебошад, ки ҳоло раванди инноватсионии рушдро амалӣ намуда, бо зерсохтори институтсионалии рушднаёфта дар соҳаи соҳибкории саноатии рақобатпазир мувоҷеҳ мешавад. Бояд таъкид кард, ки таҷрибаи Россия барои Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба сабабҳои зерин дорои аҳамияти хос мебошад:

а) робитаҳои деринаи фарҳангию иқтисодии ҳифзшуда аз замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ;

б) шароити ҳаммонанди бармеомада аз равандҳои дигаргуншавӣ;

в) Россия аз нигоҳи рушди муносибатҳои бозорӣ ва такмилу инкишофи соҳибкории саноатии рақобатпазир аз бисёр кишварҳо пешрафта буда, бинобар ин, метавонад барои мамлакатҳои дорои иқтисоди сусттараққикарда ва дар ҳоли гузариш ба механизми саноатикунонӣ роҳнамо бошад.

---

[45]Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства Республики Таджикистан: дисс. ... канд. экон. наук. –Душанбе, 2010. –С. 12.

Дар Федератсияи Россия мушкилот ин нокифоягии равандҳои инновасионӣ дар истеҳсолот набуда, балки бо суръати баланд ворид гардидани он ба соҳаи соҳибкории саноатии рақобатпазир мебошад.

Масалан, дар ин кишвар худи тарроҳони инноватсияи саноатӣ ба ҷорисозии он машғул мебошанд, дар ҳоле ки дар ҷаҳон бизнеси инноватсионӣ вазифаи ширкатҳои махсуси венчурӣ, инжинерингӣ, машваратӣ (консалтингӣ) мебошад, ки зерсохторҳои касбиро ба вуҷуд оварда, олимон ва мутахассисонро бо бозор алоқаманд мекунанд.

Зарурати таъсиси сохторҳо дар Россия бо дарназардошти чунин омилҳо вобаста аст:

1) афзоиши нақши омилҳои инноватсионӣ дар рушди истеҳсолот, ки ба истифодаи пешрафти корҳои илмию техникӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар марҳалаи кунунии рушди иҷтимоӣ мусоидат мекунад;

2) бартараф кардани оқибати буҳрони иқтисодии давраи гузариш ва коҳиши истеҳсолот[46].

Дар айни замон, зимни таҳлили фаъолияти ширкатҳо ва фондҳои венчурии Россия аксари онҳо аз нигоҳи миқёс хурд буда, ба таври пароканда ва ғайрикасбӣ амал мекунанд. Бинобар ин, зарурати ташаккули зерсохтори муносиби дастгирии соҳибкории инноватсионӣ ба вуҷуд меояд. Ба мақсади баланд бардоштани самаранокии маблағгузорӣ дар тиҷорати инноватсионӣ тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

–татбиқи барнома доир ба дастгирии рушди сармояи венчурӣ амалӣ мешавад, масалан, барномаи Financing innovation, ки қисми Барномаи инноватсионии Комиссияи Аврупо ва барномаи Tasis буда, аз тарафи Иттиҳоди Аврупо барои ИДМ ва Муғулистон таҳия гардидааст;

---

[46] Инновационный менеджмент в России, Вопросы стратегического управления и научно-технологической безопасности.– М.: Наука, 2004.– С.35.

– ҳамкорӣ бо ширкатҳои хурди инноватсионӣ дар асоси бозгардонӣ аз маблағҳои фонди давлатӣ тавассути дастгирии молиявӣ;

– амалӣ намудани барномаи таҷрибавии Иттиҳодияи аврупоии сармояи венчурӣ, ки қаблан дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ роҳандозӣ гардида буд;

– таъсиси зерсохтори институтсионалӣ, ки аз фондҳои русӣ *(Фонди мусоидат ба рушди муассисаҳои хурд дар соҳаи илмию техникӣ, Фонди рушди технологияи Россия, Фонди таҳқиқоти фундаменталии Россия, Фонди федералии дастгирии соҳибкории хурд, ки бештар аз 50 фонди минтақавӣ, фондҳои дастгирии грантӣ),* ҳамчунин, аз фондҳои хориҷӣ: фондҳои минтақавии сармояи венчурии Бонки Аврупоии Бозсозӣ ва Рушд, Фонди «Аврупо–Осиё», Фонди таҳқиқот, рушди Финландия ва ғайра иборат аст.

Олимон таъкид мекунанд, ки «аз рӯйи андозаи сармояи венчурӣ бешубҳа, Британияи Кабир пешсаф аст (2,2 млрд. евро дар соли 2008 ба муқоисаи 1,8 млрд. евро дар соли 2007), баъдан Олмон (1,4 млрд. евро), Фаронса (1,0 млрд. евро) ва Нидерландия (0,5 млрд. евро) меоянд, ки дар соли 2008 нишондиҳандаҳои худро нисбат ба соли 2007 ду баробар кардаанд.

Бояд тазаккур дод, ки рушди пуравҷи ҳаҷми маблағгузории венчурӣ аз миёнаи солҳои 1990 оғоз шуд. Сабаби ин, тамоюли аврупоиҳо ба сармоягузорӣ дар саҳмияи ширкатҳои хусусӣ ва рушди бозори коғазҳои қиматнок буд. Тадбирҳои сиёсати давлатӣ низ дар рушди индустрияи сармояи венчурӣ дар Аврупо нақши муҳим мебозад»[47].

Ба ақидаи У.М. Ҷумаев оид ба таҷрибаи ҷаҳонии рушди инноватсионии соҳибкорӣ дар минтақаҳо, якчанд намунаи (модели) амалисозии онҳо вуҷуд дорад.

---

[47]Инновационный менеджмент в России, Вопросы стратегического управления и научно-технологической безопасности. – М.: Наука, 2004. –С. 70.

1.Намунаи «натуралӣ» ва «махсусгардонидашуда»-и механизми ҷорисозии инноватсия. Намунаи «натуралӣ» барои давраи пеш аз ислоҳоти Россия хос буд (то ҳадде он ҳанӯз ҳифз шудааст). Ин намуна бар хилофи варианти Ғарб, ки дар он ҷо ба ин масъалаҳо ниҳодҳои махсус машғуланд, ҷоришавии мустақилонаи инноватсияро дар назар дорад.

2.Намунаи «ҳавасмандкунии берунӣ» ва намунаи «худҳавасмандкунӣ».

Дар мавриди аввал, давлат ҷорикунии тарҳҳои илмӣ дар амалро ҳавасманд мекунад; дар мавриди дувум, омил манфиати худи таҳиягар мебошад, ки дар оянда даромадро интизор дорад. Таҷриба ғайрисамарабахш будани модели дувуми инноватсияро нишон додааст»[48].

Системаи марказонидашудаи маблағгузории инноватсия ва набудани ҳавасмандии беруна ва механизми камсамари истифодаи навоварӣ дар амал дар Иттиҳоди Шуравии собиқ (махсусан дар марҳалаи гузаштан аз истеҳсоли таҷрибавӣ ба истеҳсолоти оммавӣ) суръати рушди иқтисодиро ба таври ҷиддӣ бозмедоштанд. Дар айни замон, таваҷҷуҳи зиёд кардан ба афзалиятҳои илми фундаменталӣ (масалан, таъсиси шумораи зиёди шаҳракҳои академӣ дар минтақаҳои гуногуни Россия) боиси ба вуҷуд омадани идеяҳои бисёр, вале истифодаи инноватсионӣ кам шуд, ки дар солҳои ислоҳот дар хориҷа талабгор ёфта, фурӯхта шуданд (бисёр вақт бо нархи ночиз).

Бар хилофи инноватсияи намунаи (модели) русӣ, дар Британияи Кабир масалан, механизмҳои ба қадри кофӣ самараноки истифодаи натиҷаи таҳқиқоти фундаменталии илм дар амалияи соҳибкорӣ дар минтақаҳоро пайдо кардаанд. Тибқи андешаи У.М. Ҷумаев: «Дар Британия

[48] Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства Республики Таджикистан. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.43.

ҷоизаи махсуси хеле муътабар барои олимоне таъсис ёфтааст, ки тарҳҳои назариявии худро бо талаботи соҳаҳои иқтисод мувофиқ мекунонанд, яъне назарияро дар амалия татбиқ менамоянд. Дар натиҷа, аз охири солҳои 60-уми асри XX дар саноати хӯрокворӣ ва хӯроки ҷамъиятии ин кишвар технология ва таҷҳизоти пешқадам ҷорӣ шуданд, ки ҷараёни барқи басомадаш баланд, мавҷҳои барқию магнитӣ, гармии диэлектрикӣ ва шуъоҳои инфрасохтор истифода мебурданд. Албатта, номгӯйи чунин мисолҳо хеле зиёд аст»[49].

3.Намунаи «ҳудуди пешқадам» ва «расидан ба замонасозӣ (модернизатсия)» ё «таъқибкунӣ» дар доираи консепсияи рушди дарозмуҳлати соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ вобаста ба равандҳои инноватсионӣ амалӣ мешавад. Маънои намунаи «ҳудуди пешқадам» тавлиди маҳсулот ва технологияи усулан нави соҳибкорӣ ба асоси дастовардҳои охири илмию техникӣ ба мақсади ташаккули талаботи нав ва аз худ кардани бозорҳои нави фурӯш мебошад. «Дар истилоҳоти қабулкардаи мо дар ин ҷо, сухан дар бораи равандҳои инноватсионӣ меравад»[50].

Бояд қайд кард, ки «стратегияи «расидан ба замонасозӣ» бо гуногунавъии худ фарқ мекунад ва он ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо ба асоси мутобиқшавӣ бо шароити иқтисоди минтақавии аллакай ташаккулёфта ва маҳсулоти рақобатпазири қабл аз ин истеҳсолшуда дар кишварҳои пешрафтаи иқтисодии ҷаҳон самтгирӣ шудааст. Стратегияи мазкур асосан ба инноватсия равона шудааст.

---

[49]Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста про-мышленного производства Республики Таджикистан. – Душанбе: Ирфон, 2013.–С.44.

[50] Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста про-мышленного производства Республики Таджикистан. – Душанбе: Ирфон, 2013. –С.60

Намунаи «расидан ба замонасозӣ» ба се намуд ҷудо карда мешавад. Дар адабиёти илмӣ маъмулан, замонасозии «пешоҳангӣ» («пионерӣ»), ҳамчунин, «расидан ба замонасозӣ»-и навъи 1 ва навъи 2-ро ҷудо мекунанд. Замонасозии «пешоҳангӣ» барои рахнаи технологӣ дар муҷаҳҳазсозии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо самтгирӣ шудааст.

Намунаи «расидан ба замонасозӣ» зимни гирифтани технология аз кишварҳои дигар, дар Ҷопон бомуваффақият ба кор бурда шуда, ба ин кишвар иимконият дод, ки тайи солҳои охир суръати баланди рушд дошта бошад. Алҳол ин намунаро Чин, бо такя ба рушди афзалиятноки венчурии бизнеси хурд, амалӣ менамояд. Ҷумҳурии Мардумии Чин мисоли равшани кишваре мебошад, ки бо суръати зиёд ақибмондагии технологии худро бартараф мекунад»[51].

«Дар айни замон, Чин кишвари Россияро ба сифати таъминкунандаи асосии технологияи инноватсионӣ мешуморад, ки онро бо нархи нисбатан арзон (ба муқоисаи нархи бозори ҷаҳонӣ) мефурӯшад. Дар Чин ба ҷалби технологияи баланди Россия таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Масалан, дар музофоти Хейлунсзяни Чин дар соли 2001 инкубаторҳо барои ширкатҳои хурд таъсис ёфтанд, ки 50 тарҳи технологияи навтаринро амалӣ менамоянд. Дар ин ҷо Фонди ҳадафноки венчурӣ дар ҳаҷми беш аз 120 млн. долл. ИМА таъсис ёфтааст, ки вазифааш дар бозори берунӣ амалӣ намудани тарҳҳои илмию техникии таҳияшуда дар Россия мебошад; дар айни замон, сармоягузори асосии венчурӣ давлат мебошад»[52].

---

[51] Варшавский А.Е., Грубман С.А., Железняков Л.Г. Экономические реформы и изменение технического уровня отрасли//Экономика и математические методы. – М., 1996. Т.32. Вып.1.

[52] Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства Республики Таджикистан. – Душанбе: Ирфон, 2013.–С.72.

Таҷрибаи пешрафтаи Туркия дар мавриди тайёр кардани мутахассисони ватанӣ бо мақсади рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ҳамчун таҷрибаи пешқадам эътироф гардидааст. Дар ин робита, дар тамоми донишгоҳҳои Туркия ба самти афзалиятнок асосан тайёр кардани мутахассисон барои таъмини эҳтиёҷоти соҳаҳои саноат, бахусус, саноати сабук ва маҳсулоти дӯзандагӣ мувазаф буда, ҷиҳати омода кардани мутахассисони соҳаи саноати сабук дар марказҳои илмию таълимии кишварҳои пешрафта, давлат квотаҳо ҷудо менамоянд. Маҳз ин раванд Ҷумҳурии Туркияро тавонист аз ҷиҳати сифати маҳсулот мувозинати бозорро ба нафъи худ истифода ва аз бисёр мамлакатҳои Осиё пеш гузарад. Илова бар ин, Туркия маҳсулоти соҳаҳаи саноати сабукро танҳо дар асоси стандартҳои аврупоӣ истеҳсол мекунад ва он имкон медиҳад, ки бо ширкатҳои пешрафтаи Аврупо, аз қабили Фаронса, Олмон ва Италия, дар бозори ҷаҳон рақобат намояд. Таҷрибаи Туркияро дар ташаккул ва татбиқи самаранокии иқтидори соҳаи саноати сабук бахусус маҳсулоти дӯзандагӣ ба таври зайл ба низом даровардан мумкин аст (ҷадвали 1.3.1).

**Ҷадвали 1.3.1. Таҷрибаи Туркия ҷиҳати ташаккул додани тавонмандии рақобати корхонаҳои саноатӣ***

| ЧОРАБИНИҲО | САМАРА |
|---|---|
| Эътироф шудани соҳибкории саноатӣ ҳамчун бахши стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ | Ҷараёни таҳияи стратегияҳои мукаммали давлатӣ ба саривақт татбиқ намудани барномаҳои давлатии рушди соҳа мусоидат намуда, ҳамоҳангсозии саъю кӯшиши мақомоти маҳал, ҷустуҷӯ ва истифодаи самаранокии неруи онҳоро бо дарназардошти тамоюли рушди вазъи ҷаҳонӣ ва вазъи бозори дохилӣ самтҳои мақсадноки стратегияи миллии рушди соҳа марҳала ба марҳала мавриди баррасӣ қарор медиҳад. |
| Таъмини ҳамкории фаъоли байни бизнес ва давлат | Истифодаи васеи консепсияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамзамон, мусоидат ба татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, ки ба истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда нигаронида шуда, таҳдиди хавфи сармоягузориро бобати коркарди захираҳои табиӣ барои истеҳсоли ашёи хом муайян месозад. |

**Идомаи ҷадвали 1.3.1.**

| | |
|---|---|
| Дастгирии давлатӣ ба кластеризатсияи саноат | Ташкили сиклҳои технологӣ дар саноат аз қабул ва коркарди ашьёи хом то ба истеҳсоли маҳсулоти тайёри дорои арзиши иловагӣ, муқаррар намудани робитаҳо байни занҷираи сиклҳои саноат, ҳамкории тиҷоратӣ, баланд бардоштани рақобатнокии соҳибкории саноати миллӣ, бахусус, кластеризатсияи саноатӣ бо истифодаи самараноки иқтидори инноватсионӣ. |
| Ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ доир ба содироти маҳсулоти тайёр | Истифодаи иқтидорҳои содиротии соҳа ҷиҳати тақвият ва ворид шудани соҳибкорони саноатӣ ба бозори ҷаҳонӣ бо мақсади муайян намудани рақобатпазирии маҳсулоти саноатии кишвар, ҳалли муаммоҳои сармоягузорӣ, омӯзиши муҳимтарин дастовардҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти дӯзандагӣ аз расидан ба параметрҳои стандарти аврупоӣ мебошад |
| Бо роҳи сохтмони сарбандҳо ба муомилоти соҳаи кишоварзӣ ҷалб намудани заминҳои лалмӣ | Афзоиши ва диверсификатсияи истеҳсоли ашёи хоми пахта, ки сатҳи вобастагӣ аз таъминкунандагони хориҷиро коҳиш дода, вусъати шуғли аҳолӣ ва пурзӯр шудани равандҳои сармоягузорӣ дар самти соҳибкории саноатиро мавкеъгирӣ менамоянд. |
| Истифодаи принсипҳои иқтисоди сабз | Тараққиёти кишоварзии экологӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти муътадили саноати сабук барои нигоҳ доштани иқтидори дохилии бо ашёи хом таъминкунандаи корхонаҳои саноатӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои сабз дар истеҳсолот ва пешниҳоди бренди ширкатҳои Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ |
| Татбиқи барномаҳои махсус барои рушди соҳибкории хурду миёна дар саноат | Таъмини самаранокии неруҳои чандирӣ дар самти соҳибкории саноатӣ ва татбиқи ҳадафмандонаи барномаҳои соҳавӣ дар истеҳсолоти корхонаҳои хурду миёна |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, аз маълумотҳои ҷадвали 1.3.1. бармеояд, ки бо истифода аз имконоти омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ тамоюли таҳияи равишҳо ва дигар воситаҳои ташаккул дар татбиқи босамари иқтидори рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шакли зерин пайдо мегардад:

– равиши ташкилии марбут ба рушди равандҳои кластерсозии соҳа, таъмини ҳамкории мутақобилаи илм, маориф ва соҳибкорӣ, махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсолот бо дарназардошти оптимизатсияи ҷойгиршавии субъектҳои соҳибкорӣ ва ғайра;

–ташаккули муҳити мусоиди ниҳодӣ (институтсионалӣ) барои истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии соҳа аз муносибатҳои институтсионалӣ вобастагӣ дорад;

– ҳавасмандгардонии сифатноки соҳибкорони саноатӣ бо истифода аз иқтидорҳои технологии корхонаҳои саноатӣ дар раванди содироти кишвар.

Аз ин лиҳоз, бо иҷрои барномаҳои стратегии соҳибкории саноатӣ ва омӯзишу истифодаи таҷрибаи хориҷӣ метавон рушди соҳаро дар Тоҷикистон таъмин намуда, бо вуҷуди кам ҷамъоварӣ гардидани ашёи хоми маҳаллӣ ва самаранок истифода бурдани иқтидори содиротии корхонаҳо, натиҷаҳои хуб ба даст овард. Дар ин замина, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои Чин, Туркия, Ҷопон ва ғайраро дар самти ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ ва рақобатпазирии молу маҳсулот бо дарназардошти хусусиятҳои хосси рушди соҳаҳои саноат, бахусус, саноати сабук дар Тоҷикистон, муҳим арзёбӣ менамоем. Ҳамчунин, ба ақидаи мо, дар шароити муосир барои рушди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир метавон таҷрибаи Россияро, ки шарики асосии стратегии кишвари мо ба ҳисоб меравад, истифода бурдан мумкин аст.

# БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИРИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИР ДАР ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили ҳолати дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ бобати рушд ва дастгирии иқтисоди миллӣ мебошад. Дар шароити муосир мақомоти ҳокимияти маҳал дар шаҳру ноҳияҳои кишвар дар ростои дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир мавқеи фаъол ва ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Дар айни замон, натиҷаи ин дастгирӣ, ки бояд дар баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва динамикаи мусбати маблағгузорӣ дар сармояи асосӣ ифода ёбад, чандон хуб нест. Дар робита ба ин масъала, равишҳои нави методологӣ нисбат ба дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар хеле заруранд, ки тақвияти нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро заминагузорӣ мекунанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҳанӯз 21 декабри соли соли 2021 қайд гардида буд: *«Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҷиҳати таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар, пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шавад»*[53].

Рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар таҳкими иқтисоди миллии кишвар наметавонад фақат бо тадбирҳои давлатӣ маҳдуд гардад.

---

[53] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».–Душанбе, 21.12.2021. (http://prezident.tj/node/27417).

Он бештар ба неру ва тавони давлат бо бахши хусусӣ такя намуда, яъне сухан амалан дар бораи он меравад, ки ҳокимияти давлатӣ рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистонро ба нақша мегирад ва онро ба таври самаранок танзим менамояд. Тадбирҳои дигари дастгирии давлатӣ бояд дар масири тақвияти институтсионалӣ ва зерсохтории фазои соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ сурат гирад.

Таҳлилу омузишҳо муайян намуданд, ки давоми солҳои истиқлолии кишвар ва андешидани тадбирҳои зарурии давлату ҳукумати Тоҷикистон, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ тамоюли болоравиро касб намуда, ҳаҷми он зина ба зина афзоиш ёфтааст. Аз ин ҷост, ки дар соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 50, 1 млрд. сомонӣ расонида шуда, ин нишондиҳанда дар соли 2015-ум 16,9 млрд. сомониро ташкил дода, мутаносибан нисбат ба соли 2015-ум 32,2 млрд сомонӣ зиёд буда, 2,7 маротиба зиёд мебошад, яъне аз марҳала ба марҳала афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ далолат медиҳад (расми 2.1.1.).




**Расми 2.1.1. Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2015-2023, млрд. сомонӣ*.**

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили маълумоти расми 2.1.1 нишон медиҳад, ки дар соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 50,1 млрд сомонӣ баробар гардида, дар муқоиса ба соли 2015-ум 2,7 маротиба афзуда, иқтисодиёти кишвар батадриҷ рушд кардааст.

Чунин тамоюли умумии мусбат тайи солҳои охир дар минтақаҳои Тоҷикистон низ ба мушоҳида мерасад (ҷадвали 2.1.1.)

**Ҷадвали 2.1.1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо нархҳои соли 2023, (млрд. сомонӣ)***

| Солҳо | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | 16939 | 26362 | 29841 | 32467 | 39221 | 43025 | 50039,1 | 2,7 мар. |
| Душанбе | 2549 | 2882 | 2972 | 2924 | 3374 | 3536 | 4196,7 | 1,7мар. |
| НТҶ | 1789 | 2455 | 3128 | 3457 | 3813 | 4186 | 6138,1 | 3,4 мар. |
| Суғд | 6835 | 12691 | 14112 | 16382 | 21283 | 24326 | 26051,9 | 3,8 мар. |
| Хатлон | 5599 | 8048 | 9360 | 9463 | 10432 | 10793 | 11600 | 2,1 мар. |
| ВМКБ | 168 | 283 | 269 | 241 | 319 | 184 | 2045,0 | 12,2 мар. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маълумоти ҷадвали 2.1.1. нишон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ гуногун буда, ҳиссаи ҳар як минтақа дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ аз якдигар фарқ мекунанд (расми 2.1.2.).

Аз рӯйи маълумот метавон муйян намуд, ки маҳз татбиқи бомароми дастгирии давлатӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири

Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки минтақаҳои кишвар ба минтақаҳои зерини саноатӣ тақсимбандӣ карда шаванд:




**Расми 2.1.2. Таносуби минтақаҳо дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023***

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– минтақаи рушдёфтаи саноатӣ–вилояти Суғд ва вилояти Хатлон;

– минтақаи рушдёбандаи саноатӣ–шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

– минтақаи саноатии оғозкунанда ва дар ҳоли рушд–Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

Воситаи амалисозӣ ва беҳбудии сиёсати саноатӣ маҷмуи тадбирҳоро дарбар мегирад, ки ба тавозуни тавонмандии саноатӣ, таносуби соҳавӣ ва

байнисоҳавӣ таъсир мерасонанд. Ин тадбирҳо ба дастгирии соҳаҳои муайян ва самтҳои истеҳсолот аз тарафи давлат равона шудаанд.

Шароити муосири хоҷагидории соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо аз як тараф, бо равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ ва аз ҷониби дигар, бо зарурати замонасозии ҳарчи зудтари техника ва технологияҳои инноватсионӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ва ҳифзи чунин вазъ дар оянда, тавсиф карда мешавад.

Соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе минтақаҳои он дар шароити муосир зарурати ҳаллу фасли масъалаҳои сершумори қаблан ҳалнашуда ва нав бавуҷудомадаи рушди иқтисодиро ба миён меоварад. Дар байни онҳо дар ҷойи аввал вазифаи таҳким ва такмили ду сутуни бунёдии замонасозӣ (модернизатсия) қарор доранд: – яъне рушди системии инноватсионӣ ва инкишофи сифатан нави иқтисодӣ бо дарназардошти талаботи механизмҳои идоракунии замонасозӣ. Инчунин, бояд бо ин таъмини маблағгузориро дар шароити таҳаввулоти амиқи сифатӣ, ки ногузир натанҳо дар иқтисодиёт, балки дар тамоми дигар соҳаҳои иқтисоди миллии ҷомеа рӯй медиҳанд, илова намуд.

Ҳоло омили асосии ҳар гуна системаи хоҷагидорӣ инноватсионӣ, яъне навгонӣ мебошад, ки техникаи системаи типи нав, васлу насби технологияҳои нав, созмондиҳии омилҳои нави меҳнат дар истеҳсолот, такмилдиҳии дастгирии нави ҳавасмандкунии соҳибкории саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти ба рақобат тобовар, вусъатбахшӣ ба маркетинги молу маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷи кишвар, аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Инҳо маҳз ҳамон ҷузъҳои инноватсионӣ мебошанд, ки дар маҷмӯъ метавонанд соҳаи истеҳсолотро дигаргун созанд, дастгоҳи истеҳсолиро таҷдид намоянд ва шахсро водор ба истифодаи самараноки онҳо кунанд.

Дастгирии муосири давлатӣ оид ба стратегияи рушди соҳибкории саноатӣ дар кишвар ба талаботи асосии фаъолияти соҳибкории саноатии

рақобатпазири муосир мутобиқ буда, таносуби онҳоро бо намунаҳои идоракунии корхонаҳои имрӯзаи саноатӣ таъмин менамояд (ҷадвали 2.1.2).

**Ҷадвали 2.1.2. Талабот нисбат ба тарҳрезӣ ва амалисозии стратегияи рушди истеҳсолоти саноатӣ[54].**

<table>
<tr><td rowspan="7">Талабот нисбат ба тарҳрезӣ ва амалисозии стратегияи рушди истеҳсолоти саноатӣ</td><td>Истифодаи методҳои навтарин ва воситаҳои идоракунӣ</td><td>Истифодаи маводи локалӣ ва партовҳои энергетикӣ ба сифати захираҳои дувум ва ҳамкорӣ байни иштирокчиёни бозори захираҳои дувум</td><td rowspan="7">Талабот нисбат ба тарҳрезӣ ва амалисозии стратегияи рушди истеҳсолоти саноатӣ</td></tr>
<tr><td>Таъмини фоиданокии баланди фаъолияти корхонаҳо ҳангоми хароҷоти камтарини маблағ</td><td>Истифодаи ашёи хоми дувуми ба дастомада аз дигар иштирокчиёни системаи экологӣ</td></tr>
<tr><td>Баҳисобгирӣ ва таҳлили таъсири омилҳои ҳам берунӣ ва ҳам дохилӣ дар ҳамалоқамандӣ ва ҳамвобастагӣ</td><td>Баркарор намудани иртибот байни корхонаҳои «истеҳсолкунандаи партовҳо» ва корхонаҳои машғул ба коркард ва истифодаи партовҳо, истифодабарандагони ниҳоӣ ва сохторҳои шаҳрӣ, чун ниҳодҳои бештар алоқаманд ба ҳифзи муҳити зист</td></tr>
<tr><td>Мавҷудияти аксуламали муносиб ва зуд ба тағйири вазъияти фазои ҳам берунӣ ва ҳам дохилӣ</td><td>Марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани тағйирот дар соҳаи истеҳсолии мутобиқ бо суръати таҳаввулоти табиии экосистема</td></tr>
<tr><td>Тамоми ҳадафҳо бояд воқеӣ ва имконпазир бошанд</td><td rowspan="3">Таҳияи намунаҳои поксозии (экологосози) истеҳсолот дар минтақаҳои муайян</td></tr>
<tr><td>Баҳисобгирии омилҳо дар фаъолияти идоракунӣ</td></tr>
<tr><td>Иштироки кормандон дар идоракунӣ дар асоси шарикӣ</td></tr>
</table>

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо дарназардошти маълумоти ҷадвали 2.1.2. стратегияи муосири замонасозии корхонаҳо бояд ба талаботи асосии самаранокӣ ва устувории соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ мутобиқат дошта бошад.

Ҳамин тавр, асосоноккунии стратегияи замонасозии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ бояд ба стандартҳои аз нигоҳи иҷтимоию экологӣ муассири истеҳсолот бунёд ёбад, ки рушди устувори истеҳсолотро дар заминаи инноватсионӣ таъмин мекунад.

---

[54]Ладыга А.И. Государственная система управления ростом конкурентоспособности промышленности. / Ладыга А.И., Овчаренко Н.А., Кушнир Д.Д. // Экономические науки. – М., 2010. – № 64. – С.153-156.

Интихоби роҳи замонасозии коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ аз ҳадафи рушд, аз стратегияи амаликардани корхона, ҳамчунин, аз омилҳои илмию технологӣ ва омӯзиши масъалаҳои марбут ба он вобаста аст. Стратегияи рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир имрӯз бо доираи минтақаҳои алоҳида, бе муносибати комплексӣ ба баррасии масъалаи мазкур, маҳдуд мешавад. Илова бар ин, имрӯз чунин вазъияте ба амал омадааст, ки на ҳама вақт соҳибкорони саноатӣ дар ҷумҳурӣ нияти маблағгузорӣ дар муҷаҳҳазгардонии технологияҳои муосиру замонавиро доранд, ки дар айни ҳол ҳаллу фасли вазифаҳои экологиро низ ба таъхир меандозанд. Ҳангоми таҳияи нақшаи тиҷоратӣ доир ба ҷорӣ намудани истеҳсолоти нави саноатӣ зарур мешуморем, ки технологияи нав ё такмили қисми он, ҳамзамон, бо ҳаллу фасли вазифаҳои техникию технологӣ, истифодаи ашёи хом, захираҳо ва дигар масъалаҳои таъминоти истеҳсолот, коҳиши давомоти даврии (сикли) истеҳсолот, ҳадди ақал кам кардани талафот, бекор мондан ва замонасозии тамоми ҳалқаи (занҷираи) технологии истеҳсолот, ҷобаҷокунии мутахассисон дар истеҳсолот анҷом дода шаванд. Босамар анҷом додани нақшаи тиҷоратӣ, воридот ва насби технологияҳои муосир дар корхонаҳои саноатӣ барои соҳибкор метавонад истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазирро таъмин намояд.

Масалан, дар соли 2022 корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе таҷҳизоти нави технологиро ба маблағи 367,7 млн. сомонӣ, дар вилояти Суғд ба маблағи 651,4 млн. сомонӣ, НТҶ ба маблағи 299,7 млн. сомонӣ, вилояти Хатлон ба маблағи 508,3 млн. сомонӣ, ВМКБ ба маблағи 9,4 млн. сомонӣ ва ҳамагӣ дар кишвар ба маблағи 1863,5 млн. сомонӣ[55] дарёфт кардаанд. Аз ин ҷо маълум аст, ки бештари таҷҳизоти навро минтақаҳои рушдёфтаи саноатӣ–вилояти Суғд–35,5% ва вилояти Хатлон–27,7% гирифтаанд, аз паси онҳо минтақаҳои саноатии рушдёбанда–шаҳри Душанбе–20,0 % ва НТҶ –16,3% ва минтақаи саноатии оғозкунанда ВМКБ – 0,5% меоянд.

[55]Маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Воситаи амалисозӣ ва беҳбуди сиёсати саноатӣ маҷмуи тадбирҳое мебошанд, ки ба тавозуни тавонмандии истеҳсолот таъсир мерасонанд. Ин тадбирҳо ба дастгирии селективии соҳаҳои муайяни соҳибкории саноатии рақобатпазир аз тарафи давлат равона шудаанд.

Тадбирҳои андешидаи давлат дар бобати татбиқ ва такмили дастгирии давлатӣ дар соҳибкории саноатӣ имкон медиҳанд, ки аз рӯйи мақоми ҳокимияти маҳал дар ҷумҳурӣ ба омилҳои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир таснифбандӣ карда шаванд.

Дар робита бо маълумотҳои таҳлилшудаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни дарназардошти соҳаи истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об, ба маблағи 102,2 млн доллари ИМА таҷҳизоту технологияҳои нав ворид гардид. Барои истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси истеҳсолоти нав, воридоти таҷҳизоти технологӣ ва васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2021 дар соҳаҳои саноат 5 млрд 639,2 млн сомонӣ (ё 500,8 млн доллари ИМА) маблағҳои дохилии корхонаҳо ва сармоягузорони хориҷӣ равона гардиданд, аз ҷумла:

- дар соҳаи истихроҷи маъданҳо ба маблағи 166,3 млн сомонӣ (55,2 млн сомонӣ нисбати ҳамин давра зиёд);
- дар соҳаи коркард ба маблағи 988,8 млн сомонӣ (679,5 млн сомонӣ нисбати ҳамин давра зиёд);
- дар соҳаи истеҳсоли неруи барқ ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об ба маблағи 4484,1 млн сомонӣ (746,9 млн сомонӣ кам);

Ҳаҷми сармоягузорӣ нисбат ба соли 2020 дар соҳаи истихроҷ ва коркарди маъдан дар маҷмуъ, 734,7 млн сомонӣ зиёд гардид. Танҳо дар соли 2021 дар тамоми минтақаҳои кишвар ба маблағи беш аз 102,2 млн доллари ИМА хатҳои технологӣ, техника, дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳои наву замонавӣ васлу насб гардид, ки ба рушд ва пешрафти соҳибкории саноатӣ мусоидат менамояд.

Динамикӣ будани инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонии муосир ба андозаи зиёд аз гузариши муассири соҳибкории саноатии рақобатпазир ба тарзи

технологӣ вобаста аст. Пас, барои таъмини рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, ташаккул ва инкишофи чунин шаклҳои соҳибкорӣ дар назар аст, ки ба бартарии тарзи технологияи инноватсионӣ мутобиқат дошта бошанд[56].

Соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар яке аз самтҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ ба шумор рафта, асоси онро истеҳсолот ташкил медиҳад. Шакли муҳим ва бештари динамикии соҳибкории инноватсионӣ дар сохтори инноватсиониро бозори кишварҳои пешрафтаи саноатӣ бахусус соҳибкории хурд дар соҳаи инноватсия мебошад. Дар шароити шаклгирии иқтисоди инноватсионӣ зарурати дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи саноатӣ афзоиш меёбад. Соҳибкории хурду миёнаи инноватсионӣ дар суръатбахшӣ ба таҳқиқоти илмӣ ва тиҷоратсозии натиҷаи он нақши муҳим мебозад.

Соҳибкории хурди саноатӣ дар минтақаҳо ба суръати рушди инноватсионии кишвар таъсири ҷиддӣ расонида, барои инкишофи рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунад. Аз рӯйи баъзе пажуҳишҳои илмӣ, корхонаҳои хурд аз 2% то 5% ҳаҷми умумии сармоягузориро дар соҳаи илмию техникӣ сарф карда, то 50% навигарии бузургро ҷорӣ мекунанд ва соҳиби тақрибан 50% инноватсия дар бозори ҷаҳонӣ мебошанд.

Дар соҳаҳои бештар рушдёбандаи саноат (информатика, электроника ва техникаи биотиббӣ) дар шумораи умумии ширкатҳои фаъоли хурд бо теъдоди кормандон то 100 нафар бештар аз 80%-ро ташкил медиҳанд. Дар кишварҳои узви Созмони иқтисодии ҳамкорӣ ва рушд дар соли 2002 тақрибан 20% корхонаҳои хурди машғул ба фаъолияти соҳибкорӣ аз 10 то 20% арзиши гардиши худро аз фаъолият дар бозорҳои хориҷӣ дарёфт кардаанд. Дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ дар ҳудуди 20% тамоми субъектҳои соҳибкорони хурди саноатӣ ба истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ҷалб гардидаанд. Аз ҷумла, дар байни микроширкатҳо ин ҳисса 19%,

---

[56] Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике Республики Таджикистан: тенденции и проблемы// Материалы республиканской научно-практический конференции. - Душанбе, 2014. – С. 26.

корхонаҳои хурд–32% ва корхонаҳои миёна 46%-ро ташкил медиҳад. «Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки коргоҳу корхонаҳои хурду миёна ҳамчун сохтори аз ҳама оммавӣ ва бештар динамикии институтсионалии иқтисодиёти кишварҳои пешрафтаро доро мебошанд. Алҳол саҳми онҳо дар шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар Олмон 62%, дар Норвегия 49%, Фаронса 38%, дар Ирландия 75%-ро ташкил медиҳад»[57].

«Таҳлили сохтори системаи миллии инноватсионӣ зарурати фароҳам овардани шароити объективӣ барои иштироки фаъол дар рушди илмию техникии субъектҳои соҳибкории хурди инноватсионӣ ва азхудкунии технологияи навтарин, ҳамчунин, тиҷоратсозии маҳсулоти инноватсиониро ба миён меоварад. Бинобар ин, дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми ниҳодҳои бозор ва танзими онҳо, бояд сохтори ташкилии системаи миллӣ ташаккул ва рушд ёбад. Дар ин ҷо бояд фазои офарандаи дониш ва механизми интиқоли онҳо ҷудо карда шавад. Ҳамаи ин, дар баробари корхонаҳои хурд, таъсис додани корхонаҳои миёна ва бузурги истеҳсолӣ, иттиҳодияҳои илмию истеҳсолӣ, технопаркҳо ва марказҳои инновастионию истеҳсолиро талаб менамояд»[58].

Соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҳифзи самтгирии иҷтимоиву иқтисодии ислоҳоти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад. Пеш аз ҳама, ин ба масъалаи шуғл дахл дорад, чунки дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ва минтақаҳои он аз ҷониби давлат бо мақсади коҳиши сатҳи бекорӣ ва кам кардани шуғл дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт, ҳамчунин, ташаккули системаи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти шахсӣ барои натиҷаи ниҳоии истеҳсолот, амалӣ мешавад.

Рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар бо ҳолат ва сатҳи муносибатҳои бозорӣ ва қабл аз ҳама, бо мавҷудияти шароити

---

[57] Нестеренко Ю.Н. Развитие малых инновационных предприятий промышленности России// Автор. дисс. на соиск. уч. степ. д.э.н. – М., 2008. – С.22.

[58] Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике РТ: тенденции и проблемы. / Материалы республиканской научно-практический конференции. – Душанбе, 2014. – С. 28.

зарурӣ барои озодии бахши хусусӣ дар иқтисодиёт муайян карда мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ равшан нишон медиҳад, ки бе озодии иқтисоди бозорӣ, фаъолнокии соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёт ғайримумкин аст.

Дар шароити ҳозира яке аз омилҳои асосии иқтисоди миллии кишвар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо мебошад, ки ҷорисозии натиҷаи илмию техникӣ ва имкониятҳои зеҳниро барои ба даст овардани маҳсулоти нав ё рақобатпазир таъмин менамояд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ бо зарурати таҷдиди илмию техникӣ ва замонасозии соҳаҳои афзалиятноки иқтисод алоқаманд аст. Имрӯз иқтисодиёти ватанӣ ба коркард ва фурӯши манбаъҳои ашёи хом ё нимтайёр самтгирӣ шудааст, ки ин ба рушди иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ расонида, сабаби ақибмонии кишвар дар бисёр самтҳои истеҳсолӣ мегардад.

Мазмуни равандҳои рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар дар доираи васеи илми ҷумҳурӣ ба таври густурда мавриди баррасӣ қарор мегирад. Иштирок ва нақши соҳибкории саноатии рақобат, давлат ва илм дар равандҳои инноватсионӣ ошкор карда мешавад. Дар робита ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, модели гузаштан аз шакли содиротии ашёи хом ба шакли инноватсионии рушди иқтисодӣ тарҳрезӣ мегардад. Барои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар тамоми заминаҳо, аз ҷумла, имкониятҳои манбаӣ, истеҳсолӣ ва кадрӣ мавҷуданд.

Зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Рушди соҳибкорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба фаъолияти он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини

рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, афзун намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад»[59].

Таҳлили вазъи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки соҳибкории саноатии рақобатпазир муҳимтарин сарчашмаи таъминкунандаи рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум мебошад. Аз ин ҷост, ки бо рушд ёфтани соҳибкории саноатӣ, корхонаҳо ва коргоҳҳои хурду бузурги саноатӣ афзоиш ёфта, шумораи ҷойҳои корӣ низ дар ин самт зиёд гардида, бозори меҳнат рақобатпазир шуда, дар таъмини зиндагии шоиста ва сатҳи некуаҳволии мардум нақши муҳим мегузорад (расми 2.1.3).




**Расми 2.1.3. Динамикаи таносуби ҳаҷми ҷойҳои корӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар солҳои 2015-2023 (нафар)***

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ. 2023. – Душанбе; АОПТ, 2023. – С.249-269.

Рақамҳои расми 2.1.3. нишон медиҳанд, ки шумораи ҷойҳои корӣ дар соҳа дар соли 2022 ба 71,2 ҳазор нафар баробар гардидааст.

Вазъи рушди соҳибкории саноатӣ дар Тоҷикистон дар ҷадвали 2.1.3. оварда шудааст.

---

[59]Э.Раҳмон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2012. – Душанбе: Шарқи Озод, 2012.– С. 47.

**Ҷадвали 2.1.3. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии тараққиёти саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023[60]***

| Минтақаҳои кишвар | | 2015 | 2016 | 2017 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | I | 2310 | 2043 | 1999 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3444 | 149,1 |
| | II | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 1145,8 | 141,1 |
| | 111 | 12196 | 15090 | 20029 | 27613 | 32467 | 39221 | 43025 | 50039,1 | 410,2 |
| | V | 128,4 | 149,8 | 177,9 | 182,3 | 205,9 | 242,1 | 285,3 | 1149,1 | 894,9 |
| Душанбе | | 534 | 477 | 474 | 457 | 486 | 538 | 642 | 751 | 140,6 |
| | II | 149,3 | 153,2 | 155,6 | 165,5 | 169,3 | 15,8 | 171,2 | 188,5 | 126,2 |
| | III | 1350,7 | 1461,8 | 1659,0 | 2753,4 | 2800,6 | 3339,4 | 3536 | 4196,7 | 310,7 |
| | IV | 119,8 | 128,2 | 131,5 | 163,1 | 187,1 | 201,2 | 221,3 | 222,6 | 185,8 |
| Вилояти Суғд | I | 698 | 604 | 597 | 659 | 693 | 733 | 842 | 1101 | 157,7 |
| | II | 402,0 | 401,9 | 402,7 | 421,5 | 432,4 | 32,5 | 412,8 | 438,2 | 109,0 |
| | III | 4894,2 | 7078,5 | 10066,4 | 13054 | 15573 | 21065 | 24326 | 26051 | 532,4 |
| | IV | 195,5 | 201,2 | 241,2 | 252,1 | 261,0 | 289,8 | 301,4 | 313,3 | 160,2 |
| Вилояти Хатлон | I | 619 | 537 | 534 | 595 | 617 | 640 | 687,9 | 821 | 132,6 |
| | II | 404,6 | 403,8 | 447,7 | 473,2 | 476,0 | 20,6 | 481,2 | 499,0 | 123,3 |
| | III | 4621,2 | 5047,7 | 6753,1 | 8661,1 | 8998 | 10333 | 24326 | 11600 | 251,0 |
| | IV | 148,1 | 154,2 | 162,6 | 185,9 | 186,8 | 192,5 | 198,5 | 232,4 | 156,9 |
| ВМКБ | I | 53 | 47 | 47 | 45 | 64 | 66 | 67 | 100 | 188,6 |
| | II | 2,3 | 2,4 | 2,5 | 2,3 | 2,4 | 2,2 | 2,8 | 3,3 | 143,5 |
| | III | 111,8 | 128,8 | 193,4 | 249,3 | 228,8 | 315,5 | 184,0 | 2045,0 | 182,9 |
| | IV | 98,9 | 102,3 | 131,2 | 142,5 | 152,4 | 164,4 | 171,6 | 178,9 | 180,9 |
| НТҶ | I | 406 | 378 | 347 | 408 | 423 | 420 | 436 | 671 | 165,2 |
| | II | 11,8 | 12,0 | 11,7 | 11,4 | 11,2 | 14,2 | 15,1 | 16,8 | 142,3 |
| | III | 1218,1 | 1373,2 | 1357,1 | 2895,6 | 3289 | 3776 | 4186 | 6138,0 | 503,8 |
| | IV | 122,8 | 142,7 | 162,5 | 175,8 | 178,8 | 181,9 | 191,8 | 201,9 | 164,4 |

**Сарчашма:** Омори Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: АОПТ, 2023. – с.246-269.

Маълумотҳои ҷадвали 2.1.3. нишон медиҳад, ки дигаргунӣ дар сохтори соҳибкории саноатӣ дар кишвар боиси афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир гардида, дар соли 2023 корхонаҳои саноатии кишвар дар ҳаҷми 50, 1 млрд. сомонӣ: вилояти Суғд–26,1 млрд. сомонӣ, вилояти Хатлон–11,6 млрд. сомонӣ, шаҳри Душанбе - 4,2

[60] ***Эзоҳ: I** – шумораи корхонаҳои саноатӣ (адад); II – шумораи миёнаи кормандон (ҳазор нафар); III – ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои солҳои дахлдор (миллион сомонӣ); IV – ҳосилнокии меҳнат (сомонӣ).*

млрд.сомонӣ, НТҶ - 6,2 млрд. сомонӣ, ВМКБ–2,1 млрд. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст[61].

Маълумоти овардашуда нишон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз тарафи соҳибкорони саноатӣ дар минтақаҳои рушдёфтаи саноатӣ–вилояти Суғд ин нишондиҳанда – 54,0%, дар вилояти Хатлон – 26,3 %, дар шаҳри Душанбе – 8,4% ва дар НТҶ – 9,5% афзудааст.

Ба ақидаи мо, раванди шаклгирии соҳибкории саноатӣ дар Тоҷикистон ҷанбаи мураккаб дошта, он дар минтақаҳои кишвар ботадриҷ рушд меёбад ва соҳаи назарраси фаъолият дар шароити иқтисоди бозорӣ мегардад. Бинобар ин барои фароҳам овардани замина ҷиҳати рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба баланд бардоштани муҳимияти иҷтимоиву иқтисодии он бояд таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар зиёд ва роҳҳои содироти маҳсулоти соҳибкории саноатӣ муайян карда шаванд.

Айни ҳол истеҳсол, фурӯш ва содироти семент дар дохил ва ҳам дар беруни кишвар ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин нишонаи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои сементбарории мамлакатро инъикос менамояд (ҷадвали 2.1.4).

**Ҷадвали 2.1.4. Содироти семент дар соли 2022***

| **Номгӯи давлатҳо** | **воҳиди ченак** | **2022** | **2021** | **+-** |
|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Исломии Афғонистон | ҳазор тонна | 412,4 | 428,9 | -16,5 |
| | ҳазор сомонӣ | 164809,0 | 198562,4 | -33753,4 |
| Ҷумҳурии Узбекистон | ҳазор тонна | 965,0 | 741,1 | 223,9 |
| | ҳазор сомонӣ | 315773,8 | 291460,7 | 24313,1 |
| Ҷумҳурии Қирғизистон | ҳазор тонна | 0,0 | 1,7 | -1,7 |
| | ҳазор сомонӣ | 0,0 | 1069,4 | -1069,4 |
| **Ҳамагӣ:** | **ҳазор тонна** | **1377,4** | **1171,7** | **205,7** |
| | **ҳазор сомонӣ** | **480582,8** | **491092,5** | **-10509,7** |
| Эзоҳ: Содирот асосан аз ҷониби корхонаҳои ватанӣ Хуаксин Ғаюр семент ва Моҳир семент ба давлатҳои ҳамсоя сурат гирифтааст | | | | |

***Сарчашма:** Маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[61]Маҷмуаи фаврии оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С.15-32.

Таҳлили ҷадвали 2.1.4. нишон медиҳад, ки рушди соҳибкории саноатии ватанӣ идома дорад. Вале таҳқиқҳои натиҷаовари корхонаҳои соҳибкории саноатии ватанӣ нишон медиҳанд, ки истеҳсоли маҳсулоти онҳо ҳамчун ашёи хом ба беруни мамлакат содирот карда мешаванд, яъне содироти ашёи хом ҳанӯз дар иқтисодиёти миллии кишвар ҷойи асосиро ишғол мекунад. Аммо чунин стратегия набояд ягона ва алалхусус, омили дарозмуҳлати рушди иқтисодиёти минтақаҳои кишвар бошад. Бинобар ин, масъалаи гузаштан аз содироти ашёи хом ва манбаъҳои энергетикӣ ба истеҳсол ва содироти маҳсулоти тайёри саноатӣ ба миён меояд. Бо дарназардошти заминаҳои моддию техникии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири кишвар, метавон таъкид намуд, ки ҳаллу фасли ин вазифаҳо аз саъю талош ва имкониятҳои кадрии он вобастагии амиқ дошта, дар ин замина таҷдиду азнавсозии таҷҳизоту технологияҳои муосир, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва хушсифат, дарёфти бозорҳои фурӯши ҷаҳонӣ ба хотири рушд ва тақвияти иқтисоди миллии кишвар мебошад.

Дар марҳалаи рушди инкишофи муносибатҳои бозорӣ, соҳибкории саноатии рақобатпазир ниёз ба дастгирии давлатӣ ва амалисозии барномаю стратегияҳо дорад. Яке аз сабабҳо ва омилҳои таъсиррасон дар сохтори соҳибкории саноатии рақобатпазир набудани инфрасохтори зарурӣ барои сохтмони корхонаҳо аз рӯйи шакл, номуйянии имкониятҳо ва дастгирии андозию гумрукӣ барои соҳибкории саноатӣ, имконияти нокифоя барои рақобат бо ширкатҳои фаъолу муваффақ аз рӯйи нишондиҳандаҳо, дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ, иртиботи иттилоотӣ, технологияи навтарин ва ғайра. Барои коҳиш додани таъсири манфии ин омилҳо, ҳамчунин, барои ошкор намудани динамизми хосси соҳибкории саноатии рақобатпазир, зерсохтори инкишофёфтаи махсуси самтгиришуда барои соҳибкорӣ зарур аст. Яъне корхонаҳое, ки таҳия ва ҷорисозии истеҳсоли маҳсулоти нав ё ба рақобат тобовар,

равандҳои технологӣ ва дигар намудҳои фаъолияти инноватисониро анҷом медиҳанд, хеле кам ё ангуштшумор мебошанд.

Вобаста ба ин, бо дарназардошти хусусиятҳои хосси минтақаҳои кишвар чунин мешуморем, ки омилҳои асосии монеарасон ба фаъолияти инноватсионӣ дар сохторҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

– мавҷуд набудани харитаи рушди саноати маҳал;

– номуайянии нақшаи амал ва нақшаи тиҷоратии соҳибкорони саноатӣ;

– таваккалӣ оғоз намудани фаъолияти соҳибкории саноатӣ;

– норасоии (дефисити) маблағҳои гардони худӣ;

– надоштани иттилоот ё сатҳи пасти дониши ҳуқуқии соҳибкорони саноатӣ оид ба дастгирии давлатӣ;

– ноусувории низоми муайяни дастгирии давлатии молиявии соҳибкорони саноатӣ;

– номуайянии шакли инноватсионӣ;

– хатари (риски) баланди молиявию иқтисодӣ;

– хароҷотбарории тулонии навигарӣ;

– набудани маҳзани иттилоот дар мавриди дастгоҳ, таҷҳизот ва технологияҳои муосири инноватсионӣ барои соҳибкорони истеҳсолӣ;

– фаъолияти нокифояи раванди рақамикунонӣ ва ҳукумати электронӣ дар мақомоти давлатии шаҳру ноҳияҳо бобати дастрасии сармоягузорони ба иттилооти онҳо (аз қабили ашёи хом, имтиёзҳо, инфрасохтор ва ғайра);

– норасоии шадиди кадрҳои баландихтисос;

– пардохтпазирии музди пасти меҳнат аз ҷониби соҳибмулкон ба мутахассисон;

– ноуствории механизми ҳамкориҳои бахши хусусӣ бо давлат;

– набудани интегратсияи илм бо истеҳсолот, набудани ҳамкориҳои судманди соҳибкорони саноатӣ бо олимон ва ихтироъкорон.

Бо дарназардошти матлаби баёншуда, дастгирии давлатӣ доир ба ҳавасманд намудани фаъолнокии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар метавонад ба тартиби зерин сурат гирад:

– ташкили маркази иттилоотию машваратӣ бобати оиндабинии нақшаҳои тиҷоратӣ (бизнес–план);

– таҳия ва тасдиқи нақшаи амал, нақшаи тиҷоратии (бизнес–план) мақсаднок барои фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир;

– таҳия ва пешниҳоди харитаи рушди саноати маҳал бобати дастрасии соҳибкорону сармоягузорон, ки дар он инфрасохтор, ашёи хом, шарту шароит, имтиёзу дастгирӣ муайян карда шавад;

– ба роҳ мондани фаъолияти истеҳсолию инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, ҳамзамон, татбиқи барномаҳо доир ба тайёр ва бозомӯзии кадрҳо дар раванди омӯзиши технологияҳои муосир;

– бозомӯзӣ ва тайёр кардани мутахассисони варзидаи зинаи олӣ ва миёнаи соҳибкории саноатии рақобатпазир барои корхонаҳои истеҳсолӣ;

–сода гардонидани низоми андозбандӣ барои рушд ва дастгирии соҳибкории саноатӣ;

–татбиқи саноатикунонии инноватсионӣ ва тақвияти самаранокии истеҳсолот дар мавриди рақобатпазирии маҳсулот;

– таъмини фазои мусоид бобати тақвияти субъектҳои фаъолияти инноватсионию саноатӣ;

– сода кардани системаи қарздиҳии бонкӣ барои субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир, бахусус, барои соҳибкорони коргоҳҳои хурду миёнаи саноатӣ;

– таъсиси ҳукумати электронӣ бо портали саноат дар сайтҳои мақомотҳои маҳал доир ба дарҷи ашёи хоми мавҷудбуда, имкониятҳои соҳа, талаботи бозор, маҳсулоти рақобатнок, дастрасӣ ба иттилооти соҳа;

– бакоргирии механизмҳои вогузории кафолати давлатӣ ва ҷуброни як қисми мизони (ставкаи) фоиз ҳангоми қарздиҳӣ ба субъектҳои соҳибкории саноатии хурду миёна;

– ташкили курсҳои омӯзишӣ бо мақсади баланд бардоштани дониш ва маърифати ҳуқуқии соҳибкорони саноатӣ;

– таҳияи нақша–тиҷорат (бизнес–план) доир ба бунёди коргоҳу корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳо;

– ҳавасмандгардонии мутахассисон ва ҷалби бештари онҳо ба навгонии истеҳсолоти рақобатпазир аз ҷониби соҳибкорон, бахусус, соҳибкории саноатӣ.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти инвеститсионӣ ба рушди соҳибкории саноатӣ дар солҳои 2015–2023 хусусиятҳои гуногунро доранд (ҷадвали 2.1.5).

**Ҷадвали 2.1.5. Ҷалби сармояи хориҷӣ барои солҳои 2015–2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳазор доллари ИМА)*.**

| Сармоя | 2015 | 2017 | 2019 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2015,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармоягузории мустақим | 3078536,6 | 3583710,8 | 345893,2 | 3653794,6 | 618400,0 | 284076,9 | 9,1 |
| Сармоягузории портфелӣ | 76390,8 | 576141,9 | 141,7 | 502708,4 | 217,3 | 122,6 | 0,2 |
| Сармоягузориҳои дигар | 2281709,8 | 2048409,0 | 261103,9 | 2210453,3 | 1958179,4 | 2499775,7 | 109,5 |

*** Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ.–Душанбе, АОПТ; 2016 - С.272; 2018. - С.257; 2020. - С.267; 2022. – .239; 2024. - С.239 - 246.

Сабаб ва омилҳои фаъолияти субъектҳои хориҷӣ дар бозори сармоягузории Тоҷикистонро, ки дар ҷадвали 2.1.5 нишон дода шудааст на дар назария ва методологияҳои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, балки дар амалия ва тартиби татбиқи онҳо дар раванди тиҷорат бояд ҷустуҷӯ кард. Зиёда аз он, сиёсати инвеститсионӣ дар сатҳи густаришу такомул набуда, омилҳои зиёд аз қабили ноустувории вазъи молиявии сармоягузорон, истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо, номуайянии ашёи хоми маҳал, ки сармоягузор ба он сармоя равона месозад, номуайянии имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои сармоягузорони

хориҷӣ дар ҷомеа илман асоснок нашуда, барои истифодабарандагони истеҳсолот ва сармоягузорони саноатӣ нокифоя арзёбӣ мегардад.

Дар ин замина муҳаққиқони ватанӣ А.Б. Мирсаидов ва М. Тоҳирова қайд мекунанд, ки «...бисёр корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёт, аз он ҷумла саноат, дар бораи зинда мондан фикр мекунанд. Барои татбиқи сармоягузории инноватсионӣ захираҳо кофӣ нестанд. Ин ба хусусиятхои ҷамъоварии сармоя дар кишвар вобаста аст. Набудани сиёсати механизми иқтисодии танзими равандҳои ҷамъшавии сармоя ба азнавтақсимкунии захираҳои калон ба манфиати соҳибкорони хурд, бонкҳои тиҷоратӣ ва иқтисоди соягӣ аз камбизоатӣ ва беқурбшавии пасандозҳои шаҳрвандони кишвар ва дуздии маблағҳои буҷет. Ба ҳамин тариқ, ҷамъкунӣ дар сектори муомилотии иқтисодиёт ба амал омада, ба соҳаҳои истеҳсолот, ки дар он ҷо асосҳои худафзояндаи капитал воқеъ гардидаанд, ба дараҷаи на чандон кам таъсир расонд...»[62]. Ҳамаи ин, аз зарурати аз нав дида баромадани сиёсати сармоягузории ҷумҳуриро бо дарназардошти мушаххас намудани афзалияти сармоягузорӣ дар самти индустрикунонии иқтисоди миллӣ, ки ҳар як минтақа мувофиқи зарфияти рушди саноатӣ дар системаи тақсимоти сармоягузорӣ мавқеи худро пайдо мекунад, гувоҳӣ медиҳад. Дар худи бахши саноат низ баҳодиҳии минбаъдаи афзалиятҳои сармоягузорӣ дар сатҳи минтақаҳо зарур аст. Вобаста ба ин тартиб, амалисозии тадбирҳо ва вазифаҳои номбаршуда ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошта, ҳифз ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба ҳалли мушкилоти соҳа, дастрасии соҳибкории саноатии рақобатпазир ба манбаъҳои маблағгузорӣ, ҳамчунин, таъмини субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир бо иттилооти боэътимод вобаста ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

---

[62] Мирсаидов А.Б., Тохирзода М. Роль инновационного инвестирования в индустриальном развитии регионов страны//Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2019. – № 3. – С.175-186.

## 2.2. Омилҳои таъсиркунанда ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Дар заминаи татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар раванди гузариш аз системаи идоракунии нақшавӣ ба усулҳои иқтисоди бозорӣ муаммоҳои зиёдро дар самти дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба миён гузошт. Ба ақидаи У.М. Ҷумаев: «Иҷрои барномаи хусусигардонии хурд, раванди ғайридавлатӣ ё хусусӣ кардани объектҳои бузург ва миёна, ботадриҷ таъсис додани ширкатҳои хусусии хоҷагидорӣ барои инкишофи рӯзафзуни соҳаҳои иқтисодиёт ва беҳтар шудани вазъи моддии аҳолии кишвар заминаи боэътимод гузошт»[63].

Дар умум, тадбирҳои марбут ба дастгирии давлатӣ бояд омилҳои бунёдии зеринро дар бар гиранд:

1.Омили ниҳодӣ (институтсионалӣ). Сифати фазои институтсионалӣ, самаранокии фаъолияти ниҳодҳои давлатии рушд, сифат ва самтгирӣ ба натиҷаи институтсионалии шаклгирифта дар фазои иқтисодиро муайян менамояд.

*2.Омили инноватсионӣ.* Сатҳи инкишофи унсурҳои системаи инноватсионии миллӣ ва минтақавӣ, ҳамчунин, вобастагии рушди соҳибкории саноатӣ аз сатҳи инкишофи унсурҳои системаи инноватсиониро ифода мекунад.

*3.Омили зерсохторӣ (инфрасохторӣ).* Сатҳи рушди зерсохтории системаи иқтисодии миллӣ ва минтақавӣ ва таъсири он ба рушди саноатии кишварро муайян месозад.

*4.Омили захираҳои инсонӣ (тахассусӣ).* Тамоми захираҳои меҳнатию инсоние, ки барои пешбурди дигар омилҳо равона гардида, тавоноии дигар

---

[63]Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства Республики Таджикистан. – Душанбе: Ирфон, 2013.– С.48.

омилҳоро таъмин ва дар раванди татбиқи барномаҳои омӯзишию бозомӯзӣ дар кишвар саҳми бориз мегузорад.

5.*Омили иҷтимоӣ.* Сифати зиндагӣ ва рақобатпазирии системаи иҷтимоию иқтисодиро чун ҳудуди мусоид барои истиқомат муайян менамояд.

6.*Омили ҳамгироӣ.* Омили зерин бо мақсади муайян намудани тавонмандии бахши соҳибкории саноатӣ барои ҳамгироӣ бо фазои иқтисоди ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ бобати дарёфти бозорҳои маҳсулоти тайёр ва дигар омилҳо равона гардидааст.

7.*Омили вазъиятӣ (конюктурӣ).* Таъсири бозорҳои ашёи хом, маҳсулоти тайёр ва омилҳои истеҳсолотро ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо муайян менамояд.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти омилҳои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ои кишвар ва тадбирҳои дастгирии давлатии он, метавон ба рақобатпазирии рушди соҳибкории саноатии даст ёфт. Ин дар навбати худ, боиси афзоиши нишондиҳандаҳои рушди саноат дар кишвар мегардад.

Дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҳифзи самтгирии иҷтимоӣ, ислоҳоти иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Маҳз ҳамин боиси афзоиши шумораи зиёди соҳибкории саноатии рақобатпазир гардида, бисёрии онҳо бо истифода аз имкониятҳои фароҳамгардида аллакай бо истеҳсолоти комил пайваст шуда, дар бозори дохил ва хориҷи кишвар роҳ ёфтаанд, вале баъзеи дигар, мутаассифона, наметавонанд имкониятҳои вогузоршудаи дастгирии давлатиро самаранок ва мувофиқи мақсад истифода баранд, инчунин, бо истеҳсолоти нокомил кор мекунанд, ё ин ки аслан, фаъол нестанд (ҷадвали 2.2.1.).

**Ҷадвали 2.2.1. Шумораи корхонаҳои саноатии фаъолиятдошта, мавсимӣ ва аз фаъолият бозмонда дар солҳои 2022–2023 (адад)***

| | Ҳамагӣ | | Фарқ | Пурра фаъолият намудан | | Корхонаҳои бозмонда, мавсимӣ ва сифрӣ | | Корхонаҳои саноатии нав |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2022 | 2023 | | 2022 | 2023 | Сифрӣ ва мавсимӣ | Аз фаъолият боз монда | |
| Ҷумҳурӣ | 2283 | 2397 | +114 | 1922 | 1947 | 322 | 90 | 162 |
| Ш. Душанбе | 483 | 536 | +53 | 375 | 411 | 97 | 28 | 26 |
| В. Хатлон | 619 | 641 | +22 | 541 | 542 | 79 | 20 | 36 |
| В. Суғд | 687 | 729 | +42 | 614 | 640 | 79 | 16 | 56 |
| НТҶ | 429 | 421 | -8 | 351 | 336 | 65 | 20 | 42 |
| ВМКБ | 56 | 56 | - | 41 | 45 | 8 | 6 | 2 |

* **Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯи маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2.1 нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии корхонаҳо дар ВМКБ 80,3 %-и онҳо бо истеҳсолоти пурра кор мекунанд, дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда – 87,8%, дар вилояти Хатлон–84,6%, дар шаҳри Душанбе – 76,7 % ва дар НТҶ – 79,8 % мебошад. Аз ин ҷо дида мешавад, ки дар минтақаҳои рушдёфтаи мамлакат, яъне дар вилоятҳои Суғду Хатлон имкониятҳои вогузоршудаи дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатиро беҳтар истифода мебаранд.

Ҳоло рушд ва такомули соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои асосии давлат бо бахши хусусӣ ба шумор меравад. Дар солҳои охир санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул шуданд, ки ба дастгирии назарраси бахши соҳибкорӣ, махсусан, ба дастгирии субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд. Бахусус, дар ин раванд метавон роҳандозии низоми муайяни дастрасӣ ба иҷозатномадиҳӣ, сертификатсияи молу маҳсулот, сода кардани низоми бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва фаъолияти самарабахши минтақаҳои

озоди иқтисодӣ дар вилоятҳои Суғду Бадахшон, Панҷ, Данғара ва Кӯлоб (МОИП), (МОИД), (МОИК) ва шаҳри Душанбе, ки аллакай таъсис гардида, баъзеашон бомуваффақият рушд меёбанд, ном бурд.

Яке аз қадамҳои муҳим дар самти дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ таъмини шароит барои фаъолияти муассири шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар риштаҳои гуногуни ин соҳа мебошад. Дар натиҷаи ташаккули шакли омехтаи моликият ба асоси моликияти давлатӣ ва хусусӣ, дар ин замина, таъсис додани корхонаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, манфиатҳо ва саъю талоши ду тараф– давлат ва соҳибкории саноатии рақобатпазири инфиродӣ (хусусӣ) барои дарёфти фоида муттаҳид шуданд. Бинобар ин, солҳои охир шарикии давлат ва бахши хусусӣ тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, мутобиқи қарорҳои қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Нақшаи амал оид ба таъсиси корхонаҳо ва коргоҳҳои нави саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (21 апрели соли 2013, №175; 2 сентябри соли 2014, №566; 28 феврали соли 2015, №108) ҳамасола дар минтақаҳои кишвар корхона ва коргоҳҳои ҳатмии саноатӣ таъсис гардида, дар ин замина, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва таъмини бозорҳои дохилӣ ба маҳсулоти рақобатпазир мусоидат намуданд. Масалан, дар соли 2015 ба миқдори 2310 адад корхонаи саноатӣ, соли 2016 ба миқдори 2043 адад корхона, 2017-ум–1999, соли 2018-ум–2161 адад, соли 2019-ум–2164 адад, соли 2022-юм –2802 адад, соли 2023-юм –3222 ададро таъсис гардиданд, ки дар муқоиса ба соли 2015-ум–1636 адад зиёд ё 49,2% корхонаҳои саноатӣ дар самти соҳибкории саноатӣ афзоиш ёфтааст[64].

Сарфи назар аз рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, ҳанӯз бисёре аз масъалаҳои ҳалнашуда ҷой доранд ва ислоҳоти зарурии соҳибкории саноатӣ давом дорад (ҷадвали 2.2.2).

---

[64]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ.– Душанбе, Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013.– 2024.С.239- 297.

**Ҷадвали 2.2.2. Ҳиссаи бахшҳои алоҳидаи саноат дар истеҳсолоти саноатии кишвар***

| Солҳо | 2012 | 2014 | 2015 | 2017 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 / 2012, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми саноат (адад) | 1586 | 2164 | 2310 | 1999 | 2283 | 2397 | 2802 | 3222 | 2,0мар. |
| Аз он ҷумла: саноати истихроҷи маъдан (адад) | 109 | 154 | 214 | 229 | 264 | 291 | 303 | 318 | 2,9 мар. |
| Нисбат ба ҳамагӣ, % | 6,9 | 7,1 | 9,3 | 11,5 | 11,6 | 12,1 | 10,8 | 10,0 | 1,4 мар |
| Саноати коркард (адад) | 1448 | 1980 | 2071 | 1732 | 1846 | 1927 | 2318 | 2718 | 1,9мар. |
| Нисбат ба ҳамагӣ, % | 91,3 | 91,5 | 89,7 | 86,6 | 80,9 | 80,4 | 82,8 | 84,3 | 0,9 мар. |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ (адад) | 29 | 28 | 30 | 38 | 173 | 179 | 181 | 186 | 6,4 мар. |
| Нисбат ба ҳамагӣ, % | 1,8 | 1,3 | 1,3 | 1,9 | 7,6 | 7,5 | 6,4 | 5,8 | 3,2 мар. |

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ.2023. - Душанбе: АОПТ, 2023. - С.249–251.Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023// Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе 2023:АОПҶТ . – С.21

Қадами дигари муҳим дар рушди соҳибкории саноатии Тоҷикистон роҳандозӣ гардидани механизми худинкишофдиҳии бозор мебошад. Имрӯзҳо соҳибкории саноатии рақобатпазир ба рушди минбаъдаи иқтисод дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он суръат мебахшад. Алҳол, сарфи назар аз амалисозии маҷмуи барномаҳои давлатӣ, чунин проблемаҳо, ба монанди омода набудани аксар аҳолӣ ба пешбурди тиҷорати хурд, набудани сармояи аввалия, таҷҳизоти зарурӣ, надоштани қобилияти ошкорсозӣ, надоштани бозори фурӯши маҳсулот ва пешбинии талаботи воқеӣ ва ғайра ҷой доранд. Нуқсонҳои номбурда дар кишвар асосан, аз сабаби кумаки ғайрисамарабахш, пеш аз ҳама, набудани дастгирии қавии молиявӣ барои соҳибкорони тозакори саноатӣ, шиддат меёбанд. Соҳибкорони тозакори саноатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар ҷумҳурӣ ба хизматрасонии машваратӣ, ба кӯмаки ихтисоснок ҷиҳати ҷустуҷӯи бино, таҷҳизот, воситаҳои алоқа, логистика, мутахассис ва ғайра эҳтиёҷи зиёд доранд. Чунин шакли дастгирӣ ба соҳибкорони тозакор имкон медиҳад, ки чӣ гуна оғоз кардани фаъолияти соҳибкорӣ, чӣ тавр маблағгузорӣ кардан дар фаъолияти истеҳсолӣ, чӣ гуна тартиб додани нақшаи тиҷоратӣ (бизнес–

план) ва чӣ тавр истифода бурдани механизмҳои минбаъдаи соҳибкориро фаҳманд ва дарк намоянд. Дар ин маврид таъсис ва фаъолияти бизнес–инкубаторҳо аҳаммияти махсус доранд.

Яке аз тарзҳои муассири дастгирии соҳибкории саноатӣ дар тамоми ҷаҳон бизнес–инкубаторҳо мебошанд, ки имкони истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро доро мебошанд. Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароит барои таъсиси бизнес–инкубаторҳо фароҳам оварда шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 2010, №629 «Дар бораи Парки технологӣ» қабул шуд, ки амалан заминаи ҳуқуқиро барои таъсиси бизнес – инкубаторҳо гузошт»[65].

Дар робита ба ин масъала, давлат ҷиҳати тақвияти дастгирии соҳибкории саноатӣ таваҷҷуҳи махсусро ба таҳияи санади давлатии «Барномаи ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ–техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои минбаъда» ҷалб намуд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 октябри соли 2009, №547 ба тасвиб расид.

Қадами дигари дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир қабули «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020» гардид, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №201 тасдиқ ва марказҳои бизнес–инкубаторҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб ва Хоруғ пешбинӣ ва таъсис гардиданд.

Қадами муҳим дар роҳи таъсиси бизнес–инкубаторҳо дар шаҳрҳои номбаршуда ин буд, ки мутобиқи Барномаи мазкур маблағгузории бизнес–инкубаторҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар назар дошта шудааст. Масалан, дар соли 2012 ба ин мақсад 460 ҳазор сомонӣ, соли 2013-579 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2014 - 1 млн. 040 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.

---

[65]Закон Республики Таджикистан "О технологических парках" (от 21.07.2010 г., № 629) / Вестник Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2010. – №7. – С.561.

Барои таъмини минбаъдаи рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар бо дарназардошти истифодаи техника ва технология, ҳамчунин таҷрибаи пешқадам дар асоси «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология дар солҳои 2007–2015», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 августи соли 2006, №362 тасдиқ шудааст, давлат амалисозии маҷмӯи тадбирҳоро доир ба фаъолноксозии равандҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ қабул кард.

Дар зарфи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила тадбирҳои равонашуда ба рушди тавонмандии соҳибкории саноатии рақобатпазири шаҳру ноҳияҳои кишвар амалӣ мешаванд, ки дар навбати аввал, сохтмони корхонаҳои нав, азнавсозӣ ва муҷаҳҳазнамоии корхонаҳои мавҷударо пешбинӣ менамоянд. Масалан, мутобиқи тадбирҳои андешида ва дастгириҳои давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир, қарорҳои қабул ва татбиқшавандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар ҳамасола бо таъсиси корхонаҳои саноатӣ иқдомҳои наҷиб роҳандозӣ мегардад. Мутаассифона, бо дарназардошти надоштани донишҳои ҳуқуқӣ, паст будани маърифати саноатӣ, надоштани маркетинги муайян ва ба таври таваккалӣ фаъолият намудани баъзе соҳибкорони саноатӣ, корхонаҳои саноатии навтаъсисгардида аз фаъолият бозмондаанд ё умуман, барҳам хӯрдаанд, ки барои рушди иқтисоди миллии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар робита ба ин масъала, таҳлили вазъи таъсис ва аз фаъолият бозмондан ва барҳам хӯрдани корхонаҳо барои солҳои 2017–2022 чунин аст. Дар соли 2017-ум 204 корхона таъсис гардида, 290 адад аз фаъолият бозмонда, 32 корхона барҳам хӯрданд, соли 2018-ум 180 корхона таъсис гардида, 279 корхона аз фаъолият бозмонда, 92 корхона барҳам хӯрданд, соли 2019-ум 161 корхона таъсис, 254 корхона аз фаъолият бозмонда, 184 корхона барҳам хӯрданд, соли 2020-ум 131 корхона таъсис, 180 корхона аз фаъолият бозмонда, 44 корхона барҳам хӯрданд, соли 2021-ум 219 корхона таъсис гардида, 149 корхона аз фаъолият бозмонда, 58 корхона барҳам

хӯрданд, соли 2022 225 корхона таъсис гардида, 112 корхона аз фаъолият бозмонда ва 54 корхона барҳам хӯрданд (расми 2.2.1.).




**Расми 2.2.1. Корхонаҳои навтаъсис, аз фаъолият бозмонда ва барҳамхӯрда дар солҳои 2017–2022***

*** Сарчашма:** аз рӯйи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Таҳлили маълумоти расми 2.2.1. нишон медиҳад, ки амалисозии тадбирҳо доир ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар имкон дод, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар ин минтақаҳои ҷумҳурӣ афзоиш ёфта, саривақт истифода нагардидани ин тадбирҳо, сатҳи нокифояи ҳуқуқии соҳибкорони саноатӣ ва мақсаднок истифода нагардидани онҳо, камҳавсалагӣ ё надоштани донишҳои истифодаи технологияҳои замонавӣ, норасоии мутахассисони соҳавӣ, надоштани маблағҳои гардон ва ба таври таваккалӣ ба истеҳсолот оғоз намудани корхона, аз фаъолият бозмондан ва барҳам хӯрдани корхонаҳои саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти пастсифати саноатӣ (ба рақобат

тобнаоваранда) оварда мерасонад, ки албатта, ин ба вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2.3. бармеояд, ки ба туфайли тавсеаи дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар баробари дигар вилоятҳои кишвар, минтақаҳои саноатии оғозкунанда (аз ҷумла, ВМКБ) рушди назарраси ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро таъмин кардаанд.

**Ҷадвали 2.2.3. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2020-2023 (млн.сомонӣ)***

| | Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (млн.сомонӣ) | | | | Суръати афзоиш (фоиз) | Фарқият (+ ; - ) | ҳисса бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | | | |
| Ҷумҳурӣ | 32467 | 39221 | 43025 | 50039,1 | 106,4 | 19949,1 | 100 |
| Вилояти Суғд | 16382 | 21283 | 24326 | 26051,9 | 105,0 | 10730,4 | 54,0 |
| Вилояти Хатлон | 9463 | 10432 | 10793 | 11600,0 | 103,9 | 2801,3 | 26,3 |
| НТҶ | 3457 | 3813 | 4186 | 6138,1 | 111,3 | 3165,4 | 9,5 |
| Шаҳри Душанбе | 2924 | 3374 | 3536 | 4196,7 | 115,5 | 1385,0 | 8,4 |
| ВМКБ | 241 | 319 | 184 | 2045, 0 | 118,8 | 1859,5 | 1,8 |

* **Сарчашма:** аз рӯйи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2.3. нишон медиҳад, ки ҳиссаи минтақаҳои кишвар дар таъмини маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ назаррас буда, вобаста ба истифодаи имкониятҳои дастгирии давлатӣ дар ВМКБ –1,8 % , дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда – 54,0%, дар вилояти Хатлон – 26,3 %, дар шаҳри Душанбе – 8,4% ва дар НТҶ – 9,5% мебошад. Яъне аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар вилоятҳои Суғду Хатлон имкониятҳои вогузоршудаи дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатиро беҳтар истифода мебаранд (расми 2.2.2).




**Расми 2.2.2. Таносуби ҳиссаҳои маҳсулоти саноатӣ дар Тоҷикистон ва минтақаҳои кишвар***

***Сарчашма:** Омори солона//Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2023.- С.282.

Мутобиқи «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020» ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №201 «Фонди дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ» таъсис ёфт, ки вазифаи он таъмин ва дастрасии соҳибкорони саноатӣ ба қарзҳои имтиёзнок дар кишвар мебошад. Дар соли 2013, тибқи маълумоти ин Фонд, барои 21 субъекти соҳибкории саноатии минтақаҳои кишвар қарз ба маблағи умумии 4,6 млн. доллари амрикоӣ ва дар соли 2014 6,3 млн. доллари ИМА ҷудо гардидааст.

Новобаста аз имконияту захираҳо, дар тамоми кишвар соҳаҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир бо дарназардошти ашёи хом гуногунанд, аз ҷумла саноати маъдан, саноати сабук, саноати хӯроквворӣ,

саноати масолеҳи сохтмонӣ, саноати ангишт ва саноати мошинсозӣ рушд дода мешаванд. Аз ин ҷост, ки дар расми 2.2.3. фарқияти ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тарҳи соҳаҳо таҳлил карда шудааст.




**Расми 2.2.3. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар тарҳи соҳаҳо дар солҳои 2020–2022***

* **Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Тайи солҳои охир маҳз бо мақсади дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ ва тақвияти соҳаҳои гуногуни он имтиёзҳо бобати ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ вусъат ёфта, дар ин замина, таваҷҷуҳ ба соҳибкории саноатии рақобатпазир афзун гардид. Маҳз дар ҳамин замина бештари сармоягузорон сармояи хешро ба соҳаҳои саноати рақобатпазире равона менамоянд, ки ашёи хоми он дар дохили кишвар мавҷуд буда, талабот ба он рӯзафзун ва бозори фурӯши он муайяну возеҳ аст (расми 2.2.4.).




**Расми 2.2.4. Ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаҳои алоҳидаи саноатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 бо %***

*** Сарчашма:** аз рӯйи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Аз расми 2.2.4. дида мешавад, ки сармоягузорӣ дар соҳаҳои маъдан ва масолеҳи сохтмонӣ нисбатан хеле зиёд аст. Ҳамзамон, бо таъсиси корхонаҳо дар дигар соҳаҳои саноат, аз қабили саноати масолеҳи сохтмонӣ, бахусус, маҳсулоти семент, ки ашёи хоми он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, таваҷҷуҳи сармоягузоронро ҷалб намудааст.Тадбирҳои андешидашуда ва дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир имкон фароҳам овард, ки таъсиси корхонаҳои истеҳсоли махсулоти семент дар кишвар афзоиш ёфта, ҳаҷми истеҳсоли он низ баланд гардад (ҷадвали 2.2.4).

**Ҷадвали 2.2.4. Маълумот доир ба ҳаҷми истеҳсоли семент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2022** (ҳазор сомонӣ)*

| Корхонаҳо | январ декабр 2021 | январ декабр 2022 | % | арзиши 1тн |
|---|---|---|---|---|
| «Моҳир семент» в. Хатлон | 323635,1 | 366092,9 | 113,1 | 327,0 |
| «Хуаксин Ғаюр семент» в. Хатлон | 649543,5 | 691211,6 | 106,4 | 542,6 |
| «Хуаксин Суғд семент» в. Суғд | 666552,7 | 528388,9 | 79,2 | 442,7 |
| «Сементи Тоҷик» ш. Душанбе | 157600,6 | 146068,9 | 92,6 | 731,4 |
| «Ганҷ» ш.Ваҳдат | 37607,2 | 24180,9 | 64,0 | 508,0 |
| «Суғд семент» в. Суғд | 26946,2 | 22381,2 | 82,8 | 493,2 |
| «Рушди Хатлон» в. Хатлон | 5228,0 | 5374,0 | 101,9 | 539,0 |
| «Ғаюр индастриал» в. Хатлон | 21758,5 | 24662,6 | 113,3 | 500,0 |
| «Заводи Самадов» в. Суғд | 10445,5 | 13809,8 | 132,6 | 529,3 |
| «Тоҷсемент» в. Суғд | 5713,2 | 6779,4 | 118,6 | 573,7 |
| «Унистром» в. Суғд | 6268,3 | 6714,8 | 107,1 | 434,7 |
| «Ваҳдат Хуалун» ш.Ваҳдат | 0,0 | 2561,5 | 0,0 | 600,0 |
| «Тоҷикистон» н.Варзоб | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| «Моҳир семент» в. Хатлон | 86945,0 | 109350,0 | 125,7 | 320 |
| «Хишти сабук» н.Рӯдакӣ | 497,1 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| «Соҳибдусти Усмон» | 561,2 | 746,0 | 132,9 | 500,0 |
| **ҶАМЪ** | **1999302,0** | **1952209,2** | **97,6** | **449,2** |

* **Сарчашма:** аз рӯйи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2.4. нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ – семент бештар дар минтақаҳои саноатии рушдёфта (вилоятҳои Суғду Хатлон) афзоиш ёфта, дар минтақаҳои саноатии рушдёбанда (НТҶ ва шаҳри Душанбе) дар ҳоли рушдёбӣ ва дар минтақаи саноатии оғозкунанда (ВМКБ) рӯ ба рушд ба сохтмони корхона ва истеҳсоли он ҳанӯз таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст. Чунин мешуморем, ки рушди истеҳсоли семент ба сатҳи рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ин минтақаҳо алоқаманд буда, ба ин навъи маҳсулот бештар ҷиҳати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва қонеъ намудани талаботи бозори дохила ва хориҷи кишвар равона гардидааст.

Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти семент дар минтақаҳои Тоҷикистон боиси густариши тавлиди ин навъи маҳсулоти саноатӣ дар миқёси мамлакат гардид. Чӣ тавре дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардид: «...шароит ва имкониятҳои мавҷуда водор месозад, ки кишвари мо аз воридоти семент даст кашида, ба содироти он гузарем»[66].

Таҳлил нишон дод, ки фақат дар соли 2015 ҳаҷми истеҳсоли семент дар Тоҷикистон дар муқоиса ба соли 2014-ум 13,3% ва дар муқоиса ба соли 2009-ум 6,7 маротиба афзудааст. Ин боиси коҳиши воридоти семент дар кишвар гардид. Афзоиши минбаъдаи истеҳсоли семент дар минтақаҳои кишвар ба зиёд кардани содироти сементи истеҳсоли ватанӣ равона хоҳад шуд.

Бояд қайд кард, ки сохтмони муҳимтарин корхонаҳои саноатӣ бо ҷалби соҳибкорони саноатии минтақаҳо дар асоси маблағгузории муайян сурат мегирад, аммо на ҳама вақт соҳибкорони саноатӣ чунин имкониятҳои молиявиро доро мебошанд.

Бинобар ин, онҳо дар марҳалаи ташаккул ва дар солҳои аввали оғози фаъолияти худ ба дастгирии давлатӣ эҳтиёҷ доранд. Аз ин ҷост, ки давлат ба онҳо дар шакли вогузории як қатор имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ кумак мерасонад. Масалан, дар соли 2013 бо роҳи ворид кардани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Точикистон: «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013» 7 объекти сохташаванда аз пардохти андоз аз арзиши илова ва пардохтҳои гумрукӣ барои ворид кардани маводи сохтмонӣ ва таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ, ки ба рушди соҳа мусоидат менамояд, озод карда шуданд, ки инҳо корхонаи муштараки «Хуаксин Ғаюр Семент» дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон ва ҶШК «Комбинати металлургии Тоҷикистону Чин» дар ноҳияи Ҳисор аз ҷумлаи онҳо буданд.

[66] Паёми Президенти Чумхурии Точикистон Эмомали Рахмон ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон аз 23.01.2015. – Душанбе: Шарқи Озод, 2015. – 48 с.

Илова бар ин, як қатор объектҳо бо қарорҳои алоҳидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи сохтмон аз андоз озод карда шуданд.

Мутобиқи Кодеки андоз, ки санаи 1 январи соли 2013 дар кишвар ҷорӣ гардид, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастурамал оид ба андозбандии корхонаҳои навтаъсиси соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо», аз ҷумла, корхонаҳои коркарди пурраи нахи пахта ба маҳсулоти тайёрнигаронидашуда *(аз истеҳсоли нахи пахта то маҳсулоти дӯзандагии тайёри пахтагин)* ба қайд гирифта шуд. Аз ҷумла, ворид кардани амвол ва таҷҳизот барои эҳтиёҷоти худии чунин корхонаҳо аз боҷи гумрукӣ ва пардохтҳои андоз аз арзиши илова озод карда шуд. Содироти амволи истеҳсолкардаи ин корхонаҳо аз андози арзиши илова озод карда мешаванд. Илова бар ин, муассисаҳои навтаъсис аз андоз аз фоида, андоз аз рӯйи низоми содакардашуда ва андоз аз молу мулки ғайриманқул озод карда мешаванд. Чунин имтиёзҳо барои муддати 12 сол аз 1 январи соли бақайдгирии давлатӣ муқаррар карда шудаанд. Агар корхонаи саноатии навтаъсис дар муҳлати муқарраршудаи қонунгузорӣ (яъне тибқи қарорҳои Ҳукумат) занҷираи истеҳсолӣ ё сиклҳои муайянгардида, аз коркард то истеҳсоли маҳсулоти тайёри пахтаро оғоз набахшад, пас дастгирии давлатӣ нисбати соҳибкорони саноатӣ ва ин корхонаҳо дар самти имтиёзҳои вогузоршудаи андозию гумрукӣ қатъ мегардад.

Ҳамчунин, дар ин самт ҷиҳати воридоти таҷҳизоту технологияҳои наву муосири корхонаҳои саноатии навтаъсиси соҳаи саноати сабук (коркарди чарм, пашм, пилла, абрешими хом ва дигар ашёи хоми кишоварзӣ то ба маҳсулоти тайёр) ба муҳлати 5 сол имтиёзҳои андозию гумрукӣ муаяйн карда мешавад.

Шакли муҳими дигари дастгирӣ, вогузории имтиёзҳои гуногун ба корхонаҳои саноатии навтаъсис ва амалкунанда дар кишвар мебошад. Масалан, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторияи барои санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар

соҳаи истеҳсолот» (аз 3 июли соли 2012, № 859) амал мекунад, ки мутобиқи он санҷиши ҳама гуна намуди субъектҳои хоҷагидорӣ ва навтаъсис бо назардошти воридоти техника ва технологияҳои нав манъ аст,.

Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истифода аз чунин шакли дастгирии давлатӣ, танҳо дар аввали соли 2022 соҳибкорони саноатӣ таҷҳизоту технологияҳои навро дар шаҳри Душанбе ба маблағи 367,7 млн. сомонӣ, дар вилояти Суғд– 651,4 млн. сомонӣ, дар НТҶ – 299,7 млн. сомонӣ, дар вилояти Хатлон– 508,3 млн. сомонӣ, дар ВМКБ–9,4 млн. сомонӣ ва умуман, дар тамоми кишвар, ба маблағи 1863,5 млн. сомонӣ ворид намудаанд.

Ҳамин тавр, амалисозии тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ва баъзе минтақаҳои он натиҷаҳои муайяни мусбат додааст. Дар ин иртибот, давлат як силсила тадбирҳоро доир ба дастгирии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар амалӣ намуда истодааст. Тадбирҳои минбаъда дар ин соҳа ба баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобат дар кишвар ва баъзе минтақаҳои он равона гардидааст.

Масалан, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 03.12.2012, №696 «Тартиботи ҳавасмандкунии субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолот (яъне саноатӣ), ки ба натиҷаҳои назаррас дар давраи мораторияи ба тамоми намудҳои санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолот даст ёфтаанд» тасдиқ гардид. Тибқи тартиботи мазкур, ҳавасмандкунӣ бо роҳҳои додани гувоҳномаҳои «Соҳибкори беҳтарин дар соҳаи саноат», “Навовари беҳтарин дар истеҳсолот”, “Маҳсулоти беҳтарин”, унвони «Корманди беҳтарини соҳаи саноат» дастрасӣ ба қарзҳои давлатии имтиёзнок дар доираи «Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ дар солҳои 2012-2020» ва пешниҳод кардани соҳибкорон барои дарёфти мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ба хотири рушд ва

дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир, густариши раванди саноатикунонии босуръат равона гардидааст.

Ҳукумати кишвар минбаъд низ дастгирии давлатиро бо амалӣ намудани тадбирҳо дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир ва корхонаҳои саноатии дорои аҳаммияти муҳим барои иқтисоди миллии кишвар идома медиҳад. Масалан, тибқи моддаи 15-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» (дар таҳрири нав аз 22.07.2013, № 998) чунин дарҷ гардидааст: «Ба мақсади ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии сармоягузорони ватанию хориҷӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ нархҳо ва тарифҳои дигар ҷиҳати истифодаи неруи барқ бо имтиёзҳои муайян муқаррар карда шаванд». Аз имтиёзҳои мазкур алҳол истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти содиротии кишвар (алюминий)–корхонаи воҳиди давлатии «ТАЛКО» дар шаҳри Турсунзода истифода мебарад. Корхонаи мазкур ҳамчун корхонаи муҳимми стратегӣ, ки дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вокеъ буда, тарифи неруи барқ 30% пасттар аз тарифи муқарраршуда барои аҳолӣ ва се баробар пасттар аз тарифи муқарраршуда барои дигар корхонаҳои ҷумҳурӣ муайян гардидааст.

Алҳол амалисозии «Барнома оид ба истифодаи самараноки манбаъҳои гидроэнергетикӣ ва сарфаи энергия дар минтақаҳои кишвар барои солҳои 2012–2016» анҷом ёфта, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаи энергия ва самарабахшии энергия» (аз 19 сентябри соли 2013, №1018,) эътибор пайдо намуда, мутобиқи он мавриди баҳрабардорӣ қарор додани биноҳо ва таҷҳизотҳои наву бозсозишуда, аз таъмири асосӣ баровардашуда, ки муҷаҳҳазсозии техникӣ, модернизатсия ва тавсеаи онҳо ба талаботи сарфаи неруи барқ мутобиқ набуда, ҳамзамон, бо дастгоҳҳои бақайдгирӣ ва андозагирии истифодаи манбаъҳои сӯзишворӣ–энергетикӣ муҷаҳҳаз гардонида нашудаанд, иҷозати истифода дода намеш

авад. Дар назар гирифта шуда буд, ки амалисозии Барномаи мазкур имкон медиҳад, ки дар солҳои минбаъда сарфаи неруи барқ дар ҳаҷми 2,7

млрд. кВт. соат таъмин карда шавад, ки ин имконият медиҳад хароҷот барои истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир дар корхонаҳои соҳибкории кишвар коҳиш ёбад. Бинобар ин, дар самти рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар тадбирҳои муайян ҷиҳати татбиқи Барномаи мазкур ба амал бароварда мешаванд (ҷадвали 2.2.5.).

**Ҷадвали 2.2.5. Маълумот дар бораи истифодаи неруи барқ дар соҳаҳои саноати Тоҷикистон (млн.кВт.соат)***

| Номгӯйи соҳаҳои саноат | Истифодаи неруи барқ | | Ҳаҷми талабот |
|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | |
| Мошинсозӣ | 3043,2 | 3542,5 | 3252,1 |
| Маводи сохтмонӣ | 246,7 | 301,8 | 286,6 |
| Маъдан | 226,9 | 242,2 | 494,3 |
| Хӯрокворӣ | 104,2 | 114,3 | 114,6 |
| Бофандагӣ | 72,2 | 75,8 | 148,6 |
| Ангишт | 2,2 | 2,6 | 2,8 |
| Ҳамагӣ | 3 695,4 | 4279,2 | 4 299,0 |

***Сарчашма:** Аз маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Душанбе, 2023.тартиб дода шудааст.

Тавре аз ҷадвали 2.2.5. бармеояд, соли 2022 дар муқоиса ба соли 2021 истифодаи неруи барқ дар корхонаҳои саноатӣ нисбат ба талабот то 0,5% коҳиш ёфта, ба муқоисаи талаботи пешбинишуда сарфакорӣ шудааст.

Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон дод, ки шаклҳои гуногуни мавҷудаи дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар натиҷаҳои муайяни мусбатро дар ин соҳа дар миқёси минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд. Ин, махсусан, барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳои кишвар муҳим аст.

Такмили системаи дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобат дар минтақаҳои кишвар алҳол ба густариш ва тавсеаи фаъолияти тамоми шаклҳои моликият ва навъҳои соҳибкории саноат нигаронида шудааст. Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳо доир ба имтиёзҳои зиёд ва

ташаббускориҳо ҷиҳати тавсеа ва дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатӣ ба маротиб афзоиш ёфта, ҳадафи чоруми стратегӣ– саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон бомаром татбиқ мегардад.

## 2.3. Баҳои шаклҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар иқтисоди миллӣ бо мақсади мусоидат намудан ба татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти кишвар бо дарназардошти афзалияти соҳаҳои алоҳидаи он дар шароити мушаххаси субъектҳои ҳудудӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин бобат таҳлили тадбирҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ, ошкор намудани камбудиҳо ва дарёфти роҳҳои бартараф намудани онҳо ба мақсад мувофиқ аст. Фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи махсус: таъмини рушди иқтисоди миллӣ, таҷдиди доимии он, ташаккули фазои сармоягузории ҳавасмандкунандаи гузариш ба истеҳсолоти муосири технологӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро амалӣ менамояд. Ҳангоми таҳлили раванди ташаккул ва инкишофи соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои Тоҷикистон, зарур аст, ки баъзе хусусиятҳои онро ба эътибор гирифт. Айни ҳол соҳибкории саноатӣ дар шароити такмили мунтазами қонунгузорӣ, беҳбуд бахшидан ба раванди истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, фазои сармоягузорӣ, такмили сиёсати андозию гумрукӣ, ҳамчунин, тақвияти робитаҳои иқтисодии хориҷӣ рушд мебахшад.

Дар баробари татбиқи дигар барномаҳо, иҷрои “Барномаҳои саноатикунонии босуръати кишвар барои солҳои 2020–2025”, ки дастгирии давлату ҳукуматро нисбат ба бахши хусусӣ инъикос намуда, соҳибкорони саноатиро ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир аз як тараф ва

мақомоти маҳалро ҷиҳати татбиқу такмили дастгирии давлатӣ аз ҷониби дигар, мувazzаф мекунанд, номбар шудаанд:

- пурзӯр намудани чораҳо доир ба пешгирии маҳсулоти воридотивазкунанда (либос, қолин, мебел, пойафзол, маҳсулоти дӯзандагӣ, маҳсулоти ширию гӯштӣ) дар шакли ғайрирасмӣ;

- тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми коркарди ниҳоии нахи пахта;

- бунёди корхона ва коргоҳҳои нави саноатии коркарди пӯст, истеҳсоли пойафзол, пашм ва пилла бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ;

- андешидан чораҳои иловагӣ барои тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли либоси мактабӣ, либоси духтурон, либоси ҳарбӣ, либосҳои махсуси корӣ, либосҳои тагпӯш;

- вобаста ба талабот таъмини афзалиятноки соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, сохтмон, энергетика, мудофиавӣ–ҳарбии кишвар бо маҳсулоти гуногуни ватанӣ дар заминаи дастгирии давлатӣ таъмини фармоишҳои давлатӣ ба корхонаҳои соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, мошинсозӣ ва саноати масолеҳи сохтмонӣ;

- зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандон ва ташкили нуқтаҳои савдо, растаҳои ҳунармандон, марказҳои фурӯши армуғонҳои миллӣ, кушодани нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили маҳсулоти гулдӯзию сӯзанидӯзӣ, чакандӯзӣ, қуроқдӯзӣ, попурию зардӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

- ташкили нуқтаҳои қабул ва коркарди пӯсту пашм дар ноҳияҳои чорвопарвари кишвар аз ҷониби соҳибкорони саноатӣ ва муайян намудани бозори фурӯши чарм аз ҷониби давлату ҳукумат;

- бунёди мавзеъҳои тутзор ва густариши кирмакпарварӣ аз ҷониби соҳибкорон ва таъсиси коргоҳҳои ресандагию бофандагӣ, истеҳсоли атласу адрас ва дигар маҳсулоти абрешимӣ;

- тартиб ва ҷорӣ намудани меъёри ягона, музди маоши кормандони соҳаҳои саноат бахусус саноати сабук, мошинсозӣ, масолеҳи сохтмонӣ, маъданҳои кухӣ ва мошинсозӣ;

- ташкили кори доимӣ барои корхонаҳои коркарди нахи пахта (ресандагӣ, бофандагӣ, рангуборкунӣ), коркарди чарм ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри чармӣ).

Мавҷудияти омилҳои манфии боздорандаи рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳои кишвар инҳоянд: мизони (ставкаи) хеле баланди қарзҳои бонкӣ, ҷой доштани омилҳои халалрасон дар мақомоти давлатӣ, номуайянии низоми андозию гумрукӣ, сатҳи пасти дониши ҳуқуқии соҳибкорони саноатӣ, номуайянии фармоишҳои давлатӣ барои молистеҳсолкунандагон.

Таҳлили фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ ва баъзе минтақаҳои он аз нуқтаи назари вазифаҳои онҳо *(навоварӣ, ташкилӣ, хоҷагидорӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ)* яксон набуда, аҳамияти ин корхонаҳо махсусан, ҳангоми ҷорисозии идеяҳои илмию техникӣ, таҳияи тарҳҳои нав, амалисозии тарҳҳои таҷрибавию тарроҳӣ фавқулода баланд аст. Дар айни замон, нақши онҳо нисбат ба амалисозии вазифаҳои ташкилии соҳибкории саноатии рақобатпазир самараноктар аст.

Имрӯз яке аз вазифаҳои асосӣ дар сиёсати давлату ҳукумати кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт, ки дар бартараф ё коҳиш додани таъсироти омилҳои манфӣ, истифодаи ҳадди ниҳоии омилҳои мусбати таъсиррасон ба инкишофи босуботи иқтисодӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди соҳибкории саноатии рақобат дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он муҳим арзёбӣ мегардад, ин густариши фазои рақобати бозор дар мавриди пешниҳоди молу маҳсулоти рақобатнок ва брендҳои истеҳсолӣ мебошад.

Таҳти сиёсати иқтисодии давлат системаи шаклҳо, методҳо ва механизмҳои ташкилию иқтисодии таъсиррасон ба равандҳои иқтисодӣ бо мақсади таъмини иҷрои барнома ва дурнамои дарозмӯҳлат, миёнамӯҳлат фаҳмида мешавад. Ба ақидаи О.И.Аборнева: “Сиёсати давлатии иқтисодӣ соҳаҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила, истеъмол, захираандӯзӣ, содирот ва воридоти маҳсулоти иқтисодӣ дар кишвар, афзоиши некуаҳволӣ ва рушди комплекси иҷтимоию фарҳангиро фаро мегирад”[67].

Бинобар ин, сиёсати давлатии иқтисодӣ тарҳрезии маҷмӯи тадбирҳо доир ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ–дар риштаҳои молия, демография, инноватсия ва дастовардҳои илмию техникӣ, шуғл, дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва ғайраро дар назар дорад. Асоси ҷанбаҳои номбаршудаи сиёсати давлатиро стратегияи дахлдори рушди иқтисоди миллӣ, яъне захиравӣ–бозорӣ, амволӣ–бозорӣ, ҳамгироӣ, иҷтимоӣ ва ғайра ташкил медиҳад.

Барои иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз системаи маъмурию фармонфармоӣ даст кашида, муносибатҳои комилан нави иқтисодиро ташаккул медиҳад, муайян намудани таносуби оқилона байни дастгирии давлатии фаъолияти корхонаҳои саноатии рақобатпазири минтақаҳо ва истифодаи фишангҳои худтанзимкунӣ дорои аҳамияти хос аст.

Вазъи ҷомеа бо он тавсиф карда мешавад, ки иқтисоди бозорӣ системаи маъмурию фармонфармоиро иваз ва методҳои таъсири давлат ба фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар кишвар тағйир бахшид.

Коҳиши суръати рушди ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, фаъолнокии сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, паст шудани

[67]Аборнева О.И. Государственное регулирование и поддержка малого предпринимательства (ре-гиональный аспект)//Проблемы теории и практики управления. – М., 2004. – № 2. – С.111-117.

нишондиҳандаҳои молиявӣ, афзоиши фарсудашавии фондҳои асосии корхонаҳои саноатии минтақаҳо аз таъсири нокифояи давлат ба натиҷаҳои фаъолияти онҳо, аз зарурати дигаргун кардани методҳои танзими давлатии асосёфта ба истифодаи таҷрибаи хориҷӣ ва бо дарназардошти шароити таърихии рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Аз ин ҷост, ки дахолати давлат дар фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазири кишвар талабот ба тадқиқоти комил ва объективиро ба миён меоварад, ки маҳз онҳо метавонад сатҳи инкишофи соҳаҳоро арзёбӣ ва тавсияҳоро доир ба самтҳои алоҳидаи маҳдудсозӣ ё тақвияти танзими давлатӣ таҳия намояд.

Аммо методҳои нави танзим ба ҷойи корхонаҳои саноатии фаъол вақте ҷорӣ карда шаванд, ки агар онҳо самаранокии баландтари иқтисодӣ ва иҷтимоии худро исбот намоянд. Истифодаи назарияи институтсионалии хароҷоти трансаксизӣ имкон медиҳад, ки системаи фаъолтари дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо ташаккул ёбад. Муносибсозии шаклу методҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ боиси сарфаи маблағҳои буҷетӣ, такмили тақсими он ва афзоиши самаранокии иҷтимоию иқтисодии он дар рақобатнокии шадиди бозор мегардад.

Соҳибкории саноатии рақобатпазир ҳамеша соҳаи пешбари манфиатҳои иқтисодии давлат буда, маҳз ҳамин соҳа талаботи ҷомеа ва инфиродиро бо маҳсулоти саноатӣ таъмин менамояд. Бинобар ин, масъалаи идоракунии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити бозори иқтисодӣ аҳамияти махсус касб намуда, рушди бемайлони соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ аз рушд ва густариши он вобастагии амиқ дорад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои зиёди меъёрию ҳуқуқиро, ки он асоси идоракунии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар ҷумҳурӣ бунёд месозад, ба низом медарорад. Ба ин

метавон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои амвол» ва дигар санадҳои меъёриро дохил кард.

Муҳимтарин унсури дастгирӣ ва рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо зерсистемаи таъмини барномавӣ - ҳадафмандӣ мебошад, ки дар он ҳадафҳои асосӣ, усулҳо ва самтҳои кӯмак ба бизнеси ватанӣ ифода меёбанд.

Барномаҳои давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо, ки ба манбаъҳои дахлдори моддӣ, иттилоотӣ, молиявӣ, кадрӣ ва ғайра таъмин мебошанд, муҳимтарин шакли амалисозии сиёсати давлатӣ нисбат ба рушди соҳибкории саноатӣ ба туфайли шароити мусоиди фароҳамгардида арзёбӣ мегардад.

Яке аз муҳимтарин самтҳои барномаи давлатии дастгирии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ амалӣ намудани тадбирҳо доир ба ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати таъсиси корхонаҳои саноатии ба рақобаттобовар дар минтақаҳои Тоҷикистон мебошад.

Аз ин ҷост, ки корхонаи саноатии истихроҷи маъдан дар вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар фаъолият мекунанд. Дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ барои фаъолияти тамоми соҳибкорон дар саноат ҷанбаҳои умумии рушд дорад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки чунин имкониятҳоро на ҳамаи соҳибкорон ба таври зарурӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар Тоҷикистон мувофиқи мақсад истифода мебаранд. Аз ин ҷост, ки дар баъзе корхонаҳои саноатии кишвар истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир роҳандозӣ нагардида, балки истеҳсолоти мавҷуда тамоюл ба коҳишёбӣ доранд (ҷадвали 2.3.1.).

**Ҷадвали 2.3.1. Коҳиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи нефт ва газ дар соли 2022, ҳаз. сомонӣ***

| Номгӯйи муассисаҳо | Соли 2022 |
|---|---|
| ҶСШП «Газпром ЭП Интерсеррвис БВ»-и ш. Душанбе | - 115855,8 |
| ҶСШК «Шоҳон»-и ш. Конибодом | - 9338,6 |
| ҶСШК «ЗАБ»-и н. Рӯдакӣ | - 8373,5 |
| ҶСШП «Заводи асфалту бетон»-и ш.Душанбе | - 8373,3 |
| КВД «Роҳсоз»-и ш. Душанбе | - 7562,1 |
| ҶСШК «Кулобпотерелеум лимитед»-и н. Балҷувон | - 2553,5 |
| ҶСШК «Петролеум Сугд»-и ш. Исфара | - 1823,2 |

***Сарчашма:** Маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2.3.1. нишон медиҳад, ки дар вилояти Суғд 2 корхона, вилояти Хатлон 1 корхона, шаҳри Душанбе 3 корхона ва дар НТҶ 1 корхонаи саноатӣ имкониятҳои мавҷударо ба таври зарурӣ истифода накарда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро коҳиш додаанд.

Ба ақидаи мо, чунин ҳолат, пеш аз ҳама, бо муаммоҳои зерин алоқаманд аст:

- *аввалан*, нокифоягии системаи идоракунии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар;

- *сониян,* бармеомада аз сифати номуносиби хизматрасонии зерсохтори соҳа аз нуқтаи назари талаботи воқеии соҳибкорӣ;

- *сеюм,* алоқамандии раванди идоракунии соҳавӣ дар ҳамбастагӣ бо танзими соҳибкории саноатӣ.

Бартараф намудани тамоюлҳои манфӣ ҷиҳати фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва саъю талоши ҷиддӣ дар мавриди истифодаи мақсадноки имтиёзҳои пешбинигардида ва дар ин замина, ташаккули зерсистемаи самарабахши дастгирии рушди соҳибкории саноатӣ, ки ба рақобатпазирии фаъолияти устувори он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Дар амалисозии барномаҳои давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо проблемаҳои барои Тоҷикистон хос рӯ ба рӯ мегардад, ки онҳо бо шароитҳои инкишофи иқтисодиёти кишвар, қабл аз ҳама, бо самтгирӣ ба усулҳои дастгирии молиявии мустақим алоқаманд аст.

Ин, агар аз як тараф, масрафи беназорати захираҳоро ба вуҷуд оварад, аз ҷониби дигар, боиси пайдо гардидани мушкилиҳо дар мавриди маблағгузориҳои мустаъқим мегарданд: ҳамоҳанг нагардидани фаъолияти иштирокчиёни таҳияи барномаҳои гуногуни давлатӣ бобати манфиатҳои соҳибкории саноатӣ; набудани алоқаи мустаҳкам байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва худи соҳибкорони саноатӣ, иштирок надоштани соҳибкорони саноатӣ ҳангоми таҳия ва қабули барномаҳо, қарорҳои дахлдор доир ба имтиёзҳои андозӣ ва дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории саноатӣ, ки ба истеҳсоли молу маҳсулоти хушсифат ва рақобатноки онҳо мусоидат менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар Форуми байналмилалии соҳибкорӣ (шаҳри Душанбе, 14 октябри соли 2015) изҳор доштанд: Фонди рушди соҳибкорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар минтақаҳои кишвар 133 млн. сомонӣ равона намуд ва дар соли 2020 ин маблағ то 1 млрд. сомонӣ зиёд мегардад. Фонди мазкур то ҳол барои 117 субъекти соҳибкории саноатӣ қарзҳоро бо фоизи паст пешниҳод намудааст, ки он 47 шаҳру ноҳияҳои кишварро фаро мегирад”[68].

Акнун барои ҳаллу фасли вазифаҳои гузошташуда дар назди соҳибкории саноатии рақобатпазир, корро бояд тавре роҳандозӣ намуд, ки дигаргуниҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ) ва амалӣ намудани тағйироти

[68] Предпринимательство – двигатель экономики // Мароми пойтахт. – Душанбе, 2015. – 14 с.

пешқадами захиравию технологиро ҳавасманд гардонад. Бинобар ин, ба инкишофи соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои Тоҷикистон, бо дарназардошти истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда барои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар маҳалҳо, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои Тоҷикистон имконият барои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, масалан, истеҳсоли маҳсулоти қолин мавҷуд аст. Дар ин иртибот, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2014, №737 дар бораи "Барномаи рушди маҳсулоти қолинӣ тайи солҳои 2014–2020" замина барои роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти қолин дар дигар минтақаҳои кишвар гузошта шуд.

«Дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ, ки ба тағйироти сифатӣ ва миқдории фазои хоҷагидорӣ мусоидат мекунад, ифодаи худро дар афзоиши арзиши иловагӣ меёбад. Самараи сифатии ин амал беҳтар аз ҳама дар арзиши иловагии як воҳиди маҳсулот ба як нафар коргар зоҳир мегардад»[69].

Айни замон муҳимтарин санад, ки маҷмуи тадбирҳои дастгирии давлатии соҳаҳои саноатро инъикос менамояд, «Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №159 тасдиқ шудааст, минбаъд, СМР-2030). Стратегия ва дигар барномаҳои рушди иқтисоди миллӣ дар давраи дарозмуҳлат ва миёнамуҳлат қабул гардидааст. Дар он барои аз нав барқарор намудан ва минбаъд мустаҳкам намудани соҳаҳои алоҳидаи саноат бо дарназардошти хусусиятҳои минтақаҳои мамлакат тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардидааст. Ҳадафҳои асосии Стратегия муқаррароти зеринро дар бар мегирад:

---

[69]Бабосов Е. Дифференциация и консолидация в процессе становления предпринимательства в переходном обществе//Общество и экономика.–М., 2002. – № 12 – С.103-112.

- ташкили минтақаҳои озоди иқтисодию саноатӣ дар ҷумҳурӣ (вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ ва шаҳри Душанбе);

- таҳкими саноати рақобатпазир, устувор, аз ҷиҳати сохторӣ собитшуда, ки рушди соҳаҳо ва рушди технологияҳои пешқадами ба бозори маҳсулоти рақобатпазир нигаронидашударо мустаъқилона таъмин менамояд;

- таъмини рушди устувори кишвар тавассути диверсификатсияи молу маҳсулоти саноатӣ, тағйир додани мақоми саноат аз истеҳсолкунанда ва содироти ашёи хом, ба истеҳсолкунанда ва содиркунандаи молу маҳсулоти тайёри ба рақобат тобовар;

- таъмини баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ва ҳалли самарабахши масъалаҳои некуаҳволӣ;

- боздоштани раванди ғайрииндустрикунонии иқтисодиёт бо роҳи тезонидани суръати тараққиёти саноат ва аз мамлакати агросаноатӣ ба мамлакати индустриалӣ–аграрӣ табдил додани мамлакат;

- барҳам додани кафомонии техникӣ, технологӣ ва иқтисодӣ, ташаккули иқтисодиёти дорои дараҷаи миёнаи тараққиёт;

- пайвастани саноати кишвар ба раванди ҷаҳонишавӣ, ноил шудан ба сатҳи баланди рақобатпазирии маҳсулоти соҳа дар бозорҳои хориҷӣ;

- ҷорӣ намудани таносуби муайяни маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади бо ашёи хом (меваю сабзавот, корхонаҳои саноатӣ ва ғайра) таъмин кардани корхонаҳои коркард.

Мутаассифона, дар Стратегия иқтидори иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз нуқтаи назари ташаккул ва истифодаи самараноки он ба назар гирифта нашудааст. Дар робита ба ин, бисёре аз ҳадафҳое, ки барои ноил шудан ба параметрҳои устувории бахшҳои саноатӣ таҳия шудаанд, татбиқи мушкил ба назар мерасанд. Ба назари мо, барои ноил шудан ба мақсадҳои мураттабгардидаи рушди саноат, пеш аз ҳама, бо дарназардошти татбиқи

самараноки онҳо неруи дуруст ташаккулёфтаи рушди корхонаҳоро таъмин кардан лозим аст. Аммо дар ин ҳуҷҷат бобати ноил шудан ба мақсадҳои ба дараҷаи баланди тараққиёти саноат ва дигар ҷиҳат он ба назар гирифта нашудааст. Вобаста ба ин, мо зарур мешуморем, ки ба муҳтавои барномаҳое, ки дар заминаи Стратегияи зикршуда таҳия мегарданд, ислоҳоти муайян ба назар гирифта шавад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди истеҳсоли маҳсулоти қолинҳои дастбоф ва дигар ҳунарҳои халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз санаи 03.06.2014, №375) дар 54 шаҳру ноҳияи минтақаҳои кишвар 390 маркази таълимии истеҳсолӣ, маркази ҳунаромӯзӣ таъсис ёфтаанд, ки аввалин қадам барои рушди соҳибкории саноатӣ ва ҷорӣ намудани саноатикунонии оилаҳо дар деҳот замина гузошта, дар ин давра 9937 нафар аз ҷумлаи аҳолии маҳаллӣ таҳсил ва соҳиби касбу ҳунар гардида, маҳсулоти рақобатпазири истеҳсолнамудаашонро ба фурӯш бароварда, ба ин васила дар баланд бардоштани маърифати саноатии ҳунармандони деҳот саҳми босазо гузоштаанд (ҷадвали 2.3.2.).

**Ҷадвали 2.3.2. Шумораи марказҳои таълимии истеҳсолӣ доир ба омӯзиши касбу ҳунар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аввали соли 2022***

| МИНТАҚАҲО | Шумораи марказҳои таълимии истеҳсолӣ | Теъдоди мутахассисони тайёршуда аз ҷумлаи занон (нафар) |
|---|---|---|
| ВМКБ | 11 | 500 |
| Вилояти суғд | 318 | 5037 |
| Вилояти Хатлон | 35 | 3411 |
| Шаҳри Душанбе ва НТҶ | 26 | 989 |
| **Ҳамагӣ** | **390** | **9937** |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар тамоми кишвар, сарфи назар аз сатҳи фаъолияти соҳибкории саноатӣ, дар ҷавоб ба дастгирии давлат, теъдоди хоҳишмандон барои омӯзиши касбу ҳунар рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Дар доираи ҳамкориҳои судманди Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд «Марказҳои рушди малакаҳо», ки бо тамоми имкониятҳо бахусус хобгоҳ, хуроки гарм ва кумакупулӣ барои соҳибкасб гардидани аҳолии кишвар таъсис дода шудааст, объекти муҳими сиёсати имрӯзаи давлат доир ба дастгирии рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо мегардад. Бо дарназардошти талаботи бавуҷудомада, навъҳои муайяни маҳсулоти саноатӣ ва қонеъ кардани ин талабот бо ҷалби соҳибкорони саноатӣ, давлат иқдомоти муайянро роҳандозӣ кардааст. Масалан, солҳои пеш талаботи зиёди хонандагон бо либоси мактабӣ аз ҳисоби маҳсулоти воридотӣ аз хориҷи кишвар қонеъ мегардид. Бинобар ин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009, №683 дар бораи «Барнома оид ба тайёр кардани маҳсулоти бачагона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015» қабул гардида, дар доираи он истеҳсоли маҳсулоти бачагона ва либоси мактабии рақобатпазир аз тарафи соҳибкорони саноатии ватанӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо истифода аз дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ истеҳсоли молу маҳсулоти саноатии рақобатпазири ватанӣ афзоиш ёфта, воридоти либоси мактабӣ пурра аз хориҷи кишвар манъ, барои воридоти матоъ, тугма ва дигар маҳсулотҳои зарурӣ имтиёз қабул гардид. Тайи солҳои охир дар ҷумҳурӣ либосҳои мактабӣ бо сифати баланд ва рақобатпазир истеҳсол гардида, ба фурӯш бароварда шуданд.

Таҳлили таҳқиқот аз он гувоҳӣ медиҳад, ки теъдоди хонандагон дар ҷумҳурӣ талаботро доир ба тайёр кардани либоси мактабӣ муайян менамояд. Дастгирии давлатӣ оид ба роҳандозии истеҳсол ва фурӯши либоси мактабӣ ҳамчун маҳсулоти рақобатпазир бобати таъмини фармоиш ба соҳибкорони саноатиро талаб менамояд, чунки истеҳсоли ин ва дигар

навъи маҳсулоти дӯзандагии ба рақобаттобоварро метавон дар тамоми минтақаҳои кишвар бо ҷалби соҳибкорони саноатӣ ба роҳ монд.

Дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ дар кишвар бояд бо ҷалби манбаъҳои молиявӣ ба бахши асосии иқтисод, яъне соҳаи саноат равона гардад ва зимнан, сармоягузорӣ бояд воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар иваз кунад. Ин имкон медиҳад, ки тамоюли нав ба рушди иқтисодӣ аз ҳисоби тавсеаи истеҳсолоти ватанӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ дар кишвар ба вуҷуд ояд.

Такмили минбаъдаи самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ метавонад ивазкунии маҳсулоти воридотиро таъмин намуда, ба ин тартиб, истеҳсоли ватании маҳсулоти саноатиро барои қонеъ кардани эҳтиёҷот ва ба роҳ мондани содироти он афзоиш диҳад. Ин боиси коҳиши воридот ва зиёд гардидани истеҳсолоти ватанӣ ва содироти маҳсулоти рақобатпазир мегардад.

Ҳукумати мамлакат барои ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкории саноатии рақобатпазир, яъне саноатикунонӣ дар кишвар як қатор тадбирҳоро амалӣ менамояд. Бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ ва вазифаҳои рушди минтақавӣ ва дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ метавонад бо вазифаҳои зерин асос ёбад:

– коҳиши фарқи назаррас дар сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳида;

- дастгирии давлатии минтақаҳои дорои сатҳи пасти маърифати саноатӣ ва минтақаҳои аз нигоҳи соҳибкории саноатӣ ақибмонда;

– амалисозии сиёсати санҷидаи аз нигоҳи илмӣ асоснок нисбат ба минтақаҳое, ки дар самти соҳибкории саноатӣ шароити мураккаби хоҷагидорӣ доранд;

– ҷорӣ кардани равиши барномавӣ–ҳадафмандӣ дар системаи таъмини дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири кишвар.

Бо дарназардошти иҷрои вазифаҳои барномавӣ–ҳадафмандӣ, дастгирии давлатии соҳибкории саноатиро метавон ба гурӯҳбандии зерин ҷудо намуд:

– *аввалан,* гурӯҳи минтақаҳое, ки махсус ба дастгирии давлатӣ эҳтиёҷ доранд;

– *сониян,* тафриқа кардани (дифференсиатсияи) самтҳо ва миқёси дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ барои минтақаҳои алоҳида (вобаста аз сохтор ва мушкилоти локалии иҷтимоию иқтисодӣ, сатҳи рушди тиҷорат ва дастгирии зерсохторҳои он дар кишвар).

Мувофиқати барномаҳои давлатии дастгирии рушди соҳибкории саноатӣ бо барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҷиҳати коҳиш додани сатҳи муҳоҷират, ҳалли муаммоҳои фарогирӣ ба шуғл бо таъсиси корхонаҳои саноатӣ ва рушди рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ тадбирҳои зеринро дарбар мегиранд:

– афзалиятнокии дурнамои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва рушди рақобатнокии онҳо дар саноати ҷумҳурӣ;

– иҷрои тадбирҳо баҳри амалисозии самтҳои асосӣ ва рушди шаклҳои дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар;

– тадбирҳо доир ба ҷалби аҳолии аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир ба фаъолияти соҳибкорӣ, пешниҳод барои муқаррар кардани имтиёзҳои андозӣ, бонкӣ ва ҷалби маблағҳои буҷетӣ барои дастгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ;

– тарҳрезии механизми бунёди коргоҳу корхонаҳои саноатӣ дар заминаи сохтмонҳои анҷомнаёфта ва дигар объектҳои холӣ бо мақсади рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир.

Агар истифодаи мақсадноки барномаҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир заминаҳои мусоидро барои ба минтақаҳои саноатии рушдёфта табдил додан, муҳайё созад, пас

ғайримақсаднок истифода гардидани он ба минтақаҳои саноатии оғозкардаи кишвар мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, татбиқи бомароми барномаҳои давлатӣ дар масири дастгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ва минтақаҳои он басо муҳим аст. Дар робита бо ақидаи А.И. Агеев ва Е.А.Карпухина, самтҳои афзалиятноки тадбирҳо дар ин росто метавонанд инҳо бошанд:

-такмили пояи меъёрии ҳуқуқии дастгирии соҳибкории саноатӣ дар шароити рақобатпазир:

- ташаккули зерсохтор барои дастгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир;

- инкишофи механизми молиявии дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар, аз ҷумла, истифодаи шаклҳои ғайрианъанавии он;

- таъмини иттилоотии ташаккул ва такмили дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазири минтақаҳо;

- такмили системаи баҳисобгирии давлатӣ ва фаъолияти хоҷагидории соҳибкории саноатии рақобатпазир;

- мусоидат ба фаъолияти иқтисоди хориҷии субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир;

-тайёр кардани мутахассисон кадрӣ ва такмилу бозомӯзии онҳо дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ бо мақсади рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир;

- дастгирии истеҳсолию технологӣ ва инноватсионии соҳибкории саноатӣ дар кишвар;

– таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва амнияти рақобатнокии фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо;

- таъсиси системаи дастгирии ҷамъиятии соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо”[70].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди шаклгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он хусусияти хосси худро дорад. Бо вуҷуди ин, ташаккул ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир соҳаи назарраси фаъолият дар шароити бозорӣ мегардад. Дар натиҷаи ин, бо фароҳам овардани заминаҳо ҷиҳати рушди соҳибкории саноатӣ ва баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ–иқтисодии он натанҳо дар дурнамои наздик, балки барои ояндаи дур таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Имрӯз бояд фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар кишвар аз ҳисоби истифодаи чунин самтҳои дастгирӣ, монанди ташкили бизнес–инкубаторҳои соҳавӣ *(дар соҳаи хизматрасонии истеҳсолӣ, саноат ва ғайра)* тавсеа ёбад.

Таъсиси бизнес–инкубаторҳо дар истеҳсолоти бузург, аз ҷумла, рушди бозорҳои хурдмиқёс, шабакаҳои тиҷоратӣ ва ғайра имкон медиҳад, ки соҳибкорон ба қисми бештари манбаъҳо дастрасӣ дошта бошанд. Барои амалисозии барнома доир ба ҷорисозӣ ва фаъолияти бизнес– инкубаторҳо, гурӯҳе иборат аз мутахассисон–мушовирон ва намояндагони марказҳои таълимию корӣ ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои калидии вобаста ба таъсиси бизнес–инкубаторҳо дар самти соҳибкории саноатӣ ташкил карда мешавад. Бизнес–инкубатор бояд барои минтақаҳо намуна бошад, ба ҷустуҷӯ, интихоб ва мутобиқшавӣ бо шароити маҳаллӣ самтгирӣ шуда бошанд. Дар назар аст, ки ба имконияту захираҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ, иштироки фаъоли бизнес–инкубаторҳо дар амалисозии барномаҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Ҷорисозии бизнес–

[70] Агеев А.И., Е.А. Карпухина Социальная ответственность бизнеса: отечественные грани и зарубежные стандарты // Экономические стратегии. – М., 2002. – С. 60-63.

инкубаторҳо ба рушди соҳибкории саноатӣ мусоидат карда, бисёр мушкилоти худбахуд ва беасос дар истеҳсолот ба вуҷудомадаро бартараф мекунад.

Бояд таъкид кард, ки ташаккул ва баланд бардоштани самаранокии дастгирии соҳибкории саноатӣ бознигарии системаи мавҷудаи институтсионалӣ, аз ҷумла, мониторинги унсурҳои амалкунандаи зерсохтори дастгирии рушди соҳибкории саноатӣ дар ҷумҳурӣ талаб мегардад.

Аз ин ҷост, ки барои таъмини ташаккули муоссир ва ба мақсад мувофиқи дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ ҳаллу фасли як силсила вазифаҳои муҳим пешбинӣ мегардад:

– аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ дар раванди татбиқи механизмҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир;

– густариши ҳамкориҳо бобати рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир;

–таъсиси марказҳои дарёфти бозори фурӯш бобати дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир;

– омӯзиши таҷрибаи пешқадами пешрафтаи минтақаҳои рушдёфтаи саноатӣ дар ҷумҳурӣ ва дастгирии давлатии онҳо:

– аз худ кардани механизмҳои нави қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ ҷиҳати рушд ва дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир;

– ҳавасманд кардани соҳибкорони саноатӣ дар минтақаҳо бобати ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ ва рақобатпазирии онҳо.

Бо дарназардошти маҳдудияти хеле зиёди буҷет дар тамоми сатҳҳо, такяи асосӣ бояд ба инкишофи технологияи пешқадами молиявӣ, ҷалби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ карда шавад. Дар ин маврид шаклҳои ғайрианъанавии маблағгузории барномаҳои давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, ки ба шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ асос ёфтааст, аҳамияти махсуси соҳаи саноат дар кишвар ва баъзе

минтақаҳои он, бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, метавон як қатор силсилаи тадбирҳоро пешбинӣ кард, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

«– таъсиси фондҳои давлатӣ бо мақсади бимаи (суғуртаи) хатари (риски) сармоягузории тиҷоратӣ;

- барқарорсозии механизми самарбахши ҳамкории байни соҳибкорони саноатӣ бо бонкҳои тиҷоратӣ;

- истифодаи системаи ягонаи мизони (ставкаи) қарздиҳии бонкӣ вобаста ба афзалияти тарҳҳои соҳибкорӣ;

- рушди мутақоилаи қарздиҳӣ, ҳамчунин, системаи қарздиҳии ипотекӣ;

- ҷорисозии васеи чунин шаклҳои дастгирии молиявию қарзӣ, монанди лизинг, факторинг, форфейтинг, франчайзинг, қарздиҳии венчурӣ;

– ба системаи кафолат иваз кардани қарздиҳии бевосита ба тиҷорати соҳибкории саноатӣ мутааллиқ;

– ташаккули системаи бонкҳо, ки ба самти дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир нигаронида шудааст;

- таъсиси фондҳои кафолатӣ барои сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи соҳибкории саноатии ватанӣ бо мақсади тақвияти содироти маҳсулоти рақобатпазир»[71].

Камбудии дигари муҳим, ба андешаи мо, диққати кофӣ надодан ба кластеркунонии соҳаҳои саноат мебошад. Айни замон рушди устувори соҳибкории саноатӣ ва таъмини рақобатпазирии онҳо бештар ба мушкилоти мутамарказ, ҳамгироии субъектҳо ҷиҳати татбиқи самаранокии сиёсати кластерӣ алоқаманд аст.

---

[71] Ниг.: Шамина Л.К. К вопросу о состоянии современной инновационной инфраструктуры // Глобальный экономический кризис: реалии и пути преодоления//СПб. науч. ст. Вып. 7/Под общ. ред. В.В. Тумалева. – СПб: НОУ ВПО. Институт бизнеса и права, 2009. – С.87.

Кластеркунонии соҳибкории саноатӣ барои самаранок истифода бурдани иқтидори иқтисодии корхонаҳои саноатӣ такягоҳи боэътимод мебошад.

Бо назардошти иҷрои «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025», зарурияти таҳияи маҷмуи тадбирҳо доир ба ташаккул ва рушди кластеркунонии саноат бахусус дар соҳаи саноати сабук, саноати хӯрокворӣ, маъданҳои куҳӣ ва металлургияи ранга, саноати химия, саноати масолеҳи сохтмонӣ, саноати хурокворӣ ва дигар соҳаҳо ба вуҷуд омадааст. Вобаста ба ин, яке аз омилҳои муҳими ташаккули кластеркунонии саноатӣ, пеш аз ҳама дар самтҳои алоҳидаи соҳибкории саноатӣ ва минтақаҳои алоҳидаи кишвар мушаххасан муайян ва роҳандозии он мебошад.

# БОБИ 3. ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Такмилдиҳии дастгирии давлатии амнияти сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Таъмини амнияти сармоягузорӣ дар ҳама марҳалаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа яке аз масъалаи муҳим ва рӯзмарраи системаи давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки маҳз амнияти сармоягузорӣ метавонад сабаби муҳимми пешрафт ва инкишофи соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ гардида, барои таъмини шароитҳо бобати ҷалби сармоя ва сармоягузорон мусоидат намояд.

Дар шароити кунунии иқтисодиёти кишвар таъмини амнияти сармоягузорӣ метавонад натиҷаҳои назаррасро дар самтҳои зерин татбиқ намояд:

– таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёти миллӣ;

– муайян намудани ҳудуди сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар;

– муҳайё кардани фазои сармоягузорӣ бо татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ.

Бо ин мақсад зарур аст, ки омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии тамоюлҳои асосӣ доир ба сармоягузориҳо, динамикаи онҳо, таҳлили вазъи сармоягузорӣ дар марҳалаи ҳозираи мамлакат гузаронида шаванд. Барои ин вазъи масъалаҳои зикршуда дар давоми солҳои охир дар миқёси кишвар ва дар минтақаҳои он, ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, ҳаҷму самаранокии онҳо ва омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати бартараф сохтани хатарҳои мавҷуда, муайян кардани роҳҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи сармоягузориҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар муайян карда шаванд.

Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки амнияти сармоягузорӣ - ин қобилияти таъсиррасонии мақомотҳои давлатӣ ба ҷараёни сармоягузорӣ

дар кишвар мебошад, ки рақобатпазирӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллиро таъмин мекунад. Дар ин ҷо дастгирии давлатии сармоягузорӣ муҳим мебошад. Чунин иқдоми пешгирифтаи давлат дар ин соҳа, пеш аз ҳама, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёт ва ҳавасманд гардонидани сармоягузорон дар бунёд намудани истеҳсолоти нав, таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда бо истифода аз таҷҳизот ва технологияҳои пешқадами муосир, нигоҳ доштан ва муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, рақобатпазирии молу маҳсулот, таъмин сатҳи баланди хизматрасонӣ дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Инчунин, ҷалби сармоягузорӣ, татбиқи сиёсат аз ҷониби мақомоти ваколатдор, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, амалӣ карда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки то ҳол афзор ва механизмҳои аниқи муайян сохтани татбиқи сиёсати сармоягузорӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор дуруст ба роҳ монда нашудааст. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, ин нуқтаи назарро муҳаққиқ Н.М. Захватов дар асари илмии худ чунин таъкид менамояд: «...ифодаи «амнияти сармоягузорӣ» то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Баъзе муаллифон онро ҳамчун мавзӯи пурра омӯхтанашуда арзёбӣ намудаанд ва баъзе ин нуқтаро ёдрас гардида, дар ин бобат изҳори назар кардаанд»[72].

Дар айни замон, вобаста ба истифодабарии сармоягузорӣ аз нуқтаи назари А.С. Филатова қайд карда мешавад: «..,ки таъмини рушд ва қувватдиҳии амнияти сармоягузорӣ аз рӯйи чунин самтҳо амалӣ мегардад:

- таъмини иқтисодиёт бо микдори кофии сармоягузориҳо барои дастгирии рушди устувори он;

- ташаккули сохтори мусоиди ҳудудӣ ва соҳавии сармоягузориҳо;

[72]Хрусталев Е. Ю., Славянов А. С. Проблемы разработки национальной инвестиционной стратегии в условиях финансовой нестабильности. // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2009. – N 6; // Экономическая безопасность. 2008. –№10. –С. 306.

- амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории амалишаванда дар сатҳи инноватсионӣ»[73].

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот барои баҳодиҳӣ ба амнияти сармоягузорӣ, чунин самтҳоро зарур мешуморем:

- таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолнокии субъектҳои хоҷагидор;

- таҳлили динамика ва сохтори сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ *(аз рӯйи фаъолият, тақсимоти ҳудудӣ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ)*;

- баҳодиҳии миқёс ва маҳсулнокии ҷараёнҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёт.

Дар ҳақиқат, доир ба таъмин намудани амнияти истифодаи самараноки маблағҳои сармоягузорӣ олимон, коршиносон ва мутахассисон фикру ақидаҳои гуногунро пешниҳод намудаанд. Масалан, ба ақидаи А.Н. Асаул: «Таҳлили амнияти сармоягузорӣ ниҳоят муҳим буда, гузаронидани он чунин қадамҳоро дар бар мегирад:

- муайян кардани таҳдидҳои амнияти сармоягузорӣ ва таҳияи таснифоти онҳо;

- таҳияи объектҳои мониторинги амнияти сармоягузорӣ;

- ташаккули маҷмуи нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ташхиси амнияти сармоягузорӣ;

- ташаккули нишондиҳандаҳои индикативӣ ва блокҳои ташхиси амнияти сармоягузорӣ;

- гузаронидани ташхиси индикативии вазъи амнияти сармоягузорӣ дар умум;

- ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои вазъи амнияти сармоягузорӣ»[74].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, барои баҳодиҳии амнияти сармоягузорӣ индикаторҳои хавфҳои сармоягузорӣ–нишондиҳандаҳои

---

[73] Филатова А. С. Инвестиционная безопасность РФ в современных условиях. // Молодой ученый. –2015. – №1. – С. 304-307.

[74] Асаул А. Н. Модернизация экономики на основе технологических инноваций. — СПб: АНО ИПЭВ, 2008. — 606 с.

ҳудудии инъикоскунандаи таъсири омилҳои иқтисодӣ ба амнияти сармоягузорӣ кумакрасонандаро истифода кардан, зарур мегардад. Дар навбати худ индикаторҳои хавфҳои сармоягузорӣ бояд ба меъёрҳои амнияти сармоягузорӣ мутобиқ бошанд ва параметрҳои онҳоро дар сатҳҳои гуногуни зерин муайян кунанд:

– дар макросатҳ–дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат;

– дар мезосатҳ–дар сатҳи минтақаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт;

– дар микросатҳ– дар сатҳи корхонаҳо, ширкатҳо ва коорпоратсияҳо.

Дар ҷараёни амалӣ намудани амнияти сармоягузорӣ ба бахши танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ ва пояи қонунии он зарурати аҳаммият додан пайдо мегардад. Амнияти сармоягузорӣ қисми таркибии амнияти умумии иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад ва дар таъмини он нақши басо муҳим дорад. Одатан, маблағҳои сармоявии давлат ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, ки барои пешрафти он соҳаҳо нақши ҳалкунанда дорад, равона карда мешаванд. Бинобар ин, В.А. Богомолов дуруст қайд менамояд: «Амнияти иқтисодиёт, истиқлоли кишварро дар бар гирифта, дар асри ХХ1 такяро ба лаёқати илмию техникӣ муҳим мешуморад. Чунки босуръат рушд ёфтани иқтисодиёти кишвар аз илму техника, технологияҳои муосир вобастагӣ дорад, ки ин боиси ҷалб ва равона намудани сармоя ба ин самт мегардад»[75].

«Дар замони ҳозира амнияти иқтисодии мамлакат ба хотири муайян намудани таъсири хатари ба миёномада ва пешбинӣ кардани он бо ёрии тарзи ташхиси махсус–усули мониторинг амалӣ карда мешавад. Дар адабиёт мафҳуми мониторинг–комплекси мушоҳидаҳо ва таҳқиқотро дар бар мегирад, ки тағйирёбиҳоро дар муҳити атроф вобаста ба фаъолияти одамон муайян менамоянд»[76].

---

[75] Богомолов В.А. Экономическая безопасность. – М.: ЮНИТ-ДАНА, 2009 – С.223.

[76] Евдокимова Т.Г., Маховикова Г.А. Краткий словарь делового человека. – М.: Финансы и статистика, 1991. – С. 421.

Дар ин ҳолат вазъи мушаххаси истифодаи самараноки маблағҳои сармоягузорӣ, мониторинг–усули муқоисаи мунтазами ҳолати воқеии иқтисодиёт бо ҳолате марбут мебошад, ки мувофиқи табъ аст. Ин чараён бо ёрии нишондиҳандаҳои махсус гузаронида шуда, вазъи иқтисодиётро мавриди таҳлилу ташхис қарор медиҳад ва мувофиқи натиҷаҳои ба дастомада таклифу тавсияҳои зарурӣ пешкаш карда мешаванд. Аз ин ҷо ҳадафи пажӯҳишҳои амнияти сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат дар он ифода меёбад, ки қобилияти иқтисодиётро дар бобати таъмини дархостҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи миллӣ ва сатҳи байналмилалӣ муайян ва инчунин, рақобатпазирӣ, кафолати бехатаргардонии онро аз ҳар гуна хавфу хатарҳо дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ таъмин намояд.

Маъмулан, дар сатҳи мамлакат ва минтақаву соҳаҳои алоҳидаи он бехатарии иқтисодиёт аз рӯйи даромаду хароҷоти воқеӣ, мубодилаи маҳсулоту хизматрасониҳо, истифодашавии захираҳо муайян карда мешавад. Вобаста ба он, омилҳое ҷой доранд, ки истифодаи нодурусти онҳо метавонанд зарари муайянро ба иқтисодиёти миллӣ расонанд. Бинобар ин, чунин вазъи ба вуҷудомада, бояд ҳам аз ҷиҳати миқдорӣ ва ҳам аз ҷиҳати сифатӣ, баҳо дода шавад.

Дар ин робита, дар натиҷаи таҳлилҳо муайян гардид, ки хатари иқтисоди дохилӣ аз таъсири омилҳои зерин ба вуҷуд омада метавонад:

1.Нокифоя ҷалб гардидани сармоягузорӣ ба соҳибкории саноатӣ, бахусус, ки дар натиҷаи он аз кор мондани корхонаҳои саноатӣ, аз даст додани бозорҳои молҳои истеъмолии дохилӣ ва бозорҳои хориҷӣ бо мақсади содирот ба миён меояд. Дар натиҷаи кам гардидани таваҷҷуҳи сармоягузорон пастравии истеҳсолот, арзишмандии истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ натанҳо дар бозори ҷаҳонӣ, балки ҳатто дар бозори дохилӣ мавқеи худро аз даст доданд, ки ин боиси хатари иқтисодиёти дохилӣ мегардад.

2.Рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ маҳз бо сабаби истифодаи технологияи қафомонда, фарсудашавии фондҳои асосӣ, сатҳи баланди

арзиши аслии маҳсулот, нарасидани мутахассисони касбӣ ҳам дар бозори рақобати нархӣ ва ҳам дар бозори рақобати ғайринархӣ паст мегардад. Азбаски маҳсулоти сифатан паст ва нархаш баланд дар бозор харидорони худро пайдо карда наметавонад, бинобар ин, корхона ба мушкилоти молиявӣ мувоҷеҳ мегардад ва натиҷаи ҳолати ба фурӯш бароварда натавонистани маҳсулоташ то ба муфлисшавӣ оварда мерасонад. Вазъи баамаломада ба ширкатҳои хориҷӣ имкон фароҳам меорад, ки саҳмияҳои корхонаҳоро бо пуррагӣ бихаранд.

3. Сатҳи баланди монополизм дар иқтисодиёт яке аз сабабҳои афзоиши хатари пастравии иқтисодиёт мегардад. Монополист мафтуни моли худ шуда, хатари рақобати бозориро намебинад, эҳтиёҷот ва таваҷҷуҳи вай ба комёбиҳои илму техника кам мегардад, ки дар натиҷа неруи илмию техникӣ дар истеҳсолот ба таври зарурӣ истифода намегардад. Бо сабаби паст шудани интегратсияи илм бо истеҳсолот, натанҳо мубориза барои сохтан ва баровардани молу маҳсулоти нави рақобатпазир фаромӯш мегардад, балки мутахассисони ҷойдошта, бо дарназардошти кам шудани таҷрибаю малакаи кориашон, истифодаи дурусти технологияҳои муосирро сарфаҳм рафта наметавонанд.

4. Сатҳи пасти фаъолияти сармоягузорӣ (инвеститсионӣ) дар амалӣ кардани навгонию навовариҳо (инноватсионӣ) ва иқтидори илмию техникӣ низ ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир таъсири манфӣ мерасонад. «Масалан, агар дар Россия –1,24% маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, дар Фаронса ва ИМА–3%, дар Ҷопон–3,4%, дар Чин – 2 % ва дар Исроил – 5% маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба илм ҷудо карда шавад, дар Тоҷикистон бошад, ба илм 0,09% –и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ҷудо карда мешавад»[77].

[77] Рауфӣ А., Рабиева Т.М., Холиқов М.Ғ. Иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ асоси воридотивазкунӣ. / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ «Таъмини маҳсулоти воридот – ивазкунандаи ватанӣ дар шароити рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамоҳангсозии кишварҳои Осиёи Миёна», 29–30 ноябри соли 2019. Қисми 2.–Душанбе: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2019.–С. 121.

5. Сармоягузорӣ дар мамлакат бо назардошти маҷрои ғайриистеҳсолиро пеш гирифтан, боиси рушди соҳаҳои дигар ва коҳиши инкишофу пешрафти истеҳсолот мегардад. Ҳоло маблағҳои асосие, ки ба иқтисодиёт сафарбар мешаванд, бештар ба соҳаҳои тиҷорат, хизматрасонӣ, роҳу нақлиёт ва дигар инфрасохтори зарурӣ равона карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, мебояд роҳҳои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории саноатӣ муайян ва амалӣ карда шаванд, то ин ки бо ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои соҳибкории саноатӣ, талабот ва завқи корӣ пайдо гардида, истеҳсоли маҳсулоти тайёру рақобатпазир ба роҳ монда шавад.

6. Номукаммалии сохтори истеҳсолот, махсусгардонии корхонаҳои мавҷуда бо истифода аз сармояи хориҷӣ, ки бештар на барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, балки ба истеҳсоли маҳсулоти нимтайёр ва ашёи хом нигаронида шудаанд.

Аз ин лиҳоз, содироти ашёи хом аз мамлакат бо нархҳои арзон ва воридоти маҳсулоти тайёри саноатӣ аз хориҷи кишвар бо нархҳои гарон пешниҳод мегардад. Масалан, соли 2017 дар таркиби маҳсулоти содиротии мамлакат ҳиссаи маҳсулоти маъданӣ 40,7%, филизоти арзонбаҳо ва маснуоти онҳо 19,1%, сангу филизоти қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо 17,8%, маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва маснуоти онҳо 15,2%, маҳсулоти рустанӣ 2,2% ва дигар молҳо 5,0%-ро ташкил додаанд. Вале таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таърихан муомилоти ашёи хом ҳанӯз ягон мамлакати дунёро ба мамлакати рушдкарда ва тараққикардаи технологӣ табдил надодааст. Ба ақидаи профессор А. Рауфӣ: «Бинобар ин, пеш гирифтани самти индустриалӣ–аграрии рушди иқтисодиёти кишвар талаб мекунад, ки маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир ҳам барои таъмини бозори дохилӣ ва ҳам барои таъмини бозори беруна бароварда шаванд»[78].

7. Пурзӯр гардидани вобастагии истеъмолоти шахсӣ ва иқтисодиёти мамлакат аз маҳсулоти воридотӣ. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳам дар

---

[78] Рауфӣ А. Моҳияти иқтисодиёти индустриалӣ–аграрии Тоҷикистон. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. – № 4.

бозори истеъмолӣ ва ҳам дар бозори корхонаҳо фаровонии молу маҳсулоти бозор асосан аз ҳисоби молҳои воридотӣ таъмин карда мешаванд. Ба маҳсулоти ватанӣ кам таваҷҷуҳ ва афзалият зоҳир мегардад. Дар сохтори гардиши молҳо дар бозори дохилии мамлакат қариб 71%-ро молҳои воридотӣ ташкил мекунанд. Фақат дар сохтори молҳои кишоварзӣ ҳиссаи картошка 97,9 %, сабзавот–99,4%, мевагӣ–96,7 %, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ–72,0 %, шир ва маҳсулоти ширӣ – 99,1 %, тухм – 63,7 %, маҳсулоти нонӣ – 45,2 %, равғани растанӣ–11,7 % аз ҳисоби истеҳсоли ватании худӣ таъмин карда мешаванд. Дар чунин ҳолат бозори истеъмолӣ ва бозори корхонаҳои мамлакат аз молҳои воридотӣ вобаста мешаванд. Бинобар ин, дар ҳолати ҷой надоштани иқтисодиёти воридотивазкунанда мустақилият ва соҳибихтиёрии иқтисодии мамлакат ноустувор мемонад.

8. Нобаробарии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои мамлакат ба номусоидии шароитҳои табиию иқлимӣ, нобаробарии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, вайроншавии мувозинати байнисоҳавии иқтисодиёт ва саривақт иҷро нагардидани барномаҳои асосноки дурнамои тараққиёт асос меёбад.

9. Ривоҷ ёфтани иқтисодиёти ниҳонӣ ва дар ҳисоб набуда (пинҳонӣ)– дар натиҷаи нодуруст гузаронидани дигаргунсозиҳои иқтисодии тобозорӣ ба муносибатҳои иқтисодии бозорӣ дар қайд набудан ё нодуруст ба ҳисоб гирифтани бисёр навъҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, рӯйпӯш кардани даромадҳо ва пардохт накардани андоз, имконияти сафарбар шудани маблағҳои калон барои гирифтани пеши роҳи кушодашавии ҷиноятҳо, аз ҷумла, ҷиноятҳои калони соҳаи иқтисодӣ.

Бо мақсади ҷалб намудани сармояи хориҷӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар таъкид гардидааст: «Ҳукумати мамлакат ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки барои баланд бардоштани шаффофият, боз ҳам беҳтар гардонидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва бартараф кардани монеаҳои маъмуриву сунъӣ дар ин самт тадбирҳои

саривақтиро амалӣ ва ташаббусҳои соҳибкоронро ҳаматарафа дастгирӣ намоянд.

Тибқи маълумоти оморӣ дар ҳафт соли охир ба кишвар беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардид, ки зиёда аз 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад. Дар ин давра, дар соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ беш аз 1400 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 36 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст. Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Тибқи “Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030”, ҳаҷми сармояи мустақим то соли 2026 нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ то 10 % расонида шуда, солҳои 2022– 2026, яъне дар панҷ сол бояд ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шавад. Соли 2023 барои ташкили истеҳсолоти нави саноатӣ, васеъгардонии фондҳои асосӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти наву рақобатнок аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва маблағи корхонаҳо зиёда аз 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 1,5 баробар зиёд мебошад.

Дар ин робита, Ҳукумати мамлакат доир ба ислоҳоти низоми ҷалби сармоя, таҳия, пешниҳод ва татбиқи самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши иқтисодиёт, бахусус, дар бахшҳои саноативу агросаноатӣ тадбирҳои зарурӣ андешад»[79].

Қисми зиёди ҳаҷми сармоягузорони хориҷӣ барои эҳёи заминаҳои инфрасохтории рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири кишвар сарф карда шуданд. Сохтор ва ҳаҷми сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар нобаробар тақсим гардидааст. Бо дарназардошти рушди нисбии вилояти Суғд, саҳми он дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ҷалбшуда дар давраи

---

[79] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023, шаҳри Душанбе.

солҳои 2012–2021–18,42 %-ро ташкил дод. Дар ин нишондиҳанда пойтахт–шаҳри Душанбе пешсаф аст, ки ҳаҷми умумии сармоягузорӣ 30,1% ташкил дод. Ҷойи дуюмро НТҶ, ки ин нишондиҳанда бо сохтмони НБО-и “Роғун” алоқаманд аст, ишғол мекунад (ҷадвали 3.1.1).

**Ҷадвали 3.1.1. Динамикаи ҷалби сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақаҳо дар солҳои 2015-2022, млн. сомонӣ***

| Минтақаҳо | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Ҳамагӣ 2015-2022гг. | бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Суғд | 1658,9 | 1514,8 | 1736,0 | 1321,5 | 1793,6 | 1895,3 | 3554,2 | 13,5 |
| Хатлон | 1503,8 | 2802,6 | 2623,0 | 2404,9 | 3840,1 | 4102,5 | 5606,3 | 21,3 |
| ВМКБ | 254,9 | 519,2 | 257,3 | 368,2 | 508,8 | 502,2 | 757,1 | 2,9 |
| НТҶ | 2968,9 | 5695,4 | 4666,5 | 4405,2 | 4246,4 | 4861,7 | 7830,6 | 29,8 |
| Душанбе | 3363,4 | 2829,0 | 3234,8 | 3275,8 | 4736,1 | 5169,1 | 8532,5 | 32,5 |
| ҲАМАГӢ | 9749,9 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 | 16530,8 | 26280,7 | 100,0 |

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, АСПТ, 2023. – С.113, 115.

Тибқи ҷадвали 3.1.1. пешрафти иқтисодиёти мамлакат бештар аз ҷалби сармоя ба соҳаҳои гуногун, бахусус, ба соҳибкории саноатӣ бо таъсиси корхонаҳои саноатӣ, вусъат ёфтани барқароркунӣ ва аз нав маҷаҳҳазгардонии истеҳсолот, тавлиди истеҳсолоти наву рақобатпазир, то ба маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани ашёи хоми мавҷуда ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, ба кор даровардани корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ тавассути таҷдиди истеҳсолот ва татбиқи босамари имтиёзҳо дар самти дастгирии давлатии сохибкории саноатӣ, тавассути татбиқи сиёсати сармоягузорӣ вобастагӣ дорад.

Маҳз татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ, ки яке аз роҳҳои дастгирии давлатӣ дар самти ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, барои рушд ва такмили соҳибкории саноати рақобатпазир равона гардидааст. Дар робита бо татбиқи “СМР - 2030” рушди пояҳои иқтисодиёти кишвар бо дарназардошти беш аз 118 млрд. доллари амрикоӣ сармояи дохилию хориҷӣ пешбинӣ ва амалӣ мегардад.

Ҳамзамон, вазъи сармоягузориро дар иқтисодиёти кишвар қабули дигар санад – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» тақвият дода, дар баробари сармоягузорони дохилӣ сармоягузории хориҷиро низ ҷалб ва ҳавасманд намудааст. Дар баробари ин, ҷиҳати фароҳам овардани фазои муносиби сармоягузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин: *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», «Дар бораи консепсияҳо», «Дар бораи таърихи қарз», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои сармоягузорӣ»* амал мекунанд. Дар баробари ин, беш аз 240 имтиёз ба сармоягузорон ва соҳибкорон дода шуда, панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) дар панҷ шаҳру ноҳияҳои кишвар таъсис дода шудааст. Вобаста ба эътидол даровардани вазъи сармоягузорӣ ва рушди соҳибкории саноатӣ, Комиссияи доимоамалкунандаи ҳукуматӣ бо иштироки фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту созмонҳои байналмилалию ғайридавлатӣ фаъолият мекунад, ки масъалаҳои беҳтар кардани фазо ва амнияти сармоягузориро дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ҳаллу фасл менамояд.

Дар ин маврид, ба ақидаи мо, зарур аст, ки дар баробари имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва сиёсати фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, бояд дар кишвар ташаккули фазои муносиби рақобати озод ва муносибатҳои ҷаҳонишавӣ, бахусус фурӯши молу маҳсулот (бозорӣ) ҷиҳати фаъолияти соҳибкории саноатӣ такмил дода шавад. Зеро рушди муносибатҳои иқтисодӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ имкон медиҳад, ки сармоя *(таҷҳизоту технологияи муосир, ашёи хом, мушкилоти норасоии кадрӣ)* бештар ворид гардида, соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар рушд меёбад. Махсусан, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунии рушд манфиатноктар мебошад, ки мо дар таҳлили худ бештар ба он таваҷҷуҳ менамоем.

Ҳалли муодилаи бисёрхаттии регрессионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси формулаи У=а+вх1+сх2 вобастагии рушди тиҷорати хориҷӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ дар баъзе вилоятҳо ва шаҳри Душанбе нишон медиҳад (ҷадвали 3.1.2).

**Ҷадвали 3.1.2. Моделҳои регрессионии арзёбии МММ-и вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе ва тавсифи омории онҳо***

| Минтақаҳо | Намуди модел | Тавсифи омори модел | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Сифат | Этимоднокӣ | Хатои стандартӣ |
| Хатлон | МММх=4,1255 *ГСХ + 0,7112*СМХ | $R^2$=0,941 | DW=2,031 | А=3,2% |
| Суғд | МММс=728,5147+ 0,61141*ГСХ+ 0,3511*СМХ | $R^2$=0,919 | DW=1,149 | А=3,5% |
| Душанбе | МММд=842,0581+ 0,8739*ГСХ+1,0356*СМХ | $R^2$=0,805 | DW=1,864 | А=4,6% |

***Эзоҳ:** МММ – маҷмуи маҳсулоти миллӣ, ГСХ – гардиши савдои хориҷӣ, СМХ – сармоягузории мустақими хориҷӣ, $R^2$–коэффитсиенти детерминатсия, DW– критерияи дарбин-Уотсон, А – хатои миёнаи модел (Аппрксиматсия)

Вобаста ба ин, маълум гардид, ки моделҳои таҳиягардида эътимоднок буда, он натиҷаҳои омории эътимоднокӣ, сифат ва хатои стандартӣ ва истифодаи онҳоро бобати таҳлилу арзёбӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии минтақавӣ, бахусус омилҳои гардиши савдои хориҷӣ ва сармоягузории мустақими хориҷӣ, тибқи қоида, муайян менамояд[80].

Ба андешаи мо, барои кишварҳои алоҳида, махсусан кишварҳои хурди кушод «доми ҷолибият»-и сармоягузорӣ ин узвият дар гурӯҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, асосан, мезосатҳи ҳамгироӣ, ки онро мо «минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ» номидем, мебошад.

Бояд қайд намоем, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши ҳамгироии иқтисодӣ дар рушди заминаҳои институтсионалии рушди иқтисоди бозорӣ ҳалкунанда мебошад. Зеро равандҳои ҳамгироӣ дар кишвар он механизмҳои қафомондае, ки барои рушди муносибатҳои бозорӣ монеа мебошанд, тақвият дода, фазои сармоягузорӣ ва тиҷоратро

[80] Сафаров Б.Г. Оценка и факторный анализ открытости экономики регионов Республики Таджикистан// Б.Г. Сафаров. Вестник ФЭИТ.№4. Душанбе.–2017. С.85. 257

васеъ менамояд. Ҳалли муаммоҳои зерин ва тамоми он натиҷаҳое, ки барои рушди иқтисоди миллӣ равона гардидааст, танҳо ба хотири ҷалби сармояи хориҷӣ ва тақвияти сармоягузорӣ дар кишвар мебошад.

## 3.2. Дастгирии давлатии таъмини ҷараёни сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Айни ҳол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузорон ба соҳибкории саноатии рақобатпазир имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳоро бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳо, шартномаҳои сармоягузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда барои рушди иқтисодиёти миллӣ пешниҳод намудааст. Лекин барои ҷалби сармоягузорон ва саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ, бахусус соҳибкории саноатӣ, муаммоҳо ба назар мерасанд, чунки нобобаста аз имтиёзҳои пешниҳодшудаи сармоягузорон, ҳангоми гузаронидани саҳми худ бо мушкилоти ногувор мувоҷеҳ мешаванд.

Мақсади дастгирии давлатӣ фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ барои рушди соҳибкории саноатӣ ва ҳавасманд гардонидани сармоягузорон бобати бунёди истеҳсолоти нав, таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда бо истифода аз таҷҳизот ва технологияҳои муосир, нигоҳ доштан ва муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулот ва сатҳи баланди хизматрасонӣ дар иқтисодиёти миллии кишвар мебошад. Ҷалби сармоя ва сармоягузорро маҳз мақомоти ваколатдор– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва муайян менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳавасманд ва ҷалб намудани соҳибкорон бо 25 кишвари ҷаҳон Созишнома оид ба андозбандии дукарата ва бо 18 кишвар Созишнома оид ба ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ба имзо расонидааст. Нишонаи беҳбудӣ ва фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ дар кишвар, ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 ба

Конвенсияи СММ оид ба иҷро намудани қонунҳои арбитражӣ, ки санаи 10 июни соли 1958 қабул шудааст, мебошад.

Дар ин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории кишвар бобати ҷалби сармоягузорӣ ва дастгирии сармоягузорони дохилию хориҷӣ низоми кафолати сармоягузориро ба роҳ мондааст, ки фаъолияти онҳо дар қаламрави кишвар доир ба содироти молу маҳсулоти рақобатпазирро дар низоми соҳибкории саноатӣ кафолат медиҳад. Ҳамчунин, низоми имтиёзҳои (преферентсияи) андозию гумрукӣ, ки дар қонунгузории кишвар амал мекунанд барои фаъолияти соҳибкорони саноатию сармоягузорон ҷиҳати сохтмони корхонаҳо, нақбҳо, нерӯгоҳҳои хурду бузург як қатор имтиёзҳоро муқаррар намуда, бо мақсади фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ, мукаммалии мавқеи идоракунии давлатӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути қонунҳои амалкунанда пешбинӣ гардидааст:

- моддаи 4, 7 , 8, 9, 10, 12, 13 19, 21 ва 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”;
- моддаи 8 ва 46 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»;
- моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ”
- моддаи 110, 169, 223, 315 ва 325 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар муддати солҳои 2002–2021 дар доираи татбиқи стратегияю барномаҳои давлатӣ зиёда аз 200 созишнома, шартнома ва грантҳо ба имзо ва татбиқ гардидаанд, ки маблағи умумии онҳо 2,13 млрд доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Аз маблағи мазкур 1,614 млрд доллар кредит, 371,5 млн доллар грантҳо, 119,1 млн доллар ҳиссаи Ҳукумат ва 28,7 млн доллари

ИМА дигар даромадҳоро ташкил медиҳанд. Дар солҳои бухрони 2008–2010-ум 1,038 млрд доллари амрикоӣ ворид шуд, ё ин ки 47% аз маблағи умумии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ афзоиш ёфт.

Дар робита бо маълумоти таҳлилшудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридоти сармояи хориҷӣ дар солҳои 2012–2022-ум 9 млрд 258,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки аз ин миқдор 4 млрд. доллари ИМА сармояи мустақим, 4 млрд. 756,7 млн. долл. ИМА-ро дигар навъи сармояҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалб намуда ва 501,9 млн доллари амрикоиро сармояи портфелӣ ташкил медиҳад (ҷадвали 3.2.1.).

**Ҷадвали 3.2.1. Ҷалби сармояи хориҷӣ аз рӯйи намудҳо дар солҳои 2012–2022***

| | **Ҷалби сармояи хориҷӣ** | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Мустақим | Дигар | Портфелӣ | |
| **2012** | 388,4 | 472,2 | 0 | **860,6** |
| **2013** | 341,1 | 671 | 0,2 | **1012,3** |
| **2014** | 377,4 | 530 | 1,4 | **908,8** |
| **2015** | 470,9 | 506,9 | 0 | **977,8** |
| **2016** | 434,2 | 408,4 | 0,1 | **842,7** |
| **2017** | 354,5 | 245,9 | 500 | **1100,4** |
| **2022** | 326,8 | 317,7 | 0 | **644,5** |
| **Ҳамагӣ** | **4000** | **4756,7** | **501,9** | **9258,6** |

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ.–Душанбе, АСПТ, 2023. – С.167–169.

Маълумотҳои ҷадвали 3.2.1. шаҳодат медиҳанд, ки соли 2022 воридоти умумии сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар 644,5 млн. доллари амрикоиро ташкил дода, аз он 326,8 млн. доллар сармоягузории

мустақим ва 317,7 млн. доллар қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд, сармояи портфелӣ ворид нашудааст (расми 3.2.1.).




**Расми 3.2.1. Ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар соли 2022 (млн. доллари ИМА)***

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ.–Душанбе, АСПТ, 2023. – С.167–169.

Дар солҳои 2008–2022 сармояи хориҷӣ аз кишварҳои шарикон 9258,6 млн. доллари амрикоӣ ҷалб гардид, ки аз он ба сармояи мустақим 43,2%, дигар намуди сармоя 51,4% ва сармояи портфелӣ 5,4% рост меояд. Дар расми 3.2.2. ҷалби сармоя аз рӯйи дигар намуди сармоягузорӣ аз кишварҳои шарикони ҳамкор нишон дода шудааст.




**Расми 3.2.2. Нишондиҳандаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ аз рӯйи дигар намуди сармоягузорӣ дар солҳои 2008–2022 (%)***

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ.–Душанбе, АСПТ, 2023. – С.167–169.

Аз расми 3.2.2. аён аст, ки дар солҳои 2008–2022 сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз ҷониби Ҷумҳурии Мардумии Чин–330,5 млн. долл. ИМА (27,9%), ки ин маблағҳо ба соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноати масолеҳи сохтмонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ ва газӣ, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва таҷдиду таъмири роҳҳо равона гардидааст, ворид шуд. Аз ҷониби Федератсияи Россия –21,5 млн долл. ИМА (17,2%) ба соҳаи хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон, истихроҷи нафти хом ва гази табиӣ, аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико–8,7 млн. долл. ИМА (7,3%) ба соҳаҳои маориф, молия ва аз ҷониби Британия – 61,4 млн. долл. ИМА (7,0%) ба соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ, саноат, омӯзиши геологӣ ва истихроҷи маъдан гузошта шуд.

Вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҳама бештар шаҳри Душанбе афзалият дорад, чунки даромаднокии аҳолӣ, инфрасохтори зарурӣ, имкониятҳои иқтисодии шаҳри Душанбе нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар бештар мебошад. Дар қатори ҳамаи ин шаҳри

Душанбе назар ба дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори инкишофёфта дошта, иқлими сармоягузории он беҳтару хубтар аст Тибқи таҳлилҳо, дар даҳ соли охир аз ҳисоби ҳама гуна сармояи хориҷӣ ба шаҳри Душанбе 5,7 млн. доллари ИМА бо дарназардошти муҳайё будани инфрасохтори зарурӣ ворид гардид (расми 3.2.3).




**Расми 3.2.3.Ҷалби сармояи хориҷӣ дар минтақаҳои кишвар давоми солҳои 2022–2023 (бо млн. долл. ИМА)***

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ.–Душанбе, АСПТ, 2023. – С.167–169.

Аз расми 3.2.3. дида мешавад, ки дар соли 2023 сармояи хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе ворид гардида, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 505,3 млн. доллар ё 31,5% афзоиш ёфтааст.

Ба вилояти Суғд –549,3 млн. доллар ва Хатлон – 22,6 млн. доллар ворид гардида, ин нишондод мутаносибан нисбат ба соли гузашта дар ҳаҷми 268,8 млн. доллар ё 32,9 фоиз ва 93,2 млн. доллар ё 80,5 фоиз кам мебошад.

Ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ин давра ҳамагӣ 6,3 млн. доллар сармояи хориҷӣ ворид гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 29,6 млн. доллар ё 82,6% коҳиш ёфта, воридоти сармояи мустаъқим ба қайд гирифта нашудааст.

Ба ВМКБ дар ин давра сармояи хориҷӣ ворид нагардидааст.

Дар ин робита, қайд кардан зарур аст, ки бисёр мамлакатҳои шарик барои рушди соҳибкории саноатӣ дар заминаи захираҳои ашёии Тоҷикистон дар таъсиси корхонаҳои муштарак ва гузоштани сармояи мустаъқим ҳиссаи муайян мегузоранд. Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2023 нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 397,0 млн. доллар ё 64,2% коҳиш ёфта, афзоиши он аз давлатҳои алоҳида, аз ҷумла Туркия – 4,2 млн. доллар ё 49,5 %, Қазоқистон – 7,2 млн. доллар ё 148,2%, Ҷопон – 4,7 млн. доллар ё 136,4% ва Ҷазираҳои Вириҷин – 2,7 млн. доллар ё 78,4% мушоҳида карда мешавад (расми 3.2.4.).




**Расми 3.2.4.Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар минтақаҳои кишвар давоми солҳои 2022–2023 (бо млн. долл. ИМА)***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рақамҳои расми 3.2.4. нишон медиҳанд, ки дар сармоягузории хориҷӣ ҳиссаи шарики стратегии Тоҷикистон Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳақиқат назаррас аст.

Динамикаи афзоиши сармоягузорӣ дар солҳои охир алоқамандии зичро бо бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ муайян намудааст. Хусусан. сармояи мустақими хориҷӣ чунин шакли сармоягузорӣ мебошад, ки аз ҷониби сармоягузор, пеш аз ҳама, дар хориҷи кишвар кӯшиши харидани объекти сармоягузорӣ карда мешавад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи хориҷӣ аз ҳама зиёд дар бахшҳои омӯзиши геологӣ ва маъдан, энергетика, хизматрасонии молиявӣ, нақлиёту алоқа, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо равона гардидааст (расми 3.2.5.)




**Расми 3.2.5. Ҳиссаи соҳаҳо дар ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2022 (млн. долл. ИМА)***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2022 ба соҳаҳои истихроҷи маъдан–167,7 млн. доллари ИМА, саноати коркард–83,0 млн.

доллар, сохтмон–26,0 млн. доллар, кишоварзӣ – 17,9 млн. доллар, хизматрасонии молиявӣ – 6,4 млн. доллар, нақлиёт ва алоқа–5,2 млн. доллар, маориф – 0,3 млн. доллар ва дигар соҳаҳо–3,3 млн.доллари амрикоӣ равона гардидаанд.

Дар соли 2021 ҳаҷми сармояи хориҷӣ 15,9% нисбати ММД-ро ташкил дода, соли 2022 ин нишондиҳанда ба 8,8% коҳиш ёфт, ки ин аз фазои ноустувории ҷалби сармоягузорӣ шаҳодат медиҳад (расми 3.2.6.).




**Расми 3.2.6. Ҳаҷми сармояи хориҷӣ нисбат ба ММД (%) ***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз натиҷаи таҳлилҳои оморӣ бармеояд, ки ҷалби сармоягузорӣ бо ташкили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили равзанаи ягонаи анҷомдиҳии расмиёти машғулшавӣ бо пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ имрӯз ҷой дорад, вале ин иқдом барои рушду нумуи соҳибкории саноатии рақобатпазир ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ кофӣ нест.

Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.К. Раҳимов қайд намуданд: «Ба иқтисоди мамлакат ворид нагардидани маблағҳои калони яквақтаро «рушди бесармоягузорӣ» номидан мумкин аст. Яъне коҳиш ёфтани ҳиссаи сармоягузорӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ сурат гирифтааст»[81].

Истифодаи ҳаматарафаи шарикии давлат дар ташкили соҳибкориҳои саноатӣ бо ёрии пешниҳоди воситаҳои истеҳсолоти рақобатпазир *(бепул, иҷора, лизинг, ҳиссагузории шарикӣ, пурра озод будани соҳибкор аз ҳамаи андозҳо)* бо як ва ё якчанд шарт амалӣ мегардад. Яке аз онҳо пешниҳоди маҳсулоти истеҳсолнамудаи соҳибкорони саноатӣ бо нархҳои дастрас аст, ки соҳибкор танҳо имконияти пардохти музди кори коргарони кирояшуда ва гирифтани фоидаи миёнаи соҳавӣ ва саривақт пардохт намудани андозро дошта бошад.

Варианти дуюм, ташкили корхонаҳои муштарак дар асоси саҳми давлат ташкилкарда мебошад, ки фаъолият, идора, хариду фӯруш, назорат ва танзими маҳсулоти истеҳсолшудаи рақобатпазир тавассути иштироки бевоситаи давлат суръат мегирад.

Варианти сеюм, ташкили корхонаҳои саноатӣ ва рушди соҳибкории саноатӣ мебошад, ки метавонад дар шакли соҳибихтиёрии соҳибмулк, ки дар асоси нақшаҳои давлатӣ тарҳрезинамуда фаъолияташро ба роҳ монад.

Варианти чорум, ташкил ва рушди соҳибкории саноатӣ дар асоси захираҳои молиявии субъетҳои иқтисодӣ ва сармоягузориҳои корпоративии онҳо дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ва ташкили ҳамгироии байниминтақавӣ сатҳи бехатарии сармоягузориҳоро кам карда, имкони рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазирро фароҳам меоварад.

---

[81] Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста. //Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2003. с. 24-40.

Барои суръат бахшидан ба рушди ММД ва тақвияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармояи асосӣ ва амнияти сармоягузорӣ бештар бояд таваҷҷуҳ зоҳир кард, зеро расидан ба мақсадҳои ниҳоии он дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” пешбинигардида, инъикос ёфтааст.

Гарчанде дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда чунин имтиёзҳо барои рушди соҳибкории саноатӣ муайян шуда бошанд ҳам, вале онҳо дар кишвар ба таври зарурӣ мавриди истифода қарор намегиранд, чунки назорати раванди иҷро аз ҷониби мақомоти маҳал ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар сурати аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида расонидани кумакҳои зарурӣ ба соҳибкорони саноатӣ–истеҳсолӣ ва саривақт огоҳ намудани онҳо аз раванди имтиёзҳо тавассути сомонаҳои расмии мақомот фаъолияти онҳо назаррас гардида, дар навбати худ барои ҷалби сармоя ва огоҳ намудани сармоягузорон аз имкониятҳо ва имтиёзҳои муқарраршуда мусоидат мекунад.

Инчунин, мушкилоти дигари самт, ки боиси ҷалби сармоя мегардад, дастгирии иқдомҳо ва пешниҳодҳои сармоягузорон дар мавриди рушди сармояи инсонӣ, тарбияи мутахассисон, аз қабили технологҳо, техникҳо ва муҳандисони кордон дар маҳал ва фарогирии онҳо ба истеҳсолот, ки имкони кам кардани сатҳи камбизоатиро дар байни аҳолӣ ба вуҷуд оварда, таҳкими соҳибкории саноатӣ ва саноатикунониро дар асоси инноватсия ва рақобатпазирии маҳсулот фароҳам меоварад, вусъат мебахшад.

Таҳлилҳо доир ба афзоиши сармоягузориҳо дар кишвар тайи солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар сурати аз ҷониби мақомоти дахлдор дар мӯҳлатҳои муқарраргардида расонидани санадҳои зарурӣ бобати рушди соҳибкории саноатӣ, ҷалби масъулини корхонаҳои саноатӣ ва саривақт воқиф гардидани онҳо аз раванди имтиёзҳо, бахусус, барои ҷалби сармоя

ва огоҳ намудани сармоягузорон аз имкониятҳо ва имтиёзҳои муқарраршуда, натиҷаҳо боз ҳам хубтар мегарданд.

Дар ин ҷониб баҳодиҳӣ ва пешбинии ҷолибнокии сармоягузории кишварро дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир бевосита бо сиёсати давлатӣ алоқаманд намуда, ҳадафи сиёсати амнияти сармоягузориро дар намуди «4–ЧОР Н» низом, нишондиҳандаҳо, натиҷаҳо ва назорат муаяйн намуд. Ин чаҳор омил боиси ҷалб ва амнияти сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири кишвар ба шумор меравад.

Вобаста ба вазъи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду такмили дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир, бунёди заминаҳои устувори рушди индустриалӣ–инноватсионӣ ва рақобатпазирӣ яке аз масъалаи муҳим мебошад. Муҳимтарин хусусияти рушди иқтисоди миллӣ дар самти соҳибкории саноатии индустриалӣ–инноватсионӣ ва рақобатпазирӣ мавҷудияти инфрасохтори пешрафтаи истеҳсолӣ ва инноватсионӣ барои истеҳсоли маҳсулоти дорои сатҳи баланди коркарди илмию технологӣ ба маҳсуб меёбад.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкили иқтисодиёти рақобатпазир рушди системаи миллии инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ омили бунёдӣ ба ҳисоб меравад. Агар ба таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи саноатӣ назар андозем, мушоҳида менамоем, ки маҳз яке омилҳои расидан ба дастовардҳои назаррас таъсири инфрасохтори инноватсионӣ мебошад, ки тавассути он дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи хосса ва саҳми назаррас пайдо кардаанд. «Таҷриба нишон медиҳад, ки инфрасохтори инноватсионӣ яке аз самтҳо ва механизмҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ буда, ин омил суръати тараққиёти иқтисодиёти мамлакат ва некуаҳволии мардумро таъмин намуда, дар шароити рақобати бозори ҷаҳонӣ ҳамчун дорои инфрасохтори пешрафта ва механизми муассири ташкили фаъолияти инноватсионӣ аз нигоҳи иқтисодӣ бурд мекунад. Маҳз ба хотири

фаъолияти пурсамари иқтисоди инноватсионии кишвар бояд хадамоти инфрасохтори инноватсионӣ пурра бошад»[82].

Дар амалия, чӣ тавре таҳқиқи асосҳои назариявии инфрасохтори инноватсионӣ нишон медиҳад, яке аз категорияи иқтисодӣ дар сатҳи макро ва микро муайянкарда мебошад. Дар сатҳи макро инфрасохтори инноватсионӣ дар асоси рушди фаъолияти инноватсионии дар сатҳи соҳаҳои иқтисоди миллии кишвар муайяншуда ва дар сатҳи микро бошад, инфрасохтори дар самти инноватсионӣ рушдёфтаи соҳибкории саноатӣ мебошад. Дар натиҷа, рушди инноватсионии инфрасохтори иқтисодиёти миллӣ имкон медиҳад, ки дастгирии давлатӣ шароитро барои ташаккули вазъи устувори молиявии корхонаҳо ва соҳаҳо барои ба даст овардани фоида фароҳам оварад. Моҳияти изҳороти пешниҳодшуда бори дигар нақш ва аҳаммияти чунин ниҳодро дар сатҳи микро муайян мекунад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар марҳалаи кунунии рушди инноватсионӣ–рақобатпазирӣ такмилу густариши соҳибкории саноатӣ дар бозори ҷаҳонӣ, ки омили бунёдии баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва рақобатпазирии кишварҳо мебошад, ба шумор меравад.

Мушкилии равандҳои инноватсионӣ тақозо менамояд, ки бобати рушди соҳибкории саноатӣ шабака ва сомонаҳои махсусгардонидашуда, ташкилотҳои дастгирии инноватсионӣ, ки барои соҳибкорони саноатии инноватсионӣ–рақобатпазирӣ муҳити мусоидтар фароҳам меоваранд, дар ҷумҳурӣ таъсис дода шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки набудани иттилооти кофӣ, инфрасохтори самаранок дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир–инноватсионӣ ба рушди соҳибкорӣ ва махсусан фаъолияти корхона ва коргоҳҳои хурду миёна, таъсири манфӣ мерасонад. Бо

---

[82]Курносова Е.А. Направления трансформации инфраструктуры обеспечения инновационной деятельности промышленных предприятий в условиях развития инновационной экономики1 / Е. А. Курносова // Инновационная деятельность. – 2019. – № 4(51). – С. 43-49.

дарназардошти асри техника ва технология эълон гардидани асри XX1, талабот ба сомонаҳои расмӣ, сайтҳои муҳим, ки бозори фурӯши рақобатнокии молу маҳсулотро дар дохили кишвар муайян мекунад, афзудааст.

Самаранокии инфрасохтори инноватсионии кишвар ба суръати тақвияти иқтисодии субъектҳои ҳам аз ҷиҳати инноватсионӣ фаъол ва ҳам аз ҷиҳати иттилоотӣ рақобатпазири низоми миллии инноватсионӣ таъсир расонида, дар ин замина дараҷаи рушди онҳоро таъмин месозад.

Тавре ки таҳқиқот нишон медиҳад, бо ёрии унсурҳои гуногуни инфрасохтори инноватсионӣ таъмини иттилоотӣ, истеҳсолӣ ва технологии инноватсионӣ, сертификатсия ва стандартизатсияи маҳсулоти инноватсионӣ ва рақобатпазир, мусоидат ба пешбурди коркардҳои самаранок ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, баргузории намоишгоҳҳои лоиҳаҳо ва маҳсулоти рақобатпазир, расонидани ёрии машваратӣ, тайёр кардани кадрҳо, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои фаъолияти инноватсионӣ ва ғайра анҷом дода мешавад.

Ба ақидаи Х.А. Абдуқодиров: «Таҷрибаи рушди бомуваффақонаи инфрасохтори инноватсионӣ дар бисёр кишварҳо имкон медиҳад, ки сохторҳои технопаркӣ ва системаҳои технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун унсурҳои асосии он баррасӣ гардад ва аз ин ҷост, ки инфрасохтори инноватсионӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мегардад:»[83]

– системаи ташкилотҳои махсусгардонидашуда (марказҳои патентӣ ва иҷозатномадиҳӣ, хизматрасониҳои машваратӣ, марказҳои таълим ва бозомӯзии кадрҳо, марказҳои лизингӣ, инчунин сертификатсияи маҳсулоти баландтехнологӣ ва ғайра);

83 Абдукодиров, Х. А. Инновационная инфраструктура как основа развития экономики Таджикистана / Х. А. Абдукодиров // Экономика и предпринимательство. – 2019. – № 7(108). – С. 455-458.

- системаи сохторҳои парки технологӣ (технопаркҳо, бизнес–инкубаторҳо, марказҳо, комплексҳои инноватсионӣ ва технологӣ, марказҳои интиқоли технологияҳо ва дигар ташкилотҳо)»[84].

Сохторҳои парки технологӣ дар ҷаҳони муосир дар шаклҳои зерин фаъолият менамоянд: паркҳои илмӣ, паркҳои технологӣ ва таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, инноватсияҳои технологӣ ва инноватсияҳои тиҷоратӣ, марказҳои интиқоли технология, инкубаторҳои бизнес ва технологияҳо, инкубаторҳои виртуалӣ ва технополисҳо.

Инкишофи динамикии равандҳои инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди муносибатҳои гуногунро ба масъалаҳои идоракунии инфрасохтори инноватсионии кишвар муайян мекунад. Ташаккули инфрасохтори инноватсионии самаранок фаъолияткунанда самти стратегии рушди низоми миллии инноватсионӣ ва ҷузъи асосии он мебошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки инфрасохтори инноватсионӣ системаи мураккаби субъектҳо, объектҳо ҳамчун падидаест, ки фаъолияти иқтисодиёти инноватсиониро таъмин мекунад ва барои таҳқиқи минбаъдаи омилҳои таъсиррасони мутақобилаи ҳамаи унсурҳои таркибии ин система шароитҳои заруриро ба вуҷуд меорад, онҳоро аз рӯйи аломатҳои гуногун ба чунин тартиб гурӯҳбандӣ намудем (расми 3.2.7.).

84 Фомин Е.П., Назаров М.А., Федосеева С.В. Развитие взаимодействия объектов инновационно-инвестиционной инфраструктуры: монография [Текст] / Е.П. Фомин, М.А. Назаров, С.В. Федосеева. – Самара: Изд-во СамГЭУ, 2009. – 168с.




**Расми 3.2.7. Аломатҳои таснифи инфрасохтори инноватсионӣ***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Раванди таснифи субъектҳои инфрасохтори рақобатпазирӣ – инноватсионӣ аз рӯи расми 3.2.7. амали мантиқии тақсимоти бисёр объектҳо аз рӯйи синфҳо, намудҳо ва вобаста ба аломатҳои умумие мебошанд, ки муносибатҳои мунтазами байни гурӯҳҳои объектҳоро дар низоми ягонаи соҳаи муайяни дониш ба қайд мегиранд. Вазифаи таснифоти инфрасохтори рақобатпазирӣ–инноватсионӣ аз рӯйи аломатҳои гуногун расмиётест, ки дар он бисёр объектҳо ба таври муайян ба синфҳо

тақсим мешаванд. Инфрасохтори рақобатпазирӣ–инноватсионӣ ҳамчун як системаи том ҷузъҳои алоҳидаеро дар бар мегирад, ки дар таҷриба онҳоро ба зерсистемаҳои иттилотӣ–маҷозӣ, истеҳсолӣ–технологӣ, молиявӣ–иқтисодӣ, меъёрии ҳуқуқӣ, ҳудудӣ ва кадрӣ ҷудо мекунад.

Модели таъсири мутақобилаи унсурҳои таркибии механизми инфрасохтори рақобатпазирӣ–инноватсионӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад: *соҳаҳои илмӣ ва истеҳсолӣ (аз илм то ба корхона) ва соҳаҳои саноатӣ ва бозорӣ (аз корхона то бозори фурӯши маҳсулот).*

Қайд кардан бамаврид аст, ки соҳаи илмӣ–истеҳсолӣ бо таъсири бозори супоришҳои илмию техникӣ ташаккул меёбад ва маълумот дар бораи онҳо ба воситаи комплексҳои иттилоотӣ–технологӣ ба корхона ирсол мегардад. Дар ин марҳала ҳангоми кори субъектҳои инфрасохтор доир ба тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо, агентиҳои машваратӣ фаъолият менамоянд, ки тавассути фаъолияти машваратии корхона метавонад дар бораи усулҳои истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, технологияи барои ин зарур, таҷҳизот барои татбиқи таҷҳизоти илмӣ ва супоришҳои техникӣ амалӣ карда шавад. Пешниҳодҳои нави илмию техникӣ одатан, объектҳои моликияти зеҳнӣ буда, истифодаи онҳо ба қайд гирифтан ва гирифтани иҷозатнома, патент ё иҷозатнома аз мақомоти дахлдор барои рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро талаб мекунад.

Бахши истеҳсолӣ ва бозории инфрасохтор барои мусоидат намудан ба раванди дарёфти манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, таҳлили имкониятҳои молиявӣ ва пешниҳодҳои сармоягузории муассисаҳои молиявӣ пешбинӣ шудааст. Пас аз ҳалли мушкилоти маблағгузории лоиҳаи инноватсионӣ, имкони пардохт ва ҷалби хизматрасонии сохторҳои махсуси истеҳсолӣ–технологӣ, паркҳои технологӣ, бизнес–инкубаторҳо ва ғайра ба миён меоянд. Дар сурати тақвияти истеҳсолоти инноватсионӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру инноватсионӣ аз ҷониби соҳибкорони саноатӣ

зарурати стандартизатсия ва сертификатсияи он ба миён меояд. Танҳо пас аз он, маҳсулоти рақобатпазири навистеҳсолшуда тибқи тамғаи нав ё бренди нав ба бозори фурӯш пешниҳод карда мешаванд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ» дар кишвар паркҳои технологӣ дар заминаи муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи касбӣ, ки ба самти тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат ҷавобгӯй равона гардидаанд, метавонад дар шаклҳои зерин таъсис дода шавад:

– Парки инноватсионӣ–технологӣ;

– Парки илмӣ–истеҳсолӣ (ё парки таҳқиқотӣ);

– Технополис;

– Инкубатори технологӣ (бизнес–инкубатор).

Дар ин раванд хусусиятҳои фарқкунандаи ҳар яке аз ин шаклҳо ва таҷрибаи фаъолияти онҳоро дар кишварҳои гуногун баррасӣ мекунем.

**Парки инноватсионию технологӣ –** яке аз навъҳои парк буда, барои ҷорӣ намудани технологияҳои баландсифат дар истеҳсолот ва рушди соҳибкории саноатии инноватсионии хурду миёна ва истеҳсолӣ хизмат мекунад. Аз нуқтаи назари ташкилӣ парки саноатӣ ё технологӣ як ҳудудест, ки дар он шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ, илмӣ ва ширкатҳои илмӣ–таҳқиқотӣ дар шакли шабакаи ягона муттаҳид карда шуда, иншооти умумии инфрасохториро истифода мебаранд. Оилаи паркҳои илмӣ ва илмӣ–технологӣ дар шакли маркази илмӣ як ядро дорад ва дар аввал ба рушди таҳқиқоти илмӣ ва истеҳсоли хурди намунаҳо нигаронида шудааст.

Дар паркҳои илмию саноатӣ самараи иқтисодӣ бо роҳи аз нав индустриаликунонӣ ба даст оварда мешавад, зеро «ядро»-и илмӣ бо истеҳсолоти бузург пайваст карда мешавад. Парк аз нуқтаи назари иқтисодӣ як воҳиди ҳудудии истеҳсолӣ мебошад, ки дар робитаи ҳамкории ду комплекс–инфрасохтор, хизматрасонии генератсиякунанда ва истеҳсолӣ, яъне корхонаҳои истифодабаранда сохта шудааст.

Мафҳуми «парки технологӣ» ба мафҳуми «инкубатор дар соҳаи инноватсия» хеле наздик аст. Ҳар дуи ин унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ маҷмуаҳое мебошанд, ки барои мусоидат ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар заминаи ширкатҳои хурди инноватсионӣ ва барои фароҳам овардани муҳити мусоид дар фаъолияти онҳо пешбинӣ шудаанд.

Доираи ширкат–муштариҳои технопарк дар муқоиса бо инкубаторҳо танҳо бо ширкатҳои навтаъсис ва навоварона дар марҳилаи аввали рушд маҳдуд намешавад. Аз хизматрасонии технопаркҳо соҳибкорони саноатии хурду миёнаи инноватсионӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни рушди тиҷоратии донишҳои илмӣ, ноу-хау ва технологияҳои илмталаб қарор доранд, истифода мебаранд. Ба ибораи дигар, ба технопаркҳо сиёсати қатъии навсозии доимӣ, гардиши муштариён хос нест, онҳо барои инкубаторҳои соҳаи инноватсия равона гардидаанд.

Дар ин ҷо ҳамчунин бояд қайд кард, ки агар технопаркҳо танҳо барои дастгирии фаъолияти инноватсионӣ тарҳрезӣ шуда бошанд, пас инкубаторҳо метавонанд барои ба истилоҳ мақсадҳои ғайритехнологӣ созмон дода шаванд. Бинобар ин, технопаркҳо нисбат ба инкубаторҳо фароҳам овардани муҳити гуногуни инноватсиониро дар назар доранд, ки имкон медиҳад доираи васеи хизматрасониҳои дастгирии соҳибкории саноатии рақобатнокро бо усули инноватсионӣ тавассути рушди заминаи моддию техникӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ барои ташаккул ва рушди корхонаҳои хурд ва миёнаи инноватсионӣ таъмин намоянд.

«Марказҳои инноватсионӣ–технологӣ, таълимӣ, машваратӣ, иттилоотӣ, маркетингӣ ва минтақаи саноатӣ асосан ба сохтори технопарк дохил мешаванд, аз ин ҷост, ки ҳар як маркази технопарк маҷмуи махсусгардонидашудаи хизматрасониро пешниҳод намуда, хизматрасонӣ доир ба бозомӯзии мутахассисон, ҷустуҷӯ ва пешниҳоди маълумот дар бораи технологияи мушаххас, машваратҳои ҳуқуқӣ ва ғайра ба роҳ

мемонад. Тавре зикр гардид, технопарк метавонад инкубаторро ҳамчун унсури алоҳидаи сохтории он дар бар гирад»[85].

Марказҳои инноватсионию технологӣ асоси технопаркҳоро ташкил намуда, ҳамчун марказҳои иттилоотию таҳлилӣ фаъолият мекунанд. Марказҳои иттилоотию таҳлилӣ ба монанди инкубаторҳо низ метавонад як ҷузъи мустақили инфрасохтори инноватсионӣ бошанд ва новобаста аз ҳама гуна сохтори парки технологӣ фаъолият намояд.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки паркҳо ҳамчун унсури инфрасохтори инноватсионӣ дар кишварҳои гуногун таърифҳои гуногун гирифтаанд. Агар дар Тоҷикистон онҳоро «паркҳои технологӣ» («технопаркҳо») ё «паркҳои илмию технологӣ» ном баранд, пас дар ИМА ин сохторҳоро асосан «паркҳои таҳқиқотӣ», дар Британия «паркҳои илмӣ», дар Чин «паркҳои илмию саноатӣ» меноманд.

Дар ҳамин ҳол, бархе аз коршиносон барои муайян ва тавсифи навъҳои гуногуни паркҳо талош варзида, дар бораи моделҳои гуногуни паркҳо (амрикоӣ, ҷопонӣ ва дигар моделҳо) суҳбат мекунанд. Ба сифати хусусияти фарққунандаи намуд ё моделҳои гуногуни паркҳо пешниҳод мешавад, ки ё дараҷаи робитаи онҳо бо донишгоҳҳо ва дигар марказҳои илмӣ, ё фарогирии гуногуни марҳилаҳои равандҳои инноватсионӣ, ё хусусияти қувваҳои пешбаранда ва амалии онҳо ба назар гирифта шаванд.

Паркҳо ҳамчун унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ натанҳо дар ҳар як кишвари алоҳида, балки дар ҳар як минтақа ё шаҳре, ки онҳо вуҷуд доранд, хусусиятҳои хос доранд. Дараҷаи робита бо донишгоҳҳо, ташкилоти илмӣ ва дигар ташкилот низ барои паркҳои гуногун хеле фарқ мекунад. Аз ин рӯ, хусусиятҳои муайяни таъсис ва фаъолияти паркҳо дар кишварҳо ва самтҳои фаъолиятро рад накарда, онро ҳамчун як намуди

---

[85] Оболенская, Л. В. Классификация услуг инновационной инфраструктуры для системной поддержки инновационной деятельности предприятий / Л. В. Оболенская // Стратегическое планирование и развитие предприятий : Материалы Девятнадцатого всероссийского симпозиума, Москва, 10–11 апреля 2018 года / Под редакцией Г.Б. Клейнера. – Москва: Центральный экономико-математический институт РАН, 2018. – С. 624-627.

умумии сохторҳои технопаркӣ баррасӣ кардан, бамаврид аст.

Аз ин рӯ, дар зери мафҳуми технопаркҳо мо синфи васеъ, як гурӯҳи унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ, аз ҷумла, паркҳои технологӣ ва илмӣ, таҳқиқотӣ, илмию таҳқиқотӣ ва саноатиро дарк мекунем. Муассисони технопаркҳо аксар вақт донишгоҳҳо, донишгоҳҳои техникӣ ва дигар мактабҳои олӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ мебошанд.

**Парки илмӣ (ё парки таҳқиқотӣ)** як намуди паркест, ки илмро дар истеҳсолот муттаҳид намуда, метавонад бо як ё якчанд муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ барои рушди соҳибкории саноатӣ ҳамкорӣ ва ё мустақилона кор кунад. Дар муқоиса бо дигар навъҳои парк барои гузаронидани таҳқиқоти сершумори илмталаб дар фаъолияти ин парк кормандони баландихтисос ҷалб карда мешаванд.

**Технополис–ҳудудест**, ки дар он муассисаҳои хурду миёнаи инноватсионӣ, ташкилоти истеҳсолӣ, муассисаҳои илмию истеҳсолӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳқиқотӣ ё муассисаҳои алоҳида таъсисёфта фаъолият мекунанд. Технополис, ки онро аксар вақт «шаҳри мағзҳо» низ меноманд, як маҷмааи бузурги муосири илмию истеҳсолӣ мебошад, ки донишгоҳ ё дигар мактабҳои олӣ, пажуҳишгоҳҳо, инчунин, маҳаллаҳои истиқоматиро дар бар мегирад ва дорои таҷҳизоти фарҳангӣ ва инфрасохтори фароғатӣ мебошад.

Мақсад аз сохтмони технополисҳо мутамарказ намудани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои пешқадам, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои тараққиёти соҳибкории саноатии рақобатпазир мебошад. Чун қоида, яке аз меъёрҳои ба технополис ҷавобгӯй будан, ҷойгиршавии он дар минтақаҳои зебоманзар, ҳамоҳангӣ бо шароити табиӣ ва анъанаҳои маҳаллӣ мебошад. «Дар ин замина омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешқадами хориҷӣ аҳаммияти хосса дорад. Барои мисол, ҳанӯз соли 1982 дар Ҷопон нақшаи бистсолаи рушди технополисҳо ва қонуни махсус дар бораи технополисҳо қабул гардид. Мисоли бомуваффақият сохтани технополис дар Ҷопон

«Шаҳри мағзҳо»-и Сукуба мебошад. Сокинони Сукуба дар ду донишгоҳ ва 50 пажуҳишгоҳи давлатии таҳқиқотӣ кор мекунанд, ки ин шаҳрро ба яке аз марказҳои калонтарини илмии ҷаҳон табдил гардидааст»[86].

**Инкубатори технологӣ (бизнес–инкубатор)** муассисаест, ки аз ҷониби давлат бо мақсади ҷалби технологияҳои инноватсионӣ ба истеҳсолот ҷиҳати рушди соҳибкории саноатии хурду миёнаи рақобатпазир маблағгузорӣ мегардад.

Сарфи назар аз доираи васеъ ва гуногунии унсурҳои инфрасохтори инноватсионии ба инкубаторҳо мансуб, метавон онҳоро ҳамчун маҷмуаҳои бисёрфунксионалӣ тавсиф дод, ки ба ширкатҳои нави инноватсионии дар марҳалаи пайдоиш ва ташаккул қарордошта, хизматрасониҳои гуногун пешкаш мекунанд. Ба ибораи дигар, бизнес–инкубаторҳо барои дастгирӣ ва танзими шароит ба корхонаҳои навтаъсис хизмат намуда, дар баробари ин бобати ба иҷора додани бино барои хизматрасониҳои машваратӣ ва иттилоотиро низ пешниҳод мекунанд. Давраи инкубатсионии ширкати муштарӣ одатан аз 2 то 5 сол давом мекунад, ки пас аз он ширкати инноватсионӣ инкубаторро тарк карда, ба фаъолияти мустақилона шуруъ мекунад. Рӯйхати мушаххаси хизматҳое, ки ширкати нави инноватсионӣ аз инкубатор ба даст меорад, асосан аз самти фаъолияти технологии ширкат вобаста буда, дар асл иҷораи биноро дар бар мегирад.

«Ҳама инкубаторҳоеро, ки бо мақсади дастгирии ширкатҳои нави инноватсионӣ ва пешбурди соҳибкории саноатии рақобатпазири инноватсионӣ таъсис ва фаъолият мекунанд, метавон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд:

–якум, онҳо ҳамчун созмонҳои мустақил фаъолият мекунанд;

–дуюм, инкубаторҳоро қисми технопарк меноманд.

Мутахассисони гуногун таснифоти мушаххаси бизнес–инкубаторҳоро бо роҳҳои гуногун амалӣ месозанд»[87].

---

[86] Солдатова, А. О. Инновационная инфраструктура как основа развития инновационной деятельности / А. О. Солдатова // Актуальные вопросы экономических наук. – 2015. – № 47. – С. 94-98.

Бизнес–инкубаторҳоро бо истифода аз меъёрҳои гуногун тасниф мекунанд, ки вобаста ба он самти фаъолият ва доираи хизматрасониҳои онҳо муайян карда мешавад. Намудҳои бизнес–инкубаторҳо ва самти асосии фаъолияти онҳо, ки ба рушди соҳаи соҳибкории саноатӣ равона гардидааст, дар ҷадвали 3.2.2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.2.2. Таснифоти бизнес–инкубаторҳо, ҳамчун унсури муҳими инфрасохтори инноватсионӣ***

| Намуд | Мақсади фаъолият |
|---|---|
| Бизнес-инкубаторҳои классикӣ | Расонидани кумак ба сохторҳо, бахусус ба соҳибкории саноатие, ки дар марҳалаи оғоз ва рушд қарор доранд |
| Минтақаҳои саноатӣ | Таъмин намудани муносибати динамикӣ ва ҳалли проблемаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо дарназардошти манфиатҳои мақомотҳои маҳаллӣ ва мақомоти рушди минтақаҳо |
| Минтақаҳои ба содирот нигаронидашуда | Мусоидат намудан ба рушди соҳибкории саноатӣ бобати ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, содироти молу маҳсулот рақобатпазир, таъмини дастрасӣ ба инфрасохтор ва имтиёзҳои андозӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар |
| Паркҳои илмӣ (технологӣ) | Фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сохибкории саноатӣ ва ба тиҷоратикунонии маҳсулот, яъне рақобатпазирӣ ва ба содирот нигаронидани он дар натиҷаи ба роҳ мондани корҳои илмию таҳқиқотӣ |
| Инкубаторҳои виртуалии тиҷоратӣ | Таъмини хизматрасонӣ дар киберфазо ва субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, ки рақобатпазириро муайян менамоянд |
| Комплексҳои ҳудудии истеҳсолӣ | Густариши фаъолияти иттиҳодияҳои саноатӣ, марказҳои соҳибкории саноатӣ, паркҳои технологӣ - истеҳсолӣ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳамдигар наздик ва дар як самт ҳамчун соҳибкории саноатӣ фаъолиятнамуда |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар баробари бизнес–инкубаторҳои дар ҷадвали 3.2.2. оварда, яке аз унсурҳои асосии рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар раванди соҳибкории саноатии рақобатпазир *гузаштан ба системаҳои технологияҳои иттилоотӣ* мебошад. Системаҳои технологияи иттилоотӣ барои паҳни иттилоот дар ҷомеа асос ёфта, маълумоти гуногунро дар

[87]Best practice in Business Incubation, U.N.: New York and Geneva, 2000. 120 p. URL: http://www.unece.org/commission/2001/e_ece_1387e.pdf

бораи субъектҳои соҳибкории саноатӣ ва натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла, маълумот дар бораи маҳсулоти рақобатпазири инноватсионӣ, хизматрасонӣ, технологияҳо, ташкилоти илмӣ ва инноватсионӣ, моликияти зеҳнӣ ва ғайра пешниҳод менамояд.

Рушди босуръати интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар технологияҳои нави иттилоотӣ метавонад самаранокии ҳалли мушкилоти дастгирии иттилоотии инноватсиониро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Истифодаи шабакаҳои телематикӣ барои дастрасии интерактивии фосилавӣ ба пойгоҳи додаҳои системаҳои технологияҳои иттилоотӣ ба татбиқи самаранокии равандҳои инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Ба ақидаи мо, инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатӣ ҷузъҳои зерин: *истеҳсолӣ–технологӣ, молиявӣ, иттилоотӣ–таҳлилӣ ва экспертӣ–машваратӣ, инчунин, паркҳои технологӣ ва илмӣ, марказҳои инноватсионӣ ва марказҳои интиқоли технологияҳо, бизнес–инкубаторҳо ва сохторҳои инноватсионӣ, иттилоотӣ, илмию техникӣ, шабакаҳо, коршиносони машваратӣ ва ширкатҳои муҳандисӣ, сармоягузорони институтсионалии давлатӣ ва хусусиро* дар бар мегирад.

Айни замон рушди бомуваффақонаи инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар бисёр кишварҳо бо равандҳои ҳамгироӣ алоқаманд аст ва имкон медиҳад, ки бо роҳи муттаҳидгардонӣ ва ҳамоҳангсозӣ фаъолияти унсурҳои гуногуни инфрасохтори инноватсионӣ бунёд карда шаванд. Илова бар ин, субъектҳои инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир фаъолияти инноватсиониро амалӣ ва дар татбиқи онҳо саҳм гузошта, доираи васеи хизматрасонӣ, аз ҷумла, доир ба содироти молу маҳсулоти рақобатпазир ва татбиқи объектҳои фаъолияти инноватсиониро пешниҳод менамояд.

Субъектҳои инфрасохтори инноватсионӣ дар заминаи муассисаҳои мавҷудаи илмию таълимӣ ва ҳамчунин ташкилотҳои саноатӣ таъсис дода мешавад. Дар ҷамъбаст метавон қайд кард, ки унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар

заминаи технопаркҳо, паркҳои технологӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавлид мегарданд.

Дигар унсуре, ки ба ташаккули инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир мусоидат мекунад, ин таъмини мувозинати захираҳои зарурӣ барои фаъолияти саноатӣ мебошад. Барои ҳалли он модели ташаккули инфрасохтори инноватсиониро пешниҳод намудем, ки моҳияти он аз ташкили ҳамкории самарабахши субъектҳои фаъолияти соҳибкории саноатӣ иборат мебошад.

Омӯзиш муайян мекунад, ки тамоюли бозори инфрасохтор бо зарурати таъмини ворид намудани инноватсия ва амалисозии фаъолияти инноватсионии соҳибкории саноатӣ дар шароити муосир бо риояи принсипҳои самаранокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ муайян карда мешавад.

Вобаста ба ин, дар самти татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар сатҳи якуми интегратсионӣ вазифаи таъмини пайвастагии уфуқӣ ва амудии соҳибкории саноатӣ ҳал гардида, байни субъектҳои асосии сатҳ инҳо қарор доранд: гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, иттиҳодияҳои илмию техникӣ, ширкатҳои трансмиллӣ, консорсиумҳо оид ба таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва иттиҳодияҳои инноватсионию саноатӣ. Вобаста ба ин, зарур аст, ки мушкилоти мавҷудаи рушди ин марказҳо дар асоси равиши лоиҳавӣ муайян ва ҳал карда шаванд.

Дар сатҳи дуюм вазифаҳои зерин: таъмини механизмҳои ҳамкории марказҳои интиқоли технологияҳо, марказҳои иттилоотӣ ва шабакаҳо, муассисаҳои молиявию сармоягузорӣ ва фондҳо, марказҳои машваратӣ, фондҳои венчурӣ, марказҳои экспертизаи лоиҳаҳои инноватсионӣ баҳсталаб мемонад.

Дар зинаи сеюми масъалаи муҳайё кардани шароит барои такмил додани сохтори технологӣ ва марказҳо ва комплексҳои инноватсионию технологӣ, кластерҳои инноватсионӣ, минтақаҳои рушди технологӣ,

марказҳои истифодаи дастаҷамъонаи таҷҳизоти баланди технологӣ мебошанд.

Дар сатҳи чорум асосҳои бунёдии рушди инноватсионии сатҳи ҷумҳуриявӣ ташаккул ёфта, донишгоҳҳо ва пажуҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, инчунин, марказҳои илмии минтақавии илмию академӣ, донишгоҳҳои соҳавӣ аз фаъолони асосии ин сатҳ ба шумор меравaнд.

Дар сатҳи панҷум асосҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ), таҳияи сиёсати минтақавии инноватсионӣ ва ташаккули фазои инноватсионӣ амалӣ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки инфрасохтори инноватсионии панҷсатҳа як низоми ҳамгирошуда ва шабакавӣ мебошад, ки афзоиши дарозмуддати рушди инноватсионии соҳаро тавассути механизмҳои паҳншавии инноватсия таъмин ва ҳамаи ташкилоти навовар ва инфрасохторҳои онро дар як ҳудуди муайян ба як системаи ягона муттаҳид ва интегратсия на танҳо ба таври уфуқӣ, балки амудӣ низ сурат мегирад. Таъсиси чунин инфрасохтори инноватсионии панҷсатҳа ба рушди намудҳои гуногуни сохторҳои шабакавӣ ва шаклҳои сершумори равандҳои ҳамгироӣ мусоидат намуда, натиҷаҳоро бо таъсири синергетикӣ таъмин ва асосҳои тараққиёти инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазирро тағйир медиҳад.

Дар ниҳояти таҳқиқот ҳаминро қайд намудан бамаврид аст, ки хусусияти асосии таснифоти унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ намудҳои хизматрасониҳоро дар чунин шакл дарбар мегирад:

- унсурҳои инфрасохтор, ки ба таъмини бевоситаи фаъолияти субъектҳои инноватсионӣ (муассисаҳои молиявию қарзӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ, ширкатҳои консалтингӣ ва ғайра) тааллуқ доранд;
- сохторҳои миёнараве, ки фаъолияти онҳо дар соҳаи инноватсионӣ ҷараёни иттилоотию молиявӣ, кадрӣ ва моддию техникиро дар бар мегиранд;
- унсурҳои инфрасохторие, ки захираҳои мушаххасро барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ истеҳсол мекунанд.

Дар раванди таҳқиқи асосҳои методологии таснифоти унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ маълум гардид, ки аз рӯйи вазифаҳои иҷрошуда унсурҳои инфрасохторӣ ва марҳалаҳои раванди инноватсионие, ки дар он онҳо метавонанд истифода шаванд, афзалият дода мешавад.

Унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ вобаста ба давомнокии дастгирии марҳалаҳои раванди инноватсионӣ ба ду гурӯҳи зерин гурӯҳбандӣ мешаванд:

- ташкилотҳое, ки фаъолияташон ба пешниҳоди хизматрасонӣ дар марҳалаи муайяни раванди инноватсионӣ нигаронида шудааст;
- ташкилотҳое, ки дар тамоми давра хизматрасонӣ ва кумак пешниҳод мекунанд.

Ташкилотҳо дар навбати худ, ба ташкилотҳое, ки ғояҳои инноватсиониро пешбарӣ менамоянд, ба пажуҳишгоҳҳои илмӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, марказҳои илмию техникӣ ва дигар ташкилотҳои илмӣ ҷудо мегарданд. Ба андешаи мо, ҳамаи унсурҳои инфрасохтори мустақил (воҳидҳои алоҳидаи иқтисодӣ) ва ҳам ҳамгирошуда (холдингҳои инноватсионӣ, кластерҳо, комплексҳо, ки унсурҳои дигари инфрасохторро дар бар мегиранд) бояд аз ҳамдигар ҷудо карда шаванд.

### 3.3. Дастгирии давлатии таваккалкунии сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории инноватсионии рақобатпазир.

Омили муҳимме, ки ба раванди дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ бобати ҷалби сармоягузорӣ мусоидат мекунад, ин рушди инноватсионӣ мебошад, ки дар асри XX1 хосси соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ гардид. Пешрафти техникӣ дар баробари фаъолияти илмӣ бо гузаштан ба роҳи навоварӣ ба марҳалаи нави тараққиёт баромад. Дар ин замина, нақши иттилоот муҳим арзёбӣ гардида, дар баробари ин падида, соҳибкории саноатии инноватсионӣ ҳангоми ташаккули худ дар раванди истеҳсолот ташаккули техника ва технологияи навтаринро тақозо менамояд. Рушди инноватсионии соҳибкории саноатӣ ба динамикаи

нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар ҳарчи бештар таъсир расонида, дастгирии ҳамаҷонибаи давлатро ба ин соҳа пешбинӣ ва рақобатпазирии онро таъмин менамояд.

Фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар шароити муосир як фаъолияти мустақил ва таваккалмандонаи шахсони воқеию ҳуқуқӣ буда, ба истеҳсоли молҳо ва қонеъ гардонидани талаботи муштариён бо маҳсулоти рақобатпазир равона карда шудааст. Соҳибкории инноватсионии рақобатпазир дар таъмини рушди инноватсионӣ ва афзоиши шуғли аҳолӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад. Истифодаи самараноки иқтидорҳои соҳибкории саноатӣ бо истифода аз равиши инноватсионӣ ба ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад, ки он сиёсати аз монополия баровардани иқтисодиёт, ташкили ҷойхои нави корӣ, бо молу хизматрасониҳои нав пур кардани бозор, зиёд кардани даромади буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ ифода меёбад[88].

Дар ин раванд, татбиқи иҷрои барномаҳои давлатиро, ки ба ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир нигаронида шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати доимии худ қарор медиҳад. Ҳамзамон, рушди соҳибкории саноатӣ таҳти таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, ки зимни суханрониҳояшон пайваста ба ҳалли он мусоидат менамоянд.

Маврид ба ёдоварист, ки фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир ва дастгирии ҳамаҷонибаи он ба яке аз самтҳои стратегии иқтисодиёти кишвар табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир яке аз самтҳои афзалиятнок ва ҳадафҳои стратегӣ дар низоми давлатдории кишвар маҳсуб меёбад.

---

[88] Мизробов С.С. Хусусиятҳои инноватсионии рушди соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2022. № 4-1 (43). –С. 131-137.

Мушкилоти асосӣ дар ҳалли чунин вазифаи муҳим дар сатҳи миллӣ на танҳо ба норасоии шадиди захираҳои сармоягузорӣ, балки ба шумораи бениҳоят маҳдуди шарикони боэътимод, ки ба васеъ намудани миқёси таҷдиди техникӣ ва рушди технологии корхонаҳои инноватсионии саноатии хурду миёна манфиатдор мебошанд, вобаста аст. «Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, роҳи самараноки ҳалли ин мушкилот сиёсати мақсадноки давлатӣ ба ҷалби корхонаҳои хурд ба мадори ба истилоҳ марказҳои рушди инноватсионӣ мебошад, ки ҳамчун маҷмуи шаклҳои гуногуни ташкили фазоии бизнеси баландтехнологии истеҳсолот фаҳмида мешавад. Намунаҳои муваффақтарин марказҳои рушди инноватсионӣ водии Силикон дар ИМА, маркази инноватсионии Донишгоҳи Оулу дар Финландия, минтақаи озоди саноатии «Масан» дар Кореяи Ҷанубӣ, шаҳри илмии Сколково дар Россия ва минтақаи озоди иқтисодии «Банкарор» дар Ҳиндустон мебошанд. Намунаи барҷастаи муносибатҳои самарабахши ҳамгирой бо корхонаҳои хурд корпоратсияи машҳури «Sony»-и Ҷопон мебошад, ки дар мадори он зиёда аз 200 ҳазор корхонаи хурд бомуваффақият фаъолият намуда, навъҳои гуногуни маҳсулоти баландтехнологӣ истеҳсол мекунанд. Корҳои фаъол доир ба таъсиси марказҳои рушди инноватсионӣ ва ба мадори фаъолияти онҳо ҷалб намудани корхонаҳои хурди инноватсионӣ дар ҷумҳурии мо аз соли 2017 оғоз гардида, дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар ҳамаи минтақаҳои кишвар амалӣ карда мешавад»[89].

Дар заминаи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, ки яке аз унсурҳояш рушд ёфтани соҳибкории саноатии инноватсионии рақобатпазир мебошад, ҳукумату роҳбарияти кишвар пайваста кӯшиш менамоянд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаву консепсияҳои

[89] Фозилова М.И. Тенденции развития инновационно-промышленного предпринимательства в современном мире// Экономический журнал. Экономика: вчера, сегодня, завтра.–Ногинск: Издательство «АНАЛИТИКА РОДИС», 2022. – Том 12, № 9А. - С.512-519.

соҳавиро мукаммал гардонанд. Дар Паёми хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд: «Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030” ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян карда, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор адад ба 350 ҳазор адад баробар гардид. Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳи истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ гардиданд. Танҳо дар соли 2023-ум 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шуд. Соли ҷорӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст дар соҳаи маориф 117 иншоот барои беш аз 43 ҳазор хонанда бунёд гардида, дар соҳаи тандурустӣ сохтмону азнавсозии 139 иншоот анҷом дода шуд»[90].

Самаранокии истифодаи неруи иқтисодии соҳибкории саноатӣ, ки омили муҳимтарини рушди устувор мебошад, бештар ба натиҷагирии системаи идоракунӣ–инноватсионӣ вобаста аст. Аз ҷумла, таҳия ва татбиқи босамари барномаҳои стратегии рушди соҳа бо дарназардошти ҳадафҳои оқилонаи уфуқҳои ноил шудан ба ҳамкории самарабахши унсурҳои асосии иқтидори иқтисодӣ муайян карда мешавад. Ҳамзамон, барномаҳои стратегии рушди соҳибкории саноатии инноватсионии рақобатпазир, чун қоида, дар асоси таҳлили системавӣ ва арзёбии имкониятҳои рушди соҳаи мавриди назар таҳия карда мешаванд.

---

[90] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023, ш. Душанбе.

Чунончи профессор Т.Д. Низамова қайд намудааст: «Самаранокии идоракунии рушди корхона аз бисёр ҷиҳат ба стратегияи хуб таҳияшуда вобаста аст, ки ҳадафи асосии он фаъолияти бомуваффақияти корхона ва ҳадди аққал қонеъ гардонидани талаботи ҳар нафаре, ки дар татбиқи он иштирок мекунад, мебошад. Дар назарияи идоракунии стратегӣ ин раванд бо моделҳои гуногун ифода карда мешавад, ки бо мавҷудияти марҳилаҳо хос аст: бунёди рисолат, муқаррар намудани мақсад ва мӯҳлатҳо, таҳияи алтернативиҳо ба маҷмӯи мақсадҳо; таҳлили сифатии системаи мақсадхо ва тафтиши мувофиқати онҳо; усулу воситаҳои асосии расидан ба мақсадҳо ва ғ.»[91].

Албатта, барои такмили механизми истифодаи самараноки неруи иқтисодии соҳибкории саноатӣ барномаҳои қабулшуда ва татбиқшавандаи рушди саноат аҳамияти калон доранд. Аммо, чунончи таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар барномаҳои қабулшудаи тараққиёти соҳибкории саноатӣ принсипҳои пайдарпайи ва асосокӣ ба таври бояду шояд ба назар гирифта намешаванд. Вазъи ҳозира мунтазам аз нав дида баромадани роҳҳои стратегии тараққиёти соҳибкории саноатиро дар асоси таҳлили амиқи механизмҳои таъмини самарабахшии соҳибкории саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба суръат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ тақозо менамояд. Албатта, ҳадафи мазкур танҳо дар асоси таҳкими неруи инноватсионии субъектҳои соҳибкории саноатӣ имконпазир мегардад. «Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои зиёди захираҳои ашёи хом дар соҳаи саноати маъдан, саноати масолеҳи сохтмонӣ, саноати хӯрокворӣ, саноати сабук ва пилла, инчунин, саноати мошинсозӣ ва саноати ангишт мебошад. Дар мавриди самараноку мақсаднок бо истифода аз технологияҳои нав ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти сифатноки рақобатпазири ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ метавон гуфт, ки солҳои

[91]Низамова Т.Д. Разработка стратегии развития предприятия//Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2021. – № 3. – С.60.

наздик ҷумҳуриро аз кишвари аграрӣ–саноатӣ ба як кишвари саноатӣ–аграрӣ табдил додан имконпазир мебошад»[92].

Мафҳуми «неруи инноватсионӣ» солҳои зиёд аз ҷониби аксари олимон[93] объекти таҳлили илмӣ буда, сарфи назар аз самт ва сатҳи таҳлили илмии онҳо объекти муҳимми таҳқиқоти онҳо боқӣ мемонад.

Дар кори илмӣ манбаи асосии навоварӣ мавҷудияти сатҳи баланди неруи инноватсионии соҳибкории саноатӣ ба ҳисоб рафта, дар шароити рушди инноватсионӣ иқтидори инноватсионии соҳибкории саноатиро захираҳои зарурӣ ташкил медиҳад, ки ноил шудан ба раванди рақобатпазирӣ маҳз тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосиру инноватсионӣ таъмин мегардад.

Муҳаққиқи тоҷик С.Ҷ. Комилов неруи инноватсиониро ҳамчун: «...қобилияти корхона, саноат, минтақаи кишвар дар ташкили иқтисодиёти рақобатпазир бо мақсади фаъол гардонидани раванди инноватсионӣ ва истифодаи оқилонаи дороиҳои мавҷудаи моддӣ ва ғайримоддӣ»[94] тафсир менамояд. Вай инчунин, мавҷудияти иқтидори инноватсиониро қобилият медонад ва ҳамзамон, сатҳи рақобатпазирии корхона, соҳа ва минтақаҳои алоҳидаро бо сатҳ ва мавҷудияти иқтидори инноватсионӣ мепайвандад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012, №822, мафҳуми «иқтидори инноватсионӣ» чун «...маҷмуи шаклҳои гуногуни зеҳнӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ, технологӣ, захираҳои ҳуқуқӣ ва дигар захираҳое, ки барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ заруранд», таъриф шудааст. Дар баробари ин, ҳадафҳои

---

[92] Давлатзода Қ.Қ., Ниёзӣ С.Р., Қодиров Н.Ҳ. Нақши саноатикунонӣ дар рушди иқтидорҳои содиротӣ-инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. 2020. № 4 (52). С. 58-65.

[93] Ниг. Титов Д.Д. Инновационный потенциал. оценка инновационного потенциала региона//Стратегия устойчивого развития регионов России. 2015. № 29. С. 44-49.; Тюменцева А.И. Кадровый инновационный потенциал в структуре инновационного потенциала организации//Аллея науки. 2018. Т.2. № 6 (22).С. 652-656.; Е.В.Механизм формирования и использования инновационного потенциала региона//Часопис економічних реформ. - Павлыш. 2018. № 1 (29). С. 83-90.

[94] Комилов С. Дж. Теория инновационного развития//Монография. – Душанбе: Шарқи озод, 2019. –С.200.

асосии сиёсати давлатии инноватсионӣ аз инҳо иборатанд: «муҳайё намудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, бо истифода аз иқтидори инноватсионӣ, ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, рушди фаъолияти инноватсионӣ ва ҳифзи манфиатҳои субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ, ҷалби соҳибкории саноатии хурду миёна ба фаъолияти инноватсионӣ ва ғайра»[95].

Дар таҳқиқоти худ олими иқтисоддон А.М. Балашов қайд намудааст: «Дар баробари ин, дар сохтори неруи инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир се ҷузъи муҳим мавҷуд аст, ки истифодаи самараноки он аз ҷузъи захиравӣ дар шакли мавҷудияти захираҳои инсонӣ, илмӣ, техникӣ ва бисёр дигар захираҳо вобаста аст, ки ба ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии мусоидат мекунанд, ифода меёбад»[96]. Бояд гуфт, ки мавҷудияти ин захираҳо манбаи асосии пайдоиши ғояҳои нав ва ба ин васила самаранокии фаъолияти соҳибкории саноатӣ мебошад. Дар баробари ин, самаранокии неруи инноватсионии соҳибкории саноатӣ танҳо дар сурати зиёд шудани захираҳои дастгирии давлатӣ, дастгирии инфрасохторӣ барои рушди инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра ба даст оварда мешавад (расми 3.3.1).

---

[95]Закон Республики Таджикистан от 16.04. 2012 год № 4, «Об инновационной деятельности». – Душанбе, №4 ст. 272.

[96]Балашов А.М. Новосибирская модель территории инновационного развития и предпринимательство//Известия высших учебных заведений. Серия: Экономика, финансы и управление производством. –2017. № 4 (34). –С. 14-21.




**Расми 3.3.1. Нақшаи сохтории унсурҳои асосии иқтидори инноватсионии соҳибкории саноатӣ***
*Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар шароити муосир афзоиши корхонаҳои инноватсионии саноатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишварҳо ба шумор рафта, робитаи стратегии корхонаҳои саноатӣ бо фаъолияти инноватсионии онҳо бояд барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда равона карда шавад. Барои ин самаранокии тамоми марҳалаҳои давраи истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти татбиқи иқтидори инноватсионии онҳо бояд таъмин карда шавад. Барои натиҷаҳои беҳтарин дар ҳамаи давраҳои сикли истеҳсолӣ ва иҷрои ҳатмии супоришҳои супурдашуда ва муайян кардани мақсадҳои ба миён гузошташуда диққати даркорӣ дода мешавад.

Самти аввал ва зарурии рушди иқтидори соҳибкории инноватсионӣ ва саноатӣ ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ мебошад. Муҳити ниҳодӣ (институтсионалӣ) ҳамчун: «... маҷмуи ниҳодҳо (ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, ташкилӣ, таълимӣ ва ғайра), ки шароити амалисозии фаъолияти босамари инноватсионӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи субъектҳои онро муқаррар мекунанд; инчунин, таъмини инкишоф додани равандҳои навоварона дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт» фаҳмида мешавад»[97].

Ба ақидаи пажуҳишгар Ф.Ф. Хамидуллин: «Муҳимтарин ҷузъи шартҳои институтсионалии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ қоидаҳое мебошанд, ки монеаҳои ворид шудан ва баромадани корхонаҳоро ба бозор муайян мекунанд. Маҳдудиятҳои вуруд бо чунин қоидаҳои расмӣ, аз қабили қоидаҳои додани иҷозатнома (масалан, барои иктишоф ва коркарди конҳои маъдан), квотаҳо (масалан, дастрасӣ ба ашёи хом ва маҳсулоти коркарди онҳо) ва ғайра муайян карда мешаванд. Маҳдудиятҳои вуруд на танҳо ба сохтори бозор таъсир мерасонанд, балки бевосита ба хароҷоти фаъолияти субъекти соҳибкории хурд ва аз ин рӯ, ба самаранокии он

[97] Петров А.М. Инновационное развитие экономики регионов России в современных условиях: институциональный аспект//Вестник Кемеровского государственного университета. Серия: Экономика и экономические науки. – Кемерово, 2014. – № 4(60) Т.1. – С. 253.

таъсир мерасонанд»98. Ҳамзамон, муҳити институтсионалии рушди соҳибкории инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир бояд ба фароҳам овардани шароити мувофиқ барои воридшавӣ ва беруншавии бемамонияти сохторҳои соҳибкорӣ ба бозорҳои таъйинот равона карда шавад.

Баланд бардоштани имконоти институтсионалии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, ба ташаккули фазои мусоиди институтсионалӣ мусоидат намуда, заминаи ташаккул ва истифодаи самараноки неруи инноватсионии корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Тибқи СМР–2030 дар соҳаи такмили сиёсати иқтисодӣ ва низоми институтсионалӣ бояд ба инҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад:

–дигаргунсозиҳои институтсионалии мақомоти сиёсати сохторӣ ва ташаккули талабот ба татбиқи он бо дарназардошти принсипҳои асосии дар боло зикршуда, ки талаботи асосии гузариш ба сиёсати нави сохторӣ мебошад;

–ташаккули барномаи таҳкими тамоюли содирот ва барномаи интихобии воридотивазкунӣ дар асоси бартариҳои муайяни муқоисавӣ бо маҷмуи воситаҳо ва меъёрҳои интихоб, тавсеаи зарфияти содиротии кишвар аз ҳисоби рушди ашёи хоми маҳаллӣ;

–ташаккул додани фазои сармоягузорие, ки боиси кам шудани хароҷоти муомилоти маъмурӣ мегардад, махсусан, дар соҳаҳое, ки дар онҳо нуқтаҳои рушд муайян шудаанд;

–бунёди инфрасохтори муосири дастгирии соҳибкорӣ ва механизмҳои мусоидат ба таъсиси истеҳсолоти нав;

–рушди бахши кишоварзӣ ва рушди институтсионалии бахши захираҳои обии кишвар;

---

[98] Хамидуллин Ф.Ф. Проблемы функционирования субъектов малого предпринимательства в институциональной среде//Ученые записки Российской Академии предпринимательства. – М., 2011.– № 27. – С. 274.

– ташаккул додани талабот ба системаи таълими кадрҳо ва ғайра[99].

Чӣ тавре дида мешавад, дар маркази хамаи дигаргуниҳои мусбат дигаргуниҳои институтсионалӣ қарор доранд. Ба дастгирии инфрасохтории рушди инноватсионии минтақа диққати махсус додан зарур аст. Унсурҳои муҳимми инфрасохтори инноватсионӣ паркҳои технологӣ, бизнес–инкубаторҳо, марказҳои инноватсионӣ ва ғайра мебошанд, ки таъсиси онҳо ба татбиқи самараноки ғояҳои инноватсионӣ, инчунин, татбиқи инноватсия дар амалияи системаҳои иқтисодии минтақавӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки истифодаи самараноки иқтидори инноватсионии минтақа бевосита ба фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ вобаста аст. Мавҷудияти механизми возеҳи таъмини ҳуқуқии фаъолияти инноватсиониро танҳо дар сурате ба даст овардан мумкин аст, ки агар ниҳоди ҳуқуқ самаранок фаъолият кунад, ки дар ҳалли масъалаҳои фароҳам овардани фазои мусоиди ниҳодӣ (институтсионалӣ) барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақа нақши калидӣ дорад.

Самти дигари муҳимми дастгирии давлатӣ ин истифодаи самараноки зарфиятҳои инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир мебошад. Давлат ҳамчун субъекти фаъолияти инноватсионӣ бо истифода аз принсипҳо ва механизмҳои гуногуни дастгирӣ барои ҳавасмандгардонии иқтидори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар шароити зарурира фароҳам меоварад ва ба ин васила роҳи рушди инноватсионии соҳибкории саноатиро муайян менамояд. Аз ин лиҳоз, принсипҳо ва механизмҳои таъмини афзоиши иқтидори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир бояд ба тамоми меъёрҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсионии кишвар мутобиқат кунанд (расми 3.3.2).

[99] Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г.//Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 30 мая 2015 года № 354. – Душанбе, 2016. - С.16.




**Расми 3.3.2. Шаклҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкорӣ***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Принсипҳо ва механизмҳои таъмини афзоиши иқтидори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир, ки дар расми 3.2.1. омадаанд, дар Тоҷикистон мутобиқи санади асосии танзимкунандаи сиёсати инноватсионии давлат ва дигар субъектҳои соҳаи фаъолияти инноватсионӣ аз рӯи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», (аз 16 апрели соли 2012, № 822) ба танзим даровarda мешаванд. Қонуни мазкур: «Асоси ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, шартҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии инноватсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ танзим менамояд»[100].

[100] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012, № 822. – Душанбе, №4, С. 272.

Мутобиқи Қонуни номбурда: «...вазифаи асосии сиёсати давлатии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ–иқтисодӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки ба ташаккул ва рушди неруи инноватсионии кишвар мусоидат мекунанд». Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» як қатор воситаҳои ҳавасмандгардонии давлатии фаъолияти инноватсиониро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, дар моддаи 13-и Қонуни мазкур шаклҳои зерини дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар самти соҳибкории саноатӣ муайян карда шудааст:

«- маблағгузории корҳои илмию техникӣ, конструкторӣ ва технологӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти нав ё мукаммал, технологияи нав ё мукаммал, ки барои татбиқи амалӣ пешбинӣ шудаанд;

- ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ барои соҳибкорӣ ва истифода додани моликияти давлатӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои ба он баробари фардикунонӣ;

- мусоидат ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазире, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд;

- густариши инфрасохтори инноватсионии илм, истеҳсолот ва хизматрасонӣ тавассути иштирок дар ташкили истеҳсолоти рақобатпазир;

- таъмини бозори кафолатноки фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ дар асоси фармоиши давлатӣ аз ҷониби мақомоти маҳал;

- пешбурди навовариҳои ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ ва ғайра»[101].

Аз ин рӯ, маблағгузории давлатӣ воситаи хеле муҳим ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои инноватсионии иқтисоди миллӣ мебошад. Маҳз давлат субъекти асосии фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб гардида, иқтидори инноватсионии рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ бештар аз он вобастагӣ дорад.

[101] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012 сол, № 822, «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» – Душанбе, №4 ст. 272.

Қайд кардан зарур аст, ки маблағгузории давлатии таҳқиқоти илмӣ раванди мураккаб буда, механизми возеҳи маблағгузориро талаб мекунад ва он ба истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ нигаронида шудааст. Барои ин зарур аст, ки маблағҳои буҷетӣ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ҷузъҳои сохтории иқтисоди миллӣ дақиқ тақсим гардида, ин раванд натанҳо имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии иқтисодӣ муайян шавад, балки шарти муҳим, талабот ба инноватсия низ аз ҷониби соҳибкорони саноатӣ бо мақсади рақобатпазирии маҳсулот қонеъ карда шавад. Бояд қайд намуд, ки маблағгузории давлатӣ тибқи эҳтиёҷоти инноватсионии иқтисодӣ ҳамеша ба истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ба манфиати рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир мусоидат мекунад.

Муносибатҳои зерин имкон медиҳад, ки татбиқи самаранокии иқтидорҳои субъектҳои хоҷагидор таъмин гардида, ба ин васила ҷиҳати баланд бардоштани фаъолияти бонизоми онҳо мусоидат намояд. Дар баробари ин, давлат ҷиҳати ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии ин корхонаҳо дар системаҳои иқтисодии минтақавӣ нақши калидӣ дорад. Барои ин зарур аст, ки инфрасохтори инноватсионии ҳудудҳои кишварро инкишоф дода, имкони ғояҳои инноватсионии соҳибкории саноатиро ба манфиати иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои алоҳидаи кишвар саривақт таъмин намояд.

Маврид ба зикр аст, ки ҷиҳати ҳавасмандгардонии иқтидорҳои инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити муосири иқтисодӣ яке аз равандҳо тақвияти ҳамкориҳо байни шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Ин раванд метавонад дар ҳолатҳои набудани маблағгузорӣ аз ҷониби давлат барои лоиҳаҳои инноватсионии соҳибкории саноатӣ воситаи муассир ҳисобида шавад. Маълум аст, ки дар айни замон яке аз сабабҳои асосии ҳалли мушкилоти рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир норасоии захираҳои молиявӣ мебошад. Дар ин маврид механизми ШДБХ ҳамчун воситаи ҷалби манбаҳои нав, дар раванди сармоягузориҳои миллӣ ва хориҷӣ ба таври

васеъ истифода мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки зарфияти инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир аз мавҷудияти захираҳои молиявии зарурӣ вобаста мебошад.

Дар Тоҷикистон механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ)» аз 28 декабри соли 2012, №907, мавриди истифода қарор гирифт. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи соҳибкории саноатиро низ дар бар гирифта, манфиатҳои давлат ва бахши хусусиро ҳимоя мекунад.

Аммо, чунонки таҷрибаи ватанӣ нишон медиҳад, принсипҳо ва механизмҳои асосии рушди ШДБХ дар кишвар дастгирии дурусти ҳуқуқӣ пайдо накарда, илова бар ин, бисёре аз лоиҳаҳои сармоягузории ҳамкориҳои бахшҳои давлатию хусусӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир бо сабабҳои объективию субъективӣ алоқаманд нестанд ва таваҷҷуҳи сохторҳои тиҷоратии хусусиро ҷалб намекунанд. Аз ин рӯ, зарурати такмили низоми ҳавасмандгардонии давлатӣ барои истифодаи иқтидори инноватсионии минтақа дар асоси модели ШДБХ ба миён меояд. Бояд ба назар гирифт, ки самаранокии баланди истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар заминаи соҳибкории саноатии инноватсионӣ ва рақобатпазир ба омилҳои зерин асос ёфтааст:

- заминаи устувори институтсионалии лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир;
- таъмини ҳуқуқии шартҳои асосии иҷрои қарордодҳо ва созишномаҳо дар доираи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ;
- тақсими одилонаи имкониятҳо ва хатарҳо дар лоиҳаҳои татбиқшавандаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар асоси шартномавӣ муттаҳидсозии ҳуқуқҳо, ухдадориҳо ва соҳаҳои масъулият байни иштирокчиён;
- воситаҳои самараноки идоракунии давлатии бахши инноватсия ва ғайра.

Дар баъзе минтақаҳои кишвар мушкилотҳо бобати фаъолияти муътадили соҳибкории саноатӣ мавҷуданд, ки онҳо ба таъмини нокифояи хизматрасонӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкории саноатӣ, пардохтҳои андозӣ ва мураккабии намудҳои андоз, сатҳи баланди инҳисорӣ, заифии ҳифзи ҳуқуқи моликият ва надоштани маърифати ҳуқуқӣ ва техникӣ аз тарафи соҳибкорони саноатӣ таъсир мерасонад.

Ҳарчанд дар солҳои охир мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузориши «Рушди соҳибкорӣ» аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо беҳтар шуда бошад ҳам, кор дар самти содагардонии расмиёти бақайдгирӣ, қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории саноатӣ, дастрасӣ бо фоизи пасти қарзҳо беҳбудиро тақозо мекунад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки имрӯз дар кишвари мо талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти саноатӣ, бахусус истеҳсолоти ватанӣ, коҳиш ёфта, талабот ба маҳсулоти аз хориҷи кишвар воридшуда афзун гардидааст. Вазъи баамаломада, бешубҳа, дар тамоми соҳаҳо ба пешрафти фаъолияти соҳибкории саноатӣ чунин монеаҳоро эҷод мекунад;

– мунтазам афзудани шумораи соҳибкорони саноатие, ки фаъолияти худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ қатъ намудаанд. Агар ин вазъият, аз як тараф барои рушди иқтисоди миллӣ, таъмини буҷаи давлат аз ҳисоби андозбандӣ, зиёд гардидани сатҳи бекорӣ монеа ба вуҷуд оварад, аз тарафи дигар, ба саноатикунонии босуръати мамлакат, ки ҳадафи чоруми миллӣ эълон шудааст, таъсири манфӣ мерасонад.

– таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои тиҷоратӣ дар сатҳи сифатан бо тарҳи инноватсионӣ пешбинӣ гардида, дар ин замина ташкили курсҳои омӯзишӣ бо мақсади огаҳӣ ёфтан аз вазъи ҳуқуқию иқтисодӣ ва тиҷоратию сармоягузории соҳа, ҳамзамон огаҳӣ аз дастрасӣ ва истифодаи самараноки захираҳои қарзӣ ва молиявӣ, ҷустуҷӯйи бозор, рақобатпазирии маҳсулот ва рафъи таҳдиду хатарҳо;

– содагардонии механизми дастрасӣ ба қарз, бахусус, пешниҳоди миқдори ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани қарз, инчунин, ба сифати

гарав қабул накардани таҷҳизот ва иншооти сохташаванда ва мавҷудияти омилҳои коррупсионӣ ҳангоми гирифтани қарзҳои давлатӣ;

– фоизнокии баланди қарзҳои пешниҳодшаванда ва хеле кам будани муҳлати баргардонидани қарз ва ғайра.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбасти боби мазкур қайд кардан лозим аст, ки дар шароити кунунӣ барои рушди иқтидори инноватсионии соҳибкории саноатӣ чораҳои мунтазам андешида, самаранокии истифодаи неруи инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир, тақвияти тадбирҳоро доир ба фароҳам овардани заминаи инфрасохтори фаъолияти устувори сохторҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир бо дарназардошти ташаккули фазои мусоиди институтсионалӣ таъмин менамояд.Масъалаҳои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, қарздиҳӣ, дастгирии давлатӣ аз ҳисоби буҷет, содагардонии муносибатҳои содиротию воридотӣ ва ғайра бояд дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ қарор дошта бошанд. Ҳалли масъалаи таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкории саноатӣ бевосита ба ҳалли масъалаҳои сармоягузорӣ ба корхонаҳои инноватсионии саноатӣ алоқаманд аст. Дар навбати худ, истифодаи сармоягузориҳои соҳибкории саноатӣ ба принсипҳои оқилона ва оптималӣ асос меёбад. Дар баробари ин, таъмини фазои сармоягузорӣ ба раванди соҳибкории саноатии рақобатпазир аз сатҳи танзими дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста буда, барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти соҳибкории саноатӣ бо дарназардошти принсипҳо ва механизмҳои рушди устувори иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст.

# БОБИ 4. ТАКМИЛДИҲИИ МЕХАНИЗМҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИР ДАР ТОҶИКИСТОН

## 4.1. Рушди механизимҳои инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Яке аз муаммоҳои мубрами иқтисоди миллӣ дар шароити узвият ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ дар сатҳи корхонаҳои ватанӣ ба ҳисоб меравад. Узвият ба Созмони умумиҷаҳонии савдо тавони рақобатии корхонаҳои ватаниро бошиддат поён бурдааст. Дар робита ба ин, масоили марбут ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёна (КХМ) аз авлавияти хос бархӯрдор шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки корхонаҳои ватанӣ дар баробари омилҳои муҳити беруна сахт осебпазир мебошанд. Узвият дар СУС дарҳои бозори дохилии кишварро барои корхонаҳои хориҷӣ, ки ғолибан хеле пешрафта ва бо брендҳои худ машҳуранд, боз мекунад. Албатта, ин аз нигоҳи манфиатҳои истеъмолкунандагон як амри мусбат буда, боиси таҷдиди рақобати солим мегардад. Аммо аз назари манофеи корхонаҳои ватанӣ, бахусус корхонаҳои тозатаъсис ва хурду миёна, як омили манфӣ аст, зеро ҳузури озодонаи корхонаҳои хориҷӣ мавқеи бе ин ҳам танги корхонаҳои ватаниро дар бозори дохилӣ тангтар мекунад. Вобаста ба ин, узвият дар СУС аз нигоҳи манфиатҳо ва муаммоҳои он ба унвони як баҳси доманадор боқӣ мемонад.

Зарурати мукаммалсозии механизмҳои ташаккулёбии сиёсати саноатӣ вобаста аз зуҳуроти макроиқтисодии мавҷудбуда ва ба вуҷудоянда ба миён омадааст. Дар сиёсати саноатсозандаи Ҳукумати кишвар вобаста ба самтҳои устувор ҷиҳати рушди иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин, татбиқи ҳадафи чоруми стратегии миллӣ–саноатикунонии босуръати мамлакат тадбирҳои мушаххас амалӣ мегардад. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти

кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар соли 2019 қайд намуда буданд: «Мо таъмини истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ намуда истодаем.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт. Ҳукумати кишвар аҳаммияти хоссаи соҳаҳои саноатро ба инобат гирифта, мақсад гузошта аст, ки дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар ҳиссаи саноат дар ММД-ро то соли 2030 ба 22% расонад. Аз ин лиҳоз, зарурати ташаккул додани консепсияҳои навини рушди стратегӣ ба ҳайси афзалиятнокии сиёсати саноатии миллӣ бештар аён мегардад. Дар ин раванд, талаботи сахт натанҳо ба муайян кардани самтҳои дурусти стратегӣ барои иқтисодиёти кушода вуҷуд дорад, балки барои усулҳои ноил гардидан ба афзалиятҳо низ мавҷуд мебошад. Чӣ хеле ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, интихоби дурусти стратегияи давлатии захираҳои миллӣ барои рушди инноватсионӣ ва устувор аҳамияти хосса дорад. Чунин стратегия дар доираи сиёсати саноатӣ муайян мегардад»[102].

Дар шароити узвияти СУС мушкилоти ҳифзи бозори дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз мушкилотҳои мубрам мубаддал гардидааст. Бо дарназардошти вазъи имрӯзаи иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дар он соҳибкории саноатӣ дар марҳалаи нав қарор дорад, истифода

---

[102]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.12.2022, шаҳри Душанбе.

набурдани чораҳои ҳифзи бозори дохилӣ ба иқтисоди миллӣ хатар дорад ва ба даст овардани ҳадафҳои дарозмуддати рушдро зери суол мебарад.

Аммо, чунонки пажуҳишгарони ватанӣ Р.Х. Бобохонзода ва И.С. Шамсов қайд мекунанд: «Ҳифзи бозори дохилии Тоҷикистон дар шароити узвият ба СУС бояд муассир ва бидуни табъиз бошад. Ислоҳоти либерализатсияии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ ҳифзи соҳаҳои афзалиятноки саноат ва бахшҳои иқтисодиётро, ки манбаи рушди иқтисодӣ мебошанд, ба яке аз вазифаҳои муҳим табдил меёбад. Таҳияи тадбирҳои муассир оид ба ҳифзи бозори дохилӣ имкон медиҳад, ки хатарҳои эҳтимолӣ ба рушди бахшҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар безарар гардонида шавад»[103].

Соҳибкории саноатии хурду миёна муҳаррики пешрафти иқтисодӣ мебошад. Оморҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар аксари кишварҳои пешрафта соҳибкории саноатии хурду миёна мавқеи устуворро дар эҷоди шуғл ва арзиш афзуда, ба худ ихтисос додаанд. Сатҳи густариши фановариҳои нав дар фаъолиятии корхонаҳои хурду миёнаи соҳибкории саноатӣ ба таври бесобиқа дар ҳоли болоравӣ аст. Ин омил боиси таъмини рақобапазирии онҳо дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ гардидааст. Бояд гуфт, ки рушди соҳибкории саноатии хурду миёна дар Тоҷикистон бо теъдоди зиёди мушкилот мувоҷеҳ аст, ки асоси онро маблағгузории нокифоя ва самаранокии пасти ҷудо кардани захираҳои молиявӣ барои лоиҳаҳои рушди соҳибкории саноатии хурду миёна ташкил медиҳад. Яке аз мушкилоти умда–омода набудани соҳибкорони ватанӣ ба рақобати озод аст. Сатҳи менеҷменти соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои мутараққӣ хеле боло мебошад. Маҳорату таҷрибаи менеҷерони варзидаи хориҷӣ имкон медиҳад, ки бемалол дар бозорҳои кишварҳои рӯ ба инкишоф, ба мисли Тоҷикистон, рақибони муқимии худро ба осонӣ ба шикаст мувоҷеҳ созанд. Дар маҷмуъ, кулли мушкилоти мавҷуда ба сатҳи пасти

[103] Бобохонзода Р.Х., Шамсов И.С. Механизмы защиты внутреннего рынка Республики Таджикистан в рамках ВТО/Монография. – Душанбе: Нушбод, 2022. – С.4.

рақобапазирии соҳибкорони саноатӣ ва маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои хурду миёна оварда мерасонад.

Соҳибкории саноатии хурду миёна таъминкунандаи асосии ҷойҳои нави корӣ, гаҳвораи дигаргуниҳо, рақобатпазирӣ ва инноватсия мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо дар иқтисодиёти мамлакатҳои рӯ ба инкишоф (дар ин кишварҳо масъалаи шуғл яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад) хеле муҳим аст. Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки фоизи зиёди корхонаҳои хурд дар солҳои аввали таъсисёбӣ, бо таваҷҷуҳ ба рақобатпазириашон, ноком мешаванд. Ҳарчанд дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар самти рақобатпазирии соҳибкории саноатии хурду миёна пажӯҳишҳои зиёде анҷом дода шуда бошад ҳам, аммо дар кишвари мо ин мавзӯъ тақрибан аз мадди назар дур мондааст.

Назарияҳое, ки дар бораи рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ пешниҳод мешаванд, аксаран ба корхонаҳои калон нигаронида шудаанд ва сабаби асосии ноустувории корхонаҳои хурдро дар самти соҳибкории саноатӣ ба маҳдудиятҳои молиявӣ марбут медонанд. «Дар қатори дигар мушкилот ва монеаҳо дар фаъолияти соҳибкории саноатии хурду миёна, набудани маълумоти кофӣ дар бораи имтиёзҳои давлатӣ, набудани манбаъҳои молиявӣ ва мушкили дарёфти имтиёзҳои бонкӣ, нарасидани кадрҳои соҳибтахассус ва нокифоя будани донишу малакаи қувваи кории мавҷуда, таҷҳизоти кӯҳна, афзоиши саҳми миёнаравҳои истеҳсолӣ, шумораи зиёди рақибони хориҷӣ дар бозор ва амсоли он қайд шудаанд»[104]. Дар баъзе аз таҳқиқоти солҳои охир ба мушкилоти самти омӯзиши бозори фурӯш, менеҷмент, инноватсионию навоварӣ дар ташаккули соҳибкорон

---

[104] Ниг.: Махкамова Г.М. Разработка системы финансирования проектов развития малого и среднего бизнеса в Республике Таджикистан//Russian Economic Bulletin. – М., 2021. – Т. 4. № 2. – С.180-187.;Абдуллоева М.Р., Турсунова М.Я. К вопросу о государственной поддержке малого бизнеса//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – Худжанд, 2020. – № 3 (84). – С. 15-22.; Давлатов Н.С. Баъзе масъалаҳои хусусигардонии амволи давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ аз ташаккули фазои мусоиди фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорию сармоягузорӣ//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2020. – № 2 (70). – С.138-142.

таъкид мегардад[105]. Яъне ин мушкилотест, ки дар баробари дигар мушкилоти умдаи рақобатпазирии СХМ дар Тоҷикистон бояд ҳаллу фасл гардид. Бартараф намудани ин монеаҳо, ки ҳам ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва ҳам ба иҷрои барномаҳои давлатӣ иртибот доранд, дар соҳибкории саноатии хурду миёна имкониятҳои мусоидро фароҳам оварда, омили мувозинати рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва саноатии кишвар мегарданд.

Аксаран пажуҳишҳои то ин дам анҷомёфта ба таъсиси ҷойҳои корӣ нигаронида шуда, мавзӯи рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёна ҳамчун омили дуюмдараҷа баррасӣ шудааст. Дар бахши саноат, хусусан бо таваҷҷуҳ ба таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноати хурду миёна теъдоди таҳқиқот хеле кам аст. Аз тарафи дигар, дар аксари таҳқиқоти гузаронидашуда, ба истиснои таҳқиқоти Л.Ҳ. Саидмуродов[106], усулҳои регрессияҳои одӣ ва дар ҳолатҳои маҳдуд моделҳои регрессионӣ истифода бурда мешавад. Бояд гуфт, ки айни ҳол усулҳои таҳқиқоти риёзии омилсанҷии таъмини рақобатпазирии СХМ хеле мураккаб ва амиқтар шудаанд. Яке аз усулҳои таҳқиқоти риёзӣ дар шароити муосир таҳлили логитӣ ба шумор меравад. Дар доираи таҳлили логитӣ, функсияи логитии зерин барои тавсифи эҳтимолияти рӯйдоди ҳодиса истифода мешавад:

$$F(Z_i) = \frac{1}{1+e^{-zi}} \quad (4.1.1.)$$

[105]Ахмадбекова Н.М., Самадзода Ф.Х. Совершенствование институциональных основ стимулирования экспортной деятельности субъектов предпринимательства в регионе//Азимут научных исследований: экономика и управление. – Толяти, 2020. – Т. 9. № 2 (31). – С.46-50.

[106] Саидмуродзода Л.Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики/Монография.–Душанбе, 2021.–414 с.; Саидмуродов Л.Ҳ., Ғоибназаров Ғ.У. Таъсири таконҳои ногаҳонӣ ба иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли COVID - 19)//Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – Худжанд, 2021. – № 2 (19). – С.49-59.

Графики ин функсия дар расми 4.1.1. нишон дода шудааст. Он ҳамеша арзишҳои байни сифр ва якро мегирад, ки камбудии асосии модели эҳтимолияти хаттиро бартараф мекунад.




**Расми 4.1.1. Графики функсияи логитӣ***

***Сарчашма:**Таҳияи муаллиф

Баръакси таҳлили регрессияи хаттӣ, ки барои пешгӯйии миқдорӣ истифода мешавад, регрессияи логитӣ эҳтимолияти рӯй додани ҳодисаи мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқро пешбинӣ мекунад (муштарӣ мехарад, мемонад, маҳсулот хуб аст ва ғайра). Таҳлил ва истифодаи моделҳои регрессияи хаттӣ ва логитӣ танҳо истифода аз модели сохташуда муайян набуда, ҳамзамон, кадом омилҳо ва чӣ гуна ба нишондиҳандаи пешбинишуда таъсир расондани он низ ба инобат гирифта мешавад.

Регрессияи логитӣ эҳтимолияти ба синфи муайян тааллуқ доштани арзиши вурудиро низ ҳисоб мекунад. Он барои масъалаҳои таснифкунӣ истифода мешавад ва эҳтимолияти апостериории объекти додашуда ба синфи мушаххасро ҳисоб мекунад[107].

[107] Виноградова О.С. Применение логит-модели для прогнозирования банковских кризисов в России // Инновации и инвестиции. 2021. №12. URL: https://cyberleninka.ru

Вақтҳои охир регрессияи логитӣ барои арзёбии хавфҳои қарзӣ ва нопурра будани қарзгирандагон васеъ паҳн шудааст. Бо истифода аз усули регрессияии бинарии логитӣ, вобастагии тағйирёбандаҳои дихотомӣ аз тағйирёбандаҳои мустақил бо ҳама намуди миқёс таҳқиқ карда мешавад. Чун қоида, дар мавриди тағйирёбандаҳои дихотомӣ сухан дар бораи ягон ҳодисае меравад, ки мумкин аст ё не.

Дар моделҳои регрессияи логитӣ, инчунин, дар моделҳои пробит, тағйирёбандаи вобастаи Y аз баъзе маҷмуи пешакӣ муайяншуда арзишҳои собит мегирад, яъне ба объекти моделшуда интихоби байни ду ё зиёда алтернативаҳои имконпазир таъйин карда мешавад. Махсусан, модели яктағйирёбандадор ду посухеро дар бар мегирад, ки ду арзишро (0 ва 1) ифода карда метавонад.

Ҳадафи таҳқиқоти мо омӯзиши омилҳое мебошад, ки ба рақобатпазирии соҳибкории саноатии хурду миёна таъсир мерасонанд. Ба ин мақсад фаъолияти бештар аз 70 корхонаи саноатии дар шаҳри Душанбе ва навоҳии гирду атрофи он ҷойгиршуда ба пажуҳиш фаро гирифта шуд (замон–нимаи дуюми соли 2022). Формулаи намунагирии респондентон мувофиқи методикаи Кохран (бо таваҷҷуҳ ба гуногун будани мавқеъҳои иҷтимоии респондентон ва сатҳи рушди корхонаҳо) аз панҷтабақа иборат мебошад ва намуди зерин дорад

$$N = \frac{NZ^2pq}{Nd^2+Z^2pq}; \ (4.1.2.)$$

... ки дар ин ҷо: ки n - андозаи интихоб дар ҳар як қабат; P = 0,5; q = 0,5; Z = ифодаи бухронӣ бо андозаи эътимоднокии 1,96; d = андозаи хатои пешгӯйишаванда 0,05 ва N = андозаи омории респондентон мебошанд.

Маълумоти ин таҳқиқот ба саволномаи муҳаққиқ асос ёфтааст. Дар марҳалаи аввал омилҳое, ки ба рақобатпазирии корхона таъсир

/article/n/primenenie-logit-modeli-dlya-prognozirovaniya-bankovskih-krizisov-v-rossii (дата обращения: 14.06.2023).

мерасонанд, дар шакли саволнома тавассути баррасии таҳқиқоти қаблӣ тартиб дода шудаанд.

Дар марҳалаи дуюм саволномаҳо бо мусоҳибаи якчанд роҳбарони коргоҳҳо, ҳамчун соҳибкории саноатии хурд пур карда шуданд ва омилҳои асосии таъсиррасон ба рақобатпазирии корхонаҳо бароварда шуданд. (ҷадвали 4.1.1).

**Ҷадвали 4.1.1. Шарҳи тағйирёбандаҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир***

| Номи тағйирёбанда | Намуд | Шарҳ |
|---|---|---|
| Рақобатпазирӣ (тағйирёбандаи вобаста) | Сифатӣ | 1–сифати маҳсулот; 2 – нархи маҳсулот; 3 – миқёси бозор ва ҳаҷми содирот. |
| Фаъолияти бурунмарзӣ | Сифатӣ | 1–дохили кишвар; 2 – хориҷи кишвар |
| Навовариҳо | Сифатӣ | 1–сатҳи инкишофи фановариҳо; 2–вазнии қиёсии маҳсулоти инноватсионӣ. |
| Чандирият (гибкость) | Сифатӣ | Тавони мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳит |
| Собиқаи фаъолият | Миқдорӣ | Сол |
| Таҷрибаи роҳбар | Сифатӣ | Сол |
| Маълумоти роҳбар | Миқдорӣ | Миёнаи касбӣ, бакалавр, магистр, унвони илмӣ |
| Услуби роҳбарӣ | Сифатӣ | Фардӣ, гурӯҳӣ, тимӣ |
| Истифода аз қарзҳои бонкӣ | Сифатӣ | Мешавад/намешавад |
| Курсҳои такмили ихтисос | Миқдорӣ | Ҳар сол, дар се сол, дар панҷ сол |
| Дараҷаи фаъолияти инвеститсионӣ | Миқдорӣ | Ҳаҷми сармоягузорӣ дар сол |

***Сарчашма:** Гирдоварии муаллиф бо истифода аз: Romeo Asa, A. (2014); Analysis on the Factors that Determine Sustainable Growth of Small Firms in Namibia; Wuhan University of Technology, The international journal of management science and business administration.

Ҳамин тавр, омилҳои рақобатпазирии КХМ тибқи ҷадвали 4.1.1. ҳамчун соҳибкории саноатӣ, аз ҷумла 6 тағйирёбандаи сифатӣ ва 4 тағйирёбандаи миқдорӣ ба се категорияи омилҳо:: 1) омилҳои марбут ба хусусиятҳои идоракунии корхона; 2) омилҳои марбут ба хусусиятҳои бозор ва маблағгузорӣ; 3) омилҳои марбут ба муҳити беруна тақсим карда

шудаанд. Тағйирёбандаи рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ аз як тағйирёбанда вобаста аст, ки он маҷмуи индексҳои миқёс аст. Фурӯш, ҳаҷми сармоя ва ҳаҷми шуғл дар 4 соли охир ба назар гирифта шудааст. Бо дарназардошти пастшавии шуғли соҳибкории саноатӣ дар солҳо 2018 то 2022, маҳсулнокии маҳсулот паст гардида, аксари онҳо бо корхонаҳои хориҷӣ рақобат карда наметавонанд ва дар ҷустуҷӯйи содирот низ нестанд. Аз ин рӯ, ин омил ба таври алоҳида интихоб нашудааст.

Сатҳи эътимоднокии пурсишнома (анкета) аз ҷониби коршиносон ва мутахассисони корхонаҳои хурд нисбати рушдёбандаи соҳибкории саноатӣ тасдиқ карда шудааст. Эътимоднокии меъёрҳо бо истифода аз коэффисиенти Алфа Кронбах тавассути барномаи SPSS дар мисоли се шохис (индекс): идоракунии корхона (70,0), омилҳои беруна (0,62), хусусиятҳои бозор ва маркетинг (0,54) муайян карда шудааст, ки вобастагии зичи ҳамаи омилҳои баррасишавандаро собит намуд, яъне ҳама омилҳои дарҷшуда бо ҳам алоқамандии зич доранд.

Барои муайян кардани таъсири тағйирёбандаҳо ба рақобатпазирии корхонаҳо модели логитӣ дар се гурӯҳи корхонаҳо бо «сифати хуби маҳсулот», «нархи муътадили маҳсулот» ва «афзоиши содирот» истифода мешавад. Функсияи зерин муайян карда мешавад:

$$Log\left[\frac{Y_j(X_i)}{1-Y_i(X_i)}\right] = \mu_i - [\beta_1 x_{i1} + \beta_2 x_{i2} + \beta_3 x_{i3} \cdots + \beta_k x_{ik}]; j = 1,2,3,\dots,j, i = 1,2,\dots,n \quad (4.1.3.)$$

ки дар ин ҷо: $Y_j -$ эҳтимоли ҷамъшавӣ ба сурати зерин мебошад:

$$y_j(x_i) = Y(\mu_j - \beta x_i) = p(\gamma_j \leq (j/x_i)) \quad (4.1.4.)$$

$\beta$–бузургии сутуни параметрҳо ва $x_j$–бузургии сутуни тағйирёбандаҳо мебошанд.

Натиҷаҳои бадастомадаи баҳодиҳии миқдори модел дар ҷадвали 4.1.2. оварда шудаанд ва тағйирёбандаи вобаста барои таснифоти корхонаҳои хурди саноатӣ аз рӯйи рақобатпазирӣ дар се гурӯҳ: *сифат маҳсулот, нархи маҳсулот ва миқёси бозор ва содирот* омада аст. Омори

санҷиши эҳтимолии максималии 1 аҳаммияти тамоми намунаи таҳқиқотро нишон медиҳад. Он ҳамчунин метавонад ба омори R2 асос ёбад Модели логитӣ аз рӯйи сатҳи нисбии мутобиқати мувофиқ ҳисоб карда шудааст ва тағйирёбандаҳои дар модел истифодашуда қобилияти шарҳ додани тағйирот дар интихоби вариантҳои пешниҳодшударо доро мебошанд (ҷадвали 4.1.2.).

**Ҷадвали 4.1.2. Хусусиятҳои омории тағйирёбандаҳои миқдории баррасишаванда байни се гурӯҳи КХМ***

| Тағйирёбанда | Гурӯҳ | Ҳисоб и миёна | Хато и меъёрӣ | min | Max |
|---|---|---|---|---|---|
| Собиқаи фаъолият | Нарх | 44,5 | 8,5 | 28 | 59 |
| | Сифат | 39,2 | 7 | 30 | 50 |
| | Содирот | 37,29 | 6 | 30 | 50 |
| Маълумоти роҳбар | Нарх | 18,9 | 9,2 | 2 | 35 |
| | Сифат | 17,1 | 7,8 | 4 | 25 |
| | Содирот | 12,0 | 8,2 | 3 | 23 |
| Курсҳои такмили ихтисос | Нарх | 17,5 | 7,0 | 4 | 31 |
| | Сифат | 16,3 | 6,4 | 7 | 22 |
| | Содирот | 9,4 | 6,2 | 3 | 24 |
| Дараҷаи фаъолияти сармоягузорӣ | Нарх | 19,7 | 8,3 | 4 | 31 |
| | Сифат | 16,4 | 10,3 | 5 | 25 |
| | Содирот | 16,0 | 15,4 | 2 | 23 |

***Сарчашма:**Таҳияи муаллиф

Дар асоси натиҷаҳои бадастомадаи модели логитӣ тағйирёбандаҳои «Собиқаи фаъолият», «Курсҳои такмили ихтисос» ва «Дараҷаи самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ (инвеститсисионӣ)» ба таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ таъсири назаррас мерасонанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар шароити Тоҷикистон омилҳои мазкур бо таваҷҷуҳ ба муҳити рақобатнокии бозор афзалияти рақобатии корхонаҳои ватаниро тақвият мебахшанд. Инчунин, таҳсилоти расмӣ (бакалавр, мутахассис, магистр, номзади илм ва ё МБА) чандон ба таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ таъсири муассир надорад. Бештар собиқаи корӣ муҳим аст. Ин ҳолат аз заъфи низоми маориф ва омода набудани он ба рақобатҳои ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар робита ба тағйирёбандаҳои сифатӣ натиҷаи омории модел ба таври зерин мусоҳиба мешавад (ҷадвали 4.1.3).

**Ҷадвали 4.1.3. Хусусиятҳои омории тағйирёбандаҳои миқдории баррасишаванда байни се гурӯҳ***

| Тағйирёбанда | Гурӯҳ | Ҳисоби миёна | Хатои меъёрӣ | min | Max |
|---|---|---|---|---|---|
| Фаъолияти бурунмарзӣ | Нарх | 43,5 | 7,2 | 6 | 22 |
| | Сифат | 32,1 | 6,9 | 34 | 38 |
| | Содирот | 44,79 | 7 | 31 | 43 |
| Навовариҳо | Нарх | 17,9 | 7,6 | 5 | 51 |
| | Сифат | 16,1 | 7,7 | 6 | 28 |
| | Содирот | 13,7 | 8,4 | 5 | 24 |
| Чандирият | Нарх | 18,5 | 8,2 | 6 | 34 |
| | Сифат | 13,5 | 8,4 | 4 | 32 |
| | Содирот | 9,4 | 6,2 | 3 | 24 |
| Таҷрибаи роҳбар | Нарх | 18,7 | 8,3 | 6 | 33 |
| | Сифат | 17,4 | 12,3 | 4 | 28 |
| | Содирот | 17,4 | 15,4 | 6 | 28 |
| Услуби роҳбарӣ | Нарх | 15,1 | 6,1 | 4 | 50 |
| | Сифат | 18,5 | 8,2 | 6 | 65 |
| | Содирот | 13,7 | 8,6 | 5 | 38 |
| Истифода аз қарзҳои бонкӣ | Нарх | 16,1 | 7,7 | 6 | 28 |
| | Сифат | 13,5 | 8,2 | 4 | 29 |
| | Содирот | 14,5 | 7,8 | 4 | 36 |

***Сарчашма:**Таҳияи муаллиф

Дар асоси натиҷаҳои бадастомадаи модели логитӣ тағйирёбандаҳои сифатии «Фаъолияти бурунмарзӣ», «Навовариҳо», «Чандирият», «Таҷрибаи роҳбар, «Услуби роҳбарӣ» ва «Истифода аз қарзҳои бонкӣ» ба таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ таъсири муайян доранд.

Ба андешаи коршиносони соҳа, тибқи натиҷаҳои модел, тағйирёбандаҳои «Истифода аз қарзҳои бонкӣ» ва «Фаъолияти бурунмарзӣ» таъсирашон ба натиҷаҳои ниҳоии рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ бештар аст. Яъне (бо таваҷҷуҳ ба нишондиҳандаҳои омили «Истифода аз қарзҳои бонкӣ») мушкилоти таъмини саривақтӣ бо маблағ аз омилҳои калидии таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ боқӣ мемонад. Вобаста ба ин, муҳити фаъолияти соҳибкории саноатиро осебпазир ва хатарзо номидан мумкин аст, зеро омилҳое, ки ба таъмини рақобапазирии онҳо мусоидат мекунанд, аслан омилҳои берунӣ ҳастанд.

Ин дар ҳолест, ки омилҳои дохилӣ, мисли «Навоварӣ» ва «Чандирият» ҳанӯз ба сурати омили фаъол дар таъмини рақобапазирии соҳибкории саноатӣ накши бориз надоранд.

Ҳоло бояд модели тахминии таъсири ниҳоии тағйирёбандаҳои муҳимми мустақил барои ҳар як гурӯҳи тағйирёбандаҳо муайян карда шаванд. Натиҷаҳои таъсири ниҳоии тағйирёбандаҳои мустақил барои ҳар як гурӯҳ дар ҷадвали 4.1.4. нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 4.1.4. Натиҷаҳои таъсири ниҳоии тағйирёбандаҳои мустақил***

| Тағйирёбанда | Зариб | Дараҷаи эҳтимолии маънодорӣ |
|---|---|---|
| Собиқаи фаъолият | | |
| Собиқаи фаъолият дар ҳамин соҳа | 2,619 | 0,001*** |
| Собиқаи ҳамкорӣ бо корхонаҳои бузурги ҳамсон | 0,038 | 0,514 |
| Собиқаи ҳамкорӣ бо корхонаҳои хориҷӣ | 0,077 | 0,428 |
| Собиқаи корӣ бо корхонаҳои таъминкунанда | 2,796 | 0,000*** |
| Дараҷаи маълумоти роҳбар | | |
| Синну соли роҳбар | 0,056 | 0,653 |
| Давраҳои омӯзиш дар хориҷа | 1,429 | 0,001*** |
| Тахассуси соҳавӣ | 1,314 | 0,01** |
| Муносибат ба таҳсили бефосила | 2,152 | 0,001** |
| Фаъолияти бурунмарзӣ | | |
| Тиҷорати хориҷӣ | 0,741 | 0,1* |
| Шарикии стратегӣ | 1,732 | 0,001** |
| Фаъолияти лизингӣ | 0,982 | 0,01* |
| Ҷалби сармояи хориҷӣ | 3,281 | 0,000*** |
| Истифода аз қарзҳои бонкӣ | | |
| Ҳамкорӣ бо бонкҳои дохилӣ | 0,977 | 0,001** |
| Истифода аз қарзҳои имтиёзнок | 2,578 | 0,000*** |
| Ҳаҷми гардиши дороиҳои молӣ | 1,639 | 0,001** |
| Истифодаи саҳмияҳои бонкҳо | 1,651 | 0,001** |
| Сатҳи ҳадди ақалли модел | Миқдори зариб | Хатои меъёрӣ |
| Ҳадди ниҳоии аввал | 12,523 | 5,734 |
| Ҳадди ниҳоии дуввум | 14,65 | 5,371 |
| 135,28Log likelihood = - | | 0 ≥ 0,000 pr |
| = 0,61$R^2$ pseudo | | |
| Эзоҳ: ***, **, * - мувофиқан, сатҳи маънодори бузургиҳои бадастомада 10; 5; 1. | | |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Таъсири тағйирёбандаи фаъолияти бурунмарзӣ тибқи ҷадвали 4.1.4. нишон медиҳад, ки бо афзоиши тиҷорати хориҷӣ ва шарикии стратегӣ эҳтимолияти болоравии рақобатпазирии корхонаҳо зиёд мешавад ва

баръакс.. Тавре интизор мерафт, синну соли роҳбари корхона ва дараҷаи маълумоти давраҳои таҳсилоти ӯ ба таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ таъсири хеле назаррас доранд. Дар воқеъ, омӯзишҳо муайян менамоянд, ки дар вазъи кунунӣ кордонӣ ва мутахассиси инноватсионии тахассусманд будан, дар раванди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир нақши ҳалкунада ва калидӣ мебозад.

Бо назорати пурраи фаъолияти корхона менеҷер метавонад ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи корхонаро зуд муайян кунад. Дар сурати беэътиноӣ кардан ба омилҳои рақобапазирӣ, имкони дур шудан аз мақсадҳои ба миёнгузоштаи корхона мавҷуд аст. Таъсири ниҳоии тағйирёбандаи «Собиқаи корӣ бо корхонаҳои таъминкунанда» нишон медиҳад, ки бо афзоиши вақт (вақти роҳбарии як нафар), эҳтимолияти шомил шудани корхона ба қабатҳои рақобатпазирии бештар меафзояд. Баробари боло рафтани тафаккур ва фарҳанги соҳибкории менеҷер, аз имкониятҳои бозор эҳтимолияти ба гурӯҳи дуюм (ба рақобат тобовар) ва гурӯҳи сеюм (афзоиши рақобатпазирӣ) ҷойгир кардани корхона мутаносибан зиёд мешавад. Ҳангоме ки корхона ҳамчун як тими ягона идора карда мешавад, гурӯҳҳо истеъдоди ниҳоиро ба вуҷуд меоваранд ва саъю кӯшиши худро ба ҳам меоваранд ва аз имкониятҳо ба таври муштарак истифода мебаранд.

Чунончи профессор А. Рауфӣ қайд мекунад: «Дар шароити ҳозираи иқтисодиёти бозории кушоди Тоҷикистон ҳамаи соҳибкорон, новобаста ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, шаклҳои моликияти соҳибкорӣ, ҳаҷми соҳибкорӣ дар бозори дохилӣ ва дар бозори беруна, натанҳо бо соҳибкорони ватанӣ, балки бо соҳибкорони ватанию хориҷӣ ба мубориза рақобатноки шадиди бозорӣ дучор мешаванд. Мубориза метавонад дар соҳаи ҳиссаи ишғоли ҷой дар бозор, дар соҳаи намуди муайяни мол дар бозор, барои ҳаҷми моли ҷудогона ва ё умуман, ҳамаи молҳои ба бозор дохилшаванда, барои нархи фурӯши мол дар бозор ва ғайра ба вуҷуд

биёяд»[108]. Пас яке аз роҳҳои муҳимми таъмини рақобатпазирии соҳибкорӣ ин кӯшиши муштарики тими корхона мебошад.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот муайян намуд, ки соҳибкорони саноатие, ки фаъолияташонро тавассути ҷалби навоварию маблағҳои гардони худӣ ба роҳ мондаанд, нисбат ба соҳибкороне, ки тавассути қарҳои бонкӣ ва дигар маблағгузориҳо фаъолият менамоянд, муваффақанду маҳсулоташон рақобатпазиранд. Аммо ба қарз такя кардан барои маблағгузории сармоягузорӣ ё афзоишу рушди корхона метавонад мушкилоти бешуморе ба бор оварад. Аз тарафи дигар, сармояе, ки аз қарз ба вуҷуд меояд, сармояи соф нест. Қарз баргардонидани фоиз ва пардохти ниҳоии қарзи асосиро талаб мекунад, вале нишондиҳандаҳои баланди истифода аз саҳмияҳои бонкӣ гувоҳӣ он аст, ки ин навъ фаъолияти КХМ боиси шукуфоии минбаъдаи онҳо бо таваҷҷуҳ ба пайдо кардани сарчашмаҳои нави даромад мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳлилҳои санадҳо ва барномаҳои соҳавӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд барномаҳои стратегӣ баъзе тавсифҳо доир ба норасоиҳои соҳаро муайян намуда бошанд ҳам, аммо дар барномаҳои қабулгардидаи рушди соҳаҳо дар сатҳи зарурӣ баъзе принсипҳои зарурӣ ба назар гирфта нашудаанд (масалан, принсипҳои системанокӣ, ченшавандагӣ, амалишавандагӣ ва ғайра).

«Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020», ки бо қарорҳои дахлдор қабул гардид, барои «таъмини болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо дар самтҳои пешниҳоди механизми самараноки дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони молҳои ватанӣ ва гузарониданиислоҳоти зарурӣ дар бахшҳои воқеӣ» нигаронида шуда буд. Аммо вобаста ба натиҷаҳои амалисозии барнома аз ҷониби ташхисгарон ягон таҳлили

---

[108]Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - № 3. – С. 49.

системавӣ гузаронида нашудааст, маълумотҳои пешниҳодгардида томияти равандҳо ва натиҷаҳои тадбирҳои ба амалисозӣ равонагардида, ҳамчунин, ноил гардидан ба ҳадафҳои консепсияҳо ва дигар ҷузъҳоеро, ки самаранокӣ ва хароҷоти дар натиҷаи воридотивазкунӣ ба зуҳурояндаро инъикос карда тавонанд, пурра фаро намегиранд. Ҳамчунин, роҳҳо ва усулҳои пайдо кардан ва ҷалб намудани маблағгузориҳо ба самараноктар истифода шудани иқтидори мавҷудаи бахшҳои саноатӣ ва афзалиятҳои соҳавӣ дар доираи воридотивазкунии бахшҳо муайян карда нашуданд ва стратегияҳои бозориву идоракуние, ки ҳолатҳои гуногунро фарогирӣ намоянд, инчунин, мақоми равандҳои инфрасохториву ниҳодӣ ва иттилоотӣ низ ба назар гирифта нашудаанд.

Бояд ба инобат гирифт, ки маҳсулоти истеҳсолнамудаи соҳибкории саноатии рақобатпазир маҳсулоти воридотивазкунанда буда, аз ҷониби мақомоти дахлдори давлат бо дарназардошти ба сифати баланд истеҳсол, пешниҳод ва фурӯши он назорат карда мешавад. Баъд аз ҳадафи чорум эълон намудани саноатикунонии кишвар, аз соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда ба роҳ монда шуд, ки он аслан ба саноати сабук, хӯрокворӣ, химия, мошинсозӣ, саноати дорусозӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва дигарҳо тааллуқ дорад. Чӣ тавре аз маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд: «Бештари соҳибкорони саноатии маҳсулоти воридотивазкунанда истеҳсолнамуда ва ба содиротнигаронидашуда ба саноати сабук тааллуқ доранд. Махсусан истеҳсоли либосворӣ, маҳсулоти дӯзандагӣ, ҷуроб ва матоъҳои пахтагин, чарм, ба роҳ монда шуда, дар ин замина таъсиси корхонаҳои коркард то маҳсулоти ниҳоӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар бомаром идома дорад.

Дар ин замина, дар бахши сохтмон ва маҳсулоти хӯрокворӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, истеҳсоли гӯшт, меваи хушк ва орд ба 90% талаботи аҳолии дохилиро таъмин менамояд. Дар бахши сохтмон бошад, истеҳсоли гипсокартон, семент, рангу маводҳои дигари сохтмонӣ аз

талаботи дохилӣ зиёд буда, соли гузашта масолеҳи сохтмонӣ ба миқдори 60,3 млн. долл. ба хориҷи кишвар содирот гардид» .

Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда метавон бар рӯйи нуқтаҳои зерин таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд:

1) Нарх ва сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда (хизматрасонӣ) ду омили муҳимми рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ мебошад. Натиҷаҳои модели логитӣ ба таври равшан нишон медиҳанд, ки кадом омил ба нархи маҳсулот ва кадом омил ба сифати маҳсулот таъсири назаррас ва ё таъсири камтар мерасонад. Мутаассифона, дар аксари ҳолатҳо тағйирёбандаҳои баррасишаванда аз омилҳои берунӣ вобастагӣ дошта, ба амнияти иқтисодии соҳибкории саноатии рақобатпазир таҳдид мекунанд.

2) Таваҷҷуҳи ками соҳибкорони саноатӣ ба навоварӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшудаи воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда. Ин тазодест, ки фақат дар кишварҳои рӯ ба инкишоф мушоҳида мешавад. Дар аксари кишварҳои пешрафта маҳз навоварӣ ва фаъолияти ба содиротнигаронидашудаи корхона омили рақобатпазирӣ ва рушди устувор ба ҳисоб меравад. Аммо дар кишвари мо ин ҳолат баръакс мебошад. Яъне соҳибкории саноатӣ асосан аз ҳисоби захираҳои хоми табиии кишвар рақобатпазирии худро таъмин менамояд (инчунин, инфрасохторӣ маҳаллӣ, техника ва таҷҳизоти давлатӣ ва амсоли инҳо) ё аз кумакҳое, ки ба онҳо аз давлат ва бонкҳо пешниҳод карда мешавад.

3) Азбаски дар шароити Тоҷикистон имконияти омории муҳосиба намудани фаъолиятҳои тимӣ маҳдуд аст ва назари коршиносон низ доир ба ин масъала мутафовит (ва то андозае ғайриқобили эътимод) аст, баҳогузории фаъолияти роҳбарони корхонаҳо бо таваҷҷуҳ ба таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ ба мақсад бештар наздик мебошад. Натиҷаҳои модели логитӣ нишон медиҳанд, ки собиқаи фаъолити роҳбарон дар амри таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ хеле муассир аст. Аммо агар собиқаи фаъолияти озодонаи соҳибкории

саноатиро дар Тоҷикистон ба назар гирем, он ҳамагӣ 30 соли охирро дар бар мегирад. Пас ҳамон насли аввали соҳибкорони саноатианд, ки имрӯз то андозае аз тавоноии рақобатпазирӣ бархӯрдор шудаанд. Дар ҳоле, ки мо бештар аз ҷавонони синни аз 25 то 40 сола умеди муваффақиятҳоро дар фаъолияташон дорем.

4) Чанд соли охир ба варшикастагӣ мувоҷеҳ шудани ду бонки бузурги Тоҷикистон фазои фаъолияти бонкӣ ва молиявии кишварамон такони сахт дод. Бо вуҷуди ин, соҳибкорони тоҷикистонӣ аз бонкҳо ва қарзҳои бонкӣ ба таври густурда истифода мебаранд. Аммо ба мақсад мувофиқтар аст, ки ин омили дуюминдараҷа ва ё ҳатто сеюминдараҷа бошад. Дар шароити кунунӣ бештар ба захираҳои дохилии корхона, бахусус, ба тавоноии сармояи инсонии корхона ва иқтидори инноватсиониву содиротии он такя намудан, ба ҳадафҳои таъмини рақобатпазирӣ ва устувории соҳибкории саноатӣ бештар мувофиқ мебошад.

### 4.2. Дастгирии давлатии механизми индустриалӣ – инноватсионии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Дастгирии давлатии механизми индустриалии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар корхонаҳои хурду миёна (КХМ) яке аз соҳаҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодӣ аст ва инкишофи босуботи он аз мақсадҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Барои таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории саноатӣ андешидани чораҳои таъхирнопазир ҷиҳати такмили механизми идоракунии ҳамкориҳои байналмилалии субъектҳои он зарур мебошад. Ҷанбаи муҳимми идоракунии ҳамкориҳо ва ҳамгироии байналмилалии соҳибкории саноатӣ дар он аст, ки ин субъектҳо асоси соҳибкориро дар Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Рушди соҳибкории саноатии корхонаҳои хурду миёна дар ояндаи наздик бо тамоюли иштироки рӯзафзуни онҳо дар равандҳои байналмилалӣ ва ҳамгироӣ алоқаманд аст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»", ки аз

санаи 02 январи соли 2020, № 1684 қабул ва тасдиқ шудааст, ба масъалаи рушди фаъолияти содиротӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шудааст. Ин бо он асоснок карда мешавад, ки соҳибкории саноатии рақобатпазир дорои иқтидори зиёди содиротӣ мебошад. Бинобар ин, бозори фурӯши маҳсулоти истеҳсолнамудаи соҳибкории саноатӣ намояндагӣ мекунад ва аз ин рӯ, имкониятҳои содиротии молҳо дар ин бозорҳо бо шароити мусоид барои тиҷорат муайян карда мешаванд.

Дар робита ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар иброз доштанд: "... аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад. Дар натиҷа, соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони саноатии кишвар, дар навбати аввал раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ, рақобатпазирии молу маҳсулот ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони саноатии ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд.Танҳо дар панҷ соли охир аз ҷониби соҳибкорони саноатии мамлакат ба маблағи умумии беш аз 12 миллиард сомонӣ қариб 18 ҳазор иншооти таъйиноти истеҳсоливу иҷтимоӣ сохта, ба истифода супорида шудааст. Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии

соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд"[109].

Хусусияти ҳамкории байналмилалӣ ва ҳамгироии корхонаҳои хурду миёна дар вобастагии афзояндаи онҳо аз дастгирии инфрасохторӣ муайян карда мешавад. Дар Тоҷикистон монеаҳои инфрасохторӣ барои иштироки корхонаҳои хурду миёна дар равандҳои байналмиллалии тиҷорат хеле зиёданд. Вобаста ба ин, мушкилоти зеринро махсус қайд кардан лозим аст: аввалан, рушди нокифояи таъминоти илмию методии идоракунии инфрасохтори ҳамкорӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ, ки барои самаранокии ташкил ва рушди он монеаҳо ба вуҷуд меорад; дуюм, сарфи ғайрисамараноки маблағҳои буҷетӣ, ки масъалаҳои бунёдии инкишофи инфрасохтори ҳамкориҳои берунии соҳибкории саноатиро пурра ба назар намегиранд.

Рушди шаклҳои шарикии стратегӣ барои ширкатҳои ба содирот нигаронидашуда дар соҳибкории саноатӣ, ки дар шароити кунунӣ бо мушкилоти сифатан нави бесобиқаи буҳронӣ мувоҷеҳ шудаанд, махсусан муҳим аст. Равшан аст, ки рушди шаклҳои соҳибкории саноатӣ дар соҳаи тиҷорати байналмилалӣ бидуни низоми идоракунии самаранок ғайриимкон аст, ки дар шароити рақобати озод мушкилтар мегардад ва тавсеаи дастгирии давлатии фаъолияти содиротӣ ва таҳияи стратегияҳои мутобиқшавӣ барои рушди тиҷоратро талаб мекунад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дарҷ гардидааст, ки «дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар самтҳои зерин, бахусус, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои соҳибкории саноатӣ, имконияти озодона амалӣ намудани ҳамаи намудҳои соҳибкорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии

---

[109]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.12.2022, шаҳри Душанбе.

Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ташкили марказҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ, бизнес–инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигар шаклҳои инфрасохтори соҳибкорӣ, таъмини ёрии методию таълимӣ, илмию методӣ ва иттилоотии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ташкили фаъолияти шуроҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ амалӣ мегарданд»[110]. Яъне ташкили марказҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ, бизнес–инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигар шаклҳои инфрасохтори соҳибкории саноатӣ, ки барои ҳамгироии онҳо ба фазои байналмилалӣ мусоидат мекунад, аз вазифаҳои муҳимми давлат ба ҳисоб меравад.

Аҳаммияти соҳибкории саноатӣ барои ноил шудан ва нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ ҳамеша таъкид карда мешавад. Ин аз он сабаб аст, ки дар аксари кишварҳо соҳибкории саноатӣ қисми зиёди шаклҳои соҳибкориро ташкил дода, манбаи асосии таъсиси ҷойҳои корӣ мебошанд. Дурнамои иштирок дар равандҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳамгироӣ, аз як тараф, ба вуҷуд омадани имкониятҳои нави рушди соҳибкории саноатӣ бошад, аз тарафи дигар, ба фаъолияти онҳо таҳдидҳои эҳтимолӣ дорад. Дар робита ба ин, як ҷанбаи алоҳидаи идоракунии рушди ҳамгироии байналмилалии корхонаҳои хурду миёна такмили механизми рушди шаклҳои шарикии стратегӣ мебошад. Модели рушди ҳамгироии байналмилалии соҳибкории саноатӣ, ки ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳоро таъмин менамояд, дар шакли зерин тасаввур кардан мумкин аст (расми 4.2.1).

---

[110] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ", Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 2, мод. 404; с. 2015, №3, мод. 216; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1436; аз 02.01.2020 с., №1684)




**Расми 4.2.1 Модели консептуалии рушди ҳамгироии байналмилалии соҳибкории саноатӣ**

*** Таҳияи муаллиф**

Моҳияти равиши дар расми 4.2.1.пешниҳодшуда аз он иборат аст, ки идоракунӣ тавассути таъсис ва таҳияи механизми танзимӣ сурат мегирад. Танзими зиддиинҳисории ҳамкории байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба ошкор намудан ва кӯшишҳои монополияи бозорҳои фурӯши саноати дохилӣ нигаронида шудааст. Сиёсати сармоягузорӣ бо мақсади мусоидат намудан барои иштироки сармоягузорони хориҷӣ дар соҳибкории саноатии дохилӣ пешбинӣ шудааст. Сиёсати иқтисодии берунӣ бо фароҳам овардани шароити мусоид барои бомуваффақият ворид шудани соҳибкории саноатии ватанӣ ба бозорҳо аз ҷониби соҳибкории саноатии хориҷӣ нигаронида шудааст. Пешбурди сиёсати оқилонаи зиддиинҳисорӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳимояи соҳибкории саноатии ватанӣ бо фароҳам овардани имкониятҳо барои иштироки корхонаҳои хурду миёнаи ватанӣ дар равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Принсипҳои рушди равандҳои ҳамгироии байналмилалӣ гуногун ва гуногунҷанба мебошанд, вале бо татбиқи ҳамаҷонибаи онҳо барои инкишофи соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёна шароити самарабахш фароҳам оварда мешавад. Ин принсипҳо фарогири мавҷудияти механизми таъмини иҷрои масъулиятҳо, шаффофият дар ҳамкорӣ, ҳифзи манфиатҳои тарафайн ва баробарҳуқуқии тарафҳо мебошанд.

Мушкилотҳои ҷойдошта имрӯзҳо дар фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир гуногун мебошанд. Ба андешаи пажуҳишгар Ҳ.С. Сафоев: «Ба инкишофи фаъолияти соҳибкории саноатӣ мушкилот аз қабили гирифтани қарзҳои бонкӣ, инчунин, фоизҳои баланди онҳо монеа мегарданд. Тиҷоратӣ шудани сохторҳои бонкӣ боиси коҳиш ѐфтани манфиатдориашон дар инкишофи босуръат ва самарабахшии иқтисодиѐт, махсусан бахши воқеии он, гардидааст. Сабаби асосии эътимод надоштани соҳибкорони саноатӣ ба бонк бобати дастрасӣ ба қарз, фоизҳои баланди бонкӣ, талаби таъмини кафолат, бюрократияи бонкӣ ва ғайра мебошанд,

ки то ҳоли ҳозир механизми муносибе дар таъмини кафолатҳои қарздиҳии бонкӣ таҳия карда нашудааст ва ин ҳолат нигаронкунанда мебошад»[111]. Муаллифони дигар ба норасоии кумакҳои давлатӣ»[112], «сатҳи пасти фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкории саноатии хурду миёна»[113], «мушкилоти марбут ба менеҷмент ва захираҳои кадрӣ[114], таҷрибаи нокифояи соҳибкорони ватанӣ»[115], «норасоии захираҳои табиӣ ва камбудии маводи сӯхт»[116], «душвории инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ»[117] ва амсоли он ишора мекунанд.

Дар робита ба таҳқиқоти мо, аксари мушкилоти рушди ҳамкориҳо ва ҳамгироии байналмилалии субъектҳои соҳибкории саноатии хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди нокифояи таъминоти инфрасохтори фаъолияти иқтисодии бурунмарзӣ бармегардад. Мо сабабҳо ва роҳҳои ҳаллу фасли ин мушкилотро ба таври зерин дастабандӣ намудаем (ҷадвали 4.2.1).

---

[111]Сафоев Ҳ.С. Инкишофи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2015. – № 2 (25). – С.85.

[112]Давлатов У.А., Саъдиев Ш. Вазъ ва мушкилоти рушди соҳибкории инноватсионӣ дар соҳибкории саноатӣ//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. –2021. –№ 2 (74). –С. 87-97.

[113]Фозилова М.И. Методические основы развития инновационно-промышленного предпринимательства //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2020. – №10. -– С.143-149.

[114] Маҳмудов М.А., Маҳмудов Ф.Ф. Соҳибкории хурд ва миёна дар низоми иқтисоди бозорӣ//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 1 (35). – С. 73-78.

[115]Абдуллоев С.И. Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар танзими давлатии соҳибкории хурду миена//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 2 (36). – С. 21-28.

[116]Наврӯзи М. Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021. – № 2 (263). – С. 169-174.

[117]Нидоев П.Ф., Шохназари Х. Ғ. Таъсири танзими хизматрасониҳои гумрукӣ дар дастгирӣ ва ҳимояии соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 2 (31). – С. 109-118.

**Ҷадвали 4.2.1. Муаммоҳои инфрасохторӣ ва рақобатпазирии рушди ҳамкориҳо ва ҳамгироии байналмилалии субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир***

| НАМУДИ ИНФРАСОХТОР | МУШКИЛОТИ МАВҶУДА | ПЕШНИҲОДҲО |
|---|---|---|
| ИНФРАСОХТОРИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ | Давомнокӣ ва мураккабии гирифтани иҷозатномаҳо барои содироти мол ба бозорҳои кишварҳои пешрафта | Рушди системаи ҳукумати электронӣ |
| ИНФРАСОХТОРИ ИТТИЛООТӢ | Маълумоти нокифоя ва надоштани аудиторияҳои зарурӣ дар самти соҳибкории саноатӣ бо мақсади тақвияти содироти маҳсулоти рақобатпазир | Оммавӣ гардонидани фаъолияти марказҳои дастгирии содирот барои соҳибкорони саноатии хурду миёна; тавсеаи дастгирии иттилоотӣ ва машваратӣ ба содиркунандагон |
| ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ | Нарасидани кадрҳои баланд-ихтисос; сатҳи поини сифати таҳсил дар макотиби олӣ ва миёнаи касбӣ. | такмили ихтисос ва таҳкими салоҳияти ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ; тайёр намудани кадрҳои донандаи забонҳои хориҷӣ. |
| ИНФРАСОХТОРИ ИННОВАТСИОНӢ | норасоии технологияҳои инноватсионӣ; набудани марказҳои коркарди ғояҳои инноватсионӣдар самти соҳибкории саноатӣ | ҳавасмандгардонии афзоиши фаъолияти илмиву техникӣ, мусоидат ба ҳамкориҳои илму амалӣ |
| ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ | афзоиши тарифҳои нақлиётӣ; маҳдудиятҳои инфрасохтори нақлиёт ва сарҳад бо мақсади рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир; шабакаи сустинкишофёфтаи марказҳои ҳамоҳангсозии борҳои гурӯҳӣ, логистика | ҳавасмандгардонии рақобат дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ; ҳамгироии низоми иттилоотии ҳама мақомоте, ки дар нуқтаҳои гузаргоҳӣ бо мақсади рушд соҳибкории саноатӣ |
| ИНФРАСОХТОРИ МОЛИЯВӢ | фоизи баланди маблағҳои қарзӣ; талаботи қатъӣ нисбат ба шартҳои баргардонидани даромади асъори хориҷӣ; номуайянии имтиёзҳои андозию гумрукӣ | фароҳам овардани шароити махсуси қарздиҳӣ; тавсеаи дастгирии молиявии давлатӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Албатта, бояд ба назар гирифт, ки дар робита бо ҷадвали 4.2.1 фаъолият дар бозори ҷаҳонӣ сатҳи баланди рушди инноватсионӣ ва рақобатпазириро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, сармоягузории мутавозин ба рушди инноватсионӣ ва рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ тавассути бахшҳои давлатӣ таъсири муҳим дорад. Дар баробари ин, давлат бояд

ҷонибҳои манфиатдорро барои рушди инноватсионӣ ва илмӣ ҳавасманд намояд. Ин маънои онро дорад, ки давлат бояд бидуни дахолат ба фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир ба татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатии кишвар диққати зарурӣ дода, мавҷудияти технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои саноатро назорат намояд. Ба зиёд кардани музди кори кормандони муассисаҳои илмӣ ва коргарони корхонаҳои саноатӣ низ аҳаммияти махсус додан лозим аст. Бо дарназардошти таркиб, мазмуни вазифаҳои тиҷорати сощибкории саноатӣ ва шароити фаъолияти онҳо бояд системаи идоракунии стратегии рушди он ислоҳ карда шавад. Самтҳои асосии ин механизмҳо чунин арзёбӣ мегардан:

1. Муайян кардани шароити фаъолият ва параметрҳои асосии рушди соҳибкории саноатӣ дар кишвар ва минтақаҳо; коркарди стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси муайян намудани афзалиятҳое, ки татбиқи вазифаҳои асосии идоракунӣ, рушди афзалиятҳои рақобатии соҳибкории саноатиро дар бозорҳои беруна таъмин менамоянд;

2.Дар самти истифодаи самараноки дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир гузариш ба усулҳои барномавию мақсадноки (программно-целевой подход) дастгирии лоиҳаҳои соҳибкории саноатии содиротӣ, ворид намудани лоиҳаҳои молиявии мақсаднок ба барномаҳои дастгирии соҳибкории саноатие, ки ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда машғул мебошанд;

3. Дар самти дастгирии соҳибкории саноатӣ: истифодаи воситаҳои молиявии рушди соҳибкории саноатӣ; имтиёзҳои андозӣ (низоми махсуси андоз; паст кардани меъёрҳои андоз); барномаҳои давлатии суғуртаи хавф; истифодаи воситаҳои ташкилӣ (тартиби содагардонидашудаи бақайдгирии андозсупорандагон, аз ҷумла, ба сифати соҳибкории саноатӣ; таъсиси захираҳои гуногуни иттилоотии давлатӣ ва хусусӣ дар самти соҳибкории саноатӣ; зиёд кардани ҳиссаи соҳибкории хурд дар хариди давлатӣ; ташкили шароити имтиёзнок барои анҷом додани фаъолияти иқтисодӣ,

рафъи камбудиҳо дар заминаи меъёри танзимкунандаи фаъолияти соҳибкории саноатӣ, таъсиси бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, платформаҳои электронии минтақавӣ барои иттилоот ва пешбурди соҳибкории саноатӣ ва ғайра;

Дар навбати худ, мақомоти давлатӣ бояд ба сифати мақомоти назоратӣ доир ба татбиқи инноватсия дар истеҳсолот баромад намуда, фаъолияти илмиро дар бахши саноати минтақаҳои кишвар ҳавасманд гардонанд.

Айни ҳол соҳибкорони саноатии ватанӣ асосан маҳсулоти дӯзандагӣ, алюминий, хокаи маъдан, меваи хушк, чарми нимкоркард ва нахи пахта, ришта ва сементу дигар маҳсулоти саноатиро ба хориҷи кишвар содирот мекунанд. Дар иваз тақрибан тамоми навъҳои маҳсулоти ниёзи аввал ва техникаи маишӣ аз хориҷ ворид карда мешаванд. Дар сурати идома ёфтани ин ҳолат, расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар, ки дар "Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030" муайян шудаанд, зери суол қарор мегирад. Ислоҳи ин вазъият татбиқи стратегияи самараноки рушди ҳамгироии субъектҳои соҳибкории саноатиро ба фазои байналмилалӣ тақозо менамояд. Чӣ тавре пажуҳишгар Х.И. Аминов барҳақ қайд кардааст: «Барои рушди соҳибкорӣ дар кишвар фазои мусоид фароҳам овардан муҳим аст. Маҳз соҳибкории саноатӣ имкон медиҳад, ки бахши воқеии иқтисодиёт эҳё гардида, рушди истеҳсолоти саноатӣ таъмин гардад. Марҳалаи муосири тараққиёти иқтисодиёти кишвар давраи дастгирии соҳибкории саноатӣ мебошад, ки рушди истеҳсолот дар асоси воридотивазкунӣ, ҷалби сармоя, ҷорӣ намудани инноватсия ва дар ин замина таҳкими иқтидори содиротӣ таъмин карда мешавад»[118].

Сиёсати ҳавасмандгардонии содирот маҷмуи шаклҳо, усулҳо ва воситаҳоест, ки ба дастгирии бевосита ё бавоситаи содирот нигаронида шудаанд. Он доираи васеи воситаҳои сиёсатро дар бар мегирад, ки аз

[118] Аминов Х.И. Развитие производственного предпринимательства и экспортного потенциала Республики Таджикистан//Экономика Таджикистана. – 2019. – № 4. – С. 186. (179-187).

сиёсати қурби асъор то ҳама гуна тадбирҳои «махсус» иборат мебошад. Одатан, ҳукумат як қисми хароҷоти истеҳсоли содиротро ба зимма мегирад. Тадбирҳои дастгирии содирот метавонанд ҳам ба содиркунандагони миллӣ ва ҳам ба корхонаю ташкилотҳое, ки барои содирот маҳсулот истеҳсол мекунанд, татбиқ карда шаванд. Дар шароити кунунӣ тадбирҳои мувофиқтарини ҳавасмандгардонии содирот инҳоянд:

– сармоягузорӣ ба корҳои таҳқиқотӣ ва коркардҳои илмию техникӣ;

– сармоягузорӣ ба таъминоти кадрӣ (сармояи инсонӣ);

– сармоягузорӣ ба инфрасохтори содиротӣ.

Дар баробари ин, воситаҳои макроиқтисодие, ки тадбирҳои ҳавасмандгардонии гардиши сармоя ва осон кардани расмиёти гумрукиро дар бар мегиранд, дар сатҳи муайян ба афзоиши содироти кишвар таъсир мерасонанд. Аз ҷумла, давлат тавассути сиёсати пулию молӣ содиркунандагонро, ҳатто бар зарари воридот дастгирӣ мекунад. «Сиёсати хуб таҳияшудаи гардиши сармоя фазои сармоягузориро дар кишвар беҳтар намуда, ба фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазири ватанӣ, ки ба бахши содирот тааллуқ доранд, таъсири назаррас мерасонад»[119] .

Дар татбиқи сиёсати рушди инновастионии фаъолияти соҳибкорӣ нақш марказҳои дастгирии инноватсия муҳим мебошад. Намудҳои марказҳои дастгирии инноватсионии ҷаҳонро ба ду категорияи асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

1) Марказҳои дастгирии давлатӣ: ин марказҳо аз ҷониби ҳукуматҳо ё мақомоти давлатӣ таъсис ва дастгирӣ карда мешаванд. Мақсади таъсиси чунин марказҳо дастгирии инноватсия ва рушди технологӣ дар кишвар мебошад. Намунаҳои чунин марказҳо инҳоянд: паркҳои илмию техникӣ, ки дар он ширкатҳои ба дониш асосёфта таъсис дода мешаванд. Ин марказҳо

---

[119] Кодирзода Д.Б., Гулзода Ф.М. Методы и инструменты стимулирования экспорта в условиях членства республики таджикистан в ВТО//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2023. – Т. 95. № 2. – С. 131-142.

соҳибкоронро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла маблағгузорӣ, инфрасохтор, хидматҳо ва машварат дастгирӣ мекунанд.

2) Марказҳои рушди технологӣ: марказҳои рушди технологӣ як зергурӯҳи паркҳои илмию техникӣ мебошанд, ки ба дастгирии соҳибкорони саноатӣ дар марҳалаҳои аввали рушд тамаркуз мекунанд. Маъмулан, чунин марказҳоеро меноманд, ки васлу насби таҷҳизоту технологияҳоро барои тақвияти истеҳсолот, ташкили ҷойҳои корӣ, машварат ва омӯзиш, пешниҳод менамоянд.

**Фондҳои сармояи венчурӣ:** фондҳои мазкур сармояро ба стартапҳо ва ширкатҳои ба дониш асосёфта сармоягузорӣ мекунанд. Ин маблағҳо барои ба бозор баровардани маҳсулот ва хидматҳои онҳо мусоидат мекунанд.

**2. Марказҳои дастгирии хусусӣ:** ин марказҳо аз ҷониби бахши хусусӣ таъсис ва дастгирӣ карда мешаванд. Мақсади таъсиси ин марказҳо дастгирии инноватсия ва рушди технология дар кишвар мебошад. Намунаҳои чунин марказҳо инҳоянд:

**Акселераторҳои** тиҷорӣ барномаҳои пуршиддат мебошанд, ки бо соҳибкорон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла саноат тавассути машварат ва маркетинг кумак мерасонанд.

**Марказҳои инноватсионӣ** муҳитест, ки шахсони алоҳида ва ташкилотҳо барои ҳалли мушкилот ва таҳияи технологияҳои нав муттаҳид мешаванд. Ин марказҳо ба шахсони алоҳида ва ташкилотҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла маблағгузорӣ, инфрасохтор, хидматҳо ва машварат ёрӣ мерасонанд.

Ассотсиатсияҳои соҳавӣ: ташкилотҳо, ширкатҳоеро дастгирӣ менамоянд, ки дар соҳаи муайян фаъолият мекунанд. Ин ассотсиатсияҳо ба ширкатҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла таҳсилот, машварат ва маркетинг, кумак мерасонанд.

**Сармоягузорони асосӣ:** сармоягузорони асосӣ шахсоне мебошанд, ки сармояи шахсии худро ба ихтиёри соҳибкорони фаъол мегузоранд. Онҳо одатан, шахсони сарватманд ё соҳибкорони муваффақ мебошанд, ки

имкониятҳои сармоягузории дорои хавфи баланд ва эҳтимолан ҳосили баландро меҷӯянд.

**Фазои муштарак:** ҷойҳои кории муштарак ҷойҳое мебошанд, ки шахсони алоҳида ва ташкилотҳо метавонанд мизҳо, ҳуҷраҳои конфронс ё дигар ҷойҳоро якҷоя иҷора гиранд. Ҷойҳои муштарак аксар вақт барои соҳибкорон ва тиҷорати хурд ҷолибанд, зеро онҳо дастрасанд ва чандиранд.

**Startup Studio (Студияи Стартап)** ширкатест, ки ҳадафи он пайдарпай таъсис додани якчанд ширкатҳои технологӣ мебошад. Ин услуби ташкили тиҷоратро соҳибкории параллелӣ меноманд. Startup Studio ба соҳибкорон кумак мерасонад, ки аз оғози фаъолият онҳо тавассути мониторинг ва сармоягузорӣ рушд кунанд ва дар ҳама марҳалаҳо аз оғози маҳсулот барои роҳбарии ширкати навтаъсис берун раванд. Startup Studio соҳибкорони ватанӣ ва хориҷиро тавассути пешниҳоди машваратҳои сатҳи баланд ва дастгирии васеъ дастгирӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки ҳангоми гузаштан аз як сатҳ ба сатҳи дигари рушд, ҳамгирой яке аз шартҳои асосии тавонмандсозии корхонаҳои инноватсионӣ мегардад, ки аҳаммияти он низ бо рушди иқтисод меафзояд. Дар робита ба ин, соҳибкорони тоҷик бояд дарк намоянд, ки ҳангоми аз як сатҳ ба сатҳи дигари рушд гузаштан, бояд бо таъминкунандагони худ ҳамоҳангии беҳтар дошта бошанд.

Аз тарафи дигар, давлат бояд ба корхонаҳои рушдёбанда таваҷҷуҳи хос дошта бошад. Ҳадафи аввалин дар рушди иқтисодӣ таҳкими корхонаҳои босуръат рушдёбанда бо иқтидори баланд мебошад. Дар ин замина, Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ бо таъсиси 20 маҷмааи истеҳсолию тиҷоратии босуръат рушдёбанда, дар мисоли истеҳсоли маҳсулоти телефонҳои мобилӣ, тавонист ба буҷаи кишвар даромади арзишмандро ворид намуда, ба ин васила ба бозорҳои ҷаҳонӣ таъсир расонад. Ин принсип, яъне корхонаҳое, ки ба навоварӣ машғул буда, маҳсулотҳои рақобатпазир истеҳсол мекунанд ва қодиранд дар бозори ҷаҳонӣ рақобат

кунанд, бояд ҳамаҷониба ба дастгирии давлатӣ фаро гирифта шаванд. Ташкилотҳое, ки фазои тиҷоратиро беҳтар мекунанд, барои ҳавасмандгардонӣ бобати навоварӣ хеле муҳим арзёбӣ мегарданд, зеро беҳтар кардани фазои тиҷоратӣ шарти зарурӣ барои оғози раванди рушд ва такмили минбаъдаи роҳи интихобшуда мебошад.

Раванди дигари дастгирии давлатӣ доир ба рушди соҳибкории саноатӣ, татбиқи коммуникатсионии экосистема дар соҳибкорӣ мебошад, ки мутаассифона то ҳол он дар кишвари мо ба таври зарурӣ амалӣ намегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки нақши дастгирии ниҳодӣ дар рушди инноватсионӣ барои ворид шудан ба бозорҳои байналмилалӣ аҳамияти муҳим дорад. Ниҳодҳои самаранок хароҷоти иттилоотиро коҳиш медиҳанд, ҷамъшавии сармоя ва ҳаракати озоди онро ҳавасманд мекунанд, хатарҳо ва дигар механизмҳои таъсиррасонро кам месозанд.

Аз тарафи дигар, набояд фаромӯш кард, ки навоварӣ ва пешниҳоди хидматҳо ва молҳо дар иқтисодиёти навоварона, гарчанде боиси пайдоиши истеҳсолоти рақобатпазир гардад ҳам, вале сабаби кам ва ё аз байн рафтани ҷойҳои кории анъанавӣ мегардад. Агар мо соҳибкории навро манъ кунем, пас ин идея ҳатман аз ҷониби соҳибкори хориҷӣ амалӣ карда мешавад.

Бо баланд бардоштани сатҳи воридшавии инноватсия ва технология ба истеҳсоли молу хидматҳо дар соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ инфрасохтори мувофиқ барои осон кардани равандҳои сармоягузорӣ, ҷалб ва роҳнамоии сармоягузорон, хидматҳои молиявӣ бояд фароҳам оварда шавад.

Сиёсати самараноки институтсионалӣ метавонад риояи қонунҳо ва барномаҳоро таъмин кунад. Бидуни қонунияти ҳукумат, сиёсати амалишаванда натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Ҳамин тариқ, қонуният раванди таҳияи сиёсатро барои рушди навовариҳо дар сохторҳои соҳибкорӣ осон мекунад. Шаффофият, аз тарафи дигар, фасод ва коррупсияро аз байн мебарад ва заминаро барои сармоягузорӣ ва ташкили тиҷорат, бахусус дар

бахши инноватсия мустаҳкам мекунад. Азбаски соҳаҳои навоварӣ метавонанд фарогирии васеъ ва мубодилаи зиёди молиявӣ дошта бошанд, шаффофият метавонад суиистифодаро пешгирӣ кунад ва эътимоди мардумро афзоиш диҳад. Агар шаффофият эътироф карда нашавад, ё соҳибкорон барои татбиқу амали ҳуқуқҳои худ амал карда натавонанд, мо ба мушкилоти сармоягузорӣ дучор мегардем. Дар ин ҳолат, на танҳо сармоягузорони хориҷӣ, балки сармоягузорони ватанӣ низ намехоҳанд сармоягузорӣ кунанд ва ин боиси кам шудани сармоя мегардад. Ҳамин тариқ, аҳамияти таҳияи сиёсати ниҳодии татбиқи қонун низ аён аст, зеро он барои тақсими одилонаи сарват дар оянда ва рушди кишвар заминаҳои мусоид фароҳам меоварад.

Мубориза бо коррупсия барои фаъолияти истеъдодҳои миллӣ замина фароҳам меорад ва рушди инноватсияро бо қувваҳои боистеъдоди дохилӣ таъмин менамояд. Аз тарафи дигар, системаи омода намудани кадрҳои воқеан баландихтисос нишон медиҳад, ки он дар ҳозира ва оянда чӣ гуна рушд ёфта, метавонад тавассути ихтироот ва навовариҳои нав ба рушди корхонаҳои баландтехнологӣ мусоидат намояд. Аз ҷониби дигар, самтҳои муҳимтарини густариши соҳибкории навоварона аз татбиқи қонунҳо доир ба пешгирии коррупсия, хусусан коррупсияи бюрократӣ, таваҷҷуҳ ба рушди инноватсия ҳангоми таҳияи қонунҳо дар бораи муҳити тиҷорат, назорати бахши хусусӣ, ки ҳам аз бахшҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ вобаста аст ва эҳтимолияти коррупсияро зиёд мекунад, таҳияи барномаҳои баланд бардоштани самаранокии низоми андоз, таҳияи нақшаҳои таълимӣ, хусусан, дар давраи таълими истеҳсолӣ, барои ташаккули қувваи кории фаъол ва инноватсионӣ дар оянда, таҳияи замина барои баланд бардоштани ихтисоси қувваи кории ба дониш асосёфта, идоракунии соҳаҳо, равона кардани онҳо ба самти истеҳсоли маҳсулоти ба дониш асосёфта ва қабули қарорҳои оқилона вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, такмили механизми идоракунии ҳамкориҳои байналмилалии корхонаҳои хурду миёна андешидани чораҳои ҳадафманди

таъсиррасониро ба таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории саноатӣ дар асоси инкишофи инфрасохтори ҳамгироии байналмилалӣ бо таваҷҷуҳ ба истифодаи самарноки воситаҳо ва рушди дастгирии давлатӣ тақозо менамояд. Роҳи наздиктарини расидан ба ҳадафҳои мазкур ин инкишофи инфрасохтори ҳамкориҳои байналмилалӣ ба шумор меравад, ки ба афзалиятҳои рақобатии ширкатҳои ватанӣ мусоидат хоҳад кард. Дар шароити кунунӣ, ки соҳибкории саноатӣ дар ҷумҳурии мо дар ҳолати рушд қарор дорад, татбиқи чорабиниҳои пешниҳодшуда метавонанд барои инкишофи афзалиятҳои рақобатпазирии корхонаҳо ва истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ мусоидат ва моро барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишварамон наздиктар намоянд.

## 4.3. Такмилдиҳии дастгирии давлатии самтҳои перспективии инноватсионии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

Дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир аз масъалаҳои муҳим дар ҳама давру замон боқӣ мемонанд. Дар Тоҷикистон дар самти дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар корхонахои хурду миёна корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Аммо самаранокии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир ҳанӯз ба андозаи кофӣ таъмин нашудааст.

Таҳавуллоти иқтисодии дар кишварҳои пасошуравӣ дар солҳои 90-ум баамаломадаро таҳлил намуда, қайд кардан бамаврид аст, ки раванди азнавсозии иқтисодӣ бо тақсимшавии корхонаҳо сурат гирифт ва боиси ба вуҷуд омадани сектори нави иқтисодиёт–соҳибкории саноатии рақобатпазир гардид. Ҳоло бо гузашти беш аз се даҳсола соҳибкории саноатӣ ба як ниҳоди муҳим ва яке аз сохторҳои пешбарандаи иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст.

«Бахши соҳибкории саноатии рақобатпазир асоси иқтисодиёти пешрафтаи тамоми ҷаҳон мебошад. Дар Иттиҳоди Аврупо, ки тақрибан

300 миллион нафар аҳолӣ дорад, фоизи қобили таваҷҷуҳи корхонаҳо ба соҳибкории саноатӣ алоқаманд буда, ба ҳисоби миёна ба ҳар 1000 нафар 52 корхона рост меояд ва 66 фоизи қувваи корӣ дар ин бахш бо кор таъмин аст. Ҳиссаи соҳибкории саноатӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна, дар содирот ба ҳисоби миёна 11%-ро ташкил медиҳад, гарчанде дар баъзе кишварҳо, аз қабили Люксембург, Шветсия, Финландия ва Ирландия ҳиссаи содироти соҳибкории саноатӣ мутаносибан 40%, 34%, 26 % ва 25%-ро ташкил медиҳад. Дар робита ба андозҳои мустақим ва ғайримустақим, пардохтҳои иҷтимоӣ, корхонаҳои хурду миёна 44 %-и маҷмуи маҳсулоти дохилии Аврупоро таъмин мекунанд. Саҳми соҳибкории саноатӣ, бахусус дар байни корхонаҳои хурду миёна, дар арзиши изофӣ дар иқтисоди Аврупо ҳудуди 70% буда, ҳиссаи фоидаи умумии амалиётӣ ба 77% мерасад, дар ҳоле ки барои ширкатҳои бузург ин рақам мутаносибан 30% ва 23 %-ро ташкил медиҳад»[120].

Маҳз бо ин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушд ва инкишофи соҳибкории саноатии рақобатпазир аҳамияти хосса зоҳир намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар иброз доштанд: «Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд. То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. Дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард

[120]Кирильчук С.П. и др. Инновационное развитие производственной инфраструктуры в цифровой экономике на принципах деонтологии/ Коллективная монография. – Симферополь, 2023. – С.35.

сомониро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад»[121]. Инчунин, Пешвои муаззами миллат қайд намуданд: «Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, бахусус соҳибкорони саноатӣ, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд. Ҳамчунин, роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд ва доир ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти онҳо ва бартараф кардани мушкилоту монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои бетаъхир андешанд»[122].

Аҳаммияти рушди рӯз то рӯз соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёна меафзояд, зеро солҳои охир сустшавии суръати рушди иқтисодӣ, бад шудани тавозуни пардохт дар заминаи муҳити номуътадили берунӣ (иқтисоди ҷаҳонӣ) мушоҳида мешавад. Дар чунин вазъият давлатро зарур аст, пеш аз ҳама, механизмҳои ҳавасмандгардонии бозори дохилиро ҳамчун омили рушди иқтисодӣ таҷдид намояд, шаклу воситаҳои нави ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла тавассути дастгирии соҳибкории саноатиро ҷустуҷӯ намояд. Воқеан ҳам, бо кумаки корхонаҳои хурд на танҳо мушкилоти иқтисодиро дар самти пешбурди фаъолият дар кишвар ва минтақаҳое, ки барои соҳибкории саноатӣ чандон ҷолиб нестанд, балки мушкилоти иҷтимоӣ – паст кардани сатҳи бекориро ҳал кардан мумкин аст. Илова бар ин, бо суръат бахшидан ба рушди

[121] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». - Душанбе, 23.12.2022. [http://www.president.tj/node/29823].

[122] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 23.12.2022. [http://www.president.tj/node/29823].

соҳибкории саноатӣ имкон медиҳад, ки бозори дохилиро бо молу хизматрасониҳои баландсифати рақобатпазир таъмин намуда, ба фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла, аз ҳисоби зиёд шудани даромади шахсони алоҳида, такони нав бахшем.

Аммо сарфи назар аз таҳия ва татбиқи шаклҳои гуногуни дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ, кишварҳои пасошуравӣ наметавонанд ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи рушди он ноил шаванд. «Яке аз сабабҳои аз нишондиҳандахои пешбинишуда қафомонии рушди соҳибкории саноатӣ, аз ҷумла, ҳавасмандгардонии нокифоя тавассути воситаҳои молиявӣ мебошад, ки аз вазифаҳои муҳими мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар зимн, ҳангоми таҳлили равишҳои мухталифи арзёбии дахолати имконпазирии давлат ба иқтисодиёт, аксари иқтисоддонҳо»[123] зарурати иштироки давлатро натанҳо дар таҳия ва татбиқи сиёсати зиддибуҳронӣ, балки дар таҳия ва пешбурди сиёсати барқарорсозӣ низ эътироф кардаанд.

Ба ақидаи олимон А. Ҷураева, З.А. Ҷуразода: «Вобаста ба ин, соҳибкории саноатии хурду миёна, ки ба муаммоҳои зиёд, аз қабили норасоии мутахассисони баландихтисос, надоштани маблағҳои гардон, куҳнаю фарсуда гардидани таҷҳизоту технологияҳои аз даврони шуравӣ боқимонда, дучор мегарданд, фаъолияти худро зери хатар мегузоранд. Ба ин мушкилот нарасидани қобилиятҳои идоракунӣ, сармояи хурд ва душвориҳои мутобиқ шудан ба муҳити атроф ва технологияҳои нав дохил мешаванд. Аз ин рӯ, мушкили бештари корхонаҳои хурду миёна дастрасӣ ба иттилоот, технология, сифати пасти захираҳои инсонӣ ва дастрасӣ ба сармоя мебошад. Корхонаҳои хурду миёна дар муомилот, бахусус, дар муомила бо харидорони асосӣ, мушкилоти худро доранд»[124].

---

[123]Джураева А., Джуразода З.А. Механизм региональной поддержки инновационных услуг в предпринимательской деятельности (на примере Республики Таджикистан) // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 2. – С. 209.

[124] Рауфӣ А. Муносибатҳои муосир ба рушд ва ҷойгиркунии самараноки қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон//Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – № 2. – С.193.

Дар тамоми кишварҳои пешрафтаи саноатӣ, корхонаҳои хурду миёна заминаҳои асосии рушди соҳибкории саноатӣ маҳсуб ёфта, аз ин рӯ, ин кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки бо фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти ин корхонаҳо ҷиҳати рақобатпазирии молу маҳсулоти худро таъмин намоянд. Албатта, зикр кардан лозим аст, ки ин сиёсат ба фароҳам овардани муҳити солими рақобат нигаронида шудаанд. «Барои аз байн бурдани нуқтаҳои заъфи соҳибкории саноатӣ бахусус корхонаҳои саноатии хурду миёна дар самти кишварҳои гуногун ниҳодҳои ёрирасонро созмон дода, ба ин васила механизми дастгирии давлатиро бо мақсади рақобатпазирӣ, бо роҳу усулҳои гуногун, роҳандозӣ менамоянд.

Ниҳодҳои ёрирасони механизми дастгирии давлатӣ бо мақсади рақобатпазирӣ инҳоянд:

– расонидани кумакҳои техникӣ, машварати маркетингӣ;

– мусоидат ба барномаҳои баланд бардоштани сифати маҳсулот;

– рушди фаъолияти таҳқиқотӣ, конструкторӣ ва инноватсионӣ;

– додани кредит, қарзҳои бефоиз;

– кафолати қарз ва қарзҳои бонкӣ, грантҳо;

– кумаки техникӣ ҷиҳати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;

– интиқол ва такмили технология»[125].

Яке аз сабабҳои асосии самараи дилхоҳ надодани чораҳои марбут ба дастгирии давлатӣ, риоя нагардидани принсипҳои асосии он (яъне принсипҳои асосии дастгирии давлатӣ) мебошад. Дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ самараи баръакс ба даст меояд. Масалан, имтиёзе, ки давлат барои як гурӯҳи соҳибкорони саноатӣ бо мақсади рушд ва тақвияти маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда пешбинӣ менамояд, ба таври мақсаднок истифода намегардад, ки ин боиси

---

[125] Ломовцева О.А., Белоконь А.И., Соболева С.Ю., Соболев А.В. Факторы успешности высокотехнологичного предпринимательства в сфере производства продовольствия//Менеджмент в России и за рубежом. – 2023. – № 2. – С. 36.

нигаронии давлату Ҳукумати кишвар гардида, боварию эътимодро нисбат ба худ аз байн мебаранд.

Дар натиҷа аз ин дастгирии давлатӣ ба буҷаи давлат зарар ворид гардида, истифодаи имтиёзҳо барои корхонаҳо қувваи баробарӣ мегиранд. Дар натиҷа, фаъолияти воридотивазкунӣ ва ба содирот нигаронида шудаи соҳибкории саноатӣ ба мушкилоту монеаҳои зиёд мувоҷеҳ мешавад. Ин масъала, яъне риояи принсипҳои асосии дастгирии давлатӣ, масъалаи усулӣ аст, ба эътибор нагирифтани он сарфи беҳосили маблағҳои давлатиро пеш меоварад. Мутаассифона, чунин ҳолат дар аксар корхонаҳои саноатии кишвар мушоҳида мегардад.

Дар байни принсипҳои асосии таъмини рақобатпазирии фаъолияти самараноки соҳибкории саноатӣ, озодии фаъолияти соҳибкории саноатӣ, баробарии субъектҳои соҳибкории саноатӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории саноатӣ, рақобатпазирии одилона ва ғайра муҳим шинохта шудаанд. Дар баробари ин принсипҳои махсусе низ пешниҳод шудаанд, ки дар ҷадвали 4.3.1. оварда мешаванд.

**Ҷадвали 4.3.1. Принсипҳои перспективии инноватсионии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити муосири Тоҷикистон***

| ПРИНСИП | МОҲИЯТИ ПРИНСИП |
|---|---|
| Муайян намудани самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир | Гурӯҳбандии (авлавиятбандии) меъёрии самтҳои афзалиятноки соҳибкорӣ дар соҳаҳои инноватсионӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, саноатӣ, кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва ғайра бо таваҷҷуҳ ба зарфияти минтақаҳои кишвар. |
| Таъмини самарабахшии дастгирии давлатӣ | Ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои шаффофи сифатӣ ва миқдории фаъолияти мақомотҳои дахлдор, ташкилотҳои зерсохтор ва дастгирии соҳибкории саноатӣ. Фаъол кардани мониторинги мунтазами фаъолияти соҳибкории саноатӣ, самаранокии тадбирҳои дастгирӣ барои соҳибкории саноатии рақобатпазир. |

Идомаи ҷадвали 4.3.1.

| | |
|---|---|
| Дастгирии давлатӣ дар тамоми марҳалаҳои фаъолияти инноватсионии соҳибкории саноатӣ | Таъмини дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ аз рӯйи марҳалаҳо (сармоягузории фаъолонаи сармоя ба тадқиқоти маркетингӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, озмоишӣ, лоиҳакашӣ, технологӣ ва ташкилии омодасозии истеҳсолот, татбиқи тиҷоратии коркардҳо). |
| Истифодаи самараноки фишангҳои бозорӣ ва воситаҳои шарикии бахшҳои давлативу хусусӣ барои ҳавасмандгардонии самтҳои афзалиятноки соҳибкории саноатӣ | Дастгирии инфрасохтори рушди соҳибкорӣ, ки ба ноил шудан ба рушди устувор мусоидат мекунанд. Сармоягузорӣ ба корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, пешбурди онҳо ба бозорҳои инноватсионии сабз бо тиҷоратикунонии минбаъда. Ҳавасмандгардонии ташаббусҳои илмию техникии олимони ҷавон ва донишҷӯёни донишгоҳҳо, ҷалби ҷавонон ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти соҳибкории саноатӣ. |
| Рушди босуръати инфрасохтори инноватсионӣ | Ҳамкории самараноки мақомот ва қонунгузор, соҳибкории саноатӣ, муассисаҳои илмӣ ҷиҳати рушди инфрасохтори инноватсионӣ бо мақсади таъмини гузариш ба «иқтисоди сабз» дар корхонаҳои хурду миёна. Принсипи «равзанаи ягона» ҳангоми дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ. |
| Шаффофияти дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир | Давлат бояд тариқи ВАО шаффофияти дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории саноатиро таъмин ва иттиллоотро дар ин замина дастраси ҳар як соҳибкор намуда, ҳуқуқу имтиёзоти худро шинос намояд. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ҳар яке аз ин принсипҳои дар ҷадвали 4.3.1. овардашуда муҳимияти мавзӯи таҳқиқотро муайян намуда, ба назари мо принсипи аввал - муайян кардани самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир аз бартарияти хос бархӯрдор мебошад, зеро дар асоси татбиқи ин принсип заминаҳои кофӣ барои татбиқи принсипҳои дигар фароҳам хоҳад омад. Ҳоло суоли асосӣ ин аст, ки бо таваҷҷуҳ ба шароити ҳозира, ки дар кишвари мо ба вуҷуд омадааст, кадом самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ афзалиятнок шинохта мешавад? Дар робита ба ин, мо панҷ фарзияи таҳқиқотиро пешниҳод менамоем.

1. Вобаста ба вазъи кунунӣ роҳҳои дарёфти қарзию молиявӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир аз ҳама афзалияти бештар дорад;

2. Вобаста ба вазъи кунунӣ дастгирии инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир аз ҳама афзалияти бештар дорад;

3.Дар шароити ҳозира дастгирии омӯзишӣ ва техникии соҳибкории саноатии рақобатпазир аз ҳама афзалияти бештар дорад;

4. Дар шароити кунунӣ дастгирӣ дар самти таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавии соҳибкории саноатии рақобатпазир дорои афзалияти бештар аст;

5. Дар шароити кунунӣ дастгирии машаваратию маркетингии соҳибкории саноатии рақобатпазир аз ҳама афзалияти бештар дорад.

Аммо, қабл аз озмуни ин фарзияҳо, фарзияи аслиро месанҷем, ки он нишондиҳандаи муҳими фарзияҳои зикршуда мебошад. Яъне тавассути санҷиши биномӣ (биномиальный тест) таъсиргузор будани дастгирии давлатиии соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон месанҷем. Агар ин фарзия рад шавад, пас эҳтиёҷ ба фарзияҳои дигар боқӣ намемонад, вале агар тасдиқ шавад, ки дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон таъсиргузор аст, пас кадом шакли дастгирии давлатӣ афзалиятнок аст, (яъне таъсири мусбии бештар дорад), санҷида мешавад.

Барои тасдиқ ва ё рад намудани фарзияҳои пешниҳодшуда ба усули экспертӣ рӯй меоварем. Ҳамин тавр, респондентон ба усули тасодуфӣ аз байни соҳибкории саноатии рақобатпазир менеҷерони (роҳбарони) корхонаҳои хурду миёнаи шаҳри Душанбе интихоб шудаанд. Шумораи умумии экспертҳо 163 нафарро ташкил мекунад, хатои стандартӣ 0,1 мебошад. Дар байни онҳо 14 нафар зан, ва 49 нафар мард мебошанд. 31 нафари онҳо маълумоти олии касбӣ доранд, 25 нафар маълумоти миёнаи касбӣ ва 7 нафар дорои маълумоти миёнаи ибтидоӣ мебошанд. 12 нафари онҳо собиқаи кориашон аз 20 сол зиёд аст. 36 нафар беш аз 10 сол собиқаи корӣ доранд ва 15 нафари боқимонда то 10 сол дар соҳаи мазкур фаъолият менамоянд. Аз респондентон тақозо мешавад, ки яке аз панҷ шакли дастгирии давлатиро ба унвони шакли афзалтарин дар шароити кунунии

Тоҷикистон интихоб намоянд. Барои чен кардани эътимоднокии пурсишнома (анкета) коэффисиенти Алфа-Кронбах истифода шудааст ва ин коэффитсиент барои тамоми пурсишнома ба бузургии 0,86 муҳосиба шуд. Ин рақам нишон медиҳад, ки саволномаи истифодашуда эътимоднок аст ва ё ба ибораи дигар, эътимоднокии заруриро дорад. Озмуни эътимоднокии натиҷаҳои ба дастомада тавассути ду равиш санҷида мешавад.

1. **Санҷиши биномӣ** (биномиальный тест): муодилаи фарзияи омории $H_0$ ва $H_1$ дар ин санҷиш ба таври зерин тартиб дода мешавад:

$$\begin{Bmatrix} H_0: P \leq 50\% \\ H_1: P > 50\% \end{Bmatrix} \quad (4.3.1)$$

2. **Санҷиши Фридман**: санҷиши Фридман яке аз санҷишҳои ғайрипараметрӣ мебошад. Ин санҷиш барои муқоисаи се ё зиёда намунаҳои вобаста, ки дараҷаи рейтингӣ доранд, истифода мешавад.

Дар навбати аввал тавассути санҷиши биномӣ фарзияи аслиро месанҷем ва он тасдиқ ва ё радди ин ду савол аст: Фарзияи $H_0$: дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон ҷиҳати рушди корхонаҳо таъсиргузор аст. Фарзияи $H_1$: дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон ҷиҳати рушди корхонаҳо таъсиргузор нест.

Натиҷаи озмуни мазкур, ки тавассути барномаи компютерии Eviews 8 муҳосиба шудааст, дар ҷадвали 4.3.2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.3.2. Санҷиши биномии фарзияи омории $H_0$ ва $H_1$***

| | | Category | N | Observed Prop. | Test Prop. | Asymp. Sig |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дастгирии давлатӣ | Гурӯҳи 1 | < = 3 | 163 | 1 | 0,5 | 0,00000000 |

**Сарчашма:** мусоҳибаи муаллиф дар асоси коркарди маълумоти омории саволномаҳо бо истифода аз барномаи Eviews 8.

Чунонки маълумоти ҷадвали 4.3.2. нишон медиҳанд, эътимонокии натиҷаҳо дар сатҳи 0,95% таъмин шудааст, ки ин, албатта, нишондиҳандаи хеле хуб мебошад.

($\alpha = 0,05$) дар шакли зерин аст:

Агар P- value **<** $\alpha$ бошад, $H_0$ рад мешавад. Дар муҳосибаи мо бошад, бо таваҷҷуҳ ба маълумоти ҷадвали 2:

P-value (Asymp. Sig) = 0.000 аст.

Тавре аз маълумоти ҷадвал дида мешавад, дараҷаи аҳаммиятнокии санҷиши биномӣ камтар аз 5% (S=0,000) аст. Аз ин рӯ, фарзияи $H_0$ рад карда мешавад ва мо метавонем ба хулосае оем, ки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир таъсиргузор аст. Яъне дар маҷмуъ, чораҳое, ки давлат дар самти беҳбудии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёна мендешад, таъсири мусбат доранд. Ин таъсир то чӣ андоза самаранок аст, баҳси алоҳида мебошад, вале далели таъсиргузор будани дастгирии давлатӣ исбот шудааст. Пас санҷиши фарзияҳои минбаъда маъно пайдо мекунад.

Дар ҷадвали 4.3.3 натиҷаи коркарди 5 фарзияҳои таҳқиқот, қаблан зикр шудаанд, нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4.3.3. Натиҷаи коркарди фарзияҳои тадқиқот***

| Binomial Test | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Фарзияҳо | Гурӯҳ | Category | N | Observed Prop | Test Prop | Asymp. Sig. (2-tailed) | Натиҷа |
| Дастгирии инфрасохторӣ | Гурӯҳи 1 | <= 3 | 150 | 0,95 | 0,5 | 0,001 | Тасдиқ мешавад |
| | Гурӯҳи 2 | > 3 | 13 | 1 | 0,5 | 0 | |
| Дастгирии молиявию қарзӣ | Гурӯҳи 1 | <= 3 | 163 | 0,05 | 0,5 | 0,002 | Тасдиқ мешавад |
| Дастгирии техникӣ | Гурӯҳи 1 | <= 3 | 145 | 0,9 | – | – | Тасдиқ мешавад |
| | Гурӯҳи 2 | > 3 | 18 | 0,1 | – | – | |
| Дастгири машваратӣ | Гурӯҳи 1 | <= 3 | 163 | 1 | 0,5 | 0 | Тасдиқ мешавад |
| Дастгирии маркетингӣ | Гурӯҳи 1 | <= 3 | 163 | 1 | 0,5 | 0 | Тасдиқ мешавад |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.Натиҷаи бароварди компютерии Eviews 8.

Пас аз баррасии фарзияҳои ин пажуҳиш, мувофиқи вариантҳои интихобшуда, мо ба саволи он, ки чӣ гуна ба шаклҳои дастгирии давлатӣ аз нуқтаи назари интихоб афзалият дода мешавад, ҷавоб меҷӯем ва санҷиши Фридманро мегузаронем. Натиҷаҳо чунинанд (ҷадвали 4.3.4).

**Ҷадвали 4.3.4. Натиҷаи санҷиши Фридман***

| Рутба | Шаклҳои дасгирии давлатӣ | Ҳисоби миёнаи рутбаҳо |
|---|---|---|
| 1 | Дастгириҳои инфрасохторӣ | 3,91 |
| 2 | Дастгирии молиявӣ ва қарзӣ | 3,62 |
| 3 | Дастгирии иттилоотӣ ва маркетингӣ | 3,12 |
| 4 | Дастгириҳои техникӣ | 2,74 |
| 5 | Дастгириҳои омӯзишӣ, илмӣ ва таҳқиқотӣ | 1,56 |

***Сарчашма:** Мусоҳибаи муаллиф.

Ҳамин тавр, дар робита ба ҷадвали 4.3.4. дар рутбаи аввал дастгириҳои инфрасохторӣ қарор гирифтаанд, рутбаи дувум дастгириҳои молявӣ ва қарзӣ, рутбаи севум дастгириҳои иттилоотӣ ва маркетингӣ, рутбаи чорум дастгириҳои техникӣ ва рутбаи охирро (панҷум) дастгириҳои омӯзишӣ, илмӣ ва таҳқиқотӣ ба худ ихтисос додаанд.

Аз натиҷаҳои моделсозиии самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир хулоса намуда, нуқтаҳои зеринро, махсус таъкид намудан лозим аст:

1. Бояд гуфт, ки натиҷаҳои ба даст омада ба таври воқеъӣ ҳолати бавуҷудомадаи рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар кишвари мо инъикос менамояд, зеро интихоби дастгириҳои инфрасохторӣ ба унвони самти афзалиятноки дастгириҳои давлатӣ, он ҳам аз ҷониби худи соҳибкорон, бесабаб нест. Ташаккули комплексҳои инфраструктураи инкишофи соҳибкории саноатии рақобатпазир ва муассисаҳои махсуси дастгирӣ, ки ба талаботи рушди он ҷавобгӯ мебошанд, барои дастгирии фаъолияти соҳибкории хурд ва фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи онҳо ба хизматрасониҳои босифати инфрасохторӣ аҳаммияти калон дорад. Аммо дар давлатҳои пешрафта, ки

сатҳи инкишофи инфрасохтори бизнес болотар аст, соҳибкорон ба дастгириҳои молиявӣ ва қарзӣ бештар аҳаммият медиҳанд.

«Таҳлили назариявии таърифҳо имкон медиҳад хулоса кунем, ки мафҳуми «инфраструктура» як падидаи ниҳоят мураккаб ва душвори иқтисодист. Инфрасохтор, ба маънои васеъ, роҳҳо, коммуникатсияҳо, нақлиёт, анбор, таъмини энергетикӣ, обтаъминкунӣ, иншооти варзишӣ, сарсабзгардонӣ, корхонаҳои хизматрасонии маишӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар иқтисодиёти инноватсионии баъдииндустриалӣ хизматрасонӣ дар шакли моддӣ ё иҷтимоӣ ҳамчун инфрасохтор баррасӣ мешавад. Дар робита ба соҳибкории саноатии рақобатпазир, мафҳуми «инфраструктура» ҳамчун маҷмуи шароитҳое ифода шудааст, ки рушди мусоиди соҳибкории хусусиро дар бахшҳои асосии иқтисодиёт таъмин намуда, талаботи тамоми аҳолиро қонеъ мегардонад»[126]. Инфрасохторро ҳамчун шабакаи корхонаҳо, ширкатҳо, ташкилотҳо ва дигар унсурҳои ташкилию идоракуние, ки ба ҳам алоқаманданд, таъриф намудан мумкин аст, ки дар якҷоягӣ барои фаъолияти самараноки тиҷорати хурд ва дигар сохторҳои соҳибкорӣ шароит фароҳам меоваранд.

Ҳамин тавр, вазъи ҳозираи инфрасохтори рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир соҳибкорони ватаниро қонеъ намекунанд ва онҳо дастгири инфрасохториро ҳатто аз дастгирии молиявӣ ва қарзӣ болотар медонанд.

2. Дастгирии молиявӣ ва қарзӣ дар рутбаи дувум қарор дорад. Шояд яке аз сабабҳои дар рутбаи дувум қарор гирифтани ин шакли муҳимми дастгирии давлатӣ дар он бошад, ки дар Тоҷикистон ҳаҷми кумакҳои молиявӣ чандон зиёд нест ва соҳибкорон чандон ба он умед намебанданд. Барои онҳо бештар сатҳи инкишофи инфрасохтор аҳаммияти бештар дорад. Аз тарафи дигар, сатҳи инкишофи хизматрасониҳои бонкӣ ҳам ба

---

[126] Сатторова М.Р. Формирование инфраструктурной основы развития малого бизнеса//Вестник Таджикского государственного университета право бизнеса и политики/Научно-теоретический журнал. – Худжанд: Нури маърифат, 2015. – №2 (2). – С. 61.

дараҷаи зарурӣ инкишоф наёфтааст. Ҳамаи ин соҳибкоронро то андозае аз кумакҳои молиявии давлат дилсард кардааст.

Пажуҳишгарони тоҷик, профессор З.Султонов ва Х.А.Шарифов қайд менамоянд, ки «...натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки соҳибкорони хурд ҳамчунон аз сатҳи пардохти андоз ва андозбандӣ, мураккабӣ, ноустувории низоми дигар пардохтҳо, мушкилот ва зиддиятҳо дар бозори фурӯш, нарасидани захираҳои молиявӣ ва фишори бюрократӣ шикоят мекунанд, ки ба ақидаи онҳо, монеаҳои асосии ба вуҷуд овардан ва тараққӣ додани корхонаҳои хурд ба ҳисоб меравад. Соҳибкорони саноатӣ, махсусан, камбудию захираҳои молиявӣ ва мавҷуд набудани низоми муассири молиявию қарзии дастгирии соҳибкориро аз муҳимтарин мушкили рушд таъкид мекунанд»[127]. Ҳоло дар як катор ноҳияҳои кишвар мушкили асосие, ки ба инкишофи соҳибкорӣ халал ворид мекунад, дастрас набудани захираҳои кредитию молиявӣ барои корхонаҳои хурд дониста шудааст. Имкониятҳои соҳибкории хурд барои гирифтани қарзи бонкӣ аз сабаби механизмҳои мураккаб барои пешниҳоди кафолати баргардонидани қарзҳо, маҳдуд мебошанд. Фонди дастгирии соҳибкорӣ, бинобар маҳдуд будани захираҳои молиявӣ, ба субъектҳои соҳибкорӣ кумаки калони молиявӣ расонида наметавонад.

Илова бар ин, фаъолияти ғайрисамараноки Фонд дар таъмини маблағгузории соҳибкорон дар он ифода меёбад, ки аксари соҳибкорон дар таҳияи бизнес–нақшаи босалоҳият ва асоснок кардани лоиҳаи сармоягузорӣ дониши кофӣ надоранд. Муқаррароти асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қадри кофӣ амалӣ карда намешавад. Қонун шароити иқтисодии минтақаҳо, сатҳи сифатии рушди соҳибкорӣ ва таҷрибаи умдатан манфиеро, ки мақомоти давлатӣ ва сохторҳои дастгирии

---

[127]Султанов З.С., Шарифов Х.А. Вопросы государственной защиты и регулирования развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан//Государственное управление. –2020. – № 4-2 (49).– С.101.

соҳибкорӣ дар минтақаҳо ҷамъ кардаанд, инъикос намекунад. Яке аз сабабҳои сусти иҷрои Қонуни мазкур дар он аст, ки барои дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд сол то сол маблағҳои молиявии давлатӣ дар ҳаҷми нокифоя ҷудо карда мешаванд[128].

Ҳамаи ин андешидани чораҳои қатъиро ҷиҳати баланд бардоштани самарнокии дастгириҳои молиявӣ ва қарзии давлат тоқозо менамояд. Дар айни замон усули асосӣ ва воқеии молиявии дастгирии рушди корхонаҳои хурд ва миёна худмаблағгузорӣ мебошад. Дастгирии молиявии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир аз ҳисоби буҷетҳои сатҳҳои гуногун ба таври кофӣ таъмин карда намешавад, барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ мукаммал нестанд ва камбудиҳо доранд, аз қабили тадбирҳои нопурра барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ; муайян кардани ҳадафҳои ниҳоӣ; номуайянии чораҳои дастгирӣ; беасос будани муҳлати иҷрои тадбирҳо ва норасоии захираҳо барои иҷрои барномаҳо ва амсоли он.

3. Дар дараҷаи сеюм дастгирии иттилоотӣ ва маркетингӣ қарор гирифтааст. Шояд сабаби дар мақоми сеюм қарор гирифтани он, шакли дастгирии давлатӣ ва аҳаммияти рӯзафзуни он дар робита ба ҷаҳонишавии иқтисодиёт бошад. Марҳалаи муосири инкишофи иқтисодиёт бо фановариҳои рақамӣ иртибот дода мешавад. Ба андешаи муҳаққиқон А. Азимбоев ва М.С Тӯлиев: «Дар асоси пешгӯйиҳо муайян карда шудааст, ки то соли 2036 наздики 50% тамоми равандҳои кор автоматӣ гардида, боиси коҳиш ёфтани шумораи ҷойҳои корие мегарданд, ки тахассуси миёна ва кори ҷисмониро талаб мекунанд. Дар ҳалли вазифаҳои афзалиятноки рушди рақамикунонии соҳаҳо ва барои зуд ва саривақт қабул намудани қарор доир ба масъалаҳои асосии рушди иқтисоди рақамӣ, ташкили

---

[128]Султанов З.С., Шарифов Х.А. Вопросы государственной защиты и регулирования развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан//Государственное управление. –2020. – № 4-2 (49).– С.102.

платформаҳои доимии муколама байни намояндагони соҳаҳо бо якдигар мувофиқи мақсад мебошад.

Ҷомеаи муосир ба андешидани маҷмуи чорабиниҳое ниёз дорад, ки ба бартараф намудани нобаробарии рақамӣ, дастрасии баробар ба хизматрасонӣ ва маҳсулоти рақамии эътимоднок, аз қабили таҳсилоти рақамӣ, тиҷоратию электронӣ, хизматрасониҳои молиявии рақамӣ майл намуда, дар баробари дастрасӣ ба таҳсилоти босифат дигар намуди фаъолиятҳоро таъмин менамояд»[129].

Асосан таъмини дастгирии иттилоотии бевосита нисбат ба корхонаҳои хурду миёна ва ташкилотҳое, ки инфрасохтори дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазирро ташкил медиҳанд, аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ дар шакли таъсиси системаҳои иттилоотии минтақавӣ, вебсайтҳои расмии дастгирии иттилоотии корхонаҳои хурду миёна дар интернет, таъсиси шабакаҳо ва таъмини фаъолияти онҳо бо мақсади дастгирии корхонаҳои хурду миёна амалӣ карда мешаванд.

Таҳлили вазъ ва тамоюли таъминоти иттилоотии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, баҳси густурдаест, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур намегунҷад, аз ин рӯ, онро барои пажуҳиши минбаъда вомегузорем. Ҳаминро бояд қайд кард, ки бо таҳия ва татбиқи технологияҳои пешқадам дар соҳаи иттилоот ва коммуникатсия, равандҳои ҷаҳонишавӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ, бахусус, дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир, шиддат гирифта истодаанд. Ин боиси афзоиши рақобат дар бозорҳои ҷаҳонӣ мегардад.

4. Дар дараҷаҳои чаҳорум ва панҷум дастгириҳои техникӣ ва дастгириҳои омӯзишӣ, илмӣ ва таҳқиқотӣ қарор гирифтаанд. Ин баёнгари он аст, ки тафаккури инноватсионии рушди фаъолияти истеҳсолӣ дар

---

[129] Азимбоев А., Тӯлиев М.С. Баъзе масъалаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 4-1 (38). – С. 115.

байни соҳибкорони саноатии тоҷик ҳанӯз ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст. Дар мамлакатҳои пешрафтаи инноватсионӣ, албатта, ин шакли дастгирии давлатӣ афзалияти аввалиндараҷа дорад, вале дар шароити ҷумҳурии мо он дараҷаи охиринро ба худ ихтисос додааст. Яъне соҳибкорони мо дар навбати охирин ба масъалаҳои навоварӣ, омӯзиш, таҳқиқот, корҳои конструкторӣ ва амсоли он таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ин, албатта, хеле ташвишовар мебошад.

Тафаккури техникӣ ва инноватсионӣ хеле муҳим мебошад. Профессор А. Рауфӣ қайд менамоянд, ки: «...дар муборизаи рақобатнокии бозорӣ бе технологияи пешқадами ҳозиразамон муваффақиятро соҳиб шудани соҳибкорон хеле душвор аст. Технологияҳои ҳозиразамон бениҳоят мураккаб ва қиматанд. Вақте мамлакатҳои суструшдёфта ва ё қафомонда мегӯем, аҳолии ин мамлакатҳо низ қафомондаанд. Бинобар ин, мамлакатҳои суструшдёфта натанҳо технологияҳои навро сохта наметавонанд, балки техника ва технологияи нави аз берун ворид кардашударо ҳам истифода бурда наметавонанд, яъне аз уҳдаи дуруст истифода карда тавонистани технологияҳои нав намебароянд»[130]. Яъне сатҳи нокифояи рушди тафаккури инноватсионӣ боиси самаранок истифода нашудани фановариҳои нав мегардад.

Таҳлил ва арзёбии таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи саноатӣ нишон медиҳад, ки рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир танҳо дар заминаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва сармоягузории технологӣ имконпазир аст. Дар ҳоле ки ҳалли масъалаҳои сармоягузории технологӣ нисбатан осон аст, фароҳам овардани замина ва шароит барои ҳамоҳангсозии субъектҳои асосии рушди инноватсионӣ ва технологии саноат як раванди мураккаб аст. Пеш аз ҳама, бояд тафаккури техникӣ ва инноватсионии соҳибкоронро инкишоф додан лозим мебошад. Рушди минбаъдаи сохторҳои шабакавӣ (байни илм, маориф ва тиҷорат) дар

---

[130] Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ//Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. – № 3. – С.53.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз сифати омодасозии кадрҳо, бозомӯзии онҳо бо дарназардошти бозори меҳнат ва тағйирёбии муҳити инноватсионӣ вобаста аст. Мушкилоти асосии рушди инноватсионӣ ба шарофати мавҷудияти кадрҳои баландихтисоси илмӣ, инчунин, мутахассисоне, ки ба тиҷоратикунонии коркардҳои илмӣ ва ба бозор баровардани онҳо манфиатдоранд, ҳал карда мешаванд.

Албатта, бисёре аз кишварҳои ИДМ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ояндаи наздик бо сабаби нокифоя будани дастовардҳои илмию техникӣ ва технологӣ, дароз будани муҳлати истифода дар рушди саноати баландтехнологӣ ва доништалаб бо кишварҳои пешрафта рақобат карда наметавонанд»[131]. Дар зимн, шакл ва механизми ҳамгироии илм, маориф ва соҳибкориро муайян кардан муҳим аст, ки заминаи рушби минбаъдаи фаъолияти инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир мегардад. Ба андешаи донишмандони тоҷик, профессорон Р.К.Раҷабов ва Б.Х. Нуриддинов: «Шакли маъмултарини ҳамкории илм, маориф ва соҳибкорӣ ташкили маркази илмию техникӣ дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи кишвар бо дарназардошти фаъолияти инноватсионии ҷузъҳои сохтории он мебошад. Илова бар ин, яке аз сохторҳои асосии ҳамгироӣ, ки ба ҷорӣ намудани инноватсия нигаронида шудааст, Маркази инноватсия маҳсуб мешавад, ки бо ширкатҳо таҳқиқоти муштарак мегузаронад, ба донишҷӯён асосҳои инноватсияро меомӯзонад ва ширкатҳои нави тиҷоратӣ ташкил мекунад»[132]. Вазифаи асосии парки технологӣ ҳамчун модели прогрессивии ҳамгироии субъектҳои соҳаи инноватсия баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корҳои илмию таҳқиқотӣ тавассути ҷалби маблағҳои бахши

---

[131] Файзуллоев М.К. Проблемы менеджмента инноваций на промышленных предприятиях Таджикистана//В сборнике: кластерные инициативы в формировании прогрессивной структуры национальной экономики. сборник научных трудов Международной научно-практической конференции, в 2-х томах. Ответственный редактор Горохов А.А., 2015. - С. 392.

[132] Раджабов Р.К., Нурдинов Б.Х. Интеграция науки, образования и бизнеса - новая парадигма формирования экономики инноваций в Республике Таджикистан//Экономика Таджикистана. - 2020. - № S4-1. - С. 25.

хусусии иқтисодиёт барои маблағгузории онҳо мебошад. Аммо бо мақсади таҳкими равандҳои интегратсионӣ дар низоми миллии инноватсионӣ, дар марҳалаи аввал бояд ба таъсис ва рушди паркҳои илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, зеро онҳо илмро ба истеҳсолот ворид мекунанд, ки дар натиҷа самаранокии истифодаи инноватсияҳо дар сатҳи микро меафзояд. Дар баробари ин, парки илмӣ метавонад дар як вақт бо як ё якчанд мактабу ташкилотҳои илмӣ ҳамкорӣ кунад, то ки натичаҳои кори худро дар амал татбиқ намояд.

Ҳамин тавр, моделсозии самтҳои афзлиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир нишон медиҳад, ки дар баробари дастовардҳои муҳим дар ин самт мушкилоти ҷиддие ҳам мавҷуд аст. Дар оянда мақомоти дахлдори давлатиро мебояд самтҳои афзалиятноки дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазирро мушаххас намоянд ва дар асоси барномаи ҳадафманди аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда фаъолияти худро боз ҳам такмил диҳанд. Роҳи расидан ба ҳадафҳои олии кишварамон ин рушди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир бо таваҷҷуҳ ба дастгирии самараноки самтҳои асоси инкишофи он дар партави ҳидоятҳои Сарвари хирадманди давлатамон – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

# БОБИ 5. ТАКМИЛДИҲИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ РАҚОБАТПАЗИРИ БОСУРЪАТ ДАР ТОҶИКИСТОН

## 5.1. Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда

Воридотивазкунӣ як раванди (сиёсати) ҳадафмандонаи коҳиши бозорҳои дохилӣ аз вобастагии молу хадамоти воридотӣ аст, ки ба таҳкими рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ нигаронида шудааст ва тавассути дастгирии давлатӣ ва такмили менеҷменти дохилӣ, рушди фаъолияти маркетингӣ ва густариши фаъолияти иқтисодии бурунмарзии ширкатҳо амалӣ карда мешавад. Дар шароити ноустувории равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи афзоиши ташаннуҷҳои геополитикӣ, мушкилоти технологӣ, тағйири занҷирҳои муқарраршудаи таъминот, тағйир додани шакли рафтори истеъмолкунандагон ва шаклҳои рақобат байни ширкатҳо ба вуҷуд омадаанд, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкории саноатии рақобатпазир яке аз масъалаҳои марказӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷиҳати ноил шудан ба ҳалли он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ нақши муҳим дорад.

Сиёсати воридотивазкуние, ки дар Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, соҳибкории саноатии рақобатпазирро ба навсозӣ ва аз нав муҷаҳҳазсозии техникии истеҳсолот, густариши фаъолияти инноватсионӣ, коркарди технологияҳои нав, васеъ намудани навъ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти истеҳсолшуда, ҳамчун омили асосии таъмини рақобатпазирӣ, водор месозад. Фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон дар шароити маҳдудиятҳои нақлиётӣ ва афзоиши фишори рақобат, аз як тараф ва зарурати рушди соҳаҳои воридотивазкунанда ва рушди фаъолияти инноватсионнӣ, аз тарафи дигар, такмили равишҳои идоракунии рақобатпазирии соҳибкории саноатиро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, «масъалаи идоракунии рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ, ҳам аз

нуқтаи назари илмӣ ва ҳам амалӣ, дар шароити нави иқтисодӣ, ки ҳадаф ва вазифаҳои сиёсати воридотивазкуниро муайян мекунанд, муҳим аст.

Мафҳуми «ивазкунии воридот» бори аввал дар солҳои 1960-ум аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) барои инъикоси мушкилоти мавҷуда дар кишварҳое, ки қаблан мустамлика буданд, инчунин, барои таърифи сиёсати иқтисодии кишварҳои рӯ ба инкишоф, истифода шуда буд. Ҳадафи ассосии тарғиби сиёсати воридотивазкунӣ – ҳимояи бозорҳои дохилӣ аз рақибони берунӣ тавассути эҷоди монеаҳои сунъӣ қаламдод мешуд»[133].

«Айни ҳол дар робита ба мазмун ва мавқеи истифодабари мафҳуми "воридотивазкунӣ" баҳсҳои илмӣ идома дорад. Як гурӯҳ воридотивазкуниро бо таваҷҷуҳ ба ташкили ҳатмии истеҳсоли молҳои рақобатпазир аз рӯйи таносуби нарху сифат дар дохили кишвар таъриф мекунанд»[134]. «Гурӯҳи дигар воридотивазкуниро раванди иқтисодие баррасӣ менамоянд, ки дар рафти он ба мустақилияти молӣ аз воридот (соҳибкории саноатии рақобатпазир) ва баланд бардоштани тамоюли содирот ноил гардидан мумкин мешавад»[135].

Ба андешаи муҳаққиқ А.В. Шахова, «ду равиши асосиро барои дарки категорияи иқтисодии «воридотвазкунӣ» ҷудо кардан мумкин аст:

1. Воридотивазкунӣ ҳамчун афзоиши истеҳсолот дар дохили кишвар (В.К. Фалтсман, Б.А.Райзберг, Л. Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева);

---

[133] Мансурова С.А. Систематизация подходов к понятию «импортозамещение» и его экономическая сущность // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. 2017. [Электронный ресурс] — Режим доступа URL: https:// cyberleninka.ru/article/n/sistematizatsiya-podhodov-k-ponyatiyu-importoza mescheniei-ego-ekonomicheskaya-suschnost (дата обращения: 20.10.2023).

[134] Оруч, Т. А. Методологические подходы к анализу экономической сущности импортозамещения, как фактора сокращения технологической и инновационной отсталости: региональный аспект / Т. А. Оруч). - Текст : электронный // Вестник Евразийской науки. - 2023. - Т 15. - № 2. - URL: https://esj. today/ PDF/ 21E CVN223.pdf (дата обращения: 29.04.2023).

[135] Дубровина, Т.А. Политика импортозамещения как инструмент повышения конкурентоспособности продовольственных промышленных предприятий [Текст] / Т.А. Дубровина // Белгородский экономический вестник. – 2016. – № 1 (81). – С. 22.

2.Воридотивазкунӣ ҳамчун коҳиши вобастагӣ аз истеҳсолкунандагони хориҷӣ (О.Б. Березинская, А.Л. Ведев, Е.В. Волкодавова, Е.Ф. Баранов, Л.Н. Азоев)[136].

Нуқтаи назари пажуҳишгарон О.В.Титова ва Н.А.Восконян низ хеле ҷолиб мебошад. Олимони мазкур воридотвиазкуниро чун раванд, сиёсат, маҷмуи чорабиниҳо, ҷараёни таҷдиди техникию технологӣ таъриф мекунанд, ки раванди табиии рушди иқтисодӣ, модернизатсия, рафъи қафомонии илмию техникӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро таъмин менамояд»[137].

Стратегияи иваз кардани воридот ва дастгирии содирот бо тарифҳои гумрукӣ яке аз муҳимтарин стратегияҳо дар шароити кунунӣ аст. Аксари кишварҳое, ки ин стратегияро истифода мебурданд, ба рушди саноати ватанӣ, коҳиши воридот, ташкили шуғли пурра ва дастгирии тиҷорати дохилӣ ноил шуданд.

Стратегияи воридотиазкунӣ ба фароҳам овардани захираҳо ва имкониятҳо барои ҷомеа, тавонмандсозии одамон, фароҳам овардани имкониятҳо ва шароити мусоид, таъмини амнияти шахсӣ ва иҷтимоӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкорон барои иштироки фаъол бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии ҷомеа, коҳиш додани камбизоатӣ, маҳрумият, бесаводӣ, рушди соҳибкорӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, барҳам додани бекорӣ нигаронида шудааст. Стратегияи ивазкунии воридот дар таҳкими мавқеи иқтисоди миллӣ дар тиҷорати байналмилалӣ нақши муҳим мебозад ва аз ҷониби ҳукумат барои рушди тиҷорати дохилӣ ҳамчун сиёсат истифода мешавад, ки дар он истеҳсолоти

---

[136] Шахова А.В. Фармацевтическая отрасль России на пути к импортозамещению // Ученые записки Санкт-Петербургского имени В.Б.Бобкова филиала Российской таможенной академии. 2016. № 1 (57). – С. 135.

[137] Титова О.В., Восканян Н.А. Импортозамещение: понятие, сущность, особенности // Инновационная экономика: перспективы развития и совершенствования. 2021. №7 (57). – С.108.

дохилӣ воридоти хориҷиро барои қонеъ кардани ниёзҳои аҳолӣ иваз мекунад.

Инчунин, дар бораи истифодаи стратегияи ивазкунии воридот изҳори интиқод карда мешавад. Коршиносони рушд бар ин назаранд, ки истифодаи ин стратегия наметавонад дар рушди иқтисодӣ ва тиҷоратӣ нақши муҳим бозад. Онҳо сабаби асосии рушди соҳаҳои истеъмолиро мебинанд ва бовар доранд, ки ин стратегия ба афзоиши саноати истеъмолӣ оварда мерасонад ва пасандозҳои кишварҳоро коҳиш медиҳад.

Сарфи назар аз танқидҳо дар бораи стратегияи ивазкунии воридот, он метавонад дар ҳар сурат барои кишварҳо манфиате дошта бошад. Стратегияи ивазкунии воридот меъёрҳои воридотро коҳиш медиҳад, содиротро афзоиш дода, тиҷорати хурду бузурги ватаниро тақвият мебахшад, захираҳои инсониро ҷалб мекунад ва ба иқтисоди миллӣ арзиши бештар меоварад. Таҷрибаи кишварҳое, ки ин стратегияро татбиқ кардаанд, нишон медиҳад, ки стратегияи ивазкунии воридот дар дастгирии тиҷорати дохилӣ нақши калидӣ бозидааст ва боиси афзоиш ва рушди содирот шудааст.

Дар маҷмуъ, ҳамаи таърифҳои пешниҳодшуда, ин ё он тарафи сиёсати воридотивазкуниро дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо таваҷҷуҳ ба вазъияти объекти омӯхташаванда инъикос мекунанд ва бешубҳа, аз мантиқи хос бархӯрдоранд. Дар робита ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо таваҷҷуҳ ба нақши соҳибкории саноатии рақобатпазир дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, метавон таърифи зерини сиёсати воридотивазкунандаро пешниҳод намуд: “Воридотивазкунӣ як раванди (сиёсати) ҳадафмандонаи коҳиши бозорҳои дохилӣ аз вобастагии молу хадамоти воридотӣ аст, ки ба таҳкими рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ нигаронида шудааст ва тавасути дастгирии давлатӣ ва такмили менеҷменти дохилӣ, рушди фаъолияти маркетингӣ ва густариши фаъолияти иқтисодии бурунмарзии ширкатҳо амалӣ карда мешавад”. Яъне воридотивазкунӣ як ҳадафи стратегӣ аст, дар дарозмуддат татбиқ мешавад

ва он тавассути дастгирии давлатии соҳибкорони ватан соҳибкории саноатии рақобатпазирии соҳаи саноат, истифода аз менеҷменти самараноки корхонаҳо, татбиқи принсипҳои пешқадами маркетингӣ ва густариши оқилонаи фаъолияти бурунмарзии иқтисодӣ имконпазир мегардад.

Дар ҳоли ҳозир Тоҷикистон умдатан барои рушди инфрасохтори худ кумакҳои беруна мегирад. Барои азнавсозии роҳҳо, сохтмони роҳҳои нави мошингард, роҳҳои оҳан, нақбҳо, пулҳо, хатҳои электрикӣ, инчунин, нерӯгоҳҳои барқи обии хурд, миёна ва калон маблағҳои калон сарф шуданд. Ҳоло таҳдидҳое, ки ба бунбасти коммуникатсионӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар дар фасли зимистон алоқамананданд, қариб бартараф шудааст, маҳдудияти таъмини неруи барқ комилан лағв шудааст ва таҳдидҳои марбут ба амнияти озуқаворӣи кишвар дигар ба мисли аввалҳои солҳои 2000-ум хатарнок нестанд. Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки Тоҷикистон бояд минбаъд низ ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди худ, пеш аз ҳама, бо дарназардошти афзоиши иқтидори содиротии худ дар асоси ҳамкории зич бо донорҳои байналмиллалӣ, ки қодир ба сармоягузорӣ ба рушди соҳибкории хурду миёна мебошанд, аҳаммияти ҷиддӣ диҳад»[138].

Ҳанӯз соли 2016 Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмии навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ қайд карда буданд: «…моро лозим аст, ки бо истифодаи васеъ аз технологияҳои муосир ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти ивазкунандаи воридотро зиѐд карда, талаботи бозорро бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ таъмин намоем ва ҷиҳати тақвияти иқтидори

---

[138]Ахмадбекова Н.М., Самадзода Ф.Х. Совершенствование институциональных основ стимулирования экспортной деятельности субъектов предпринимательства в регионе // АНИ: экономика и управление. 2020. №2 (31). URL: https:// cyberleninka. ru/ article/n/sovershenstvovanie-institutsionalnyh-osnov-stimulirovaniya-eksportnoy-deyate lnos ti-subektov-predprinimatelstva-v-regione (дата обращения: 27.11.2023).

содиротии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои зарурӣ андешем»[139].

Дар пайи ин дастури Президенти кишвар, «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №503 таҳия ва тасдиқ гардид. Дар ҷараёни татбиқи баромаи мазкур соҳибкорони саноатии кишвар ба як қатор дастовардҳои муҳим ноил гардиданд, ки имкон дод то андозае сатҳи вобастагии бозорҳои дохилӣ аз молҳои воридотӣ коҳиш дода шавад.

Татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ дар солҳои 2016–2020 ба рушди истеҳсолоти дохилии як қатор маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ таъсири мусбат расонид, вале аз рӯйи як қатор навъҳои молӣ дар бахши агросаноатӣ кишвари мо аз воридот вобаста боқӣ мемонад. Ҳоло ҳам вобастагии зиёд аз воридоти маҳсулоти саноати сабук, ки сатҳи сармояталабиашон поинтар аст, вуҷуд дорад. Мутаассифона, коҳиши назарраси вобастагӣ аз воридоти либос ва пойафзол мушоҳида намешавад. Вазъи мураккаб дар таъмини молҳои техникӣ ва технологияи баланд (мошину таҷҳизот) боқӣ мемонад. Ҳамин тариқ, сиёсати давлатии воридотивазкунӣ бояд бомаром идома дода шавад.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №169 қабул гардидааст, амал мекунад. Барномаи мазкур аз 6 боб ва зербобҳои алоҳида, инчунин, замимаҳо, ки фарогири таҳлили вазъияти кунунӣ ва иқтидори содиротии саноатии кишвар мебошад, иборат аст. Дар Барномаи мазкур самтҳои асосии дастгирии давлатии истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда ва содиротӣ тавсиф шудаанд, роҳҳои расидан ба ҳадафҳои Барнома,

[139] Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/10585 (таърихи муроҷиат: 21.11.2023).

сарчашмаҳои маблағгузорӣ, вазифаҳои мақомоти мухталифи танзими фаъолияти иқтисодии соҳибкорони кишвар ва амсоли он, шарҳ дода шудаанд[140]. Дар Барномаи мазкур ба таври возеҳу равшан қайд шудааст, ки «...дар марҳалаи аввал, бояд сиёсати воридотивазкунанда амалӣ гардида, корхонаҳои амалкунанда ва навтаъсиси ватание, ки молҳои онҳо асосан тавассути истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ дар занҷираи арзиши иловашуда иштирок менамоянд, дастгирӣ ёбанд. Дар ин маврид, пас аз ба даст овардани самараи воридотивазкунӣ ва ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватании рақобатпазир вобастагӣ аз молҳои хориҷӣ кам мегардад»[141].

Дар баробари ин, дар Барномаи номбурда як қатор омилҳое зикр шудаанд, ки ба ҳайси монеа дар самти дастгирии давлатӣ ва таъмини самаранокии он баромад мекунанд. Аз ҷумла қайд шудааст, ки «имкониятҳои дастгирии фаъолияти содиротӣ аз сарчашмаҳои буҷети давлатӣ асосан бо маҳдудиятҳои зерин дучор мешавад: – эҳтимолияти дар буҷети давлатӣ барои солҳои 2021–2025 ҷудо намудани захираҳои молиявӣ ҷиҳати маблағгузории татбиқи чорабиниҳои барномаҳои рушди содирот кам мебошад; бахши молиявии кишвар осебпазир буда, дорои иқтидори паст аст ва номутаносибии калон дар рушди ҷузъҳои он (бозори такрории коғазҳои қиматнок ва бозори суғурта) ба назар мерасад, ки татбиқи ислоҳоти ҳамаҷонибаро талаб менамояд; низоми нисбатан рушдёфтаи бонкӣ дар ҳолати барқароршавӣ пас аз буҳрони солҳои 2015–2016 қарор дошта, аз омилҳои беруна вобаста мебошад ва барои сармоягузорони хориҷӣ ҷолибияти паст дорад; ҷараёни интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ пас аз таъсири пандемияи коронавирус дар кишварҳои шарик кам гардида, ҳоло раванди барқароршавии ҳаҷми онҳо идома дорад; захираҳои пулии аҳолӣ дар шакли муомилоти нақдӣ берун аз бонкҳо гардиш намуда,

---

[140]Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 169). – Душанбе, 2021. – С.73.

[141] Ҳамон ҷо: - С.21.

ҷалби онҳо аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд самаранок ба роҳ монда нашудааст; мавҷудияти бақияи манфии тиҷорати хориҷӣ дар ҳолати коҳиш ёфтани сармоягузориҳои хориҷӣ, интиқоли маблағҳои муҳоҷирон, кам шудани даромади содиротӣ *(аз ҳисоби кам шудани талабот ва нархи молҳои содиротии ватанӣ)* норасоии пули дохилиро зиёд менамояд. Дар натиҷа, сатҳи таваррум ва қурби асъори хориҷӣ нисбати сомонӣ баланд мегардад»[142]. Ҳамин тавр, ин ва дигар монеаҳои мавҷуда, ки бештар хусусияти молиявӣ доранд, намегузоранд, ки давлат чораҳои гуногунро дар ин самт ба таври самаранок татбиқ намояд. Дар чунин шароит, албатта, роҳҳои алтернативии таҳкими сиёсати воридотивазкунандаро дар кишвар бояд ҷустуҷӯ кард. Яке аз ин роҳҳо, истифодаи самараноктар аз менеҷменти соҳибкории саноатии рақобатпазир, татбиқи усулҳои пешрафтаи маркетингӣ, такмили фаъолияти бурунмарзии иқтисодии корхонаҳо ва амсоли он ба шумор меравад.

Баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ шарти муҳими татбиқи бомуваффақонаи сиёсати воридотивазкунӣ мебошад. Мутобиқати сифати маҳсулоти ватанӣ бо маҳсулоти воридотӣ бартарии рақобатпазирии соҳибкории саноатии кишварро афзоиш медиҳад. Соҳибкории саноатии рақобатпазир бо доштани бартариҳои рақобатии худ, ки дар асоси татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ имконпазир мегардад, самаранокии татбиқи сиёсати воридотивазкуниро таъмин менамояд.

Хусусияти хосси сиёсати ҷории воридотивазкунӣ дар шароити муосир таҳкими омилҳое мебошад, ки рақобатпазирии соҳибкории саноатиро муайян мекунанд. Аз ҷумла:

– афзоиши рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ дар бозори дохилӣ дар асоси таҳкими мавқеи воридотивазкунию инноватсионии онҳо;

---

[142] Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 169). – Душанбе, 2021. – С.20-21.

– афзоиши ҷуғрофияи фурӯш ва коҳиш додани монеаҳо барои ворид шудани соҳибкорони саноатии рақобатпазир ба бозор.

Бо таваҷҷуҳ ба ин метавон самтҳои зерини татбиқи самаранокии сиёсати воридотивазкунандаро дар асоси таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ пешниҳод намуд.

1.Баланд бардоштани самаранокии идоракунии рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ дар асоси ба назар гирифтани шароити бозор, омӯзиши рафтори истеъмолкунандагон ба мо имкон медиҳад, ки талабот ба маҳсулотро пешгӯйӣ ва омилҳоеро муайян намоем, ки ба интихоби истеъмолкунандагон таъсири бештар доранд. Бо назорати ин омилҳо истеҳсолкунанда метавонад ҳаҷми истеҳсоли худро танзим карда, сифати маҳсулотро бо таваҷҷуҳ ба талаботи бозор беҳтар созад. Зиёда аз ин, муқоисаи сифати мол бо маҳсулоти воридотӣ аз вазифаҳои муҳимми бенчмаркинг шуморида мешавад. Он имкон медиҳад, ки ба ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда сари вақт тағйирот дароварда, ҳам дар бораи маҳсулот ва ҳам дар бораи корхона, симои мусбат ба вуҷуд оварда шавад.

Як нуқтаи муҳим ҳангоми арзёбии бозор омӯзиши хусусиятҳои зерини он мебошад: омӯзиши ассортимент; хусусиятҳои нархгузорӣ ба маҳсулоти омӯхташаванда; хизматрасонии пас аз фурӯш; таҳлили муҳлати хизмат ва кафолат. Ба назар гирифтани ин хусусиятҳо, ба рушди яке аз бартариҳо рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ, ҳамчун сифати баланди фарқкунандаи маҳсулоти ватанӣ, мусоидат мекунад.

2. Такмили раванди истеҳсолот дар робита ба ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои пешқадам дар самти соҳибкории саноатӣ. Тамоюлҳои ҳозираи тараққиёти ҷаҳонӣ аз таъсири бевоситаи пешрафти илму техника ба фаъолияти иқтисодии соҳибкории саноатӣ шаҳодат медиҳанд. Аз ин рӯ, такмили раванди истеҳсолот дар робита ба таҷдиди техника ва технологияи истеҳсолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирӣ дар шароити татбиқи сиёсати воридотивазкунандаи

соҳибкории саноатӣ мебошад. Таҷдиди таҷҳизоту технология асоси беҳтар кардани хусусиятҳои сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Ҳамин тариқ, нигоҳ доштани бартариҳои рақобатпазирии соҳибкории саноатие, ки ба воридотивазкунӣ нигаронида шудаанд, тавассути такмили сифати истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ имконпазир аст.

Соҳибкорони тоҷик техника ва технологияҳои навро асосан аз хориҷа ворид месозанд. Ҳамин тавр, онҳо аз ширкатҳои хориҷӣ вобастагӣ пайдо менамоянд. Ин ҳолат боиси душвориҳо дар раванди татбиқи сиёсати воридотивазкунандаи соҳибкории саноатӣ мегардад. Соҳибкории саноатӣ барои татбиқи самаранокии сиёсати воридотивазкунанда бояд аз рақибони хориҷӣ дар таҷдиди техника ва технологияҳои истеҳсолӣ қофо намонад.

Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир модернизатсияи технологӣ ва сармоягузории зиёдро талаб мекунад. Ба ин муносибат давлат як қатор тадбирҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатиро метавонад таҳия намояд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда нигаронида шудаанд. Мақсади сиёсати давлатӣ дар самти рушди соҳибкории саноатӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот нигаронида шудааст, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо мебошад. Самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатӣ дар ин замина инҳоянд:

– мусоидат ба корҳои илмию таҳқиқотӣ ва дастгирии татбиқи лоиҳаҳои марбут ба ҷорӣ намудани маҳсулоти хусусияти инноватсионӣ дошта, истифодаи технологияҳои каммасраф, навсозии равандҳои истеҳсолот дар самти соҳибкории саноатӣ;

– дастгирии ҳамаҷонибаи истеҳсолоти содиротии соҳибкории саноатии рақобатпазири ватанӣ;

– инкишоф додани системаи таълими касбӣ–техникӣ, омода кардани кадрҳои соҳибтахассуси соҳаи саноат;

– ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла, дар фаъолияти бунёдии корхонаҳои соҳибкории саноатӣ;

– баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ ва андозӣ, такмил додани механизмҳои субсидия;

– танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ бо дарназардошти талаботи татбиқи барномаҳои миллӣ ва минтақавии воридотивазкунӣ дар самти соҳибкории саноатӣ;

- танзими тарифии гумрукӣ ва фискалӣ, пурзӯр намудани вазифаҳои тақсимотӣ ва ҷубронии андозбандӣ;

– дастгирии давлатии лоиҳаҳои интиқоли технологияҳои пешрафтаи хориҷӣ, ба даст овардани хатҳои муосири истеҳсолӣ, ки метавонанд рақобатпазирии соҳибкории саноатии воридотивазкунандаро бо истифода аз ашёи хоми ватанӣ ба таври назаррас баланд бардоранд.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 70 корхонаҳои саноатии рақобатпазирро ном бурдан мумкин аст, ки ба фаъолияти воридотивазкунанда машғул мебошанд. Дар байни онҳо ҶДММ КМ ТТ «Тоҷпроф», МОИ «Суғд», Корхонаи истеҳсоли қубурҳои шишапластикӣ дар шаҳри Душанбе, ҶДММ «Композит-Т», ҶДММ «ТАЛКО Кемикал» дар ноҳияи Ёвон, Корхонаи заргарии «Зари Суғд» дар шаҳри Бӯстон, ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, ҶСП «Мармари Саразм» шаҳри Панҷакент, ҶДММ «Восеъ саноат»-и ноҳияи Восеъ, ҶДММ «Бохтар шифер»-и шаҳри Бохтар, ҶДММ «Нидои Кӯлоб»-и шаҳри Кӯлоб (собиқ ҶДММ «Пойафзоли Кӯлоб»), ҶДММ «Нассоҷии Хуҷанд»-и шаҳри Хуҷанд, ҶДММ «Фарм Текс»-и ноҳияи Данғара, Корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан ва машруботии «Сиёма»-и ҶДММ «Авесто Гурӯҳ»-и шаҳри Душанбе, ҶДММ КМ «Зарафшон»-и шаҳри Панҷакент ва ғайраро метавон махсус зикр кард, ки дар самти саноати мудофиа ва химия, саноати масолеҳи сохтмонӣ, саноати хуроквopӣ, саноати сабук ва пилла истеҳсолоти воридотивазкунандаро ба роҳ мондаанд.

Идомаи фаъолияти самараноки ин ва дигар ширкатҳои ватанӣ дар фазои озоди рақобатӣ аз дастгирии давлатӣ, такмили менеҷменти дохилии худи ин ширкатҳо вобаста мебошад.

Дар умум, механизми амалии татбиқи самараноки фаъолияти воридотивазкунандаро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба таври зерин тасаввур кард (расми 5.1.1).

Дар тафсири расми 5.1.1 ҳаминро бояд иброз дошт, ки дар ҳама барномаву стратегияҳо ва консепсияҳои давлатӣ, ки дар ин ё он бахш таҳия мешаванд, бояд таъмини самаранокии фаъолияти воридотивазкунандаи соҳибкории саноатӣ ба сифати масъалаи калидӣ шинохта шавад.




**Расми 5.1.1 Механизми амалии таъмини самаранокии фаъолияти воридотивазкунанда***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Бояд ба назар гирифт, ки вобастагии соҳибкории саноатӣ аз воридоти қисмҳои эҳтиётӣ, технологияҳо, сӯзишворӣ, ашёи хом ва амсоли он ба рушди иқтисодии онҳо халали ҷиддӣ ворид месозад. Манъи куллии воридот ба боздоштан ва таъхири иҷрои барномаҳои рушди соҳибкории саноатӣ оварда мерасонад. Гирифтани пеши роҳи воридот таҳдидест ба лоиҳаҳои бузурги сармоягузории соҳибкории саноатии минтақавӣ. Ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ тавассути соҳибкории саноатии рақобатпазир яке аз ҳадафҳои муҳими ҳукумату давлат ба ҳисоб рафта, дар сурати таваҷҷуҳ ва дастгирӣ наёфтани онҳо таъминот ба воситаи шабакаҳои анъанавии молҳои хориҷӣ аз тариқи дигар роҳу воситаҳо бо дахолати мақомоти даҳлдори кишвар, бахусус соҳаи гумрук, ғайриқонунӣ ба кишвар ворид мешаванд.

Вазифаи муҳим дар самти воридотивазкунӣ баланд бардоштани самаранокии равандҳои сафарбаркунӣ, тақсим ва азнавтақсимкунии фондҳои миллии захираҳои сармоягузорӣ, захираҳои инсонӣ тавассути банақшагирии рушди соҳибкории саноатӣ ба кор андохтани иқтидорҳои воридотивазкунанда мебошад. Дар байни шартҳои татбиқи сиёсати давлатии воридотивазкунӣ рушди низоми молиявӣ, тиҷоратӣ, иттилоотию машваратӣ, таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, инчунин, инфрасохтори нақлиётӣ барои рушди соҳибкории саноатӣ бояд махсус қайд карда шавад.

Як шарти муҳими татбиқи самараноки сиёсати воридотивазкунандаи рушди шарикии стратегӣ бо ширкатҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки аз низоми пешрафтаи фаъолияти бурунмарзии соҳибкории саноатӣ шаҳодат медиҳад. Бояд соҳибкорони саноатии ватанӣ аз муборизаи рақобатӣ ба ҳамкории рақобатӣ рӯй оваранд. Танҳо дар сурати ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ширкатҳои хориҷӣ сиёсати воридотивазкунандаро дар самти соҳибкории саноатӣ густариш додан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ ба назар гирифтани равиши системавии таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба таҳкими сиёсати воридотивазкунанда аз

афзалиятҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бо вуҷуди андешидани чораҳои муассир ва дар амал татбиқ намудани барномаҳои давлатии мусоидат ба фаъолияти воридотивазкунии соҳибкории саноатӣ, то ҳол мушкилоти зиёд дар ин самт боқӣ мемонад. Дар амал иҷро намудани пешниҳоду тавсияҳои зимни таҳқиқот муайяншуда, метавонад самаранокии сиёсати соҳибкории саноатиро ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда дар бахши рақобатпазирӣ густариш диҳад.

Бояд таъкид кард, ки таъсири стратегияҳои рушд ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба инкишоф яке аз мавзӯъҳои асосии адабиёти иқтисодӣ мебошад. Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, аксари кишварҳои рӯ ба инкишоф ивазкунии воридотро ҳамчун стратегияи бартаридошта интихоб карданд. Аммо то ҳол стратегияи ивазкунии воридот, сабабҳои қабули он ва таъсири он ба тамоми бахшҳои иқтисодиёт яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар фазои илмӣ боқӣ мемонад. Бо дарназардошти рушди иқтисодии солҳои соҳибистиқлолӣ ва нокомиҳои нисбӣ дар таъмини тавозуни мусбати тиҷорати хориҷӣ, инчунин, ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои миллии ба нақша гирифташуда, арзёбӣ, шарҳ ва самаранокии стратегияи ивазкунии воридот аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Бо ин мақсад, сиёсат ва амалҳои ҳукумат ва бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар аз нуқтаи назари таърихӣ таҳлил карда шуда ва барои бунёди шароити мусоид ҷиҳати татбиқи стратегияи иваз кардани воридот кӯшишҳо ба харҷ бояд дода шавад. Сохтори иқтисодӣ, таъсири бухронҳоии иқтисодӣ, лоиҳаҳои қонунҳо ва барномаҳои рушд, монополия дар бозори дохилӣ, дараҷаи рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва амсоли он аз омилҳои муҳими таъсиррасон ба сиёсати воридотивазкунанда будаанд ва боқӣ мемонанд. Ҳама якҷоя ва дар пайдарпайии таърихӣ ва объективӣ сабабҳо ва натиҷаҳои сиёсати воридотивазкуниро шарҳ медиҳанд.

## 5.2. Дастгирии давлатии рушди соҳибкории франчайзенгӣ дар саноати рақобатпазир

Дар айни замон рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаест, ки бояд барои таҳкими иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ва баланд бардоштани некуаҳволии ҷомеа ҳаллу фасл карда шавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол чандин санадҳои барномавӣ ва стратегияҳои соҳавиро ҷиҳати тақвияти фаъолияти соҳибкории саноатӣ мавриди татбиқ қарор додааст, ки ҳар яке дар самтҳои гуногун дорои аҳаммияти ба худ хос мебошанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз паҳлуҳои мухталифи мусоидат ба рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар кишвари мо ба таври комил ва пурра омӯхта нашудаанд ва дар ин замина, пажуҳишҳо бояд идома дода шаванд.

Зуҳуроти асосие, ки тартиби технологӣ дар худ доранд, бештар бо чунин тавсифҳое инъикос карда мешаванд, ки иборат аз пайдо гардидани воситаҳои навини ба баланд гардидани ташкили самаранокии истеҳсолот мусоидкунанда ва пайдо гардидани модели нави мукаммали сохтори идоракунӣ ва ташкилдиҳии соҳибкории саноатӣ мебошанд. Ғайр аз ин, тавассути тағйир додани тахассусияти қувваи корӣ талабот нисбат ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшаванда кам мегардад ва инчунин, омили нави асосии инноватсияҳои технологӣ ба вуҷуд омада, ивазшавии бахшҳои ба омилҳои калидии инноватсияҳои технологӣ алоқаманд ба таври мустақим ва ғайримустақим ба миён меоянд ва дар натиҷа, ба шиддат гирифтани сармоягузориҳои соҳибкории саноатӣ мусоидат хоҳанд кард. Ҳамчунин ҳамҷояшавии географии ҷараёнҳои сармоягузориҳои муштарак дар самти соҳибкории саноатӣ ба миён омада, дар сохтори истеъмолот тағйирот ба амал меоянд, ки ба рушди босуръати бахшҳое меоварад, ки ба омилҳо ва тартиботи технологӣ муносибат доранд. Инчунин, дар ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноатии самтҳои ба беҳтар гардонидани равандҳои истеҳсолӣ мароқдошта ба вуҷуд омада, соҳаҳои нави таҷаммуи корхонаҳое пайдо

мешаванд, ки бо татбиқ намудани тартибҳои технологӣ пешсафиро касб хоҳанд кард.

Ҳамин тавр тағйироти технологию саноатие, ки дар асрҳои XX ва XXI ба вуҷуд омадаанд, бо ду раванди ба ҳам алоқаманд бархӯрд доранд, ки яке зуд фарсуда шудани технологияҳо ва дигаре бошад, танг гаштани мавқеи технологияҳои дуюмдараҷа ва фарсудашудаи аз марказҳо дур ҷойгиршуда, ки дар онҳо ҳам музди меҳнати кормандон кам буда, ҳам захираҳои табиияшон камарзиш мебошанд.

Дар раванди рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар маҷмуъ, ба таври доимӣ иваз (нав) шуда меистанд ва дар вобастагии функсионалӣ мавқеъгирӣ менамоянд. Барои ҳамин ҳам, бо рушд ёфтани техникаву технологияҳои муосир натанҳо сатҳи воситаҳои истеҳсолӣ, яъне техника ва технологияҳо иваз мешаванд, балки қувваи корӣ низ бояд тағйир ёбад. Гап дар бораи он аст, ки захираҳои корӣ бояд бархӯрдори маҷмуи донишҳову маҳорату малака ва таҷрибаҳое бошанд, ки ба талаботи усулҳои навини техникию технологии истеҳсолот ҷавобгӯй ҳастанд. Ҳамзамон, рушд кардани қувваи корӣ (аз лиҳози донишу маҳорат ва малакаи касбӣ) ба пайдо гардидани касбҳои наве мусоидат хоҳад кард, ки ба равандҳои технологии навини истеҳсолӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир мутобиқ хоҳад буд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкориро дар моддаи 18 ба таври зерин муайян намудааст:

– «такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ;

– имконияти озодона амалӣ намудани ҳамаи намудҳои соҳибкорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;

–ташкили марказҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ, бизнес–инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигар шаклҳои инфрасохтори соҳибкорӣ;

–таъмини методию таълимӣ, илмию методӣ ва иттилоотии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ;

–ташкили фаъолияти шуроҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ»[143].

Ҳамчунин, олимони ватанӣ Ф.А. Ҷабборов ва Б.Ш. Тағоев бар ин назаранд: «Дар намуди ҷамъбастгардидаи вазифаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ инҳо маҳсуб меёбанд:

–таҳия ва қабули санадҳои қонунгузорие, ки асосҳои ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкоронро таъмин менамоянд;

–фароҳам овардани шароити мусоид барои бавуҷудоии муҳити маъмулии рақобатӣ, ҳаракати озоди қувваи корӣ ва молҳо дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, назорат аз болои риояи қоидаҳои рақобат;

– риояи меъёрҳои қонунгузории меҳнат, ба танзимдарории кирояи хусусӣ ва тартиби пардохти меҳнат аз тарафи сохторҳои соҳибкорӣ»[144].

Аз ин лиҳоз, муҳаққиқон ва коршиносони соҳаро мебояд пайваста ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои соҳибкории саноатӣ ва таъмини ёрии методию таълимӣ, илмию методӣ ва иттилоотии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҷидду ҷаҳд намоянд ва андешаҳои тоза ва муфиди худро дар ин самт пешниҳод кунанд.

Яке аз самтҳои муҳимми дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ, махсусан, дар бахши саноати истеҳсолӣ, рушди соҳибории франчайзингӣ аст, ки ҳануз дар қонунгузории кишвар ба таври шоиста таҷассум наёфтааст. Ин шакли соҳибкорӣ худ як ниёзи воқеӣ аст ва он дар кишвари мо дар ҳоли рушду инкишоф аст, вале, сарфи назар аз дастовардҳои

---

[143] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 2, мод. 404; с. 2015, №3, мод. 216; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1436; аз 02.01.2020 с., №1684).

[144] Ҷабборов Ф.А., Тагаев Б.Ш. Самтҳои асосии мукаммалсозии механизми дастгирии давлатии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2019. – № 1-4-2 (68). – С. 88.

соҳибкории франчайзингӣ, ки дар афзоиши устувори шумораи субъектҳои франчайзинг, афзоиши гардиши бозори франчайзинг ва шуғл дар шабакаҳои франчайзинг ифода ёфтааст, як қатор мушкилоти назариявӣ, ҳуқуқӣ, методологӣ ва амалӣ мавҷуданд, ки ба инкишофи он монеъ шудаанд. Пеш аз ҳама, ин номуайянии истилоҳот (дар қонунгузорӣ мафҳуми ҳуқуқии «франчайзинг», «франшиза» вуҷуд надорад; ба ҷойи он мафҳуми «консессияи тиҷоратӣ» истифода мешавад), инчунин, нодурустӣ ва нокифоя будани истилоҳот дар меъёрҳои ҳуқуқии ватанӣ доир ба франчайзинг мебошад, ки боиси шаффофияти нокифояи иттилоотӣ ва эътимоднокии омор дар бозори франчайзинг, паҳншавии франчайзингҳои бардурӯғ ва схемаҳои қаллобӣ мегардад.

Ҳуқуқшиноси тоҷик Н.А.Табаров қайд менамояд: «Чунин ба назар мерасад, ки ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Кодекси шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияи тиҷоратӣ (франчайзинг)» ба наздикшавии меъёрҳои ҳуқуқи граждании қонунгузории ҷумҳурӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад, барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон ва густариши васеи консессияҳои тиҷоратӣ (франчайзинг) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити беҳтарин фароҳам меорад»[145].

Барои таъмини рушди устувори соҳибкории саноатии рақобатпазир дар бахши тиҷорати хурду миёна дар асоси франчайзинг, таҳлили роҳҳои мутобиқсозӣ ва табдил додани унсурҳои модели франчайзинг ба воқеияти нав ва таҳияи нақшаи консептуалии рушди устувори он зарур аст. Франчайзингро дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун имкони ҳалли мушкилоти мавҷуда дар заминаи ташкили ҳамкории самараноки байни ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои франчайзингӣ, як самти муҳимми ноил

---

[145]Табаров Н.А. К вопросу о соотношении франчайзинга и коммерческой концессии//Законодательство. – 2017. – № 4 (28). – С. 64.

шудан ба ҳадафҳои стратегии рушд шинохтан, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Франчайзинг ҳамчун як шакли ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир аз Британияи асримиёнагӣ сарчашма мегирад, ки дар он ҷо подшоҳ ба зердастон ҳуқуқи гирифтани андозро медод ва ҳамчун пардохти хизмат як қисми он чизеро, ки ҷамъоварӣ мешуд, ба онҳо боқӣ мегузошт. Хамчунин, ҳуқуқи гузаронидани ярмаркаҳо, ташкили бозорҳо, хуқуқи шикор кардан, сохтан ва истифода бурдани роҳҳоро харидан мумкин буд. Намунаи аввалини франчайзингро дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико метавон дар мавриди ба таври қонунӣ додани ҳуқуқ ба тиҷорати хусусӣ дар соҳаҳо, ба монанди роҳи оҳан ва бонкҳо баррасӣ кард. Дар баробари ин, ба онҳое, ки хизмати заруриро ба ҷо оварда метавонанд, имтиёзҳои муайян дода шуданд. Масалан, додани хуқуқи истифодабарии замин ба шахсе, ки барои артиш маҳсулот таъмин мекунад, ё ба шахси муайян додани ваколат барои ситонидани андоз аз номи давлат. Ҳамин тариқ, тиҷорати хусусӣ имкон дод, ки соҳибкории саноатии рақобатпазир дар соҳаҳои гуногуни нисбатан зуд ва самаранок бидуни ҷалби маблағҳои давлатӣ инкишоф дода шаванд. Тадриҷан франчайзинг дар тамоми бахшҳои иқтисод босуръат рушд мекунад.

Дар айни замон модели франчайзинг яке аз стратегияҳои муваффақи рушди фаъолияти ширкат мебошад. Истилоҳи «франчайзинг» аз калимаи фаронсавии «franchise» гирифта шуда, маънояш «фоида, имтиёз, озодкунӣ аз андоз» мебошад. Минбаъд аз ин калима барои ифодаи мафҳумҳое, ки бо падидаи нави фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир алоқаманданд, истилоҳот сохта шудаанд. Ҳоло шумораи зиёди асарҳои муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ ба таърифи франчайзинг бахшида шудаанд.

Ассотсиатсияи Байналмилалии Франчайзинг (IFA) франчайзингро ҳамчун як шакли ҳамкориҳои дарозмуддати тиҷоратӣ муайян мекунад, ки дар он ширкати франчайзер, соҳиби бренди қавӣ ва модели тиҷоратӣ ба франчайзӣ барои истеҳсоли маҳсулот, тиҷорати мол ё хизмат иҷозатнома

(франчайзинг) медиҳад, то таҳти бренди франчайзер дар ҳудуди маҳдуд, дар муҳлат ва шартҳои дар шартномаи франчайзинг пешбинишуда фаъолияти худро оғоз намояд. Франчайзер франчайзиҳоро дастгирӣ меркунад ва риояи стандартҳои тиҷоратиро назорат менамояд. «Франчайзинг ба франчайзи ҳаққи яквақтаи ибтидоӣ ва ҳаққи доимӣ (роялти) барои истифодаи бренди франчайзер ва амалияҳои амалиётиро пардохт мекунад ва барои идоракунӣ ва натиҷаҳои тиҷорати он масъул аст»[146].

Ассотсиатсияи франчайзинги Британия франчайзингро ҳамчун шартномаи франчайзер барои додани литсензия муайян мекунад, ки ба франчайзер ҳуқуқ медиҳад, ки тибқи модели собитшудаи тиҷоратӣ таҳти бренди худи франчайзер тиҷорат кунад. Мутобиқи шартнома, франчайзи барои таъсис ва пешбурди тиҷорат дастгирӣ мешавад»[147].

Ассотсиатсияи франчайзинги Россия (АФР) таърифи комилтареро пешниҳод менамояд: «Франчайзинг–системаи ташкили муносибатҳои тиҷоратӣ ва ҳамкорӣ байни ширкатҳои мустақил ва ё шахсони воқеӣ мебошад, ки дар доираи он яке аз тарафҳо (франчайзи) аз дигар (франчайзер) иҷозати расмӣ барои истифодаи тамғаи молӣ, сабки корӣ, бренд, ноу-хау ва модели тайёри тиҷорӣ ба ивази маблағи муайян, ки дар шартномаи дахлдор муайян шудааст, мегирад. Франчайзер ба франчайзи омӯзиш ва дастгирии зарурӣ мерасонад, дар ҳоле ки ҳуқуқи назорат ба фаъолияти соҳибкории худро нигоҳ медорад»[148].

Албатта, аз тарафи муҳаққиқони алоҳида низ таърифҳои ба ин монанд хеле зиёд пешниҳод шудаанд. Нуктаи муҳим ин аст, ки дар аксари таърифҳо франчайзӣ як субъекти ғайрифаъол ва тобеъ маънидод мешавад.

---

146URL: https://www.franchise.org/faqs/basics/what-is-a-franchise (Таърихи муроҷиъат: 14.12.2023).

147URL: https://www.thebfa.org/about-us/industry-research/ (Таърихи муроҷиъат: 14.12.2023).

148URL: https://www.rusfranch.ru/franchisees/chto_takoe_franchayzing/ (Таърихи муроҷиъат: 16.12.2023).

Аммо солҳои охир бо таваҷҷуҳ ба рушди фановариҳои ҷадид, махсусан, фановариҳои рақамӣ, моҳияти франчайзинг каме ба тavри дигар низ таъриф мешавад. Чунончи, олими рус М.С. Шахова таърифи зеринро пешниҳод менамояд: «Франчайзинг тарзи ташкил ва пешбурди тиҷоратро дар назар дорад, ки ба шарикии мутақобилан судманд, ки байни франчайзер ва франчайзи ҳангоми мубодилаи моликияти зеҳнии франчайзер ба вуҷуд меоянд, асос ёфтааст. Дар асоси созишномаи байни тарафхо франчайзер ба франчайзи (ширкат ё соҳибкори инфиродӣ) бар ивази маблағи муайян ҳуқуқи истифодаи моликияти зеҳнии худро (тамғаи тиҷоратӣ, сабк, технология, ноу-хау ва ғайраро) медиҳад. Ҳамзамон, франчайзер уҳдадор мешавад, ки дар таъсиси соҳибкорӣ кумак, ёрии техникӣ ва машваратӣ расонад.

Франчайзӣ барои истифодаи ҳуқуқҳои истисноии франчайзер дар фаъолияти соҳибкорӣ маблағи муайян пардохт мекунад»[149]. Нуктаи фарқкунандаи ин таъриф аз таърифҳои дигар ба назар гирифтани «шарикии мутақобилан судманд» аст.

Яъне франчайзер ва франчайзи аз ин ҳамкорӣ манфиат мебинанд. Илова бар ин, франчайзи метавонад дар идомаи фаъолияти худ ноу-хау биёфарад ва онро ба франчайзер интиқол диҳад.

Таснифи (гурӯҳбандии) маъмултарини франшизаҳо аз рӯйи мундариҷа мебошад. «Мувофиқи он чор намуди франшизаҳо ҷудо мешаванд»[150]:

- франшизаи молӣ (ҳуқуқи фурӯши молро медиҳад);

- франшизаи истеҳсолӣ (ҳуқуқи истеҳсоли маҳсулоти нодирро фароҳам меорад);

---

[149] Шахова, М. С. Франчайзинг в России: новая экономическая реальность / М. С. Шахова. - // Вестник Московского университета. Серия 6: Экономика. - 2021. - № 3. - С. 142.

[150] Nyadzyao, M. W., Matanda M. J., Rajaguru R. The determinants of franchise brand loyalty in B2B markets: An emerging market perspective / M. W. Nyadzyao, M. J. Matanda, R. Rajaguru // Journal of Business Research. – 2017. – Vol. 286. – P.435-445.

- франшизаи хидматрасонӣ (ҳуқуқи пешниҳоди хидматҳоро медиҳад);

- франшизаи шакли тиҷоратӣ (ҳуқуқи истифодаи бренд ва системаи амалиётии ширкатро барои пешбурди тиҷорат таъмин мекунад).

Ин таснифоти франчайзинг тақсимоти франчайзингро ба истеҳсолот, мол, хизматрасонӣ, тиҷорат инъикос менамояд, ки гузинаи мураккаби муносибатҳои франчайзингро ифода мекунад.

«Гузинаҳои дигари ин гурӯҳбандӣ низ мавҷуд аст. Иқтисоддонҳои ғарбӣ, чун қоида, франчайзингро ба се навъ тақсим мекунанд: истеҳсолӣ, молӣ ва тиҷоратӣ»[151]. Ғайр аз ин, франчайзинги истеҳсолӣ ва молӣ аксар вақт дар як намуд–»маҳсулотӣ» муттаҳид карда мешавад. «Як қатор муҳаққиқони рус низ ба гурӯҳбандии се навъи франшиза майл доранд»[152].

– франчайзинг барои фурӯши маҳсулоти тайёр (франчайзинги молӣ ё франчайзинги маҳсулот);

– франчайзинг барои истеҳсоли маҳсулот (франчайзинги истеҳсолӣ ё франчайзинги саноатӣ);

– франчайзинг барои як навъи мушаххаси фаъолият (франчайзинги хидматӣ ё тиҷоратӣ).

Франчайзи маҳсулот одатан, аз ҷониби соҳибкории саноатии рақобатпазире таъсис дода мешавад, ки маҳсулоти тайёр ё нимтайёрро ба франчайзи худ бо шарти тақсимоти минбаъда дар қаламрави ба таври қатъӣ муайяншуда ба шарики мушаххаси шабакавӣ мефурӯшад. Франчайзӣ ба харидорони маҳсулоти франчайзер пеш аз фурӯш ва пас аз фурӯш хизмат мерасонад ва аз фурӯши маҳсулоти рақибон худдорӣ меварзад. Хариди франшизаи маҳсулот аз ширкати асосӣ гирифтани ҳуқуқи фурӯши маҳсулоти худро таҳти тамғаи молии худ дар бар мегирад. Шарти асосии

[151] Скотт А. Шейн. От мороженого к интернету: Франчайзинг как инструмент развития и повышения прибыльности вашей компании / пер. с англ.; под науч. ред. Е. Е. Козлова. – Днепропетровск: Баланс Бизнес Букс. – 2006. – С.16.

[152] Мамедов Э.Э. Теоретические аспекты франчайзинга: определение и сущность франчайзинга//Теория и практика современной науки. – 2016. – № 6-2 (12). – С. 575.

ин муомила аз он иборат аст, ки франчайзӣ уҳдадор мешавад, ки маҳсулотро танҳо аз франчайзер харидорӣ намояд ва аз фурӯши маҳсулоти шабеҳи дигар ширкатҳое, ки метавонанд рақобат кунанд, комилан даст кашад. Ба ғайр аз талаби франчайзер дар бораи кор кардан бо номгӯйи маҳсулоти он, чун қоида, барои ташкили тиҷорат дигар талаботи қатъӣ вучуд надорад. Франчайзиҳо тавсияҳои умумиро доир ба тарроҳии мағозаҳо, таблиғи беруна ва намоиши маҳсулот мегиранд. Дар ин маврид франчайзер метавонад истеҳсолкунандаи маҳсулоти нафтӣ, либос, пойафзол, бозичаҳо, нӯшокиҳои спиртӣ ва дигар маҳсулот бошад.

Франчайзинги истеҳсолӣ интиқоли ҳуқуқи истеҳсолиро ба франчайзи дар бар мегирад ва аз ин рӯ, муносибатҳои онҳо доир ба патентҳо, ноу-хауҳои техникӣ ва тамғаҳои молӣ асос меёбанд. Дар ин ҳолат ширкате, ки сирри истеҳсоли ашёи хом ва технологияи патентии истеҳсоли маҳсулоти тайёрро дорад, ба истеҳсолкунандаи ниҳоӣ ашёи хом медиҳад ва ҳуқуқи истифодаи ин технологияро вогузор мекунад. Чунин франшиза имкон медиҳад, ки истеҳсоли як навъи муайяни маҳсулот самаранок ташкил карда шавад, инчунин, соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок ҷойгир шавад. Франчайзер метавонад ё истеҳсолкунандаи ашёи хом ё истеҳсолкунандаи маҳсулоти тайёр, инчунин дорандаи ҳуқуқи патент ва ноу-хау бошад, ки бевосита дар истеҳсолот иштирок намекунад. Франчайзи таҳти тамғаи франчайзер фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва савдоро анҷом дода, ҳамон як раванди технологӣ ва талаботи сифатро иҷро мекунад.

Франчайзинги истеҳсолӣ бо шартномаи литсензионӣ шабоҳатҳои зиёд дорад, аммо бо ин маҳдуд намешавад. Дар ин маврид франчайзи дар муносибат бо истеъмолкунандагоне, ки бо номи тиҷорати ё тамғаи молии франчайзер кор мекунад, алоқаманд буда, ҳамчун намояндаи мол ва ё хизматрасониаш баромад мекунад. Ин навъи франшиза бештар дар саноати нӯшокиҳои спиртӣ паҳн шудааст. Ширкатҳои “Coca-Cola” ва “Pepsi” тақрибан як аср аст, ки ба корхонаҳои нӯшокибарор иҷозатнома

медиҳанд, ки консентрат харанд, аз он нӯшокии газдор тайёр кунанд, онро шишабандӣ мекунанд ва мефурӯшанд. Ҳамин тариқ, системаи франчайзинги соҳибкории саноатӣ ба ин ширкатҳо имкон дод, ки бо роҳи хеле кам кардани арзиши маҳсулот бартарии рақобатпазириро ба даст оранд.

Дар бахши хизматрасонӣ франшизаҳои хизматрасонӣ таъсис дода мешаванд. Ба франчайзи ҳуқуқ дода мешавад, ки бо истифода аз тамғаи хидматрасонии франчайзер ва мутобиқи технологияи он ба намуди муайяни фаъолияти хидматрасонӣ машғул шавад, дар ҳоле ки пешбурди тиҷорат аз ҷониби франчайзер таҳти назорати қатъӣ қарор мегирад. Таваҷҷуҳи асосии франшизаи хидматрасонӣ аз он иборат аст, ки сатҳи баланди хидматрасонӣ ба мизоҷон таъмин карда шавад. Умуман, франчайзингҳои хизматрасонӣ омезиши ду навъи франчайзингҳо дар бахши хизматрасонии дар боло тавсифшуда мебошанд: франчайзер технологияҳоро барои пешниҳоди (истеҳсоли) хадамот, ҳуқуқи истифодаи бренд интиқол медиҳад ва инчунин, метавонад франчайзиро барои харидани ашёи хом вазифадор кунад.

Ташкили бизнеси франчайзи хизматӣ дар тамоми ҷаҳон хеле паҳн шудааст. Дар бозори кишварҳои гуногун (аз ҷумла Тоҷикистон) франчайзингҳои хизматрасонӣ дар хӯроки умумӣ (PizzaHut, Doubleby, Cinnabon, Rake, Coffeeshop company, Yakitoria, IlPatio, Shvili, Dodo Pizza, Mu -Mu, «Cofix», «Shokoladnitsa», «Menza», «Бургер клуб»), косметология ва ороиш (Topgun Barbershop», «Пilки», «Персона», «Babor», «Студия маникюра Лены Лениной», «Пальчики», «Nail Sunny», «Sahar@Vosk») , тиб («INVITRO», «Hemotest», «See More», «Helix», «Open Clinic», «CMD», «KDL»), бизнеси сайёҳӣ («Solntsetour», «Coral Travel», «1001tour», «Роза Ветров»), хизматрасонии автомобилӣ («Вилгуд», «Алтернатива», «Фит Сервис»), тозакунӣ («Эксперт», «Капля», «Prachka.com»), хизматрасонии таълимӣ барои кӯдакон ва калонсолон («Алгоритмика» «Kroshka Ru», «Englishwoman», «Sun School», «EI children», «Alibra School», «SAPSAN»,

«SmartSkul», «Babyclub») ва бисёр дигар соҳаҳо ба таври фаъол ҳузур доранд.

«Мисоли мушаххаси фаъолияти низоми франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти меҳмонхонаҳои боҳашамату замонавӣ дар шаҳри Душанбе, ба монанди «Hilton», «Serena» ва «Hayat» мебошад, ки фаъолияти худро пурсамар ба роҳ монда, тайи ин солҳо тавонистанд дар шароити пуртазоди иқтисоди бозорӣ рақобатпазир бошанд», -қайд менамояд, – пажуҳишгар Н.О. Дӯстова. «Тибқи мушоҳидаҳои мо, дар меҳмонхонаҳои мазкур шароити зарурии будубош барои меҳмонони дохилӣ ва хориҷӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавбгӯй буда, сатҳу сифати хизматрасонӣ низ хеле хуб ба роҳ монда шудааст, ки ин, албатта, барои муътадилии вазъи иқтисодии кишвар ва таъмини ҷойҳои кории холӣ мусоидат менамояд»[153].

Франчайзинги тиҷоратӣ пурра нусхабардории модели франчайзерро дар бар мегирад. Франчайзер ҳуқуқи истифодаи тамғаи молӣ ё тамғаи хизматрасонӣ, пешбурди тиҷоратро тибқи стратегияи бозории франчайзер, бо қоидаҳои банақшагирӣ ва ташкили идоракунии он бо риояи тамоми талаботи тиҷорат ба франчайзи медиҳад. Франчайзиҳо технологияҳо ва қоидаҳои муфассали тиҷоратро, аз ҷумла тарҳрезии биноҳо, равшанӣ, ҷойгиркунии мебел, намуди зоҳирии кормандон, хусусиятҳои кор бо таъминкунандагон, сиёсати нархгузорӣ ва таблиғро ба даст меоранд, дар барномаи таълимию рушди истеҳсолот, дар системаи ягонаи мубодилаи иттилоот иштирок мекунанд ва барои натичаҳои иқтисодии кори худ комилан ҷавобгаранд. Франчайзер ба корхонаҳои франчайзи ёрии зарурӣ ва хадамоти муайяни машваратӣ мерасонад, зеро фоидаи он бевосита аз фаъолияти самараноки онҳо вобаста аст.

---

[153] Дӯстова Н.О. Хусусиятҳои бизнеси хурд–франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). – С.153.

Хусусиятҳои асосии франчайзинги тиҷоратӣ якрангии мутлақи корхонаҳои шабакавӣ ва риояи қатъии стандартҳои система мебошад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ мисолҳои зиёди ширкатҳое мавҷуданд, ки франшизаҳои тиҷоратӣ пешниҳод мекунанд, амсоли McDonald's, Pizza Hut, Baskin&Robbins, KFC, Holidays Inn, Radisson, Sbarro, Subway, Burger King. Фаъолияти ошхонаҳои "KFC", «Мерве», «Бурак» ва амсоли он намунаи равшани франчайзинги тиҷоратӣ мебошанд.

Бартариятҳои франчайзинг дар шароитҳои гуногун собит намудааст ва махсусан, дар шароити бухронҳои иқтисодӣ ширкатҳои франчайзингӣ устувории бештарро нишон додаанд. Мисоли равшани онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаҳои бухронҳои молиявӣ ва иқтисодии солҳои охир мушоҳида намудан мумкин аст. Дар маҷмуъ, афзалиятҳои франчайзингро метавон ба тарзи зерин ҷамъбандӣ кард (ҷадвали 5.2.1.).

**Ҷадвали 5.2.1. Таҳлили муқоисавии хариди франшиза, оғози соҳибкории худ ва хариди тиҷорати мавҷуда***

| МЕЪЁРҲОИ МУҚОИСА | ХАРИДИ ФРАНШИЗА | ОҒОЗИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИИ ШАХСИИ ХУД | ХАРИДАНИ ТИҶОРАТИ МАВҶУДА |
|---|---|---|---|
| СОҲАИ ФАЪОЛИЯТ | Бо пешниҳоди франчайзинг маҳдуд аст. | Амалан маҳдуд нест | Маҳдуд бо пешниҳодҳои фурӯши тиҷорати тайёр |
| МЕНЕҶМЕНТ | Модели озмудашудаи менеҷмент истифода мешавад. | Бояд чандин солро ҷиҳати омӯзиши модели мувофиқи менеҷмент сарф кунад. | Менеҷменти нав ва технологияи кӯҳна мушкилоти зиёдеро ба миён меоварад |
| МАРКЕТИНГ ВА ТАБЛИҒ, МАШВАРАТ ВА ТРЕНИНГ | Ин вазифаҳоро франчайзер ба уҳда мегирад, франчайзи аз натиҷаҳо баҳра мебарад ва дастгирии доимиро мегирад. | Маблағгузории таблиғ, маркетинг, машварат ва омӯзиш аз ҷониби худи соҳибкори саноатӣ пардохт карда мешавад. | Соҳиби собиқи тиҷорат дастгирии машваратӣ мерасонад. танхо дар ибтидои фаъолияти корхона баъди фурӯш |
| ХАВФҲОИ ОҒОЗИ ТИҶОРАТ | Хатарҳо ҳадди ақалланд, зеро франчайзинг бизнеси боэътимод ва санҷидашудаи вақтро кафолат медиҳад. | Тамоми хатарҳое, ки ба тиҷорати нав ҳамроҳ мешаванд, бояд ба инобат гирифта шаванд. | Хавфҳои баланди марбут ба омили инсонӣ: рафтани кормандони асосӣ, аз даст додани таъминкунандагон, мизоҷон ва ғайра. |

Идомаи ҷадвали 5.2.1.

| | | | |
|---|---|---|---|
| РАҚОБАТ | Афзалиятҳои рақобатӣ: бренд, маҳсулот (хизматрасонӣ) собитшуда | Рақобати баланд бо корхонаҳои мавҷуда. | Аз тиҷорат ва бозор вобаста аст |
| МОДЕЛИ БИЗНЕС ВА ИДОРАКУНӢ | Системаи собитшудаи тиҷорат. | Таҷриба ва донишҳои шахсӣ истифода мешаванд. | Соҳиби нав технологияҳои соҳиби собикро истифода мебарад, аммо тиҷоратро дар асоси таҷриба ва худаш пеш мебарад. |
| САРМОЯ-ГУЗОРИҲО | Ҳаҷми сармоягузорӣ аз таҷрибаи кушодани франчайзиҳои мавҷуда маълум аст. | Маблағҳои шахсии соҳибкор, мушкилот дар гирифтани қарз барои тиҷорати нав. | Хароҷоти тиҷорати фоидаовар метавонад хеле зиёд бошад. |
| МУҲЛАТИ БАРГАРДОНИДАНИ САРМОЯГУЗОРИҲО | Аз таҷрибаи кушодани корхонаҳои худӣ ва франчайзии ширкат маълум аст. | Аз самти фаъолият ва муваффақияти тиҷорат вобаста аст. | Чун қоида, тиҷорати фоидаовар ва ояндадор назар ба дороиҳои худ бештар арзиш дорад ва нисбат ба корхонаи франчайзинг зиёдтар пардохт мекунад. |

***Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси: Шахова М. С. Франчайзинг в России: состояние и перспективы. – М. : Экономический факультет МГУ: Анкил, 2013. – с. 24.

Моҳияти мураккаби муносибатҳои франчайзингӣ, ки дар ҷадвали 5.2.1. нишон дода шудааст, ба ғайр аз франчайзер ва франчайзӣ, истеъмолкунандагон ва давлат иштирок менамояд, танзими ҳуқуқиро тақозо мекунад. Сабабҳои асосии зарурати мавҷудияти қонунгузории франчайзингро, пеш аз ҳама, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон муайян месозад. Худи ғояи франчайзинг ба як навъ иваз кардани субъект асос ёфтааст: франчайзи воқеан бо истифода аз номи корпоративӣ ва тамғаи тиҷоратии франчайзер бо номи ягон кас амал мекунад. Талаботи қонунӣ барои таъмини сифати дурусти молҳо ва хизматрасониҳо вуҷуд дорад, ки масъулияти он ҳам ба зиммаи франчайзи ва ҳам франчайзер аст. Дуюм, зарурати ҳифзи бозори франчайзинг аз суиистифодаҳое, ки вобаста ба

татбиқи ноодилонаи франчайзингҳо ва бастани шартномаҳои франчайзинг имконпазир аст, ки метавонанд ҳуқуқҳои франчайзиро бар зарари фаъолияти он ба таври назаррас маҳдуд кунанд.

Танзими франчайзинг ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ дахл дорад. Дар баъзе давлатҳо франчайзинг танзими мустақили ҳуқуқӣ дорад, аммо истифодаи қонунҳо ва қоидаҳои дигар истисно нест. Дар ИМА, Фаронса, Италия, Испания, Канада, Бразилия, Руминия, Индонезия, Чин, Ҷопон ва баъзе дигар кишварҳо қонунгузории махсус дар самти фаъолияти франчайзингӣ вуҷуд дорад.

Албатта, вобаста ба рушди бозори миллӣ ва муҳити соҳибкории саноатии рақобатпазир қонунгузории ҳар як кишвар хусусиятҳои худро дорад, аммо принсипҳои умумии ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии франчайзинг вуҷуд доранд:

- ҳадафи танзими муносибатҳои франчайзинг рушд ва ҳифзи он мебошад. манфиатҳои қонунии иштирокчиён;

- ба расмият даровардани мафҳумҳои асосии франчайзинг ҳамчун субъекти танзим;

- шартҳое, ки франчайзер бояд пеш аз пешниҳоди франчайзи иҷро кунад;

- ифшои ҳатмии маълумот пеш аз бастани шартнома;

- шакли хаттии шартнома;

- бақайдгирии франчайзерҳо бо мақсади таъмини назорат аз болои равандҳо ва тамоюлҳои дар бозор ба амал омада, механизмҳои иловагии ҳифзи ҳуқуқҳои тарафҳо;

- шартҳои асосии шартнома ва пардохтҳо;

- шартҳои бекор кардан, қатъ кардан, нав кардани шартнома, ҷарима.

Бояд қайд намуд, ки франчайзинги байналмилалӣ ҳоло қариб дар ҳамаи кишварҳо мавқеи устуворро ишғол менамояд. Шумораи франчайзерҳо ва мутаносибан шабакаҳои франчайзингӣ бо суръати баланд меафзоянд, ки ин имкон медиҳад модели бизнес дар бисёре аз бахшҳои

иқтисоди ҷаҳонӣ истифода шавад ва дар ММД-и ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузорад. Бозори муосири франшизаро на танҳо ширкатҳои бузурги амрикоӣ, балки ширкатҳои аврупоӣ низ намояндагӣ мекунанд. Пайдоиши франчайзерҳо, ки дар фаъолияти байналмилалӣ берун аз ИМА фаъолона иштирок мекунанд, яке аз тамоюлҳои франчайзинги байналмилалӣ мебошад. Илова бар ин, афзоиши шумораи франчайзерҳо бо тағйироти муҳим дар қонунҳои кишварҳо шарҳ дода мешавад. Дар бисёр кишварҳо қонунҳое вуҷуд доранд, ки фаъолияти франчайзингро танзим мекунанд. Созмонҳои байналмилалии франчайзинг низ таъсис дода шудаанд ва фаъолияти онҳо имкон медиҳад ҳатто дар он кишварҳое, ки қонунгузорӣ ин соҳаро ба таври кофӣ танзим намекунад, дар доираи низоми франчайзинг фаъолият кунанд.

Муҳаққиқони ватанӣ О.Б.Алимов ва О.М.Собиров бар ин ақидаанд: «Баръакси дигар кишварҳо, бозори Тоҷикистон ҳанӯз аз брендҳои маъруф пур нест, бинобар ин, дар онҳо рақобат вуҷуд надорад. Ва ин ҳолат кишвари моро барои франчайзерҳои хориҷӣ ҷолиб мегардонад. Аммо рушди шабакаҳои франчайзингӣ, яъне ворид шудани сармояи хориҷӣ ва технологияҳои нав ба кишвари мо рушди минбаъдаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқиро дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ тақозо мекунад. Таҷрибаи таъсиси барномаҳои махсуси қарздиҳии воқеан коркунанда барои соҳибкороне, ки тиҷорати франчайзӣ мекушоянд, бояд истифода шавад, ки сатҳи кофии дастгирии молиявиро барои соҳибкории саноатии рақобатпазир фароҳам меорад. Бонкҳои Тоҷикистон бояд нақшаҳои кор бо системаҳои франчайзингиро таҳия ва хизматрасониҳое, ки ба франчайзерҳо ва франчайзиҳо дар хориҷи кишвар пешниҳод мешаванд: машварати иттилоот дар бораи бозори консессияҳои тиҷоратӣ, таҳлили лоиҳаҳои франчайзерҳо ва франчайзиҳо доир ба тавсеаи шабакаҳои франчайзии онҳо, миёнаравӣ байни франчайзер ва франчайзиҳои

эҳтимолӣ, машварати ҳуқуқӣ дар соҳаи консессияи тиҷоратӣ ва ғайра ба паҳншавии франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад»[154].

Омили муҳимми рушди устувори франчайзинг дар Тоҷикистон паҳн кардани маълумот дар бораи фаъолияти модели франчайзингии соҳибкорӣ дар байни соҳибкории саноатии рақобатпазир ва ширкатҳо– шарикони эҳтимолии шабакаи франчайзинг мебошад. Дар шароити тағйирот дар бозори франчайзинг, тамоюлҳои нав ва паҳншавии франчайзингҳои «қалбакӣ» баҳодиҳии дурусти пешниҳоди франчайзинг шарти асосии васеъ намудани соҳибкории франчайзингӣ мегардад. Ба ақидаи олимони ватанӣ М.А. Имомназаров ва М.Р. Султонбекова, омилҳои асосии инкишофи сусти франчайзингро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, қайд менамоянд, ки «... мушкилоти асосии инкишофи сусти франчайзерҳо дар Точикистон, пеш аз ҳама, рушди ноустувори иқтисоди миллӣ вобастаанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бизнеси франчайзинг, пеш аз ҳама, устуворӣ ва пешгӯйии рушди иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ниҳодӣ (институтсионалӣ) ва ғайраро талаб мекунад. Аксари соҳибкории саноатӣ сармояи зарурӣ барои ворид шудан ба системаи франчайзингро надоранд; душвориҳо дар гирифтани қарзҳои бонкӣ аз сабаби фоизи баланди таъсиси сармояи ибтидоӣ; набудани методологияи ягонаи муайян кардани арзиши бренд ва даромади ин бренд дар системаи франшиза ва ғайра аз сабабҳои муҳими ин вазъият аз шумор мераванд»[155].

Ба андешаи мо, дар сатҳи макро бояд иловаҳо ва тағйирот ба заминаи меъёрии франчайзинг ворид карда шаванд. Тавофуқи ҳуқуқии истилоҳи васеъшудаи «консессияи тиҷоратӣ (франчайзинг)» ба баҳсҳои сершумор доир ба масъалаҳои ба расмиятшиносии франшизаҳо хотима

---

[154] Алимов О.Б., Собиров О.М. История и современные тенденции франчайзинга//Экономика Таджикистана. – 2018. – № 4. – С.115.

[155] Имомназаров М.А., Султонбекова М.Р. Франчайзинг как специфическая форма ведения бизнеса в Таджикистане//Вестник Хорогского университета. – 2022. – № 4 (24). – С. 243.

мегузорад ва имкон медиҳад, ки ширкатҳоеро, ки дар доираи модели франчайзинг фаъолият мекунанд, муайян кунем, бозори франчайзингро ба расмият дароварда, омори онро инъикос намоем. Ба сифати уҳдадориҳои ҳатмӣ муқаррар намудани ҳуқуқи муаллиф, расонидани дастгирии доимӣ ба франчайзи дар тамоми давраи ҳамкорӣ ва назорати сифати мол (хизматрасонӣ) талаб карда мешавад. Санади қонунии таҳияшуда оид ба ифшои маълумот дар бораи франшиза пеш аз бастани шартнома хавфҳои амалиёти беинсофонаро аз байн мебарад ва барои ҳамкории дарозмуддат, боэътимод ва мутақобилан судманди шарикон шароит фароҳам меоварад.

Ҳамчунин, таҳлили асосҳои институтсионалии рушди соҳибкории франчайзингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар ҷумҳурӣ то ҳол системаи ҷорӣ намудани баҳисобгирии омории фаъолияти субъектҳои соҳа ба таври кофӣ ташаккул наёфтааст. Барои баланд бардоштани сифати баҳисобгирии омории фаъолияти соҳибкории франчайзингӣ васеъ кардани номгӯйи маълумоти оморӣ доир ба рушди ин соҳаи муҳим дониста мешавад. Бо дарназардошти рушди инноватсия ва илм дар кишвар ва афзоиши аҳаммияти соҳибкории франчайзингӣ дар эҷоди арзиш, қабули барномаҳои дахлдори давлатӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ оид ба рушди соҳибкории доништалаб ва зеҳнӣ, дастгирии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи соҳибкории франчайзингӣ, ҳавасмандгардонии рушди он, пурзӯр намудани фаъолияти илмӣ, инноватсионӣ ва иттилоотӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Яке аз воситаҳое, ки ба тавсеаи шабакаҳои франчайзингӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории байни иштирокчиёни муносибатҳои он нигаронида шудааст, маҷмуи меъёрҳои ташхиси франшизаи баландсифат ва харитаи роҳ барои қабули қарор дар бораи сармоягузорӣ ба франчайзинг барои соҳибкорони саноатии рақобатпазири ватанӣ мебошад. Дар асоси таҳлили раванди ташкили шабакаи франчайзинг, таҳияи модели тиҷорати франчайзинг, мундариҷаи бастаи франчайзинг, инчунин, ҳолати франчайзинг дар ҷаҳони муосир, меъёрҳое муайян карда

шудаанд, ки барои арзёбии ташхиси сифати пешниҳоди франчайзинг тавсия карда мешаванд. Маҷмуи меъёрҳо бандҳои дар ҷадвали 5.2.2 овардашударо дар бар мегирад, ки барои ҳар яки онҳо франчайзи эҳтимолӣ барои қабули қарор ҷиҳати сармоягузорӣ ба франшиза маълумоти ҳамаҷониба оварда мешавад.

**Ҷадвали 5.2.2. Талаботи асосии ташкили соҳибкории франчайзингӣ***

| | |
|---|---|
| Ҷанбаҳои ҳуқуқии франчайзинг | –намуди шартнома;<br>–ҳуқуқи франчайзер ба моликияти зеҳнӣ;<br>–бақайдгирии тамғаи молӣ;<br>–бақайдгирии шартномаи консессияи тиҷоратӣ. |
| Омилҳои фарҳангии ҳамкорӣ | –омодагии харидори эҳтимолӣ ба тиҷорати франчайзинг;<br>–дарки шахсии франчайзер ҳамчун шахс;<br>–арзишҳои умумии шарикони оянда;<br>–пуррагӣ ва кушода будани маълумот дар бораи франчайзинг. |
| Шароити молиявии франшиза | –ҳаҷми сармоягузории аввалия;<br>–андозаи пардохти яквақта;<br>–маблағи роялти ва дигар пардохтҳо;<br>–мӯҳлати пардохтҳо;<br>–мӯҳлати баргардонидани франшиза;<br>– модели молиявӣ. |
| Хусусиятҳои ташкилии франчайзинг | –таърихи ширкат ва таҷрибаи тиҷоратии франчайзер;<br>–давомнокии фаъолияти ширкат ва франчайзинг дар бозор;<br>–шумораи нуқтаҳои франчайзинг ва корпоративӣ;<br>–шумораи кушодани дубора;<br>–шумораи шартномаҳои қатъшуда;<br>–воситаҳои рақамӣ барои идоракунии шабакаи франшиза. |
| Дастгирии давлатии соҳибкории франчайзер | –машварати ҳуқуқӣ;<br>–кумак дар интихоби бино (мувофиқи талаботи франчайзер);<br>–харид ва насби таҷҳизоти махсус;<br>–фармоиш ва интиқоли аввалини маҳсулот;<br>–интихоби кормандон;<br>–барномаи таълимӣ барои франчайзи ва кормандони ӯ;<br>–мусоидат дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ҳангоми кушодани нуқтаи франчайзинг;<br>–шабакаи боэътимоди таъминот;<br>–машваратҳои мунтазам ва боздидҳои намояндагони франчайзер;<br>–интиқоли технологияҳои нав, молҳо ва хидматҳо;<br>–омӯзиши франчайзиҳо дар идоракунии нав, усулҳо ва роҳҳои ҳалли тиҷорат;<br>–гузаронидани вохӯриҳои ҷомеаи франчайзи барои табодули таҷриба;<br>–барномаи рушди кормандон;<br>– дастгирии маркетинг барои шабакаи франчайзинг. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Бо назардошти талаботҳои асосии ташкили соҳибкории франчайзингӣ, ки дар ҷадвали 5.2.2. омадаанд, бо таваҷҷуҳ ба нооромиҳои

сиёсӣ дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон, барои кишварҳои амн, мисли Тоҷикистон, фурсати хеле хуби ҷалби франшизаҳои гуногун пеш омадааст. Сиёсати оқилонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таъмини амният, фазои сулҳ ва оромию суботи сиёсӣ сол то сол таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷиро ҷиҳати сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ҷалб менамояд. Аз ин фурсати мувофиқ бояд истифода бурд.

Ҳамин тавр, барои ноил шудан ба рушди минбаъдаи соҳибкории франчайзингӣ зарур мешуморем, ки заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи танзими онро такмил дода, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии нав таҳия намуда, қонунгузории амалкунанда ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ карда шаванд. Ҳамчунин, омӯзиши соҳибкорони саноатии ватанӣ доир ба асосҳои ташкили франшиза, бартариятҳои он, тартиби барасмиятдарорӣ ва таъминоти иттилоотиву методии он аз омилҳои муҳим ва мубрам дар ин самт ба шумор меравад.

## 5.3. Дастгирии давлатии такмилдиҳии механизмҳои рушди инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазири босуръат

Ҳадафи стратегии дигаргуниҳои институтсионалии соҳибкории соҳаи саноат дар минтақаҳо таъсиси системаи ниҳодҳои зарурӣ барои шаклгирӣ ва инкишофи иқтисоди бозории самтгиришудаи иҷтимоӣ мебошад, ки имконият медиҳад вазифаҳои вобаста ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, замонасозии истеҳсолоти саноатӣ, таъмини рушди инноватсионии соҳибкории соҳаи саноат дар минтақаҳо ҳал карда шаванд. Дар робита ба ин масъала, баррасии нақши давлат дар шароити гузаштан ба инкишофи инноватсионии рушди саноат дар минтақаҳо, ҳамчунин, ошкор намудани проблемаҳои ташаккули сохтори институтсионалии соҳа, чун асоси замонасозии он, аҳаммияти махсус касб мекунад.

Татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, бахусус “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030” ва барномаҳои рушд дар самти

соҳибкории саноатӣ таҳия гардида, мавриди баҳси коршиносон ва иқтисоддонҳо буда, қарор гирифтани истифодаи онҳо дар раванди татбиқи сиёсати давлатӣ, аз ҷумла сиёсати саноатии давлат барои расидан ба суръати рушди иқтисодии дарназардошта, мебошад. Масалан, дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қайд гардидааст: «Ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ афзоиши босуръати саноат дар асоси ба истифода додани иқтидорҳои нав ҷиҳати истеҳсоли неруи барқ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккулдиҳии металлургияи сиёҳи ватанӣ ва рушди минбаъдаи металлургияи ранга, рушди саноати масолеҳи сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ хизмат хоҳад намуд. Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 4,2 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 5,7 маротиба, саноати коркард 4,3 маротиба ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 2,9 маротиба афзоиш меёбад»[156].

Бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд ақидаҳои гуногун вобаста ба таъсири самаранокии таҷҳизоти мушаххас мавҷуд бошанд ҳам, аммо нақши устувори сиёсати саноатӣ аз лиҳози рушди кӯтоҳмуддат, бешак, муҳим мебошад. Дар бобати рушди дарозмуддат ақидаҳои гуногуни олимони соҳаи иқтисодӣ мавҷуданд. Масалан, «тибқи модели рушди экзогении пешниҳодкардаи Солоу нақши сиёсати саноатии давлат, ҳамчун омили муайянкунанда ва ё «детерминант»-и рушди иқтисодӣ, кам мебошад, чунки суръати рушди иқтисодиёт бо суръати рушди технологӣ ва рушди аҳолӣ муайян карда мешавад»[157]. Олимони дигаре, ки ба коркарди модели эндогении рушд сарукор доранд, «механизмҳои сиёсати давлатиеро муайян намудаанд, ки ба суръати дарозмуддати рушди иқтисодӣ таъсир

---

[156] "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. – №392. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.18.

[157] Сафрончук, М.В. Экономический рост / М.В. Сафрончук // Курс экономической теории / Учебник. – 5 - е исправленное, доп. и перераб. изд. – Киров: АСА, 2004. – С. 605-644.

мерасонанд»[158]. Маҳз барои ҳамин мавриди омӯзиш қарор додани таҷҳизоти сиёсати саноатӣ яке аз маслъалаҳои мубрам ва мубоҳисаноки ҳам иқтисоддонон ва ҳам сиёсатмадорон мебошад, ки дар ташаккул додани стратегияҳои миллии рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Равишҳои муайян намудани қувваи асосии такондиҳандаи рушди иқтисодӣ ва нақши сиёсати саноатӣ дар ин раванд, истифодаи амалии онро, ки дар корҳои муҳаққиқон дарҷ гардидаанд, мавриди омӯзиш қарор дода, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки одатан, тавсифи рушди ин ё он кишвар метавонад танҳо бо гузаштани лаҳзаҳои муайяни вақт, ки барои арзёбаи самаранокии чорабиниҳои сиёсати саноатӣ заруранд, муайян гардад. Мутаассифона, мавҷудияти механизмҳо ва чораҳои муайян дар дастурҳои кории иқтисодии ҳукумат самаранок будани онҳоро исбот намекунад, яъне бо ибораи дигар ҳар стратегияи муайяни рушдеро, ки ҳукуматҳои миллӣ қабул менамояд, аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор таҳия ва пешниҳод мегардад ва он наметавонад кафолатдиҳандаи маҳз ҳамин механизме, ки ба он такя кард, маҳз ҳамин механизми интихобшуда ҳаракатдиҳандаи асосии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир мебошад.

Чӣ тавре дар боби аввали тадқиқоти диссертатсионӣ арз кардем, воситаҳои (таҷҳизот) сиёсати саноатӣ фарогири сиёсатҳои андозӣ, тарифӣ, пулию қарзӣ, муносибатҳои иқтисоди берунӣ ва дигар навъҳои сиёсатҳо бошад ҳам, аммо он афзор ва ё воситаи мустақиле надорад ва барои ҳамин ҳам таҳлил намудани он мураккабтар мебошад. Дар навбати худ, мо афзореро мавриди омӯзиш қарор медиҳем, ки контури сиёсати саноатиро,

---

[158] Ниг. масалан ба: Катаева, О.С. Модель экономического роста Р. Барро: применение и рекомендации для Российской экономики / О.С. Катаева, Е.А Бурденко // Экономика устойчивого развития. – М., 2018. – № 4 (36). – С.53-59; Кузнецов Ю.А. Обобщенная модель экономического роста с учетом накопления человеческого капитала / Ю.А. Кузнецов, О.В. Мичасова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского, 2010. –№1.–С. 171–178; Лиман И.А., Карагулян Е.А., Науменко Е.Е. Новые эндогенные теории экономического роста // Управление эклномическими системамы. 2014. №12 (72). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/novye-endogennye-teorii-ekonomicheskogo-rosta (санаи муроҷиат ба сомона: 29.07.2021).

ҳам аз нуқтаи назари вазифаҳо ва ҳам аз масъалаҳои ҳалшавандаи он ва ҳам аз нигоҳи такомули он, ташаккул хоҳад дод.

Дар ҷараёни таҳаввулоти бозорӣ тайи солҳои охир дар Тоҷикистон намунаи (модели) рушди иҷтимоиву иқтисодии инъикоскунандаи асолати миллӣ, роҳи таърихии миллӣ ва худмуайянкунӣ шакл гирифтааст. Ҳадафи стратегии модели мазкури рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон–ташаккули иқтисоди бозории иҷтимоии шакли саноатӣ–инноватсионӣ ва ҳамгирошуда бо иқтисоди ҷаҳонӣ ва дар ин асос таъмини кафолати некуаҳволии тамоми табақаҳо, имкониятҳои баробар барои ҳар як узви ҷомеа аз тарафи давлат мебошад.

Дар натиҷаи дигаргуниҳои иқтисодии кишвар, рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо дар доираи иқтисоди бозорӣислоҳоти муайянеро анҷом дода, ниҳодҳои алоҳида ташкил шуданд. «Дар айни замон, дар натиҷаи дахолати ҳадафмандонаи давлат дар ин соҳа, бо кумаки ниҳодҳои қавии давлатӣ ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ташаккул, фаъолият ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо, шароити зарурӣ ва замина барои инкишофи минбаъдаи инноватсионӣ фароҳам оварда шуд»[159].

Рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо тахти таъсири беҳтарин сифатҳои саноати пешина бо дастгирии давлат ва бо хусусиятҳои иҷтимоии он ва дар асоси рушди мунтазами ниҳодҳои бозорӣ шакл гирифт. Нақш ва вазифаҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба таври боътимод таъмин гардида, шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Бо гузаштан ба рушди соҳибкории саноатии инноватсионии рақобатпазир дар минтақаҳо, ниҳодҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ фаъол хоҳанд шуд, ки табиист, ба дастгирии давлатии ниҳодсозии соҳибкории саноатии рақобатпазир эҳтиёҷ доранд. «Ҳангоми ташаккули равишҳои инноватсионӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир

[159] Рауфи А. Конкурентная экономика. – Душанбе: Дониш, - 2014. – С. 430.

омили муайянкунанда, яъне самараи истифодаи дониши илмӣ ба омилҳои техникию иқтисодӣ таъсиррасон мебошад, зеро онҳое, ки идеяҳои беҳтарин, яъне салоҳияти баланд ва робитаҳои фоиданоки таъминкунандаи дастрасӣ ба захираҳоро дошта бошанд, муваффақ хоҳанд шуд»[160].

Пас, рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо барои онҳое фоиданок аст, ки: «…барои мизоҷон таҷриба ва дониши устодони касбиро ба хона бо нархи нисбатан арзон пешниҳод мекунад»[161].

Дар кишвар ниҳодҳои такмили ихтисоси кормандони сатҳи гуногуни саноат бахусус барои тамоми соҳибкории саноатии рақобатпазир таъсис ёфтааст. Онҳо вобаста аз талаботи нави сиёсати саноатӣ мутахассисонро барои соҳибкории саноати рақобатпазир дар минтақаҳо тайёр мекунанд.

Масалан, дар шаҳри Ҳисори Тоҷикистон корхонаи хишти «Корвони аср» бо технологияҳои механиконидашуда ва дастгоҳҳои роботии истеҳсоли хишт фаъолият дорад. Дар ин корхона 86%-и кор бо кумаки механизмҳои роботии сохти Чин ва боқимонда 14%-и кор ба воситаи коргарон анҷом дода мешавад. Кори механизмҳо пурра синхронӣ аст. Дастгоҳҳои муосир мушкилии вобаста ба харобшавии хишт ҳангоми боргирии он ба вагонҳои печиро ҳал карданд. Системаи нави буриши хишт низ вуҷуд дорад. Ин боиси самаранокӣ, суръати баланди кор ва раванди хушк кардан, пухтани хишт низ осон гардид. Корхона дар ҳаҷми 80 млн. дона дар як сол хишт истеҳсол мекунад ва дар истеҳсолот танҳо 13 мутахассиси баландихтисос машғуланд. Сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнат ба коҳиши хароҷоти истеҳсолот ва ҳамчунин, ба коҳиши нарх мусоидат мекунад.

Вазъи рушди инноватсионии кишвар бо теъдоди мутахассисони баландихтисос, ҳаҷм ва манбаи маблағгузорӣ дар илм, сатҳи пояи моддию техникии ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, ҳаҷми корҳои илмию таҳқиқотӣ

---

[160] Ҳамон ҷо – С. 431.

[161] Управление инновациями/ Пер. с англ. - М.: Альпина Бизнес Букс, 2008. – С. 4.

ва таҷрибавию тарроҳӣ муйян карда мешавад. «Таҳлили маблағгузории илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир нишон медиҳад, ки саҳми хароҷот барои илм нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) меафзояд, аммо ба андозаи кам ва ба 0,09% расидааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳадди ниҳоии ин нишондиҳанда вуҷуд дорад, яъне агар он поинтар аз 1% - и ММД бошад, боиси таназзули илм мегардад, дар сурати аз 1 то 2% рушди босуръат ба мушоҳида намерасад ва агар болотар аз 2% бошад, кишвар пешрафт мекунад. Дар мамлакатҳои пешрафта ин нишондиҳанда аз 2 то 5% мебошад»[162].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди инноватсионӣ барои солҳои 2011–2020» амалӣ гардид, ки ҳадафи он ташаккули системаи муассири инноватсионии мусоидаткунанда ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар мебошад. Барои таъмини фаъолияти инноватсионӣ таъсиси зерсохтори густурдаи инноватсионӣ зарур аст, ки ҷавобгӯйи талаботи иқтисоди муосири инноватсионӣ мебошад. Дар баробари технопаркҳо, марказҳои инноватсионӣ–технологӣ, бизнес–инкубаторҳо, марказҳои трансферти технология, ҳамчунин, шаклҳои гуногуни соҳибкории инноватсионӣ дар минтақаҳо тавсеа меёбанд”[163].

Тавонмандии инноватсионии сохторҳои соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳоро моҳиятан метавон чун маҷмуи навъҳои гуногуни захираҳои ширкат номид, ки барои амалисозии фаъолияти инноватисонӣ заруранд. Барои ташаккули омилҳои иқтисодии рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо бояд замина барои фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионии самтгиришуда ба муҳити зист ба вуҷуд оварда шавад. Ба яке аз чунин заминаҳо хоҳиш ва имконияти давлат

---

[162]Рауфи А. С экономическим ростом к инновационному развитию//Известия АН РТ. Сер.: Отд. общ. наук – 2013. – № 4. –С. 28.

[163]Материалы республиканской научно-практический конференции «Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике РТ: тенденции и проблемы». – 2014.–С. 27.

барои ташаккули зерсохтори инноватсионӣ дохил мешавад, ки асоси иқтисоди инноватсионӣ ва асоси тавонмандии инноватсионии тамоми ҷомеаро ташкил медиҳад ва ҳамчунин, самаранокии фаъолияти инноватсиониро муайян менамояд”[164].

Бояд таъкид кард, ки зерсохтори инноватсионӣ маҷмуи сохторҳои ҳамалоқаманд ва якдигарро такмилдиҳандаи истеҳсолию техникии соҳибкории саноатии рақобатпазир мебошанд, ки барои амалисозии муассири фаъолияти соҳибкорӣ ва иноватсионӣ, яъне барои ташкил ва пешбурди инновасия зарурӣ ва кифоя ҳастанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ проблемаи идоракунии сармоягузорӣ, муҷаҳҳазсозии истеҳсолот ва азхуд кардани технологияи баланд дар сатҳи минтақавӣ, гузаронидани пажуҳиш доир ба тақсими одилона ва истифодаи маблағгузорӣ барои инноватсияро тақозо менамояд.

Барои дастрасӣ ба ин ҳадафҳо ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

–ошкор намудани вазифаҳои асосии идоракунии раванди сармоягузории соҳибкории саноатии рақобатпазир доир ба ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ва тарҳрезии равиши самтгиришуда ба амалисозии онҳо бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ;

–тарҳрезии методҳои мусоидатрасон ба фаъолияти муносиби соҳибкории саноатии рақобатпазир вобаста ба истифодаи муассири сармоягузорӣ дар муҷаҳҳазсозии инноватсионӣ ва аз худ кардани технологияи баланд дар саноати минтақа[165].

Стратегияи инноватсионии иқтисод натанҳо технологияи навест, ки барои истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазир ва қонеъкунандаи талаботи истеъмолкунандагон истифода бурда мешавад, балки корхонаҳои нав, заминаи замонавишудаи истеҳсоливу техникии рушди соҳибкории

---

[164] Шамина Л.К. К вопросу о состоянии современной инновационной инфраструктуры // Глобальный экономический кризис: реалии и пути преодоления: СПб.науч. ст. Вып. 7 / Под общ. ред. В.В. Тумалева.– СПб: НОУ ВПО. Институт бизнеса и права, 2009. – С. 128-131.

[165] Файзуллоев М.К. и др. Инновации и венчурное инвестирование: тенденции и практика. Монография. – М: МЭСИ, 2010. – 170 с.

саноатии рақобатпазир низ мебошад, ки имкон медиҳад аз ҳисоби ҷорисозии дастовардҳои илмию техникӣ ба сатҳи баланди рақобатпазирӣ дастрасӣ пайдо кунад.

Ниҳодҳои қавии инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти ҷиддӣ дар таҳаввулоти иқтисодӣ, аз ҷумла фарқи даромаднокӣ дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ ва тиҷоративу миёнаравӣ; фишори беш аз ҳадди андоз ба муассисаҳо, гаронии кредит бартараф карда шаванд. Байни самаранокии ниҳодҳои инноватсионӣ ва натиҷаи иқтисодии замонасозӣ робитаи равшан ва устувор ба мушоҳида мерасад: ҳар қадар ниҳодҳо ҳангоми гузаштан ба иқтисоди бозорӣ қавитар бошанд, ба ҳамон андоза паёмади манфии шакливазкунии иқтисод зудтар бартараф карда мешавад.

Дастгирии давлатӣ барои таъсиси сохторҳои бозории ниҳодӣ батадриҷ амалӣ мешавад, чунки дар ин ҳолат тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои созмондиҳӣ тағйир меёбанд. Қисме аз онҳо ба таври бунёдӣ ислоҳ мешаванд, қисми дигар барҳам дода мешаванд ва вазифаҳои иқтисодии иҷрокардаи онҳоро ниҳодҳои нав ба уҳда мегиранд. Давомнокии тағйироти инноватсионии ниҳодӣ дар соҳибкории саноатии рақобатпазир натанҳо бо таҷдид ва ё аз нав таъсис додани онҳо, балки бо дигаргуниҳо дар шуури ҷамъиятӣ ва дар қолабҳои рафтори одамон алоқаманд аст, ки баъзан фақат ба воситаи чандин насл имконпазир мегардад.

Мавҷудияти қонунҳои расмӣ ва қоидаҳо худ ба худ проблемаи созмондиҳии сохторҳои инноватсионии ниҳодиро ҳал намекунад. Моҳияти масъала дар он аст, ки ниҳодҳои инноватсионӣ, ки самаранокии сохтори мазкурро таъмин менамоянд, ба ғайр аз қонунҳои расмӣ, шумораи зиёди қоидаҳои ғайрирасмӣ, урфу одат ва анъанаҳоро дар бар мегиранд. Рафтори субъектҳои иқтисодӣ бо дарназардошти манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ, тартиботи мавҷуда ва хусусиятҳои миллии муносибатҳои корӣ ташаккул ёфта, бо фаъолияти мақомоти ҳокимият дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир асос ёфта, бо қонунгузорӣ– меъёрӣ мутобиқ мешавад. Ва на

ҳама вақт ҷузъҳои қонунгузорӣ метавонанд ҷойгоҳи асосиро ишғол намоянд.

Пас таъсиси иқтисоди бозории инноватсионӣ дар соҳаи соҳибкории саноатии рақобатпазир, ки ба андозаи кам ё зиёд аз тарафи давлат дастгирӣ карда мешавад, кори дахлдори созмондиҳӣ ва муносибати махсусро талаб менамояд, чунки фақат дар ин сурат, заминаи истиқлоли иқтисодӣ ва масъулияти соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо эҳсос карда мешавад. Фароҳамоварии шароити зарурӣ дар давраи гузаштан ба роҳи инноватсионии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо иштироки фаъоли давлат амалӣ карда мешавад ва ислоҳот доир ба афзалиятҳои пешбар муайян мегардад, инчунин, сиёсати дигаргунсозии бунёдии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир оид ба рушди инноватсияро тарҳрезӣ ва пайгирӣ менамояд.

Рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо бо зарурати ташаккули фаъоли системаи миллии инноватсионӣ чун маҷмуи амали мувофиқашудаи тамоми соҳаҳои идоракунии истеҳсолот барои дастгирии инноватсионӣ алоқаманд аст.

Муҳимтарин механизми ниҳодсозии рушди рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо методҳои барномавӣ–ҳадафмандии танзими давлатӣ ба ҳалли технологии стратегияи инноватсионии корхонаҳо дар соҳаҳои иқтисод мебошанд.

Роҳи инноватсионии рушд яке аз вазифаҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ дар кишвар мебошад. Ҳадафи стратегии сиёсати инноватсионии давлатро шакле муайян менамояд, ки бо фароҳам овардани шароити зарурӣ бобати баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ равона шудааст. Ин, дар навбати худ, ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, таҳкими амнияти саноатию сармоягузории миллии кишвар мусоидат мекунад. Амалисозии ин самти афзалиятнок табдил додани тавонмандии илмӣ–инноватсионӣ ба

яке аз муҳимтарин манбаъҳои рушди устувори соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳоро тақозо менамояд.

Дар доираи самти мазкур баланд бардоштани нақши таҳқиқоти илмӣ барои рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар вобаста аз хусусияти ҳар кадоми онҳо зарур аст. Ислоҳоти соҳаи илм бояд ба ҳавасмандкунии пешниҳоди маҳсулоти инноватсионӣ ва хизматрасонӣ барои таъмини рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар бо роҳи зерин равона карда шавад: яъне ташаккул ва ҷалби сармоя, хизматрасонии иттилоотӣ–машваратӣ дар соҳаи инноватсия, тавсеаи системаи меъёрии ҳуқуқии гардиши моликияти зеҳнӣ ва ҳимояи он.

Ҳангоми гузаштан ба роҳи инноватсионии рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар, масъалаҳои таъйиноти таҳқиқот ва истифодаи дастовардҳои рақобатпазирӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Дар робита ба ин масъала, бо дарназардошти талабот ба маҳсулоти рақобатпазир дар заминаи соҳибкории саноатӣ, тақвият додани таҳқиқоти инноватсионӣ муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Ҷиҳати тавсеаи бозорҳои маҳсулоти инноватсионӣ ва хизматрасонӣ ва дар гардиши тиҷоратӣ ҷорӣ кардани натиҷаи таҳқиқот, бояд дар системаи дастгирии давлатии рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

– тақвияти дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо, тиҷоратисозии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла омода кардани истеҳсолот ва ба бозор ворид кардани маҳсулоти рақобатпазир;

–ворид кардани тағйирот ба санадҳои меъёрие, ки қонунгузории танзимкунандаи масъалаҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазири инноватсионӣ, ки ҷиҳати тақвияти меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ намудааст;

–сода кардани тартиботи интиқоли натиҷаҳо ба минтақаҳои кишвар барои баҳрабардорӣ аз раванди соҳибкории саноатии рақобатпазир ва бо вогузор намудани ҳуқуқи моликият ба натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва инноватсионии маҳсулоти истеҳсолшуда;

–такмили механизми ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва маркази маълумот бобати рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир;

–таҳияи маҷмуаи: «Механизмҳои ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ соҳибкории саноатии рақобатпазир ва тиҷоратсозии объектҳои моликияти зеҳнӣ» ва ғайра.

Ба мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ мавҷудияти иттиҳодияҳои байналмилалии қавӣ зарур аст. Яке аз вариантҳо, ки метавонад проблемаҳои муҳимми густариши технологияи баландро дар соҳибкории саноатии рақобатпазири минтақаҳо ҳал намояд, таъсиси марказҳои ҷумҳуриявии татбиқи илм ва технологияҳои ихтироънамуда мебошанд. Ин сохторҳо бояд дар таркиби худ тамоми ташкилотҳои таъминкунандаи раванд–аз омода кардани мутахассис, истеҳсол то ба фурӯши маҳсулоти тайёрро муттаҳид созанд.

Бояд механизми дастгирии давлатии сармоягузорӣ дар самти рақобатпазирӣ ва инноватсия, пеш аз ҳама, дар бахши соҳибкории саноатӣ ташаккул дода шавад, ҳамчунин, ба рушди системаи сармоягузории венчурӣ ва бимаи (суғуртаи) хатари инноватсионӣ кумаки давлатӣ расонида шавад.

Ба ақидаи мо, рушди технологияи нав ба амалисозии тадбирҳои зерин мусоидат мекунад: дастгирии технологӣ, ки барои соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳо бартарии рақобатпазириро таъмин менамояд; бо кумаки давлат ба вуҷуд овардани зерсохторҳои таъминкунандаи тиҷоратсозии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавӣ–тарроҳӣ; дастгирии воридоти технологияи нави хориҷӣ.

Рушди инноватсионии муосири соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе фондҳои дахлдори инноватсионӣ– венчурӣ имконнопазир

аст. Ин фондҳо як қисми пулро барои маблағгузорӣ дар тарҳҳои хатарнок (рискдор) ба ивази саҳм дар сармояи саҳомӣ равона мекунанд, ки ин ба фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ҳангоми фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он мусоидат мекунад.

Алҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дарёфти технологияҳои инноватсионӣ ба корхонаҳои саноатӣ навъҳои гуногуни дастгирии давлатӣ расонида мешавад. Масалан, тайи солҳои охир дар натиҷаи дастгирии иқтисодӣ–ҳуқуқӣ дар кишвар, аз манбаъҳои гуногун барои рушд ва инкишофи соҳибкории саноати сабук маблағгузорӣ ба таври зайл шудааст (ҷадвали 5.3.1).

Сармоягузорӣ дар тамоми корхонаҳо, ки дар ҷадвали 5.3.1. оварда шудааст, мутобиқи нақшаи амалисозии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2015, № 422 «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2015» сурат гирифтааст.

**Ҷадвали 5.3.1. Ҳаҷми сармоягузории соҳаи саноати сабук дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон дар соли 2022***

| Номгӯйи корхонаҳо дар минтақаҳо | Ҳаҷми сармоягузорӣ млн. сомонӣ |
|---|---|
| ҶДММ «Пойафзоли чармӣ» (шаҳри Душанбе) | 7,5 |
| ҶСК «Қолинҳои Қайроққум» (ш. Гулистони в.Суғд) | 6,7 |
| ҶДММ «Тоҷикмебел» (шаҳри Душанбе) | 0,72 |
| ҶДММ «Кангурт» (ноҳияи Темурмалики в. Хатлон) | 0,25 |
| ҶСП «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил» (н.Данғараи в. Хатлон) | 55,0 |
| ҶММ «Ҷавонӣ» (шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд) | 3,4 |
| **Ҳамагӣ: бо дарназардошти дигар корхонаҳои саноатӣ дар дигар минтақаҳои кишвар** | **74,57** |

***Сарчашма:** Маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 5.3.1. нишон медиҳад, ки шароити мусоид барои сармоягузорӣ дар минтақаҳои рушдёфтаи саноатӣ (вилоятҳои Суғду Хатлон) ва шароити зарурӣ дар минтақаҳои

рушдёбандаи саноатӣ (шаҳри Душанбе ва НТҶ) фароҳам оварда шудааст. Дар ин минтақаҳо корхонаҳои нави саноатӣ бо технологияҳои замонавӣ муҷаҳҳаз гардида, фаъол шудаанд. Натиҷаи таҳлил ҳамчунин нишон медиҳад, ки барои инкишофи рақобатпазирии бомуваффақонаи соҳибкории саноатӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла дар минтақаҳои оғозкунандаи саноатӣ (ВМКБ) бояд сиёсати давлатии инноватсионӣ бо дарназардошти нуктаҳои зерин роҳандозӣ шавад:

–ба вуҷуд овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазири инноватсионӣ;

–ташаккули зерсохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар;

–рушди сиёсати инноватсионӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёнаи дар минтақаҳои кишвар;

–ба вуҷуд овардани механизмҳои ҳавасмандкунандаи фаъолияти инноватсионӣ дар соҳибкории соҳаи саноат дар минтақаҳо;

–омода кардани кадрҳои баландихтисос барои фаъолияти инноватсионӣ дар самти соҳибкории соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳо;

–баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, технологӣ ва зеҳнии соҳибкорон дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир.

Бояд тазаккур, дод, ки дар шароити иқтисоди бозории муосир ба вуҷуд овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ шарти муҳимми фаъолияти инноватсионӣ, рақобатпазирӣ дар соҳибкории саноатӣ маҳсуб меёбад. Дар ин иртибот, ба мафҳуми ба вуҷуд овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ барои инкишофи инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир нуктаҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

– такмил додани қонунҳои амалкунанда ва таҳияи қонунҳои нав ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионии сиёсати давлат бо инъикоси масъалаҳои усулии роҳандозии тадқиқоти илмию техникӣ дар онҳо;

– ба вуҷуд овардани асоси системаи қонунгузорӣ барои ташаккули фазои технологии соҳибкории саноатии рақобатпазир ва иқтисодии мусоидатрасон ба рушди ниҳодҳои иқтисоди бозорӣ, механизмҳои навоварӣ ва бозори маҳсулоти илмию техникӣ;

–муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодаи манбаъҳои иттилооти илмию техникӣ барои дастгирии иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла мубодилаи дониш ва технология дар самти соҳибкории саноатии соҳибкории саноатии рақобатпазир;

– таъмини ҳуқуқии таҳия ва амалисозии тадбирҳои гумрукӣ, андоз, тарифӣ, нархӣ ва фарсоишии (амортизатсионӣ)–и равонашуда ба ҳавасмандии тиҷоратсозӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳои инноватсионӣ дар соҳибкории саноатии рақобатпазир;

– фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои инкишофи венчурии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар ва дар соҳаи тарҳҳои инноватсионии илман асоснокшуда ва ғайра.

Нуқтаи дигари муҳимми инкишофи инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар, омода кардани кадрҳои баландихтисос барои ҳар як минтақа дар алоҳидагӣ бо дарназардошти маърифати саноатӣ мебошад. Барои амалисозии ин вазифа бояд методологияи пешбинии талаботи дурнамо ба кадрҳои илмӣ ва мутахассиони машғул ба татбиқи самтҳои афзалиятноки рушди технологияи нав дар муассисаҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир тарҳрезӣ шавад. Сиёсат дар соҳаи кадрҳои илмию техникӣ бояд зарурати таъмини инкишофи афзалиятноки соҳаҳои пешбари илми бунёдӣ (фундаменталӣ) ва амалиро дар назар гирад, ки аз он ба андозаи зиёд пешрафти ҳалкунандаи соҳибкории саноатии рақобатпазир вобаста аст. Бинобар ин, дохил кардани дигаргуниҳои зиёд дар системаи тайёрӣ ва бозомӯзии мутахассисони саноатӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии кишвар дар назар аст.

Барои замонасозӣ ва рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ дар кишвар ва минтақаҳои он вобаста ба сиёсати инноватсионӣ ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолот бояд тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:

– дар асоси дастовардҳои илмии олимони ватанӣ татбиқ ва ба вуҷуд овардани самтҳои нави таҳқиқот доир ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир;

–дастгирии комплексҳои технологияҳои муосир, таъсиси иттиҳодияҳо ва ширкатҳои нав, озмоишгоҳҳо, сохторҳои молиявӣ дар марказҳои глобалии таҳқиқи технологияҳои нав ва паркҳои технологӣ;

– таъсиси ниҳодҳои молиявӣ–ҳамоҳангсозии рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир (иттиҳодияҳои бузург, ҳолдингҳо, кластерҳо, брокерҳои технологӣ ва ғайра);

–ҳалли комплексии рушди инноватсионии кишвар ва соҳаҳои технологияҳои баланд дар доираи амалисозии самтҳои афзалиятноки фаъолияти илмию техникӣ дар соҳибкории саноатии рақобатпазири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–ҳавасмандкунии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бобати ҷалби технологияҳои муосир тавассути таъсиси корхонаҳои муштараки инноватсионӣ бо сармоягузорони хориҷӣ, роҳандозии тартиби интиқоли технология аз бахши давлатӣ ба бахши ғайридавлатӣ, дастгирии давлатии ташкилотҳои содиркунандаи маҳсулоти технологияи баланди соҳибкории саноатии рақобатпазир;

–мусоидат ба тиҷорати коғазҳои қимматноки соҳибкории саноатии рақобатпазир бобати харидории технологияҳо ва бозоргирии онҳо, аз ҷумла вогузории ҳуқуқи дарёфти натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ;

–фароҳам овардани шароит барои амалисозии қарздиҳии дарозмуҳлат ва ҳавасмандкунии тарҳҳои сармоягузории фаъолияти инноватсионӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир;

– фароҳам овардани шароит барои ҷалби ҷавонони боистеъдод ба фаъолияти инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир.

Ба андешаи мо, амалисозии тадбирҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки шароити мусоид барои рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир фароҳам ва сатҳи технологии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулот мунтазам баланд бардошта шавад, ҳамчунин, дар ин асос рушди сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ таъмин гардида, амнияти миллии кишвар таҳким меёбад.

Дар "Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025" низ дар мавриди ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ҳавасмандсозии ҳамкориҳои байни илм, маориф ва бахши хусусӣ дар асоси тақвияти иқтидорҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ бо мақсади ҷалби онҳо таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ ва соҳибкорӣ дар асоси истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешбинӣ карда шудааст.

Қобили қайд аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори рақамӣ дар марҳалаи ибтидоии ташаккул қарор дошта, дар ин самт мувофиқи барномаҳои давлатӣ бояд корҳои муайян ба анҷом расонида шаванд. Аз он ҷумла, дар ин самт таҷдиди шоҳроҳи каналҳои оптикии робита бо қобилияти гузаронидани на камтар аз 10 гбит/сония, таъсиси маркази иловагии иттилоотӣ, пайваст кардани ҳамаи марказҳои маъмурии идоракунии давлатӣ бо шаҳри Душанбе тавассути хатҳои алоқаи оптикӣ, ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори зарурӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ (Digital CASA) пешбинӣ карда шудааст.

Бояд таъкид сохт, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатии инноватсионӣ ин дастгирии давлатии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, таҳия, татбиқ ва маблағгузории барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ ва дигар барномаҳо, аз ҷумла дар самти ҳавасмандгардонии рушди фаъолият

ва инфрасохтори инноватсионӣ, аз самтҳои муҳими танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Мувофиқи қонунгузории амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ин ташаккули инфрасохтори инноватсионии илм, истеҳсолот ва хизматрасонӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар қонуни мазкур барои ташкил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда, дар соҳаи соҳибкории саноатии рақобатпазир эътироф шудааст.

Дар қисми назариявии кор таъкид шуда буд, ки сиёсати инноватсионии давлатӣ сиёсати молиявӣ, илмию техникӣ, маориф, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, инчунин, масъалаҳои тақсимоти захираҳоро дар бар мегирад. Айни замон афзалиятҳои стратегии сиёсати давлатро унсурҳои мушаххаси инфрасохтори инноватсионӣ, бизнес–инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, марказҳои технологӣ, озмоишгоҳҳои илмӣ ва ғайра муайян мекунанд. Яъне ниҳодҳои инфрасохтори инноватсионӣ аз ҷониби давлат, ҳамчун як ҷузъи сиёсати умумии миллӣ, ки амнияти миллӣ, рушди бахшҳои иқтисодӣ ва бунёди иқтисоди инноватсиониро дар бар мегирад, таҳия ва татбиқ карда мешавад.

Илова бар ин, давлат системаи ниҳодҳои нави идоракунии давлатии инфрасохтори инноватсиониро бунёд мекунад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки як мақоми мутамарказ доир ба сиёсати илмию технологӣ ва инноватсия ташкил карда шавад, ки консепсияҳо ва стратегияи рушди инноватсионии кишварро дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир таҳия ва татбиқ намояд.

Ҳанӯз дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 қайд гардида буд, ки «бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ”, ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомотҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис

додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯйӣ намоянд».

Новобаста аз ин, агарчи сохтори мазкур таъсис дода шуда бошад ҳам, сиёсати давлатӣ дар самти технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ аз ҷониби вазорату идораҳои алоҳида бидуни ҳамоҳангӣ бо ин ниҳод пеш бурда мешавад. Дар аксар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз он ҷумла дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон чунин сохторҳо таъсис додаанд, ки дар татбиқи сиёсати инноватсионӣ ва рақамӣ нақши бузург доранд.

Дар натиҷаи таҳлили назариявӣ мо мураккабӣ ва ғайрихаттӣ будани раванди инноватсиониро исбот намудем, бинобар ин, зарурати ҷорӣ намудани сохторро доир ба сиёсати илмию техникӣ ва рушди инноватсионӣ дар сохтори Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба миён меоварад. Зимнан, бояд ташаккул ва инкишофи инфрасохтори рушди инноватсионии саноат бояд тамоми марҳалаи раванди инноватсиониро фаро гирифта, унсурҳои он дар ҳамоҳангӣ, аз ҷумла дар заминаи таҳкими робитаҳои байналмилалӣ, фаъолият кунанд.

Дар шароити рушди индустриалию инноватсионӣ ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ яке аз механизмҳои муассири ҳавасмандгардонии рушди иноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз он ҷумла субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир, ба ҳисоб меравад. Шароите, ки давлат дар доираи ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои бахши хусусӣ фароҳам овардааст, ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки бо ҷалби захираҳои инфрасохторӣ аз имтиёзҳои андозӣ ва гумуркӣ самаранок истифода баранд.

Дар ин замина, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳаммияти калон дорад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, нақши шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ташаккул ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ ҳалкунанда буда, истифодаи

самараноки он метавонад ба фаъолгардонии соҳибкории саноатии рақобатпазир мусоидат намояд. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки сиёсати давлатӣ дар самти тавсеаи инфрасохтори соҳибкории саноатии рақобатпазир бояд ба танзими шароит барои рушди унсурҳои мавҷуда мусоидат кунад.

Таҳлили мушкилоти ҷойдошта нишон медиҳад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди минбаъдаи унсурҳои мавҷудаи инфрасохтори соҳибкории саноатии рақобатпазири инноватсионӣ ва ташкили ҷузъҳои нави он бе дастгирии давлатӣ ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки рушди минбаъдаи соҳибкории саноатии рақобатпазир ва инфрасохтори инноватсионӣ бояд дар доираи сиёсати давлатӣ таъмин гардида, дар ин самт диққати ҷиддӣ ба истифодаи таҷрибаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дода шавад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои 5 минтақаи озоди иқтисодӣ мебошад, истифодаи шароит ва имкониятҳои онҳо ҷиҳати рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дорои бартарияти калон мебошад Дар ин самт бо мақсади бунёди инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир зарур аст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи захираҳои ҳудудӣ, истеҳсолӣ, кадрӣ, аз он ҷумла, дар асоси ҷалби ширкатҳои консалтингии байналмилалӣ, гузаронида шавад. Ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ дар заминаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ имкон медиҳад, ки дар ҳар як минтақаи кишвар заминаи мусоиди ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир таъсис дода шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки яке аз роҳҳои асосии инкишофи соҳибкории саноатии рақобатпазир, ташкили минтақаҳои саноатӣ мебошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ягонаи системавӣ доир ба ташкили минтақаи саноатӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар асоси ташкили минтақаҳои саноатӣ бояд меъёрҳои мушаххаси ташкили онҳоро муайян

карда, системаи комплексии идоракунии давлатии онҳо ба роҳ монда шавад.

Яке аз самтҳои асосии такмили механизми дастгирии давлатии инкишофи низоми таъмини инфрасохтори рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир, дастгирии давлатии технопаркҳо мебошад. Таҳқиқоти анҷомдодаи мо нишон медиҳад, ки мушкилоти асосии рушди технопаркҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани фаҳмиши ягона ва дақиқи рисолат ва вазифаҳои онҳо мебошад. Вобаста ба ин, ҳаминро таъкид месозем, ки бидуни фаҳмиши дақиқи моҳияти технопаркҳо таъмини рушди устувори онҳо ғайриимкон аст.

Ба ақидаи олимони ватанӣ мавҷудияти паркҳои технологӣ дар сохтори як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад далели мавҷудияти инфрасохтори инноватсионӣ бошад, зеро онҳо аз нигоҳи иқтисодӣ, таҳқиқотӣ, ташкилӣ ва дигар меъёрҳои мавҷуда ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй нестанд.

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ самти муҳими ташаккули инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир ин ташкили паркҳои технологӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки дар ин раванд, ба таъсиси маҷмааҳои саноатӣ, паркҳои технологӣ, таҳия ва татбиқ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ, истифодаи таҷҳизоти каммасрафи барқӣ ва ҷалби боз ҳам бештари сармояи мустақим бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад. Дар ин асос пешниҳод шудааст, ки дар се соли минбаъда барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ бояд ҷиҳати таъсис додани 30 парки технологӣ ва минтақаи саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои дурдасти мамлакат чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Дастури мазкур тақозо мекунад, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷиҳати татбиқи амалии он чораҷӯйӣ намуда, амалишавии саривақтӣ ва босифати онро таъмин намоянд.

Дар ин замина бояд таъкид намоем, ки баланд бардоштани нақши технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар равандҳои идоракунӣ, пеш аз ҳама, дар технологияи таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ инъикос меёбад. Унсури асосии ташкилоти муосири соҳибкории саноатии рақобатпазир кор бо маълумот, истифодаи дониш ва салоҳиятҳои шахсӣ бо истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ, ки дар низоми инфрасохтори рақамӣ муттаҳид шудаанд, имкон медиҳад, ки автоматикунонии пурраи марҳалаҳои алоҳидаи технологияи қабули қарорҳои идоракунӣ, инчунин, амалӣ намудани таҳқиқоти амиқ ва муфассал дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир имконнопазир гардад. Ҳамин тариқ, инфрасохтори рақамӣ барои рушди фаъолияти инноватсионӣ замина гузошта, сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ самаранокии тамоми раванди идоракуниро дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир муайян ва таъмин менамояд.

Дар шароити муосир технопаркҳо яке аз унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ ва татбиқи сенарияи индустриалию инноватсионии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад. Таъсис ва рушди минбаъдаи технопаркҳо барои ҳалли вазифаҳои асосии ташаккули бахшҳои рақобатпазири иқтисодиёт, аз қабили таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир ва истеҳсоли маҳсулоти баландтехнологӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина бояд консепсияи рушди технопаркҳо таҳия ва татбиқ карда шавад, ки дар он самтҳои асосии сиёсат ва дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир мушаххас карда мешавад.

Таҳлили анҷомдодаи муҳаққиқони ватанӣ нишон медиҳад, ки технопаркҳое, ки дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъсис дода шудаанд танҳо дорои ҳуҷраҳои кории алоҳида ва номгӯйи маҳдуди технологияҳои компютерӣ буда, аз рӯйи сохтор ва таърихи фаъолият ба

консепсияи маъмули ташаккул ва рушди технопаркҳо мухолифат мекунанд. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоем, ки рушди минбаъдаи технопаркҳо дар заминаи риояи равишҳои зерини системавӣ сурат гирад:

– ташкили базаи таҷрибавию истеҳсолӣ дар инфрасохтори технопаркҳо бобати рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир;

– тавсеаи фаъолият вобаста ба тарғиби истифода аз технологияҳои воридотӣ ва паҳн кардани фарҳанги инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир;

– дар тамоми марҳалаҳои раванди инноватсионӣ ҷорӣ намудани механизмҳои самараноктарини фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир.

Яке аз унсурҳои фаъолияти инноватсионӣ дар самти соҳибкории саноатии рақобатпазир, чӣ тавре қайд гардид, бизнес–инкубаторҳо мебошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки бизнес–инкубаторҳое, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, фаъол набуда, ҳамчунин, сиёсати маркетингӣ надоранд.

Бизнес–инкубаторҳо яке аз унсурҳои инфрасохтори соҳибкорӣ буда, дастгирӣ ва ҳавасмандии аввалиндараҷаи давлат, ташкилотҳои байналмиллалӣ ва ҷамъиятӣ, корхонаҳои калон, аз ҷумла низомсозро тақозо мекунанд. Нишондиҳанда ва ченаки асосии кори самараноки бизнес–инкубаторҳо бояд шумораи корхонаҳои навро дар сегменти соҳибкории саноатии рақобатпазир, ки дар бозор ба мавқеи каму беши устувор расидаанд ва метавонанд минбаъд низ мустақилона рушд кунанд.

Фаъолияти бизнес–инкубаторҳо, ҳамчун унсури инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир, бояд дар шакли биноҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот ва хизматрасониҳои марбута, аз ҷумла таҳқиқоти таҳлилӣ ва маркетингӣ ҳангоми таҳияи нақшаи бизнес, хизматрасонии машваратӣ амалӣ карда шавад. Мақсади асосии бизнес–инкубаторҳо дастгирии соҳаҳои инноватсионии соҳибкории саноатии

рақобатпазир, инчунин, иншооти истеҳсолӣ дар бахши коркарди саноат мебошад.

Яке аз самтҳои муҳимми рушди инфрасохтори инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Дар ин самт, дар таҷрибаи байналмилалӣ якчанд навъи шарикии давлат ва бахши хусусӣ истифода карда мешавад. Яке аз навъҳои натиҷабахши равиши ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ин аст, ки давлат сармоягузори хусусиро барои бунёди объекти инфрасохторӣ ҷалб мекунад. Механизм дорои як қатор бартариятҳо мебошад, ки дар байни онҳо муҳлати зуди сохтмони биноҳои инфрасохторӣ, дар моликияти давлатӣ боқӣ мондани онҳо ва назорати давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Аҳаммияти истисноии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамчун воситаи муассири татбиқи сиёсати инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир бо рушди инфрасохтори инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи моликияти давлатӣ ва хароҷоти буҷет, аз ҷумла маблағҳое, ки барои дастгирии инноватсия ҷудо мегарданд ва ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши инфрасохтори инноватсионӣ тавсиф дода мешавад. Яъне аз нуқтаи назари тиҷоратикунонии инноватсияҳо, ҳамкории бахши давлативу хусусӣ дар робита бо объектҳои инфрасохтори инноватсионӣ метавонад ба тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар соҳибкории саноатии рақобатпазир мусоидат намуда, тавассути афзалиятҳои худ барои ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ замина фароҳам созад.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Таҳқиқоти мазкур имкон дод, ки хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳои зерин дар такмилдиҳии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир шаклбандӣ карда шаванд:

1. Таҳқиқоти паҳлуҳои назариявӣ-методологӣ рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир нишон дод, ки дар натиҷаи тақвияти дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ рушди соҳибкории саноатии инновасиониро таъмин намудан мумкин аст.Ин имконият медиҳад, ки дар кишвар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир таъмин карда шавад.Дар натиҷа мумкин аст, ки дар кишвар соҳибкории саноатии воридотивазкунанда ва ба содиротнигарондашуда рушд ёбад, ки маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи онҳо дар бозори дохила ва ҳам дар бозори беруна рақобатпазир шуда метавонад [10-М,12-М].

2. Дар натиҷаи таваҷҷуҳ ба гурӯҳбандии усулҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир муайян карда шуд, ки мақомотҳои ҳокимияти давлатии марказӣ асоси мушаххас намудани вазифаҳои асосии мақомоти марказӣ дар рушди босубот ва устувори сохторҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир имкониятҳои заруриро таъмин мекунанд. Дар ин ҷо махсусан таъмини фазои озоди рақобатӣ, сармоягузорӣ, ҷалби кадрҳои воқеан мутахассис, ворид намудани фановариҳои нав, ҷазб ва идғом (слияние и поглащение), ҳамгироӣ, кластерикунонӣ, мудирияти корпоративӣ ва инчунин, истифодаи самарабахши имкониятҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро ном бурдан мумкин аст [1-М, 4-М, 10-М].

3. Дар шароити имрӯзаи тағйироти иқтисодии кишвар ҷойгоҳи махсус ба ташаккул ва рушди соҳибкории соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҳудуди онҳо зоҳир карда мешавад. Ин ба иқтисодиёти минтақаҳо ҷанбаи тоза медиҳад, фазои муайянро барои рушди он фароҳам меоварад ва бозори дохилиро бо маҳсулоти рақобатпазир пур мекунад. Дар айни замон, бояд усули афзалиятноки барномавӣ - ҳадафмандиро

нисбат ба муайян намудани роҳҳои шаклгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, бо назардошти натиҷаҳои интизордошта ва муқаррар намудани ҳаҷми таъминоти манбаӣ ва ҷустуҷӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ нигоҳ дошта шавад.

4. Рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазири кишвар дар асоси намунаи тавозуни байнисоҳавӣ бо назардошти дастоварди ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ бар пояи баҳисобгирии пешбинишудаи қонеъ намудани талаботи ниҳоии соҳаҳои саноати истихроҷ ва коркард асоснок карда шудааст. Вобаста ба ин минбаъда такмил додани махсусгардонӣ, консентратсия, кооператсия ва ҳамгироии сохторҳои соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар заминаи принсипҳои асосии равиши кластерӣ ва мудирияти корпоративӣ таъмин менамояд [12-М, 13-М].

5.Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ва минтақаҳои он бо дарназардошти аниқ кардани самтҳои ояндадори рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир мушаххас нишон дода шудаанд. Такмилдиҳии механизми дастгирии давлатии шаклҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир дар асоси истифодаи равиши барномавӣ–ҳадафмандӣ ва тавсеаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо такя ба тақвияти дастгирии захиравӣ, зерсохторӣ (инфрасохторӣ) ва иттилоотии рушди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир коркард шудааст [9-М, 11-М].

6. Механизмҳои инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон, ки ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) ва такмили механизми идоракунии ҳамгироии байналмилалии корхонаҳои хурду миёна коркард шудаанд. Ба даст овардани онҳо дар заминаи истифодаи самараноки захираҳои дохилии

корхона, тавоноии сармояи инсонӣ ва иқтидори инноватсиониву содиротии он ҷиҳати рақобатпазирӣ ва устувориашон таъмин гардидаанд.

7. Шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он моделсозӣ шудаанд. Дар моделҳо омилҳои таъсиргузори инкишофи соҳибкории саноатии рақобатпазир, аз қабили фаъолияти самаранокии инноватсионӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, баробарии субъектҳои соҳибкорӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобати одилона бо таваҷҷуҳ ба радабандии тағйирёбандаҳои вобаста ва дастгириҳои кредитиву молиявӣ, дастгириҳои инфрасохторӣ, дастгириҳои омӯзишӣ ва техникӣ, дастгирӣ дар самти таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавӣ ва дастгириҳои машваратию маркетингӣ мушаххас гардидаанд [1-М, 11-М].

8. Самтҳои асосии такмили механизми рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда бо таваҷҷуҳ ба коркарди механизми амалии таъмини самаранокии фаъолияти воридотивазкунанда дар асоси принсипи: «шарикии стратегӣ чун самти асосии пешбурди фаъолияти бурунмарзии корхона: гузариш аз муборизаи рақобатӣ ба ҳамкории рақобатӣ дар ҳама самтҳо» пешниҳод шудаанд. Дар асоси таҳқиқҳо муайян карда шудааст, ки баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ ва андоз, такмил додани механизмҳои субсидия, танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ бо дарназардошти талаботи татбиқи барномаҳои миллӣ ва минтақавии воридотивазкунӣ ва танзими тарифии гумрукӣ ва фискалӣ, пурзӯр намудани вазифаҳои тақсимотӣ ва ҷубронии андозбандиро талаб менамоянд [12-М].

9. Барои дар бахшҳои гуногуни саноати кишвар татбиқ намудани имкониятҳои рушди соҳибкории франчайзингӣ бо таваҷҷуҳ ба пешниҳоди роҳу усулҳои нав муайян ва пешниҳод карда шудаанд. Рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ дар асоси истифодаи самараноки фановариҳои нав, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, брендҳои машҳур, менеҷменти пешрафта,

бенчмаркетинг, тамғаи молӣ ва имиҷи ширкатҳои пешрафта таъмин мегардад.

10. Барои такмилдиҳии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ коркард шудаанд. Онҳо бо назардошти дастгирии воридоти технологияи пешрафта, иттиҳоди ширкатҳои нав, озмоишгоҳҳо, сохторҳои молиявӣ дар марказҳои глобалии таҳқиқи технологияи нав ва паркҳои технологӣ, таъсиси ниҳодҳои молиявӣ–ҳамоҳангсозии рушди инноватсионӣ (иттиҳодияҳои бузург, ҳолдингҳо, кластерҳо, брокерҳои технологӣ ва ғайра) дар доираи амалисозии самтҳои афзалиятноки фаъолияти илмию техникӣ дар Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд [1-М, 8-М].

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот:**

1.Самтҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар бо назардошти вазъи шаклгирифта, аниқ  кардани самтҳои ояндадори рушди соҳаи саноат мутобиқи ҳадафҳои стратегии рушди минтақаҳо, такмили механизмҳо дар асоси истифодаи равиши барномавӣ – ҳадафмандӣ, такмили механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо такя ба тақвияти таъминнокии манбаӣ, зерсохторӣ ва иттилоотӣ асос меёбад [17-М].

2. Фаъолияти устувори сохторҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақаҳои кишвар ташаккул ва рушди фазои корпоративии соҳибкорӣ, рушди системаи банақшагирии стратегии фаъолияти соҳибкорӣ, созмондиҳии системаи ҳамкории соҳибкории хурду миёна, тавсеаи шабакаҳои соҳибкорӣ бо назардошти аҳамияти иқтисодии онҳо, франчайзинг чун намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ, идоракунии соҳибкории муштарак, рушди устувори сохторҳои соҳибкорӣ дар шароити бухрони иқтисодиро талаб менамояд [15-М].

3. Рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар асри XX1 хоси соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ гардид. Пешрафти техника ва технологияҳои навин дар баробари фаъолияти илмӣ бо

гузаштан ба роҳи навоварӣ ба марҳалаи нави тараққиёт баромад. Дар ин замина нақши иттилоот ва дониш муҳим мебошад. Дар баробари ин иқтисодиёти инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир ҳангоми ташаккули худ дар раванди истеҳсолот, махсусан дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ташаккули техника ва технологияи навтаринро тақозо менамояд. Рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ба динамикаи нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар ҳарчи бештар таъсир расонида, дастгирии ҳамаҷонибаи давлатро ба ин соҳа пешбинӣ менамояд.

4.Баланд бардоштани самаранокии истифодаи неруи инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар минтақа тақвияти тадбирҳоро дар бар мегирад, ки ба фароҳам овардани заминаи инфрасохтории фаъолияти устувори сохторҳои соҳибкорӣ бо назардошти ташаккули фазои мусоиди институтсионалӣ нигаронида шудаанд. Масъалаҳои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, қарздиҳӣ, дастгирии давлатӣ аз ҳисоби буҷет, соддагардонии муносибатҳои содироту воридот ва ғайра бояд дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ  қарор гирад. Ҳалли масъалаи таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир бевосита ба сармоягузорӣ  ба корхонаҳои инноватсионии саноатӣ алоқаманд аст. Аз ҷиҳати мазмуни иқтисодӣ сармоягузории соҳибкории саноатӣ раванди интихоби самтҳо ва шаклҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатӣ мебошад. Дар навбати худ, истифодаи сармоягузориҳои соҳибкорӣ ба принсипҳои оқилона ва оптималӣ асос меёбад. Дар баробари ин, сармоягузории соҳибкории саноатии рақобатпазир аз сатҳи танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста аст, ки ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти соҳаи саноат бо дарназардошти принсипҳо ва механизмҳои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудааст [13-М].

5. Яке аз муаммоҳои мубрами иқтисоди миллӣ дар шароити узвият ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) таъмини рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ ба ҳисоб мервад. Узвият ба Созмони умумиҷаҳонии савдо тавони

рақобатии корхонаҳои ватаниро башиддат поин бурдааст. Дар ин робита, масоили марбут ба таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатии хурду миёна аз авлавияти хос бархурдор шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки корхонаҳои ватанӣ дар баробари омилҳои муҳити беруна сахт осебпазир мебошанд. Узвият дар СУС дарҳои бозори дохилии кишварро барои корхонаҳои хориҷӣ, ки ғолибан хеле пешрафтаанд, боз мекунад. Албатта, ин аз нигоҳи манофеи истеъмолкунандагон як амри мусбӣ аст ва боиси ташдиди рақобати солим мегардад. Аммо аз назари манофеи корхонаҳои ватанӣ, бахусус, корхонаҳои тозатаъсис ва хурду миёна, ин як омили манфӣ аст. Зеро ҳузури озодонаи корхонаҳои муштараки хориҷӣ мавқеъи бе ин ҳам танги корхонаҳои ватаниро дар бозори дохилӣ тангтар мекунад. Вобаста ба ин узвият дар СУС аз нигоҳи манфиатҳо ва муаммоҳои он ба унвони як баҳси доманадор боқӣ мемонад [16-М].

6. Дар аксари кишварҳои пешрафта маҳз навоварӣ ва фаъолияти ба содиротнигаронидашудаи корхона омили рақобатпазирӣ ва рушди устувор ба ҳисоб меравад. Аммо, дар кишвари мо ин ҳолат баръакс мебошад. Яъне соҳибкории саноатии рақобатпазир асосан аз ҳисоби захираҳои хоми табиии кишвар рақобатпазирии худро таъмин менамоянд (инчунин инфрасохторӣ маҳаллӣ, техника ва таҷҳизоти давлатӣ ва амсоли) ё аз кумакҳое, ки ба онҳо аз ҷониби давлат ва бонкҳо юо назардошти фоизи паст пешниҳод карда мешавад. Натиҷаҳои модели логитӣ нишон медиҳад, ки собиқаи фаъолияти роҳбарон дар амри таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёна хеле муассир аст. Аммо агар собиқаи фаъолияти озодонаи соҳибкориро дар Тоҷикистон ба назар гирем он ҳамагӣ 30 соли охирро дар бар мегирад. Пас ҳамон насли аввали соҳибкоронанд, ки имруз то андозае аз тавоноии рақобатпазирӣ бархурдор шудаанд. Дар ҳоле, ки мо бештар аз ҷавонони синни аз 25 то 40 сола таваққӯъи муваффақиятҳоро дар фаъолияташон дорем [17-М].

7. Чанд соли охир ба варшикастагӣ мувоҷеҳ шудани ду бонки бузурги Тоҷикистон фазои фаъолияти бонкӣ ва молиявии кишварро такони сахт

дод. Бо вуҷуди ин соҳибкорони тоҷикистонӣ аз бонкҳо ва қарзҳои бонкӣ ба тавр густарда истифода мекунанд. Аммо ба мақсад мувофиқтар аст, ки ин омили дуюминдараҷа ва ё ҳатто сеюминдараҷа бошад. Дар шароити кунунӣ бештар ба захираҳои дохилии корхона, бахусус, ба тавоноии сармояи инсонии корхона ва иқтидори инноватсионию содиротии он такя намуда, ба ҳадафҳои таъмини рақобатпазирӣ ва устувории корхона бояд таваҷҷуҳ намуд.

8. Такмили механизми идоракунии ҳамкориҳои байналмилалии соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёна андешидани чораҳои ҳадафманди таъсир расониро ба таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ дар асоси инкишофи инфрасохтори ҳамгироии байналмилалӣ бо таваҷҷуҳ ба истифодаи самарноки воситаҳо ва абзорҳои дастгирии давлатӣ тақозо менамояд. Роҳи наздиктарини расидан ба ҳадафҳои мазкур ин инкишофи инфрасохтори ҳамкориҳои байналмилалӣ ба шумор меравад, ки ба афзалиятҳои рақобатии ширкатҳои ватанӣ мусоидат хоҳад кард. Дар шароити кунунӣ, ки соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёнаи кишвар дар ҳолати рушд ва тавсеа қарор дорад ва татбиқи чорабиниҳои пешниҳодшуда метавонад ба инкишофи афзалиятҳои рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ мусоидат инчунин моро барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишварамон муваффақ гардонад [20-М, 22-М, 23-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


**Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 июни соли 2012, № 338
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 02.01.2020 с., №1684)
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 июни соли 2012, № 338
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии иншооти истеҳсолии хатарнок» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 феврали соли 2004 № 14
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 майи соли 2002, № 53
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 феврали соли 2007, № 279
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чамъоварии пораву партовҳои металлҳои сиёҳ ва ранга» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 феврали соли 2004, № 2
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 феврали соли 2004, №10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи металлҳои қимматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 6 майи соли 2006, № 215
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 июли соли 2013, № 1002

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактиви» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 июли соли 2021. С.25.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 июли соли 2010, № 59

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санчиши фаъолияти субъектҳои хочагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 июли соли 2006, № 194

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилҳ ва машрубот» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 майи соли 1997, № 451

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012, № 822. – Душанбе, №4, С. 272.

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 апрели соли 2012, № 822.

16. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарҳи озод, 2017. – 336 *с.*

**Стратегияҳо, барномаҳо, консепсияҳо**

17. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. – №392. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.18.

18. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020

19. Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 169). – Душанбе, 2021. – С.20-21.

20. Барномаи давлатии рушди саноати доруворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

21. Барномаи ташкили меҳнат ва рушди истеҳсолоти саноатӣ дар муассисаҳои ислоҳотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020

22. Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2020

23. Барномаи рушди саноати хуроквории Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025

24. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025

25. Барномаи рушди саноати мошинсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025

26. Консепсияи рушди соҳаи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солоҳои 2019-2040

27. Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020

28. Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

29. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пешвои миллат, – Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/10585 (таърихи мурочиат: 21.11.2023).

30. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 апрели соли 2009. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 58.

31. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.2015. – Душанбе: Шарқи Озод, 2015. – 48 с.

32. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 28.12.2022. - http://prezident.tj/node/32191.

33. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». - Душанбе, 23.12.2023. [http://www.president.tj/node/29823].

34. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи Озод, 2012. – 47с.

35. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 21.12.2021. (http://prezident.tj/node/27417).

36. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 20.01.2016. (http://prezident.tj/node/27417).

**Сарчашмаҳои электронӣ:**

37. Best practice in Business Incubation, U.N.: New York and Geneva, 2000. 120 p. URL: http://www.unece.org/commission/2001/e_ece_1387e.pdf

38. Виноградова О.С. Применение логит-модели для прогнозирования банковских кризисов в России//Инновации и инвестиции. 2021. №12. URL: https://cyberleninka.ru /article/n/primenenie-logit-modeli-dlya-prognozirovaniya-bankovskih-krizisov-v-rossii (дата обращения: 14.06.2023).

39. Лиман И.А., Карагулян Е.А., Науменко Е.Е. Новые эндогенные теории экономического роста // Управление эклномическими системамы. 2014. №12 (72). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/novye-endogennye-teorii-ekonomicheskogo-rosta (санаи муроҷиат ба сомона: 29.07.2021).

40. Тироль Ж. Рынки и рыночная власть: теория организация промышленности [Текст]: В 2 т. / Ж. Тироль. – СПб.: Экономическая школа, 2000.Т.1-328 с.; Т.2-450 с.

41. Титов К.А. Региональная промышленная политика: формирование и реализация [Текст] / К.А. Титов. – СПб., 2003.- С. – 65.

42. Андрасюк М., Чардымский М. Бенчмаркинг как инструмент совершенствования ассортиментной политики промышленного предприятия [Текст] / М. Андрасюк, М. Чардымский // Маркетолог.-2010.- № № (125). – С.11-17.

43. Аутсорсинг: создание высокоэффективных и конкурентоспособных организаций [Текст] / Под ред. Б.А. Аникина. - М.: ИНФРА - М, 2003. – 169 с.

44. Брайан Хейвуд Дж. Аутсорсинг: в поисках конкурентных преимуществ [Текст]: пер. с англ. / Хейвуд Дж. Брайан. - М.: Вильяме, 2002.- 186 с.

45. Данилов И.П. Конкурентоспособность регионов России (теоретические основы и методология) [Текст] / И.П. Данилов. – М.: Канон, РООИ Реабилитация», 2007.-378 с.

46. Дж. Брайан Хейвуд. Аутсорсинг: в поисках конкурентных преимуществ [Текст] / Дж. Брайан Хейвуд. – М.: «Вильямс», 2004.- 176 с.

47. Калягин Г.В. Конкурентоспособность кооперации в переходной экономике: институциональный подход [Текст] / Г.В. Калягин. – М.: Инфра-М, 2004.-158 с.

48. Портер М. Конкуренция [Текст] / М. Портер. – М.: Вильямс, 2006.- 768 с.

49. Ходжаев П.Д. Формирование конкурентных отношений на рынке транспортных услуг [Текст] / П.Д. Ходжаев, К.Р. Ашуров // Вестник 325 Таджикского национального университета № 2/8 (100). ч. 2.Душанбе: ТНУ, 2012. – 210 с.

50. Черников А.В., Радьков В.А. Современные инновационные инструменты повышения конкурентоспособности компании [Текст] А.В. Черников, В.А. Радьков // Весте.Моск.ун-та: Сер. 6 “Экономика”.-2011.-№ 5.- С.41-62.

51. Андрианов В. Конкурентоспособность России в мировой экономике [Текст] / В. Андрианов. // Экономист, 1997. № 10. – С.23.

52. Заботин С.С. Конкурентные преимущества приморских территорий Дальнего Востока в контексте теории Портера [Текст] / С.С. Заботин //Транспортная инфраструктура как фактор устойчивого развития регионов России. Материалы всероссийской научно-практической конференции. - Пермь, 2007. – С. 117-125.

53. Завялов, П.С. Проблемы международной конкурентоспособности товаропроизводителей [Текст] / П.С. Завялов // Маркетинг.-1996. - № 2. – С. 20 -32.

54. Камаева Н.Н. Роль транспортного фактора при оценке конкурентоспособности регионов России [Текст] / Н.Н. Камаева // Транспортная инфраструктура как фактор устойчивого развития регионов России. Материалы всероссийской научно-практической конференции. - Пермь, 2007. – С. 131 - 138.

55. Мигранян А.А. Теоретические аспекты формирования конкурентоспособных кластеров в странах с переходной экономикой [Текст] / А.А. Мигранян // Вестник КРСУ.-2002.-№3. – С.3.

56. Абалонин С.М. Конкурентоспособность транспортных услуг [Текст] / С.М. Абалонин. - М.: Академкнига, 2003 - 172 с.

57. Грязнова А.Г. Экономическая теория национальной экономики и мирового хозяйства[Текст] / А.Г. Грязнова. – М.: ЮНИТИ, 1998. – 326 с.

58. Кондратьев Н.Д. Большие циклы конъюнктуры и теория предвидени [Текст] / Н.Д.Кондтатьев, Ю.В.Яковец, Л.И.Абалкин. – М.: Экономика 2002. –766 с.

59. Красовский В.П. Инфраструктура и интенсификация экономики [Текст] / В.П.Красовский. – М.: наука, 1980.-211 с.

60. Кулешова Е.В. Макроэкономическое планирование и прогнозирование [Текст]: Уч.пособие / Е.В. Кулешова. – Томск «Эль Копент», 2013. – 187 с.

61. Кузнецова А.И. Инфраструктура: вопросы теории, методологии и прикладные аспекты современного инфраструктурного обустройства.

Геоэкономический подход [Текст] / А.И. Кузнецова.-М.: Ком Книга, 2010. – 465 с.

62. Курганов В.М. Современный менеджмент. Теория и практика управления [Текст] / В.М. Курганов. – М.: Книжный мир, 2004. -182 с.

63. Мансурова С.А. Систематизация подходов к понятию «импортозамещение» и его экономическая сущность // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. 2017. [Электронный ресурс] — Режим доступа URL: https:// cyberleninka.ru/article/n/sistematizatsiya-podhodov-k-ponyatiyu-importozamescheniei-ego-ekonomicheskayasuschnost (дата обращения: 20.10.2023).

64. Оруч, Т. А. Методологические подходы к анализу экономической сущности импортозамещения, как фактора сокращения технологической и инновационной отсталости: региональный аспект / Т. А. Оруч). - Текст : электронный // Вестник Евразийской науки. – 2023. – Т 15. – № 2. - URL: https://esj. today/ PDF/ 21E CVN223.pdf (дата обращения: 29.04.2023).

**Адабиёти илмӣ, васоити таълимӣ ва маълумотӣ:**

65. Абалкин Л. И. Заметки о российском предпринимательстве. –М.: Статистика, 1994. – 198 с.

66. Абалкин Л.И. Предпринимательский тип хозяйствования. –М.: Путь России, 2002. – 345 с.

67. *Абдугаффоров А.А. Собственность, предпринимательство и проблемы перехода экономики Республики Таджикистан к рыночному хозяйству. Худжанд, 1996. – 36 с.*

68. *Абдусамадов Г.С. Таджикистан и рынок.–Душанбе: Шарки озод, 1994. – 128 с.*

69. *Абдусамадов Г.С., Юсупов А.К. Развитие предпринимательства за рубежом.–Худжанд, 1999. –123 с.*

70. Аветисян В.Е. Современное предпринимательство: проблемы теории и практики хозяйствования. / Самар. гос. экон. акад. –Самара, 2001. – 50 с.

71. Автономов В.С. История экономических учений: Учебное пособие. - М.: ИНФРА. - М, 2000. – 784 с.

72. *Агурбаш Н.Г.* Система государственной поддержки малого предпринимательства в России. – М.: Анкил, 2000. –125 с.

73. Азимбоев А., Тӯлиев М.С. Баъзе масъалаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 4-1 (38). – С. 115.

74. Азоев С. Л. Конкуренция – анализ, стратегия, практика. - М.: Центр экономики и маркетинга, 1996. – 208 с.

75. Албегова И. М., Емцов Р.Г., Холопов А.В. Государственная экономическая политика: опыт перехода к рынку. / Под общей редакции д.э.н., профессора Сыдоровича А.В. – М.: Дело и Сервис, 1998. – 320 с.

76. Алексеев С.В. Правовое регулирование предпринимательской деятельности. Учебное пособие. – М.: ЮНИТИ, 2004. – 285 с.

77. Алимов О.Б., Собиров О.М. История и современные тенденции франчайзинга//Экономика Таджикистана. – 2018. – № 4. – С.115.

78. Асаул А. Н. Модернизация экономики на основе технологических инноваций. — СПб: АНО ИПЭВ, 2008. — 606 с.

79. Багиев Г.Л., А.Н. Асаул. Организация предпринимательской деятельности: Учебное пособие. – СПб: ГУЭФ, 2001. – 233 с.

80. Баженов Б. С., Баженов Ю.А. Малое предпринимательство: практическое руководство по организации и ведению предпринимательства. – М: ИВЦ Маркетинг, 2004. – 104 с.

81. Белых В. С. Правовое регулирование предпринимательской деятельности в России: Монография. – М.: Проспект, – 2008. – 432 с.

82. Блинов А., Шапкин И. Предпринимательство в пороге третьего тысячелетия. – М: МАЭП, ИШК Колита, 2003. – 152 с.

83. Блинов А.О., Бутенко О.В., Кестер Я.М. Экономика и организация малого предпринимательства. – М.: ФОН, 1996. – 212 с.

84. Блинов А.О., Санин И.И. Менеджмент предпринимательских структур. – Подольск: Сатурн-С, 1999. – 432 с.

85. Бобоев О., Оймахмадов М. Экономические основы предпринимательства. – Душанбе: Сохибкор, 1999.–132 с.

86. Бобохонзода Р.Х., Шамсов И.С. Механизмы защиты внутреннего рынка Республики Таджикистан в рамках ВТО/Монография. – Душанбе: Нушбод, 2022. – С.4.

87. Богачев В.Ф., Кабаков В.С., Ходачек А. Стратегия малого предпринимательства. – СПб: Корвус, 1995. – 327 с.

88. Богомолов В.А. Экономическая безопасность.–М.: ЮНИТ-ДАНА, 2009.– С.223.

89. Бойматов А., Кодиров А. Основы предпринимательства и маркетинга. – Душанбе: Харасан, 2002.– 89 с.

90. Борисенко Е. Развитие малого предпринимательства в России и странах СНГ. – М: Клистар, 2002. –112 с.

91. Борисов Е.Ф. Экономическая теория: Учебное пособие 2-е изд. пераб. и доп. – М.: Юрайт, 2005. – 400 с.

92. Браун Г.Г. Иностранные прямые инвестиции в малых и средних предприятиях. М.: ОЭСР, 1996. - 341 с.

93. Бровкин А.В., Еремичев И.А., Страунинг Э.Л. Семья и закон в вопросах и ответах. - М.: Щит-М, 2002. - 142 с.

94. Бусыгин А.В. Предпринимательство. Основной курс//Учебник – М.: Инфра, 2000.–608 с.

95. Бусыгин А.В. Предпринимательство.–М.: Дело, 1999. – 640 с.

96. Виленский А.В. Региональные аспекты малого предпринимательства в России. - М.: Реформа, 1996. – 68 с.

97. Виленский П.Л. Оценка эффективности инвестиционных проектов / Виленский П.Л., Лившиц В.Н., Смоляк С.А.// – М.: Дело, 2001. – 298 *с*.

98. Виханский О.С., Наумов Н.И. Менеджмент: Учебник, 3-е изд. – М.: Гардарики, 1999. – 370 с.

99. Власова В.М. Основы предпринимательской деятельности: экономическая теория. Учебное пособие. – М.: Финансы и статистика, 2004. – 350 с.

100. Галкин В.В. Основы предпринимательской деятельности – Ростов Н/Д: Феникс, 2004. – 288 с.

101. Ганиев Т.Б. Менеджмент. Т. 7. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 528 с.

102. Гвардин С.В., Чекун И.Н. Финансирование слияний поглощений в России. – М.: Бином. Лаборатория знаний, 2009.–200 с.

103. Герчиква И.Н. Регулирование предпринимательской деятельности. М.: Консалтбанкир, 2002.–704 с.

104. Гинс Г.К. Предприниматель.–Франкфурт на Майне, 1992. –162 с.

105. Годовой отчет Министерства промышленности и новых технологий Республики Таджикистан за 2016 год, Душанбе, 2017.– 96 с.

106. Горемыкин В.А., Богомолов А.У. Планирование предпринимательской деятельности. – М., 1997.– 204 с.

107. Горфинкель В.Я., Поляков Г.Б., Швандар В.А. Организация предпринимательской деятельности. Учебное пособие.–М.: ЮНИТИ, 2004. – 581 с.

108. Государственное регулирование экономики и социальный комплекс / Под ред. Т.Г. Морозовой и А.В. Пикулькина, 1998.–М.: Финстатинформ,1997.

109. Гранатуров В.М. Экономический риск: сущность, методы измерения, пути снижения. Учебное пособие. – М.: Дело и сервис, 1999. – 167 с.

110. Грузинов В.П. и др. Экономика и предприятия. Учебник для вузов / Под ред. проф. В.П.Грузинова. – М.: Банки и биржи, ЮНИТ, 1998 – 137 с.

111. Гутник В. Государства и экономика; гармония возможно, но почти недостаточно. // МЭ и МО. – 1999. – № 12. – С. 104.

112. Дедиков А.И. Инвестиции и структура экономики Украины. – Днепропетровск: ПГАСиА, 1997. – 189 с.

113. Джабборов Ф.А., Мирджалолова М.Дж. Перспективы развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан. // Материалы республиканской научно-практический конференции «Развитие промышленности Республики Таджикистан: современное состояние и инновационный рост». - 2013. – 458 с.

114. Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства республики Таджикистан. – Душанбе: «Ирфон», 2013. - 144 с.

115. Джураева А., Джуразода З.А. Механизм региональной поддержки инновационных услуг в предпринимательской деятельности (на примере Республики Таджикистан) // Экономика Таджикистана. - 2019. - № 2. - С. 209.

116. Джуха В.М., Курицын А.В., Штапова И.С. Экономика отраслевых рынков. – М.: КноРус, 2012. - 288 с.

117. Дубровина, Т.А. Политика импортозамещения как инструмент повышения конкурентоспособности продовольственных промышленных предприятий [Текст] / Т.А. Дубровина // Белгородский экономический вестник. – 2016. – № 1 (81). – С. 22.

118. Дубровина, Т.А. Политика импортозамещения как инструмент повышения конкурентоспособности продовольственных промышленных предприятий [Текст] / Т.А. Дубровина // Белгородский экономический вестник. – 2016. – № 1 (81). – С. 22.

119. Дӯстова Н.О. Хусусиятҳои бизнеси хурд–франчайзинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). – С.153.

120. Евдокимова Т.Г., Маховикова Г.А. Краткий словарь делового человека. – М.: Финансы и статистика, 1991. – С. 421.

121. Егорова Н.Е. Хачатурян С.Р. Динамические модели развития малых предприятий, использующих кредитно-инвестиционные ресурсы. - М.: ЦЭМИ РАН, 2001. – 391 с.

122. Жан-Луи Серван-Шрейбер. Ремесло предпринимателя. - М.: Международные отношения, 1994.

123. Ильчиков М.З. Предпринимательская функция и экономический механизм ее осуществления. – М.: Изд-во МГУ, 1995. – 268 с.

124. Имомназаров М.А., Султонбекова М.Р. Франчайзинг как специфическая форма ведения бизнеса в Таджикистане//Вестник Хорогского университета. - 2022. - № 4 (24). - С. 243.

125. Инновационный менеджмент в России, Вопросы стратегического управления и научно-технологической безопасности.– М.: Наука, 2004.– С.35.

126. *Кадыров Д.Б Доходы населения как фактор роста благосостояния. – Воронеж: ВГУ, 2004. – 177 с.*

127. Капитализм на исходе столетия. / Науч. ред. А. Н. Яковлева. – М.: Политиздат, 1987. - 462 с.

128. Карасев П.А. Зарубежный опыт инновационного развития легкой промышленности–секреты успеха в глобальной конкуренции//Транспортное дело России. – М., 2011. – № 11. С.144.

129. Каюмов Н., Умаров Х. Глобализация экономики и внеэкономические связи Таджикистана. – Душанбе, 2005. – 191 с.

130. Кирильчук, С.П. и др. Инновационное развитие производственной инфраструктуры в цифровой экономике на принципах деонтологии/ Коллективная монография. – Симферополь, 2023. – С.35.

131. Кодыров Д. Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния. –Воронеж: ВГУ, 2004. – С.177.

132. Комилов С. Дж. Теория инновационного развития//Монография. – Душанбе: Шарқи озод, 2019. –С.200.

133. Комилов С.Д., Забиров Н.Х. Предпринимательство: вопросы азвития и государственного регулирования. – Душанбе, 2004. – С.15.

134. Корчагин Ю.А. Региональная экономика и финансы. – Воронеж: ЦИРЭ, 2010.– 260 с.

135. Косов В.В. Методические рекомендации по оценке эффективности инвестиционных проектов (Вторая редакция). / Министерство экон. разв. и торговли РФ. Мин. фин. РФ, ГК по строительству, архит. и жил. политике; рук. авт. кол.: Косов В.В., Лившиц В.Н., Шахназаров А.Г. - М: Экономика, 2000. - 390 с.

136. Лобанов С. Предпринимательство стратегический фактор развития производственной сферы регионов. - СПб, 1999. – 159 с.

137. Ломовцева О.А., Белоконь А.И., Соболева С.Ю., Соболев А.В. Факторы успешности высокотехнологичного предпринимательства в сфере производства продовольствия//Менеджмент в России и за рубежом. - 2023. - № 2. - С. 36.

138. Луков А.В., Владимирова И.Л., Холщевников В.В. Комплексная оценка зданий-памятников истории и культуры на рынке недвижимости. – М.: Издательство Ассоциации строительных вузов, 2006.– 344 с.

139. Мамедов Э.Э. Теоретические аспекты франчайзинга: определение и сущность франчайзинга // Теория и практика современной науки. – 2016. – № 6-2 (12). – С. 575.

140. Минервин И. Система государственной поддержки предпринима- тельства, - М.: ИНИОН, 1993. - 191 с.

141. Морозовой Т.Г. Государственное регулирование экономики и социальный комплекс / Под ред. Т.Г. Морозовой и А.В. Пикулькина, 1998. – М.: Финстатинформ,1997.

142. Муҳсинова П.А., Ҳодиев Д.А. Ташаккули кластерҳо дар саноати сабуки минтақа: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ. – Хуҷанд, 2022.–С. 54.–166 с.

143. Наука и высокие технологии России на рубеже третьего тысячелетия. Социально-экономические аспекты развития. – М.: Наука, 2001. – 636 с.

144. Низамова Т.Д. Разработка стратегии развития предприятия//Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2021. – № 3. – С.60.

145. Осечкин В.В., Романова И.А. Англо-русский учебный словарь по экономике и бизнесу. – Ростов на Дону: Феникс, 2009. – 352 с.

146. Пелих А.С., Шепеленко Г.И. Малые предприятия. – М.: Гардарика. –1996. – 141 с.

147. Пелиха А.С. Основы предпринимательства. // Под ред. А.С. Пелиха. – Ростов на Дону: Феникс, 2001. – 511 с.

148. Переходной период: анализ и уровня первого десятилетия для стран Восточной Европы и бывшего Советского Союза. Исследование Всемирного банка. / Пер. с англ. – М.: Весь Мир, 2002. – 296 с.

149. Петров А.М. Инновационное развитие экономики регионов России в современных условиях: институциональный аспект//Вестник Кемеровского государственного университета. Серия: Экономика и экономические науки. – Кемерово, 2014. – № 4(60) Т.1. – С. 253.

150. Политика Европейского Сообщества в области малого и среднего бизнеса (ТАСИС). Брюссель, Европейское сотрудничество в области, исследований МСБ, 1997. – 352 с.

151. Политическая экономия: Учебник для вузов. / Медведев В.А., Абалкин Л.И., Ожерельев О.И. и др. – М.: Политиздат, 1988. – 735 с.

152. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе: Шарқи Озод, 2012. – 47 с.

153. Предпринимательство – двигатель экономики // Мароми пойтахт. – Душанбе, 2015. – 14 с.

154. Пшиканокова Н.И. Синергетический потенциал экономики депрессивного региона. / Монография. – Майкоп: Изд-во АГУ, 2011. – 286 с.

155. Рагимов С. Налогообложение малого предпринимательства. – М.: Книжная редакция финансы, 2001.–112 с.

156. Раджабов Р.К. Региональные аспекты развития сферы платных услуг населению в условиях переходной экономики. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 196 с.

157. Раджабов Р.К., Нурдинов Б.Х. Интеграция науки, образования и бизнеса - новая парадигма формирования экономики инноваций в Республике Таджикистан//Экономика Таджикистана. - 2020. - № S4-1. - С. 25.

158. Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике РТ: тенденции и проблемы // Материалы республиканской научно-практический конференции. –Душанбе, 2014. – С.19.

159. Райзберга Б.А. Курс экономики: Учебник. / Под ред. Б. А. Райзберга. – М.: ИНФРА-М, 1997. – 720 с.

160. Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - № 3. – С. 49.

161. Рауфи А. С экономическим ростом к инновационному развитию//Известия АН РТ. Сер.: Отд. общ. наук – 2013. – № 4. –С. 28.

162. Рауфӣ А. Моҳияти иқтисодиёти индустриалӣ-аграрии Тоҷикистон. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. – № 4. – С. 25.

163. Рауфӣ А. Муносибатҳои муосир ба рушд ва ҷойгиркунии самараноки қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон//Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – № 2. – С.193.

164. Рауфӣ А. Рушди перспективии комплекси нақлиёти Тоҷикистон. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – № 3. – С. 119.

165. Рауфӣ А., Рабиева Т.М., Холиқов М.Ғ. Иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ асоси воридотивазкунӣ. / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Таъмини маҳсулоти воридотивазкунандаи ватанӣ дар шароити рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамоҳангсозии кишварҳои Осиёи Миёна» 29-30 ноябри соли 2019. Қисми 2. – Душанбе: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2019. – С. 121.

166. *Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2003.–№1.–С. 31.*

167. Роль государства в развитии гарантийных механизмов в поддержке малого предпринимательства. Программный документ. Российское обозрение малых и средних предприятий. –М., 2002. –304 с.

168. Российское обозрение малых и средних предприятий, 2001. – М., 2002. – С. 10

169. Савченко В. Современное предпринимательство: экономические и социальные основы, проблемы формирования и регулирования. – М.: Экономика, 1997. – 370 с.

170. Саидмуродов Л.Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики/Монография. –Душанбе, 2021.–414 с.;

171. Самуэльсон П.Э. Экономика. Т.1.–М.: НПО «Алгон» «Машиностроение», 1997. – 335 с.

172. Самуэльсон П.Э., Нордхаус В.Д. Экономика; Пер. с англ.: 16 – е изд. – М.: Издательский дом «Вильямс», 2001.–688 с.

173. Сатторова М.Р. Формирование инфраструктурной основы развития малого бизнеса//Вестник Таджикского государственного университета право бизнеса и политики/Научно-теоретический журнал. – Худжанд: «Нури маърифат», 2015. - №2 (2). - С. 61.

174. Сафоев Ҳ.С. Инкишофи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2015. – № 2 (25). – С.85.

175. Сборник экономических законов Республики Таджикистан (2000-2005 годы). / Сост. Хомидова С.А., Акобирова М.Х. - Душанбе: «ЭР-граф», 2005. – 766 с.

176. Сборник экономических законов. / Сост. С. Сафаров. - Душанбе: «Шарки озод», 2000. – 432 с.

177. Сергеев В.А. Основы инновационного предпринимательства. Учебно - методическое пособие. - Ульяновск: Ул. ГТУ - 1998. – 246 с.

178. Система поддержки и развития малого предпринимательства в Москве. - М.: Институт экономики РАН, 1998. – 262 с.

179. Скотт А. Шейн. От мороженого к интернету: Франчайзинг как инструмент развития и повышения прибыльности вашей компании / пер. с англ.; под науч. ред. Е. Е. Козлова. – Днепропетровск : Баланс Бизнес Букс. – 2006. – С.16.

180. Смит А. Исследование о природе и причинах богатство народа / А. Смит. – М., 1962. – С. 332.

181. Смит А. Исследование о природе и причинах богатство народа. – М., 1962. – 684 с.

182. Табаров Н.А. К вопросу о соотношении франчайзинга и коммерческой концессии//Законодательство. – 2017. – № 4 (28). – С. 64.

183. Управление инновациями: Пер. с англ. - М.: Альпина Бизнес Букс, 2008. - 237 с.

184. Файзуллоев М.К. и др. Инновации и венчурное инвестирование: тенденции и практика. Монография. – М: МЭСИ, 2010. – 170 с.

185. Файзуллоев М.К. Проблемы менеджмента инноваций на промышленных предприятиях Таджикистана//В сборнике: кластерные инициативы в формировании прогрессивной структуры национальной экономики. сборник научных трудов Международной научно-практической конференции, в 2-х томах. Ответственный редактор Горохов А.А., 2015. – С. 392.

186. Фатхутдинов Р.А. Конкурентоспособность: экономика, стратегия, управление. - М.: Инфра-М, 2000. – 312 с.

187. Фомин Е.П. Развитие взаимодействия объектов инновационно-инвестиционной инфраструктуры: монография [Текст] / Е.П. Фомин, М.А. Назаров, С.В. Федосеева. – Самара: Изд-во СамГЭУ, 2009. – 168с.

188. Хабибов С.Х., Эшонов Д.К. Малое предпринимательство (Вопросы становления, кредитно-финансовой поддержки и развития), – Душанбе: Ирфон, 2006. – 204 с.

189. Хайлбронер Р. и Тароу Л. Экономик для всех. Перевод с англ. - Лондон, 1991.–337 с.

190. Хамидуллин Ф.Ф. Проблемы функционирования субъектов малого предпринимательства в институциональной среде//Ученые записки Российской Академии предпринимательства. – М., 2011.- № 27. - С. 274.

191. Хрусталев Е. Ю., Славянов А. С. Проблемы разработки национальной инвестиционной стратегии в условиях финансовой нестабильности. // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2009. – N 6; // Экономическая безопасность. 2008. –№10. –С. 306.

192. Хусаинов М.К. Управление экономическим развитием в сфере услуг. - М.: Спутник, 2005 – 248 с.

193. Ҷабборов Ф.А., Тагаев Б.Ш. Самтҳои асосии мукаммалсозии механизми дастгирии давлатии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2019. – № 1-4-2 (68). – С. 88.

194. Чунихин В.К., Чунихин К.В., Чунихин Г.В, Чунихин И.В., Бухгалтеру. Снижение затрат у покупателя. – М.: А – Приор, – 2006. – 48 с. Шахова А.В. Фармацевтическая отрасль России на пути к импортозамещению // Ученые записки Санкт-Петербургского имени В.Б.Бобкова филиала Российской таможенной академии. 2016. № 1 (57). – С. 135.

195. Шахова, М. С. Франчайзинг в России: новая экономическая реальность / М. С. Шахова. - // Вестник Московского университета. Серия 6: Экономика. – 2021. – № 3. – С. 142.

196. Шумпетер Й. Теория экономического развития (исследования предпринимательской прибыли, капитала, процента и цикла конъюнктуры). – М Прогресс, 1985. – С.159.

197. Эклунд К. Эффективная экономика – Шведская модель: (Экономика для начинающих и не только них…): Пер. сошвед. / Авт. предисл. В. В. Попов, М. Г. Шмелев. Науч. ред. А.М. Волков. – М.: Экономика. – 1991. – 349 с

198. Экономическая теория (политэкономия): Учебник. / Под общей ред. акад. В. И. Видяпина, акад. Г. П. Журавлевой. М.: ИНФРА-М, 1999. – 560 с.

**Мақолаҳо аз маҷмӯи нашриёҳои даврӣ ва идомаёбанда:**

199. Абдукодиров, Х. А. Инновационная инфраструктура как основа развития экономики Таджикистана / Х. А. Абдукодиров // Экономика и предпринимательство. – 2019. – № 7(108). – С. 455-458.

200. Абдуллаева Н. Предпринимательство: тенденции и перспективы развития в условиях углубления интеграционных процессов. – Душанбе: Мир полиграфии, 2005.–С.82-83.

201. Абдуллоев С.И. Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар танзими давлатии соҳибкории хурду миена // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 2 (36). – С. 21–28.

202. Абдуллоева М.Р., Турсунова М.Я. К вопросу о государственной поддержке малого бизнеса//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. – Худжанд, 2020. – № 3 (84). – С. 15–22.

203. Абдусамадов Г.С. Закономерности становления и развития рыночных отношений в Республике Таджикистан./Автореферат на соискание ученой степени доктора экономических наук.–Душанбе, 1996.– 36 с.

204. *Аборнева О.* Государственное регулирование и поддержка малого предпринимательства (региональный аспект). // Проблемы теории и практики управления.–2004.–№ 2. –С. 111–117.

205. Агеев А.И., Карпухина Е. Социальная ответственность бизнеса: отечественные грани и зарубежные стандарты//Экономические стратегии. – 2002. – №2. –С. 60-63.

206. Алимова Т. Малые предприятия в экономике России. // Предпринимательство в России. – 1996. – № 2. – С. 43-56

207. Аминов Х.И. Развитие производственного предпринимательства и экспортного потенциала Республики Таджикистан // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 4. – С. 186. (179-187).

208. Амонова Д., Пильгуй А. Правовые основы предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан // Вестник университета (РТСУ). – 2006. – №1. – С. 96-104.

209. Андерс Ослунд. Условия развития малого предпринимательства. // Человек и труд. – 2005. –№12. – С. 17-19.

210. Андрианов В. Государственное регулирование и механизм саморегулирования в рыночной экономике. // Вопросы экономики. – 1996. – № 9. – С. 28-39.

211. Анимица Е.Г. Новая парадигма развития предпринимательства в России. – Екатеринбург: Уральский гос. экон. унивеоситет, 1996. – С.53.

212. Анюров Ф.Ф., Иванов С.В. Региональные системы взаимодействия государственных органов и предпринимательских структур. // Транспортное дело России. – 2012. –№ 6. – С. 128–130.

213. Ахмадбекова Н.М., Самадзода Ф.Х. Совершенствование институциональных основ стимулирования экспортной деятельности субъектов предпринимательства в регионе//Азимут научных исследований: экономика и управление.–Толяти, 2020. –Т. 9. –№ 2 (31). – С. 46-50.

214. Ашурзода С.Х. Инфраструктурное обеспечение инновационной деятельности /С.Х.Ашурзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-2 (98). – С. 299-304.

215. Бабосов Е. Дифференциация и консолидация в процессе становления предпринимательства в переходном обществе. // Общество и экономика. – 2002. – № 12. – С. 103-112.

216. Балашов А.М. Новосибирская модель территории инновационного развития и предпринимательство//Известия высших учебных заведений. Серия: Экономика, финансы и управление производством. –2017. –№ 4 (34). –С. 14-21.

217. Барковский А. Н., Ушакова Н. А. Взаимодействие предприниматель¬ских структур стран СНГ.//Проблемы прогнозирования. – 2001. – № 2. – С.122-135.

218. Бердиев Р.Б., Рахманов У.А. Приватизация как важнейшая часть экономической реформы (теоретические аспекты).//Известия Академии наук РТ. Сэр.: отд. общ. наук. – 2005.–№4. – С.20 - 32.

219. Бондаренко В. Как поддерживают предпринимательство в Америке. – М.: Высшая школа, 2002. – С. 8-9.

220. Букамина М.А. Большая забота о малом предпринимательстве. Поддержка предпринимательства «по-американски».//Российское предпринимательство.–2005. – № 3. – С.11-17.

221. Вакуров П., Заславский С. Объединения малых и средних предпринимателей, // Вопросы экономики.–1994. – №11. – С. 142-150.

222. Вакуров П., Заславский С. Объединения малых и средних предпринимателей, // Вопросы экономики.–1994. – №11. – С. 142-150.

223. Варшавский А.Е., Грубман С.А., Железняков Л.Г. Экономические реформы и изменение технического уровня отрасли. // Экономика и математические методы. – 1996. – Т.32. – Вып.1. –С. 219-262.

224. Гнилитская Е.В. Институционально–психологические основания успешного развития предпринимательства // Российское предпринимательство. –2006. – С. 45-49.

225. Государственная политика и предпринимательства в США. // Экономика и управление в зарубежных странах. –2004. –№ 9. –С. 38-44.

226. Грузков А.П. Региональные программы развития: социально – экономический аспект. // Российское предпринимательство. – 2006. – С.32–41.

227. Гурдин К.А. Большие проблемы малого бизнеса. // Аргументы недели. – 2010. – № 10. – С. 23-26.

228. Гутник В. Государства и экономика; гармония возможно, но почти недостаточно. // МЭ и МО. – 1999. – № 12. – С. 104-112.

229. Давлатзода Қ.Қ., Ниёзӣ С.Р., Қодиров Н.Ҳ. Накши саноатикунонӣ дар рушди иқтидорҳои содиротӣ–инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. –2020. –№ 4 (52). –С. 58-65.

230. Давлатзода Қ.Қ., Ниёзӣ С.Р., Қодиров Н.Ҳ. Накши саноатикунонӣ дар рушди иқтидорҳои содиротӣ-инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. 2020. № 4 (52). С. 58-65.

231. Давлатов Н.С. Баъзе масъалаҳои хусусигардонии амволи давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ аз ташаккули фазои мусоиди фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорию сармоягузорӣ//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2020. – № 2 (70). - С.138-142.

232. Давлатов Н.С. Баъзе масъалаҳои хусусигардонии амволи давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ аз ташаккули фазои мусоиди фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорию сармоягузорӣ//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2020. – № 2 (70). – С.138-142.

233. Давлатов У.А., Саъдиев Ш. Вазъ ва мушкилоти рушди соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи саноат//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2021. –№ 2 (74). –С. 87-97.

234. Дацко С.Н. Социальная ответственность предпринимательства. // Российское предпринимательство. – 2002. – №2. – С. 131-134.

235. Джобава Н.А. Государственное регулирование малого предпринимательство. - СПб: Изд-во СПбГУ, 2004. - С. 23-29.

236. Джурабоев Г.Д., Егорова Н.Е., Шарифбаева Ф. Некоторые вопросы совершенствования инвестиционно-кредитных механизмов взаимодействия предприятий и банков. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2007. - №4. - *С*.70-85.

237. Егорова Н.Е., Сюань Ян, Бахтизин А.Р., Горлов А.В. Методы анализа развития малого промышленного бизнеса как стимулятора роста

экономики (на примере России и Китая). // Анализ и финансовый анализ. - 2008. - № 6. - С. 93-107.

238. Ермаков В.П. Финансово кредитные механизмы поддержки и развития субъектов малого предпринимательства. // Материалы третьей Всероссийской конференции представителей малых предприятий: «Малому предпринимательству реальную ресурсную поддержку». – М., 2002. –С.97-101

239. Иванова С.А., Янгурова Ю.М. Транспортная инфраструктура и развитие промышленности (на примере Республики Башкорстан) [Текст] / С.А. Иванова, Ю.М. Янгурова // Транспортная инфраструктура как фактор устойчивого развития регионов России. Материалы всероссийской научно-практической конференции. - Пермь, 2007. – С. 125-127.

240. Илларионов А., Пивоварова Н. Размеры государства и экономический рост. // Вопросы экономики. – 2002. – № 9. – С. 18-45.

241. Кадыров Д.Б., Гулов К.М. Формы государственной поддержки малого предпринимательства в условиях рыночной экономики. / Материалы научной конференции. – Душанбе, 2014. – С. 10-22.

242. *Камаев В.Д. Экономическая теория. – М.: 1998. – С. 315 - 320.*

243. Катаева, О.С. Модель экономического роста Р. Барро: применение и рекомендации для Российской экономики / О.С. Катаева, Е.А Бурденко // Экономика устойчивого развития. – М., 2018. – № 4 (36). – С.53-59;

244. Киселев Д. Малые предприятия. // Финансы. – 2001. – № 6. – С. 13-26

245. Клейнер Г., Петросян Д., Беченов А. Еще раз о роли государства и государственного сектора в экономике. // Вопросы экономики. – 2004. – № 4. – С. 25-41.

246.Кодирзода Д.Б., Гулзода Ф.М. Методы и инструменты стимулирования экспорта в условиях членства республики таджикистан в ВТО//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2023. – Т. 95. № 2. - С. 131-142.

247. Комилов С.Д. Вопросы регулирования развития инновационного предпринимательства//Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2004. – № 3 – С. 28-29.

248. Кузнецов Ю.А. Обобщенная модель экономического роста с учетом накопления человеческого капитала / Ю.А. Кузнецов, О.В. Мичасова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского, 2010. –№1.–С. 171–178;

249. Кузнецова О. Теоретические основы государственного регулирования экономического развития регионов. // Вопросы экономики. – 2002. – № 4. – С. 46-66.

250. Курносова, Е. А. Направления трансформации инфраструктуры обеспечения инновационной деятельности промышленных предприятий в условиях развития инновационной экономики1 / Е. А. Курносова // Инновационная деятельность. – 2019. – № 4(51). – С. 43-49.

251. Ладыга А.И. Государственная система управления ростом конкурентоспособности промышленности / Ладыга А.И., Овчаренко Н.А., Кушнир Д.Д. // Российский экономический журнал. – 2010. - № 64. - *С*.153-156.

252. Лучников А.С. Транспортный фактор в совершенствовании территориально-отраслевой структуры промышленности Пермского края: эволюции и современное состояние [Текст] / А.С. Лучников // Транспортная инфраструктура как фактор устойчивого развития регионов России. Материалы всероссийской научно-практической конференции.- Пермь, 2007. – С. 138-146.

253. Маергойз И. М. Типология первичных промышленных объектов// Вопросы географии. 1979 № 112, с.45-52;

254. Материалы научно-практической конференции на тему: «Развитие промышленности Республики Таджикистан: современное состояние и инновационное развитие». – Душанбе, 2013. – 458 с.

255. Материалы республиканской научно-практический конференции «Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике РТ: тенденции и проблемы». – 2014.–С. 27.

256. Мау В. Посткоммунистическая Россия в постиндустриальном мире: проблемы догоняющего развития//Вопросы экономики. - 2002. - № 7. - С. 4-25.

257. Махкамова Г.М. Разработка системы финансирования проектов развития малого и среднего бизнеса в Республике Таджикистан//Russian Economic Bulletin. - М., 2021. - Т. 4. № 2. - С.180-187.

258. Маҳмудов М.А., Маҳмудов Ф.Ф. Соҳибкории хурд ва миёна дар низоми иқтисоди бозорӣ//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 1 (35). – С. 73-78.

259. Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С.15-32.

260. Мизробов С.С. Хусусиятҳои инноватсионии рушди соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2022. № 4-1 (43). С. 131-137.

261. Мирсаидов А.Б., Тохирзода М. Роль инновационного инвестирования в индустриальном развитии регионов страны//Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2019. - № 3. - С.175-186.

262. Мягков П., Фесенко Е. Малое предпринимательство: государственная поддержка обязательна. // Российский экономический журнал. – 1993. - №4. - С.128-131.

263. Наврӯзи М. Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2021. – № 2 (263). – С. 169-174.

264. Нидоев П.Ф., Шохназари Х. Ғ. Таъсири танзими хизматрасониҳои гумрукӣ дар дастгирӣ ва ҳимояии соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 2 (31). – С. 109-118.

265. Нуреев Р. Теория общественного выбора. Учебно-методическое пособие. Глава 2. Базовые понятия. // Вопросы экономики. – 2002. – №9. – С. 125-151.

266. Оболенская, Л. В. Классификация услуг инновационной инфраструктуры для системной поддержки инновационной деятельности предприятий / Л. В. Оболенская // Стратегическое планирование и развитие предприятий: Материалы Девятнадцатого всероссийского симпозиума, Москва, 10–11 апреля 2018 года / Под редакцией Г.Б. Клейнера. – Москва: Центральный экономико-математический институт РАН, 2018. – С. 624-627.

267. Осадчая И. Государство в постиндустриальной экономике и социал-демократия. // МЭ и МО. – 1999. – №7. – С.79-88.

268. Павлыш Е.В. Механизм формирования и использования инновационного потенциала региона//Часопис економічних реформ. – Е.В. Павлыш. 2018. № 1 (29). С. 83-90.

269. Предпринимательство – двигатель экономики.//Мароми пойтахт. – 2015. – 14 окт. 2015 г. №18 (12086). – С. 6-7

270. Прихач А. Активная инновационная деятельность персонала как конкурентное преимущество. // Управление персоналом. –2005.–№1. – С. 255 – 275.

271. Рауфӣ А. Конкурентная экономика/Под общ.ред. д.э.н., профессора О.Б. Бобоева. Душанбе: –Дониш, –2014. – С. 244.; Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика: Пер. с англ. со 2-го изд. – М.: Дело, 1999.– С. 12-18.

272. *Рахимов А. Проблемы повышения конкурентоспособности экономики Республики Таджикистан. – Худжанд: Изд. Рахим Джалил, – 2004. – С.49-67*

273. Саидмуродов Л.Ҳ., Ғоибназаров Ғ.У. Таъсири таконҳои ногаҳонӣ ба иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли COVID–19) // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – Худжанд, 2021. –№ 2 (19). –С.49-59.

274. Саидмуродов Л.Ҳ., Ғоибназаров Ғ.У. Таъсири таконҳои ногаҳонӣ ба иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли COVID - 19)//Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – Худжанд, 2021. – № 2 (19). – С.49-59.

275. Сафаров Б.Г. Оценка и факторный анализ открытости экономики регионов Республики Таджикистан// Б.Г. Сафаров. Вестник ФЭИТ.№4. Душанбе.–2017. С.85. 257

276. Сафрончук, М.В. Экономический рост / М.В. Сафрончук // Курс экономической теории / Учебник. – 5 - е исправленное, доп. и перераб. изд. – Киров: АСА, 2004. – С. 605-644.

277. Сей Ж.-Б. Трактат политической экономии. – М: 1986. –С. 10-20; 55-60.

278. Солдатова, А. О. Инновационная инфраструктура как основа развития инновационной деятельности / А. О. Солдатова // Актуальные вопросы экономических наук. – 2015. – № 47. – С. 94-98.

279. Солиев Х. Проблемы экономического роста и сокращение бедности в Таджикистане. // Экономика Таджикистан: стратегия развития, - 2003. – С. 5-6.

280. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан за 2014 год. – Душанбе: АС при Президенте РТ, 2015. – 281 с.

281. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). – Душанбе: Госкомстат РТ, 2011. – 391 с.

282. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. 2015. - Душанбе: АС при Президенте РТ, 2015. – 466 с.

283. Султанов З.С., Шарифов Х.А. Вопросы государственной защиты и регулирования развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан//Государственное управление. –2020. –№ 4–2 (49). – С.101.

284. Таджикистан: 20 лет Государственной независимости. Стат. сборник. – Душанбе: Госкомстат РТ, 2011. – 390 с.

285. Таджикистан: 25 лет Государственной независимости//Статистический сборник. – Душанбе, Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2016.– С.291.

286. Таджикистан: 30 лет Государственной независимости//Статистический сборник. –Душанбе, Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2016.– С.281

287. Титов Д.Д. Инновационный потенциал. оценка инновационного потенциала региона//Стратегия устойчивого развития регионов России. 2015. № 29. С. 44-49.;

288. Титова О.В., Восканян Н.А. Импортозамещение: понятие, сущность, особенности.//Инновационная экономика: перспективы развития и совершенствования. –2021. –№7 (57). – С.108.

289. Тобин Дж. Теорема о «невидимой руке» должна быть модифицирована. // Российский экономический журнал. – 2002. - № 3 – С. 42-45.

290. Тюменцева А.И. Кадровый инновационный потенциал в структуре инновационного потенциала организации//Аллея науки. 2018. Т. 2. № 6 (22). С. 652-656.

291. Филатова А. С. Инвестиционная безопасность РФ в современных условиях. // Молодой ученый. –2015. – №1. – С. 304-307.

292. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика: Пер. с англ. со 2-го изд. – М.: Дело, 1999. – 864 с.

293. Фозилова М.И. Методические основы развития инновационно-промышленного предпринимательства //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2020. – №10. -–С.143-149.

294. Фозилова М.И. Тенденции развития инновационно-промышленного предпринимательства в современном мире// Экономический журнал. Экономика: вчера, сегодня, завтра. – Ногинск: Аналитика Родис, 2022.–Том 12, № 9А. – С.512-519.

295. Шамина Л.К. К вопросу о состоянии современной инновационной инфраструктуры. // Глобальный экономический кризис: реалии и пути преодоления: СПб. науч. ст. Вып. 7. / Под общ. ред. В.В. Тумалева. – СПб: НОУ ВПО. Институт бизнеса и права, 2009. - С. 128-131.

296. *Юсупова Н.* Поддержка малого предпринимательства в США. // МЭ и МО. – 2001. – № 5. – С. 87-91.

**Диссертатсия ва автореферати диссертатсияҳо:**

297. Нестеренко Ю.Н. Развитие малых инновационных предприятий промышленности России. Автореферат диссертации на соискание учёной степени д.э.н. – М. – 2008. *– 53 с.*

298. Абдуллаев А.А. Региональные особенности становления и развития аграрного предпринимательства (на материалах сельских территорий Республики Таджикистан). Автореферат дисс. на. соиск. уч. степ. к.э.н. – Душанбе, 2016. – 24 с.

299. Антонова К.А. Государственно - частное партнерства как фактор социально - экономического развития России: [Текст]: автореферат дисс. канд. эконом.наук: 08.00.05 /Антонова Кира Александровна. – М.:, 2012. – 22 с.

300. Власов С.С. Экономическая эффективность строительства платных автомобильных дорог в условиях государственно-частного партнерства [Текст]: автореф. дисс. канд. экон. наук. 08.00.05 / Сергей Сергеевич Власов. Воронеж, 2006.-24 с.

301. Григорьева О.А. Правовое регулирование естественных монополий: [Текст]: автореф. канд. юрид. наук: 12.00.03 / Григорьева Ольга Анатольевна. – Екатеринбург, 2003. – С.7, 22-23.

302. Каримова М.Т. Региональные аспекты структурной трансформации национальной экономики: теория, методология, практика [Текст]: автореф. дисс.док.экон.наук. 08.00.05 / Каримова Мавзуна Тимуровна. – Душанбе, 2016. – 46 с.

303. Корытцев М.А. Институциональная модернизация квазирыночных структур общественного сектора [Текст]: автореф. дисс.

докт. экон. наук. 08.00.01 / Корытцев Максим Алексанрович.- Ростов –на – Дону, 2009. – 24 с.

304. Литвяков С.С. Государственно-частное партнерство в финансировании траснпортной инфраструктуры в Российской Федерации [Текст]: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономическиз наук: 08.00.05/ Литвяков Сергей Сергеевич. – Москва, 2014. – 199 с.

305. Макаров Л.С. Теоретико-методологические основы кластерного подхода в экономике [Текст]: автореф. дисс. на соис. док. экон. наук: 08.00.05 / Макаров Леонид Сергеевич. – Новосибирск, 2014. – 42 с.

306. Марупов Ф.М. Развитие новых форм и способов организации перевозок в условиях высокогорья [Текст]: диссертация на сосикание ученой степени доктора экономических наук: / Ф.М. Марупов. - Душанбе, 2019. – 178с.

307. Мирзобеков Х.Д. Развитие малых и средных форм предпринимательской деятельности в сфере транспортных услуг Республики Таджикистан [Текст]: автореф. дисс. канд. экон. наук: 08.00.05 / Мирзобеков Хуршед Дурманович. – Душанбе, 2007. – 26с.

308. Овешникова Л.В. Стратегическое приоритеты сбалансированного развития инфраструктуры региональной экономики [Текст]: диссертация на соискании ученой степени доктора экономических наук: 08.00.05 / Овешникова Людмила Владимировна. – Тамбов, 2015.-416 с.

309. Симарова И.С. Обоснование регионального развития с учётом связанностей экономического пространства [Текст]: автореф. дисс. канд. экон. наук: 08.00.05. / Симарова Ирина Сергеевна.-Тюмень, 2014. – 26 с.

310. Фохаков А.С. Научно-прикладные аспекты обеспечения устойчивого развития транспортно-технологических систем обслуживания населения горных регионов Таджикистан [Текст]: автореф. дисс. докт. техн. наук: 05.22.01, 03.02.08 / Фохаков Абдурауф Сайдалиевич. – Душанбе, 2020.- 45с.

311. Шодиев Ф.Т. Организационно-экономические аспекты использования инновационного потенциала предприятий сферы транспортных услуг [Текст]: автореф. дисс.канд.экон.наук: 08.00.05 / Шодиев Фирдавс Тошматович. – Душанбе, 2021. - 26 с.

312. Джумаев У.М. Инновационное предпринимательство как фактор устойчивого роста промышленного производства Республики Таджикистан: дисс. ... канд. экон. наук. Душанбе, 2010. С. 12.

## РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷалла ва нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд:**


[1-М]. Қаюмова Ш.Т. Стратегия государственного регулирования и поддержка предпринимательства в условиях экономических реформ в Таджикистане [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Известия Академии Наук РТ, № 4(236), Душанбе – 2014.С. 58-61.

[2-М]. Қаюмова Ш.Т. Нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Маҷаллаи «Идоракунии давлатӣ»-и Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 (28), 2015. С. 203-210.

[3-М]. Каюмова Ш.Т. Системный анализ банкротства промышленных предприятий», [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Вестник Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики (научно-теоретический журнал) №3/3, Худжанд-2015. С. 119-121.

[4-М]. Каюмова Ш.Т. Формирование и развитие системы государственного регулирования предпринимательства в условиях экономических реформ [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Вестник Таджикского национального университета, (научный журнал) Серия: Экономика. - 2015. - № 2/2 (161) С. 302-304.

[5-М]. Каюмова Ш.Т Отношения обмена в системе формирования экономического пространства. [Матн] / Ш.Т. Каюмова, А.В. Улезько, П.Б., Корецкий // Вестник Воронежского государственного аграрного университета имени императора Петра 1, №2(49) 2016. ISSN 2071-2243. С. 155-163.

[6-М]. Каюмова Ш.Т. Особенности управления собственным капиталом в устойчивых сельскохозяйственных организациях. [Матн] / Ш.Т. Каюмова., Л.А.Запорожцева. Нежельская Е.Г., // Финансовый

Вестник ФГБОУ ВО Воронежский государственный аграрный университет имени императора Петра l, №4(28) 2016. ISSN 2040-6004. С .7-17.

[7-М]. Қаюмова Ш.Т. Ҷалби сармоя – асоси рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти минтақаҳо (дар мисоли Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон) [Матн] / Ш.Т Қаюмова., К. Юсуфбекова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (илмҳои табиӣ-риёзӣ)/ Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. № 1-2 (1-2). Душанбе – 2019. ISSN 2707-9996. С. 61-66.

[8-М].Қаюмова Ш.Т. Иқтисодиёти рақамӣ ва муҳиммияти татбиқи он дар рушди иқтисодиёти кишвар [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (илмҳои табиӣ-риёзӣ)/ Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. № 1-2 (1-2). Душанбе – 2019. ISSN 2707-9996 С. 74-78.

[9-М].Қаюмова Ш.Т. Ташаккули ҳукумати электронӣ заминаи мусоид барои рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова., С.А. Азизов // Паёми “Идораи давлатӣ” Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Типографияи «АГУППРТ». Душанбе – 2020. №4/1(48). ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online) С. 54-630,6 ҷ.ч.

[10-М]. Қаюмова Ш.Т. Иқтисодиёти соҳибкории саноатӣ ва марҳилаҳои рушди он [Матн] / Ш.Т Қаюмова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 1(30) Душанбе, 2020. ISSN 2308-054X С. 91-96.

[11-М]. Каюмова Ш.Т Необходимость и меры государственной поддержки промышленного предпринимательства [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 4 (72) 2020 Душанбе – 2020. ISSN 2075 – 9584 С. 141-149.

[12-М]. Қаюмова Ш.Т. Имтиёзҳои давлатӣ барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова //

Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯзи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 1(69) Душанбе – 2020. ISSN 2075 – 9584 С. 68-77.

[13-М]. Қаюмова Ш.Т. Рушди соҳибкории саноатӣ омили асосии пешрафти иқтисодиёти кишвар ва таъмини сатҳи некуаҳволии мардум. [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2020. №2. ISSN 2413-5151 С.136-144.

[14-М]. Каюмова Ш.Т. Формы государственной поддержки промышленного предпринимательства в регионах Республики Таджикистана [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Паёми “Идоракунии давлатӣ” // Нашрияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 2 (46), 2020 апрел – июн. ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online) С. 36-46.

[15-М]. Қаюмова Ш.Т. Зарурати мониторинги амнияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Б. Қодирзода, Ш.Т. Қаюмова // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 1(73), Душанбе – 2021. ISSN 2075 – 9584. С. 147-154.

[16-М]. Каюмова Ш.Т. Механизмы и инструменты регулирования в сфере предпринимательства: основные теоретические и практические подходы [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №4 (274) 2023. ISSN 2791-2634 С.109-121.

[17-М]. Қаюмова Ш.Т. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити СУС [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №3 (272) 2023. ISSN 2791-2634 С. 115-120

[18-М]. Каюмова Ш.Т. Понятие «Конкурентоспособность региональной экономики» в современной трактовке [Матн] / Ш.Т.

Каюмова., П.А. Мухсинова.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 4/2(50) Душанбе, 2023. ISSN 2308-054X С. 186-195.

[19-М]. Қаюмова Ш.Т. Такмили механизми рушди соҳибкории саноатии воридотивазкунанда [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №4 (273) 2023. ISSN 2791-2634. С. 115-123.

[20-М]. Қаюмова Ш.Т. Моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Идоракунии давлатӣ. Нашрияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №4/2(64), 2023. ISSN 2664-0651 (Print) ISSN 2709-8567 (Online) С. 224-236.

[21-М]. Қаюмова Ш.Т. Таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити СУС [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ №3 (272) 2023. ISSN 2791-2634. С. 115-120.

[22-М] Қаюмова Ш.Т. Таъмини самаранокии раванди инкишофи соҳибкории инноватсионӣ дар бахшҳои саноат [Матн] / Ш.Т. Қаюмова //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 1(51) Душанбе, 2024. ISSN 2308-054X С.125-134.

[23-М]. Қаюмова Ш.Т. Такмили механизми идоракунии ҳамгироии байналмилалии корхонаҳои хурду миёна [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯзи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 (85) 2024. ISSN 2075 – 9584 С. 203-213.

**б) Монография ва брошюраҳо:**

[24-М]. Каюмова Ш.Т. Государственная поддержка промышленного предпринимательства в Таджикистане [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Под общ. ред. д.э.н., проф. Кадирзода Д.Б. и д.э.н., проф. Рауфи А. – Душанбе: “Хирадмандон”, 2019. С. 160

**в) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[25-М]. Каюмова Ш.Т. Подготовка современных специалистов-экономистов для инновационного развития отраслей экономики Таджикистана [Матн] / Ш.Т. Каюмова, А.Р. Хасанов // Материалы 3-ей международной научно-практической конференции на тему «Модель подготовки специалистов новой формации, адаптированных к инновационному развитию отраслей», 2-3 ноября 2012 г в Технологический университет Таджикистана, ҶДММ «Офсет» 2012г. С. 101-104

[26-М]. Каюмова Ш.Т. Методы снижения хозяйственных рисков на предприятии при внедрении инновационных технологий [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муосир ва инкишофи инноватсионӣ», издательство «Соҳибкор», Институт предпринимательство и сервиса Таджикистана, Душанбе-2013с. С. 79 – 82

[27-М]. Қаюмова Ш.Т. Таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ [Матн] / Ш.Т. Қаюмова //Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Развитие малого и среднего предпринимательства в экономике Республика Таджикистан: тенденции и проблемы», издательство ЧП «Ахмедов Р.» Душанбе-2014. С. 290 – 298

[28-М]. Каюмова Ш.Т. Свободно-экономическая зона как фактор привлечения инвестиции в развитии промышленного предпринимательства [Матн] / Ш.Т. Каюмова., С.Х. Шамсиддинов // Материалы международной научно- практической конференции на тему «Бухгалтерский учет, анализ и аудит: Проблемы и перспективы развития в условиях глобализации», издательство «ИПС» Институт предпринимательство и сервиса, Душанбе – 2015 С. 264-266

[29-М]. Қаюмова Ш.Т. Нақши соҳаи саноат дар рушди низоми молиявии кишвар дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ [Матн] / Ш.Т Қаюмова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Перспективы развития финансовой системы Республики Таджикистан в

условиях экономической интеграции», 22-23 мая, издательство «Офсет империя» Душанбе – 2015. С. 31– 38

[30-М]. Қаюмова Ш.Т. Стратегия ва ҷанбаҳои рушди саноати кухӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Маводҳои конфронси ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, 2018-2028” дар мавзӯи “Мавқеи ҷавонон дар таъмини ҳамгироии илм ва истеҳсолот ҳамчун асоси рушди устувори инноватсионӣ” матбааи “Нашри Камол”, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, Душанбе – 2017. С. 25-29.

[31-М]. Каюмова Ш.Т. Ускоренное развитие легкой промышленности Таджикистана [Матн] / Ш.Т. Каюмова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы индустриализации Республики Таджикистан: проблемы и стратегии», издательство ООО «Мехрона -2017»:–Д.2019. С. 26 – 27

[32-М]. Қаюмова Ш.Т. Рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Қаюмова // Маводҳои конфронси илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: Муаммоҳои рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд”, Хуҷанд – 2024. С. 34-42

[33-М]. Қаюмова Ш.Т. Рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир-заминаи мусоид барои таъмини босуръати ҳадафи чорум [Матн] / Ш.Т Қаюмова // Маводҳои конфронси илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: Самтҳои асосии рушди устувори иқтисодиёт, баҳисобгири, аудит ва таҳлил дар шароити муосир Муассисаи давлатии “Филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Суғд” Хуҷанд. 30-апрели соли 2024, С 41-48.